# Абӯалӣ ибни Сино

# Қонуни тиб

## Китоби V

ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ШАРҚШИНОСӢ ВА МЕРОСИ ХАТТИИ АИ ҶТ

# Абӯалӣ ибни Сино

# Қонуни Тиб

ИБОРАТ АЗ ПАНҶ КИТОБ

САРРЕДАКСИЯИ ИЛМИИ
ЭНСИКЛОПЕДИЯИ МИЛЛИИ ТОҶИК
ДУШАНБЕ 2005

ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ШАРҚШИНОСӢ ВА МЕРОСИ ХАТТИИ АИ ҶТ

# Абуалӣ ибни Сино

# Қонуни тиб

## Китоби V

## АНДАР БАЁНИ ДОРУҲОИ МУРАККАБ (ҚАРОБОДИН)

САРРЕДАКСИЯИ ИЛМИИ
ЭНСИКЛОПЕДИЯИ МИЛЛИИ ТОҶИК
ДУШАНБЕ 2005

ББК 5+5 Г+51/52
А 20

Аз арабӣ тарҷима ва таҳияи *С. Шаҳобуддинов*

**Ҳайати таҳририя**

*Динориюев М. Д., Илолов М. И., Назриев Ҷ.Н., Нодиров С. Х., Нуралиев Ю. Н., Тошев А. Р., Шаҳобуддинов С., Қурбонов А. Қ.*

Муҳаррир: *А. Тошев.*

А 20 **Абӯалӣ ибни Сино** Қонуни тиб: Иборат аз 5 китоб – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2005. Китоби 5. Андар баёни доруҳои мураккаб (Қарободин).

«Қонуни тиб»-и Абӯалӣ ибни Сино маҷмӯи донишҳоро оиди тибби қадим ва асримиёнагӣ фаро гирифта, бо мушоҳидаҳои шахсӣ ва кашфиёти худи муаллиф такмилу инкишоф дода шудааст. Дар муддати қарнҳо ин китоб ҳамчун дастури ҳатмии роҳнамои табибони Аврупо (то асри 18) ва Шарқ (то асри 20) хизмат карда, ба забонҳои лотинӣ, яҳудӣ, англисӣ, олмонӣ, русӣ, ӯзбекӣ тарҷима гардидааст.

Китоби панҷуми «Қонуни тиб»-и Абӯалӣ ибни Сино дар баёни доруҳои мураккаб буда, одатан ин бахши тибро «Қарободин» (Фармакопея) меноманд ва бинобар он ин китоб бо номи «Қарободин»-и Ал-Қонун низ маъруф аст. Китоби панҷум асосан аз се қисм иборат аст. Дар қисми якум назарияи умумӣ оид ба доруҳои мураккаб, дар қисми дуввум доруҳои мураккаб аз рӯи тақсимоти навъӣ, таркибу тариқаи сохтан ва тарзи истифодабарии онҳо ва дар қисми севвум доруҳои мураккаби санҷидашуда аз рӯи тақсимоти функсионалӣ, яъне ба ҳасби ҳар як андоми тан ва бемориҳои онҳо оварда шудаанд. Дар охир анвоъи ченакҳои вазнии дар дорусозии он замон маъмул ва муодилоти онҳо ёд шудааст.

И $\frac{4103540101}{505 - 2004}$ Бе эълон

ББК 5+5 Г+51/52

ISBN 5 - 89870 - 080 - 3

© Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2005

Ба номи Худои бахшандаи меҳрубон!
Мо ба Ӯ таваккал кардаем ва ёрӣ аз Ӯ ҳамеҷӯем

Мо андар чаҳор китоб аз зикри бахши бештари илми назарию амалии нигоҳдории тандурустӣ ва амалии бозоварандаи он фориғ шудем ва акнун ҳангоми он аст, ки китоби Ал-Қонунро бо таснифи Китоби панҷум андар баёни доруҳои мураккаб ба анҷом бирасонем, то ин ҳамчун бахши Қарободини[1] ин китоб бошад.

Мо ин китобро бар як мақолаи илмӣ, ки андар он ба аслҳои илми дорусозӣ ишора хоҳем кард ва бар ду ҷумла бахш кардаем: як ҷумла андар баёни доруҳои мураккаби андар Қарободинҳо ба тартиб оянда; ва ҷумлаи [дигар] андар баёни доруҳои мураккаби ба ҳасби ҳар як беморӣ санҷида шуда. Ҳар гоҳ мо ин се матлаброро овардем, китобро ба анҷом хоҳем расонд.

# МАҚОЛАИ ИЛМӢ

## АНДАР БАЁНИ НИЁЗМАНДӢ БА ДОРУҲОИ МУРАККАБ

Бошад, ки мо аз миёни доруҳои сода на барои ҳар як иллат, хусусан иллати мураккаб, доруе ёфтан битавонем, ки баробари он ояд ва ҳатто агар ёбем ҳам, бартараш наҳисобем. Балки гузашта аз ин бошад, ки ягон доруи мураккабе наёбем, ки ягон [иллати] мураккаб бо он баробар ояд ва ё агар биёбем ҳам, вале моро ба афзудани қуввai яке аз ду бахши содаи он эҳтиёҷ бошад ва бинобар он лозим ояд, ки ба [чунин дору] як бахши содае биафзоем, то қувваташ қавӣ бигардад. Чунончи бобунаро қуввai ҳалкунандагӣ бештар ва қуввai қабзоварӣ камтар аст ва қуввai қабзкунандагии онро бо афзудани ягон доруи содаи қабзкунанда бад-он шиддатнок созем. Гоҳе мумкин аст моро доруи содаи гармиоваранда ёфт шавад, лекин ба гармии аз ин камтаре сахт ниёзманд бошем ва бинобар ин моро лозим ояд, ки бад-он ягон чизи сардиоваранда биафзоем. Ё мумкин аст ба гармии бештар аз он эҳтиёҷ дошта бошем ва моро лозим ояд, ки ба он ягон чизи ғармиоварандаи дигаре биафзоем. Гоҳе моро ба доруи чаҳор бахш гармидиҳанда эҳтиёҷ бошад, вале ҷуз як доруи се бахш гармидиҳанда ва яки дигар панҷ бахш гармидиҳанда чизе ёфтан натавонем. Андар ин ҳолат мо ин дуро бад-он умед бо ҳам ҷамъ созем, ки то аз маҷмӯи он доруи чаҳор бахш гармидиҳанда ҳосил шавад.

Гоҳе доруи дилхоҳи мо аз ҷиҳати хостаи мо ба ғоят хуб бошад, вале аз ҷиҳати дигар зиёнвар ва бинобар ин мо бояд онро бо ягон чизе биомезем, ки зиёни онро бишканад. Бошад, ки дору бадмаза ва ба наздики табъ номақбул буда, меъдаро бад ояд ва онро бигардонад ва бинобар ин мо андар он чизе биафзоем, ки онро форам созад. Гоҳе муроди мо аз дору андар ҷои дур таъсир расондан бошад, вале моро бими он бошад, ки гувориши якум ва гувориши дуввум қуввати он бишкананд. Бинобар ин мо онро бо ягон доруи муҳофизаткунандае ҷуфт созем, ки худ шикаста нашавад ва зиёни ҳарду гувоишро аз сӯи ӯ бигардонад, то он ба ҳоли дурустӣ ба андоми дилхоҳ рафта бирасад, чунонки андар доруҳои тарёкӣ афюн биафзоянд.

Гоҳе мурод аз [таркиб] бадрақаи доруст, чунонки андар қурсҳои кофур заъфарон биафкананд, то заъфарон онҳоро ба дил бурда бирасонад, лекин чун ба дил расиданд, қуввai ҷудосозанда ба кор дарояд, заъфаронро аз онҳо ҷудо карда, нест кунад ва доруҳои сардсозандаи тафсхомӯшкунандаро андар дил ба кор бидарорад. Чунонки қуввai ҷудокунанда ба ҳангоми ҷудо сохтани қувваҳои ҳалкунанда ва қабзсозанда, хоҳ дору табиӣ бошад ва хоҳ сунъӣ, ҳамингуна амал кунад ва ҳалкунандаро андар худи андоми дардманд бигузорад, то моддаро ҳал кунад ва [қуввai] пасгардонандаро ба сӯи маҷроҳои модда [равон кунад], то роҳи моддаро боздорад.

Гоҳе мо доруеро бихоҳем, ки андар гузаргоҳи худ андаке таваққуф кунад, то андар он ҷой ҳарчи бештар таъсир карда бошад, вале ин дору зудгузар бошад. Андар

ин ҳол мо онро бо ягон доруи нигоҳдоранда мураккаб созем. Масалан, бисёре аз доруҳои суддакушой аз ҷигар зуд бигузаранд, вале агар ба тавақкуфи онҳо андар ҷигар эҳтиёҷи сахт бошад, мо бо онҳо доруҳои бархилофи ҷиҳати ҷигар кашанда ҳамроҳ кунем, чунонки тухми турб ба сӯи даҳони меъда кашанда буда, аз ин дору ба қадре ҳайрон бимонад, ки судаш ба ҷигар бирасад ва сипас гузашта биравад. Гоҳе доруе, ки мо дорем, барои ду роҳ анбозӣ дорад, вале гарази мо аз он як роҳ бувад. Бинобар ин мо онро бо доруе ҷуфт созем, ки ӯро бад-он сӯ бибарад. Чунончи мо андар доруҳои пешобтозонандаи суддакушой когнаҳо ҳамроҳ кунем, то онҳоро аз сӯи рагҳо ба сӯи гурдаву обгаҳ равона кунанд.

Бидон, ки бисёре аз (310) доруҳо дорои таъсиргоҳ ва афтидангоҳанд. Вале мумкин аст мурод аз онҳо таъсиргоҳи дуртар аз афтидангоҳ бошад, ки андар ин ҳол ба доруи роҳбалад эҳтиёҷ биафтад ва ё мумкин аст мурод аз онҳо таъсиргоҳи наздиктар аз афтидангоҳ буда, андар ин ҳол ба василаи нигоҳдоранда эҳтиёҷ биафтад.

Бидон, ки доруи санҷида беҳтар аз носанҷида аст ва аз барои як гараз ба кор бурдани [доруи] камтаркиб беҳтар аз [доруи] бисёртаркиб бувад. Сабаби беҳтар будани [доруи] камтаркиб аз [доруи] бисёртаркиб бошад, андар оғози Китоби дуввум шарҳ дода шуда аст, вале сабаби беҳтар будани доруи санҷидашуда бошад чунин аст: Ҳар як доруи мураккаб дорои як ҳукмест, ки аз бахшҳои содаи он гирифта шавад ва [низ] дорои ҳукми [дигарест], ки аз маҷмӯи сурати он гирифта шавад. Доруи носанҷида танҳо ба эътибори бахшҳои содаи худ суд бахшад, вале аз мӯҷиби чи чиз гардидани омехтаи аз онҳо падидомада мо [бехабар буда], надонем, ки оё омехтагӣ афзункунандаи хусусияти онҳост ва ё ғайриафзункунанда ва ин ки нақиз бувад. Ба ҳангоми доруи санҷидашуда бошад, ки ҳардуи ин ҷиҳат ба таҳқиқ бирасад ва бошад, ки суди [дору] ба сурати таркибӣ беш аз андозае бувад, ки аз бахшҳои содаи он чашмдоранд.

## Андар баёни чигунагии таркиб

Бидон, ки ҳаргоҳ туро чаҳор ҳоҷат пеш ояд ва аз барои онҳо ба ҷуз доруи сохта ягон доруи табиие ёфт нашавад, масалан агар туро ба истифроғ овардани маҳмуда, дилаи ҳанзал, сабр ва турбид ҳоҷат афтода, барои ҳосил кардани он дору ин чизҳоро ба ҳам ҷамъ кардан бихоҳӣ, андар ин ҳангом бубин, ки агар ҳоҷат ба ҳар чаҳор дору ва таъсири онҳо баробар бошад, аз ҳар кадоми онҳо ба қадри чаҳоряки як ошомиданӣ бигир ва мураккаб соз, вале агар ҳоҷат ба ҳамаи онҳо баробар набошад, балки ба бархе бештар ва ба бархе дигар камтар, он гоҳ ҳадси пешаварӣ бизан, миқдори ҳоҷатро муайян намуда, нисбати як ҳоҷатро ба ҳоҷати дигар ҳамчун қонун қабул кун ва баъд аз он аз барои ин [2] ошомидании мураккаб мувофиқи нисбати ҳоҷат миқдори бархе доруҳоро биафзой ва бархе дигарро коҳиш дода, [доруро] фароҳам овар.

Бидон, ки доруи мураккаби хубтаъсир аз қабили тарёк ба ҳасби бахшҳои содаи хеш якгуна асарҳо ва қувваҳо ва ба ҳасби сурате, ки аз барои пазируфтани он омехтагиро як мудате сиришта доштаанд, асарҳо ва қувваҳои дигаре дорад ва бошад, ки инҳо аз [осори қувваҳои] бахшҳои сода беҳтар буванд. Ба гуфтаи пизишконе эътибор мадеҳ, ки гӯянд: «Тарёк аз барои фалон [беморӣ] ба сабаби сунбул ва аз барои фалон [бемории дигар] ба сабаби мурр судбахш аст». Баръакс, вай агарчи ба ҳамин [сабабҳо] суд дошта бошад ҳам, вале асос сурати [мураккаби] он аст, ки ба иттифоқ тавонову судманд гардида аст. Моро имкон нест, ки бад-он ва муносибати он нисбат ба таъсирҳояш ба таври равшан ишорат намоем.

Бидон, ки андар миёни доруҳои мураккаб як бахш доруҳоеанд, ки ҳамчун поя ва асланд ва агар онҳоро биандозанд, асоси [дору] барҳам хӯрад. Мисоли ин гӯшти афъӣ андар таркиби тарёк, сабр андар ёраи фиқро ва харбақ андар ёраи луғозиё бувад. [Низ] як бахш доруҳоеанд, ки онҳоро [аз таркиб] андохтан, иваз кардан ва ё афзоишу коҳиш додан шояд. Як бахш доруҳои дигареанд, ки агар онҳоро [андар таркиб] биафзоянд, зиён оваранд. Чунончи агар андар таркиби тарёк балозур бидароянд, бешубҳа дигар доруҳо ва хусусан гӯшти афъиро табаҳ созад. Як бахш доруҳоеанд, ки агар [андар таркиб] афзуда шаванд, ҳеҷ зиёне нао-

варанд, чунонки агар андар таркиби тарёк гавзи бӯё биафзоӣ, чандон гуноҳи азиме нахоҳӣ кард.

Бидон, ки бисёре аз таркибҳо боиси табаҳшавиҳо бигарданд ва бисёре аз таркибҳо боиси афзоиши таъсир ва феъли [дору] бигарданд. Бисёре аз таркибҳо аз доруҳои сода ва мураккаб фароҳам оянд, чунончи тарёк аз доруҳои сода ва аз қурсҳои сегона таркиб ёфта, ҳар як қурсро ба сабаби мизоҷ хосиятест, ки андар доруҳои сода вуҷуд надорад. Бошад, ки дору [фақат] аз доруҳои мураккаб фароҳам омада бошад.

ҶУМЛАИ НАХУСТИН

# АНДАР БАЁНИ ДОРУҲОИ МУРАККАБЕ, КИ АНДАР ҚАРОБОДИНҲО БА ТАРТИБ ОМАДААНД

# МАҚОЛАИ НАХУСТИН

## АНДАР БАЁНИ ТАРЁК ВА МАЪҶУНҲОИ БУЗУРГ

### Тарёки форуқ

Ин тарёк бузургтарин ва беҳтарини доруҳои мураккаб аст, аз баҳри он ки хусусан аз барои заҳрҳои газандагоне чун мор, каждум ва саги девона ва заҳрҳои ошомиданӣ, аз барои бемориҳои балғамӣ ва савдовӣ ва табҳои онҳо, аз барои бодҳои палид, аз барои фалаҷ, сакта, саръ, лақва, раъша, васваса ва девонагӣ, хусусан аз барои ҷузом ва барас бисёр судбахш аст. (311) Ӯ дилро шуҷоат бахшад, ҳоссаҳоро тез кунад. Иштиҳову шаҳватро биҷунбонад, меъдаро қувват бахшад, нафасгириро осон кунад, хафақон бибарад, хунпартоиро бибандад, аз барои бештари дардҳои гурда ва обгаҳ ва аз бисёр пешобтозонии ҳар ду суд бахшад, сангро об кунад ва аз барои решҳои рӯда ва сахтиҳои дарунии ҷигар, испурч ва ғайри онҳо нофеъ бошад.

[Тарёк] ҳамаи ин корҳоро ба ёрии хосияти сурати хеш, ки тобеи мизоҷи бахшҳои содаи ӯст, ба амал оварда, рӯҳ ва гармии модарзодиро неруманд бигардонад ва бо ҳамин табиатро барои кӯшидан бо душманони сарду гарми [хеш] ёварӣ кунад.

Беҳтарин нусхаи ин дору нусхаи аслии Андрумохус мебошад. Бисёре аз пизишкон, масалан Ҷолинус ва дигарон, кӯшиш карданд, ки бад-он чизе биафзоянд ва ё аз он чизе бикоҳанд ва ин на ба мӯҷиби ягон зарурате буд ва на ба ягон сабаби қавие, ки эшонро бад-ин кор водор карда бошад, балки ба мақсади ном баровардан ва аз барои он [чунин кӯшиш карданд], ки то аз эшон андар ин дору асаре боқӣ бимонад, чунон ки аз Андрумохус боқӣ монда аст, вале тақозои хирад он буд, ки ҳар чиро санҷиш фирӯзибахш шиносондааст, дигаргун намекарданд, зеро шояд ин гуна омехтагӣ маҳз бо ҳамин гуна вазн тақозои он хосияте бикунад, ки таҷриба онро ба исбот расонида аст ва агар вазни онро дигар кунанд, чунин хосият аз он барнаояд. Агар касе аз мардумон иддао намуда гӯяд, ки ӯ ба чи сабаб мӯҷиби ин хосият шудани он вазнҳоро медонад, ин иддаои ӯ дурӯғу номақбул буда, мисли ин аст, ки ягон кас даъвои донистани вазнҳои унсурҳои асп, инсон ва ғайри онро карда бошад.

Тарёкро [синни] кӯдакӣ, инкишоф, барноӣ, пирӣ ва марг аст. Вай баъди шаш моҳ ва ё баъди як сол кӯдак бигардад ва сипас ба болишу афзоиш пардохта, андар кишварҳои гарм баъд аз даҳ сол ва андар кишварҳои сард баъди бист сол аз инкишоф бозмонад. Баъд аз он даҳ ва ё бист сол бад-ин ҳол боқӣ монда, сипас ё баъди бист сол ва ё баъди чиҳил сол рӯ ба таназзул ниҳад ва баъди сиҳ ва ё шаст сол қувваи подзаҳрии он биравад ва ҳамчун яке аз маъҷунҳое бигардад, ки аз дараҷаи тарёкият пастанд.

Ба касони ҷондор газида бояд аз тоза ва қавии он ва ба касони дигар аз сабуктари он бидиҳанд. Гоҳе ба зарурат ба каси ҷондор газида аз ним мисқол то як мисқол тарёки тоза биошомонанд.

Яке аз санҷишҳое, ки бо ёрии он тарёки тозаю қавиро аз кӯҳану заиф ва бадгавҳари он фарқ кунанд, чунин аст, ки ба ягон кас доруи исҳол дода, интизор шаванд, ҳамин

ки дору исҳол овард, ба ӯ тарёк бидиҳанд. Агар тарёк исҳол бибандад, пас он тозаи хуб аст, вагарна бад бувад. Яке аз санҷишҳое, ки Ҷолинус ёд карда аст, чунин аст: бояд хурӯси даштиро, ки назар ба хурӯси хонагӣ хушкмизоҷтар аст,-ба гумонам ин тазарви нар бувад, -бигиранд, бар вай ягон ҷунбандаи зиёнкорро раҳо кунанд ва сипас тарёк биошомонанд. Агар [хурӯс] бизияд, пас тарёк хуб буда аст. Инчунин, [тарёкро] бар касоне имтиҳон кунанд, ки афюн, шавкарон ва ғайра ошомида бошанд. Аммо аз барои беш тарёк кам судбахш аст ва судаш ба андозаест, ки маргро муддате ба таъхир биандозад. Шояд доруи мушк, чунон ки бархеҳо тасдиқ кунанд, андар ин бобат судбахштарини ҳамагон бувад.

Аммо андозаҳои тарёк, ки ба муносиби ҳар як беморӣ бидиҳанд,бад-ин гуна буванд: Ба ҳангоми сурфаи кӯҳан, дарди сина ва бар ба андозаи як боқилои мисрӣ ва бо оби ангубин ва ё агар таб бошад, бо гулоб бидиҳанд. Аз барои таби ларзонандаи даврӣ, сармо ва қай андар оғози давраҳо ба қадри як боқилои мисрӣ бо об ва ё бо шароб бидиҳанд, вале [миқдори шароб бояд] на камтар аз се ва на беш аз чаҳору ним уқия бошад. Ба касоне, ки гирифтори кулинҷанд ва дамиши меъда ва печиши ноф доранд, ба қадри як боқилои мисрӣ бо оби ангубин ва ё бо гулоб, чандон ки салоҳ бинӣ, бидиҳанд. Ба каси иштиҳояш афтида низ ҳамин қадар [тарёкро] бо об ва ё бо шароб, чандон ки салоҳ бинӣ, бидиҳанд. Аз барои яракон ба қадри як боқилои мисрӣ андар ҷӯшонидаи асорун бидиҳанд. Ба ҳангоми истисқо пеш аз таом ба қадри як боқилои мисрӣ аз онро ё ба тариқи холис фурӯ бурдан ва ё андар яку ним уқия сиркои омехта бидиҳанд. Ба худованди хунпартоӣ, ки агар ба наздикӣ ба ин иллат гирифтор шуда бошад, то як мисқол бо сиркои омехта бидиҳанд, вале агар дер боз гирифтор бошад, ҳамин миқдор [аз тарёкро] бо ҷӯшонидаи ҳамешабаҳор (сумфутун) саҳару бегоҳ бидиҳанд. Ҳар киро овоз гирифта бошад, як боқило аз онро бо оби ангубин ва ё рубби ангур биошомад ва ё андар зери забон бигирад. Аз барои решҳои рӯдагон ва исҳоли хунӣ бо оби тутум ва аз барои тангии нафас бо сиканҷубини унсулӣ ба миқдори камтар аз як уқия биошоманд. Ба ҳангоми саръ нахуст бо он ғарғара кунанд ва сипас аз чаҳоряк мисқол то (312) ним мисқоли онро бо об ва ё сиканҷубини унсулӣ биошоманд. Ба ҳангоми сардард ва дарди нимсара низ чунин кунанд.

Инчунин, агар онро бо ҷӯшонидаи карафс биошоманд, санги обгаҳ ва гурдаро аз ҳам бирезонад. [Тарёк] ҳайзаро боз дорад ва табиатро бибандад. Ҳар ки онро ба ҳангоми тандурустӣ ба кор бибарад, заҳрҳо ӯро зиён нарасонанд, офатҳо андар ӯ кора накунанд ва аз бемориҳои вабоӣ эмин бимонад.

**Сифати [тарёк]:** чиҳилу ҳашт мисқол қурсҳои исқил, бисту чаҳор мисқол қурсҳои афъӣ, як чанди инҳо қурсҳои андрухурун, мурчи сиёҳ ва афюн, аз дорчинӣ ба як ривоят дувоздаҳ мисқол ва ба ривояти дигар бисту чаҳор мисқол, аз гул дувоздаҳ мисқол, аз ҳар кадоми тухми шалғами баррӣ, сири даштӣ, бехи савсан, ғорикун, рубби ширинбаён ва равғани баласон як чанди [гул], аз ҳар яки мурр, заъфарон, занҷабил, ровандx, фантофилун, пудинаи кӯҳӣ, гандонои кӯҳӣ, карафси кӯҳӣ, шоҳисфарами румӣ, қусти талх, мурчи сафед, дорфилфил, диқтомонун, кундур, шукуфаи изхир, сақизи хинҷак, салихаи сиёҳ, сунбули ҳиндӣ ва гесугуна [3] шаш мисқолӣ, аз майъаи равон, тухми карафс, ангудони румӣ, тухми сипандони бобулӣ, нонхоҳ, камозариюс, камофитус, афшураи ҳибуқистидос, сунбули иқлитӣ, сода, му, ҷентиёно, тухми бодиён, гили набишта, қалқатори сӯхта, ҳамомо, ваҷ, тухми баласон, уфориқун (чойкаҳак), фу, самғи [арабӣ], қардамоно, анисун ва ақоқиё чаҳор мисқолӣ, аз тухми ғазари даштӣ, борзад, мумиёи яҳудӣ, говшир, қантуриюни борик ва зарованди дароз ду мисқолӣ бигиранд. Вале ба ривояте [дигар] ба ҷои зарованди дароз зарованди гирд омада аст, аз гунди бедастар бошад ба як ривоят ду мисқол ва ба ривояти дигар чаҳор мисқол [бигиранд] ва гуфтор оид ба сакбина низ ҳамчунин бувад. Сипас, аз ангубин даҳ ратл ва аз шароби райҳонии кӯҳан ду қист гирифта, ҳар чи аз инҳо, ки гудохташаванда аст, бигудозанд, ҳар чиро, ки тар кардан лозим аст, тар кунанд, доруҳои хушкро кӯфта бибезанд. Баъд ҳамаро бо ангубин сиришта, андар ҷогаҳи чинӣ, ё арзизӣ ва ё симӣ бигиранд ва он ҷогаҳро пур накунанд, балки барои нафас

гирифтани дору як миқдор холигӣ бигузоранд. Маҷмӯи ин доруҳо ба истиснои ангубин ва шароб шасту чаҳор доруст.

**Нусхаи дигар**: бисту хашт мисқол қурсҳои пиёзи унсул, бисту чаҳор мисқолӣ аз қурсҳои афъӣ, қурсҳои андрухурун, мурчи сиёҳ ва афюни хуб, дувоздаҳ мисқолӣ сири даштӣ, гули сурхи хушк, тухми шалғами даштӣ, бехи савсани осмонгунӣ, ғориқун, афшураи савсан, равғани баласон ва дорчинӣ, шаш мисқолӣ мурр, фаросиюн, заъфарон, дорфилфил, занҷабил, пудинаи кӯҳӣ, карафси кӯҳӣ, фантофилун, яъне панҷбарги баррӣ, ровандни чинӣ, қусти талхи сафед, устухудус, мурчи сафед, мушктаромашир, шукуфаи изхир, сақизи набатӣ, лубон, салиха ва сунбул, чаҳор мисқолӣ ҷентиёно, солосфис, яъне сипандони сафед, лабанӣ, сисолиюс, сунбули иқлитӣ, ки он нордин аст, тухми нонхоҳ, камофитус, камозариюс, ҳибуқистидос[2], сода, анисун, фу, му, тухми карафс,тухми бодиён, ғили Бухайра, қалқатори бирён, ҳамомо, уфориқун (чойкаҳак), вақ, донаи баласон, ақоқиё, самғи арабӣ ва қардамоно ва ду мисқолӣ зуфаро, борзад, говшир, сакбина, мумиёи яҳудӣ, қантуриюн, зарованди гирд ва гунди бедастар бигиранд. Гоҳе андар ин нусха доруҳоеро афзудаанд, ки онҳо андар нусхаҳои аҷамиён омадаанд ва онҳо (313) аз пудинаи ҷӯӣ, киё, [ки он мастако бошад][3], касиро, артанисо, зарованди дароз ва тухми банг иборат буда, аз ҳар кадом ду мисқолӣ бигиранд. Маҷмӯи инҳо ба ғайр аз ангубин ҳафтод дору бувад. Ангубин ду чанди [миқдори] доруҳо буда, маҷмӯи он чи ки андар таркиби тарёк бидароял, ба як ҳазору чаҳорсаду сиву чаҳор мисқол бирасад.

Заъфаронро ҷудогона бисованд, мурр, афюн ва лубонро алоҳида бикӯбанд ва ҳамаи инҳоро як шаб андар тилои пухта тар кунанд. Сақиз ва борзадро бо равғани баласон бигудозанд, қалқаторро ҷудогона бикӯбанд ва сипас дигар доруҳоро кӯфта бибезанд ва ҳамаро бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд. Ба ҳангоми маъҷун сохтан, онҳоро андар ҳован нек бикӯбанд, то ба ҳам биомезанд. Сипас, онро андар ҷогаҳи обгинагӣ ва ё чинӣ бардошта, баъд аз чаҳор сол ба кор баранд. Як ошомидании он як дирамсанг ва бо оби нимгарм бувад.

**Нусхаи дигар:** Аз қурсҳои унсул чиҳилу ҳашт мисқол, аз қурсҳои афъӣ бисту чаҳор мисқол, аз дорфилфил бисту чаҳор мисқол, аз қурсҳои андрухурун бисту чаҳор мисқол, аз гули сурхи хушки кулоҳакҳо барканда дувоздаҳ мисқол, аз бехи савсани осмонгунӣ дувоздаҳ мисқол, аз бехи ширинбаён дувоздаҳ мисқол, аз тухми шалгами даштӣ дувоздаҳ мисқол, аз сири даштӣ дувоздаҳ мисқол, аз шохаҳои баласон даҳ мисқол, аз дорчинӣ дувоздаҳ мисқол, аз афюн дувоздаҳ мисқол, аз ғориқун дувоздаҳ мисқол, аз равғани баласон даҳ мисқол, аз мурчи сафед шаш мисқол, аз ровандни чинӣ шаш мисқол, аз тухми карафс чаҳор мисқол, аз мурри холис шаш мисқол, аз қуст шаш мисқол, аз заъфарон шаш мисқол, аз салиха шаш мисқол, аз сунбули ҳиндӣ шаш мисқол, аз мурчи сиёҳ бисту чаҳор мисқол, аз диқтомонун, ки он мушктаромашир аст, шаш мисқол, аз фаросиюн, шукуфаи изхир, пудинаи кӯҳӣ, кундури нар ва гесугуна шаш мисқолӣ, аз устухудус шаш мисқол, аз фатросолиюн, ки он тухми карафси кӯҳии макдунӣ аст[4], шаш мисқол, аз мастако, сақизи хинҷак, занҷабил ва панҷбарг шаш мисқолӣ, аз камофитус чаҳор мисқол, аз майъаи равон чаҳор мисқол, аз му чаҳор мисқол, аз ҳамомо чаҳор мисқол, аз нордин, ки он сунбули румист, чаҳор мисқол, аз гили набишта чаҳор мисқол, аз фу ва камозариюс чаҳор мисқолӣ, аз барги содаи ҳиндӣ чаҳор мисқол, аз қалқатори сӯхта чаҳор мисқол, аз ҷентиёнои румӣ чаҳор мисқол, аз анисун чаҳор мисқол, аз афшураи ҳибуқистидос[5] чаҳор мисқол, аз донаи баласон чаҳор мисқол, аз самғи арабӣ чаҳор мисқол, аз тухми бодиён чаҳор мисқол, аз қардамоно чаҳор мисқол, аз сисолиюс чаҳор мисқол, аз ақоқиё чаҳор мисқол, аз сипандони сафед ва ҳуфориқун чаҳор мисқолӣ, аз нонхоҳ чаҳор мисқол, аз сакбина чаҳор мисқол, аз гунди бедастар ду мисқол, аз зарованди дароз ду мисқол, аз дуқу, ки он тухми газари даштист, ду мисқол, аз мумиёи яҳудӣ ду мисқол, аз говшир ду мисқол, аз қантуриюни борик ду мисқол ва аз борзад, ки он қинна бувад, ду мисқол гирифта, бо инҳо аз қабили кӯфтан, бехтан ва сириштан бо ангубин он корҳоеро кунанд, ки ёд карда шуданд.

### Сифати қурсҳои афъӣ

Ба ҳангоми рафтани баҳору омадани тобистон морҳои афъиро шикор кунанд ва агар баҳор зимистонӣ бошад, ин корро то ба фаро расидани рӯзҳои нахустини тобистон пас бигузоранд. Афъиҳо морҳоеанд, ки сари онҳо ҳамвор ва хусусан ба наздики гардан паҳн гардида, гарданашон сахт борик ва думашон бурида аст. [Онҳо аз даҳон] овоз бароранд [ва ҳангоми хазидан аз пӯсташон] садои хаш-хаш ояд. Аз барои ин қурсҳо на ҳар гуна мори афъӣ, балки афъии малларанг ва он ҳам модаи он созгор аст. Нишонаҳои онҳо чунинанд, ки наринаи онро андар ҳар як бахши манаҳ як дандонии неш ва модинаи онро беш аз як дандонии неш бувад. Бояд аз афъии шохдор, афъии песа ва афъии холҳои сиёҳу сафеддори моил ба сафедӣ дурӣ ҷуст. Набояд онҳоро аз шӯразаминҳо, канори сойҳо, рӯдхонаҳо ва дарёҳо шикор кунанд ва инчунин на аз дарахтзорҳо [шикор бояд кард], зеро андар он ҷойҳо афъии булутии палид ва ташнагиоваранда маъво доранд. Баръакс, онҳоро аз ҷойҳои беоб шикор кунанд.Низ, на сустҳаракати онро шикор кунанд, балки онеро ихтиёр кунанд, ки тезҳаракат ва сарашро рост доранда бошад.

Баробари шикор кардан, ҳар қадар ки битавонӣ, бетаъхир (314) аз сӯи сари он чаҳор ангушт ва аз сӯи думу паси он низ ҳамин қадар бибур. Ҳар гоҳ аз он хуни бисёр биравад ва андар ин ҳол ҳаракати бисёр кунад ва дер бимирад, ин баргузида бувад, вале агар камхуну камҳаракат ва зуд миранда бошад, ин бад аст.

Дигар аз нишонаҳояш ин аст, ки бояд ҳаракаташ тез, нигоҳаш боҷуръату боиқдомона ва баромадгоҳи бирозаш аз охири думаш бошад.

Ҳар гоҳ афъӣ бимирад, андомҳои дарунӣ ва хусусан заҳраашро берун андоз, бо обу намак хуб бо ҳавсала бишуй, сипас онро андар обу намак ба ҳадде биҷӯшон, ки нек пухта гӯшташ ба осонӣ аз устухон ҷудо шавад ва агар андар ин об шибит биафкананд, бад нест. Баъд, гӯштро аз устухон ҷудо карда, андар ҳован кунанд ва кӯфта нарм созанд. Каси иҷрокунандаи ин корро маслиҳат он аст, ки равғани баласон бар бинӣ бикашад ва бар сари ангуштҳо [низ] бимолад. Ҳар гоҳ гӯштро кӯфтанд, [4] ба ҳасби нусхаҳои гуногун бо он нони кок биомезанд ва ба нусхаи Андрумохус бартарӣ надиҳанд. Сипас, аз он қурсҳои тунуки латиф бисоз, андар соя бихушкон ва захира кун. Ба ҳеҷ ваҷҳ на пеш аз хушконидан ва на баъд аз он набояд бад-онҳо офтоб бирасад, зеро қувваи хосси гӯшти афъиро, ки он бо заҳрҳои ҷонварон ва заҳрҳои ошомиданӣ кӯшост, офтоб бигирад.

### Сифати қурсҳои пиёзи унсул

Аз пиёзи унсули тар ҳар чи гаронмоятар ва на чандон бузурги онро ихтиёр кунанд. Онро на гил, балки хамир андуда андар дег, ё андар танӯри тафсонида ва аз хокистар пок карда ва ё бар тобаи нонпазӣ то ба ҳадди пухтан бирён кунанд. Ҳар гоҳ аз он ҷой [пиёзро] берун оваранд, дилаи нарми онро гирифта, нарм бикӯбанд ва бо он орди говдона биомезанд. Андрумохус бо як бахш пиёз ду бахш аз ин орд, вале дигарон ба қадри баробар меомехтанд. Ҳар гоҳ унсулро бо орди говдона биомехтӣ, аз онҳо қурсҳои тунук бисоз ва ҳангоми қурссозӣ ба дастат равғани гул бимол. Сипас онҳоро мисли қурсҳои афъӣ хушконида, захира кун.

### Нусхаи қурсҳои андрухурун

Аз пӯсти бехи доршишиғон шаш мисқол, аз наи бӯё, куст, шохаҳои баласон, асорун, му, ҳамомо, мастако, аморокун, ки он бобунаи говчашми сафед аст ва фу шаш мисқолӣ, аз шукуфаи гӯргиё бист мисқол, аз ровандг, салиха ва дорчинӣ бист мисқолӣ, аз мурр бисту чаҳор мисқол, аз сунбули ҳиндӣ шонз-даҳ мисқол, ҳамин қадар сода ва аз заъфарон дувоздаҳ мисқол гирифта, ҳар кадомро ҷудо-ҷудо кӯфта, бибезанд, бо шароби райҳонии кӯҳани моил ба ширинӣ сиришта, қурсҳо созанд, андар соя хушк кунанд ва чун нигоҳ доштани қурсҳои афъӣ онҳоро нигоҳ доранд.

**Як нусхаи дигаре аз ҳамин қурс:** аз ҷӯби доршишиғон, наи бӯё, куст, асорун, шоха-

ҳои баласон, ҳамомо, му, киё, фу ва бобунаи говчашм ҳаждаҳ мисқолӣ, аз заъфарон, сунбули ҳиндӣ ва сода дувоздаҳ мисқолӣ ва аз мурр бисту чаҳор мисқол гирифта, ҳамаро бикӯбанд ва мисли нусхае, ки пеш аз ин ёд кардем, аз онҳо қурсҳо бисозанд.

**Як нусхаи дигар аз ҳамин қурс:** аз асфолотус[6], ки он доршишиғон бошад, шаш мисқол, аз шукуфаи гӯргиё дувоздаҳ мисқол, аз наи бӯё шаш мисқол, аз фу шаш мисқол, аз асорун шаш мисқол, аз шохаҳои баласон шаш мисқол, аз дорчинӣ бисту чаҳор мисқол, аз ҳамомо бисту чаҳор мисқол, аз салиха шаш мисқол, аз аморокун, яъне бобунаи говчашми сафед бист мисқол, аз сунбули ҳиндӣ шонздаҳ мисқол, аз гесугуна шаш мисқол, аз мурр бисту чаҳор мисқол, аз мастако шаш мисқол ва аз заъфарон дувоздаҳ мисқол гирифта, ин доруҳоро баъди совидану бехтан бо шароби соф сиришта кунанд ва ҳамчуноне қурс сохта нигоҳ доранд, ки мо ёд кардем.

## (315) Масрудитус

Масрудитус маъҷунест, ки онро Масрудитуси бузург[7] сохта ва ба номи худ ном ниҳода аст. Ӯ инро аз доруҳои барои заҳрҳо ва хусусан барои дигар бемориҳо санҷидашуда фароҳам оварда аст, то он ҳам барои заҳрҳои гуногун ва ҳам барои бемориҳои гуногун судбахш бошад. Масрудитус андар он замон тарёк ба шумор мерафт ва сипас, чун Андрумохус аз судмандии гӯшти морҳо ва ғайра огоҳӣ ёфт, андар он қурсҳои афъӣ биафзуд, [таркиби] онро камо зиёд андаке дигаргун сохт ва бо ҳамин тарёки бузург ба амал омад. Тарёки бузург бо як чиз, яъне бо заҳри мор, беш аз ин дору судбахштар аст, вале аз дигар ҷиҳатҳо масрудитус аз тарёки бузург чандон камоии ба назар намоёне надорад, балки аз бисёр ҷиҳатҳо ҳатто фоидааш бештар ва натиҷааш некфарҷомтар бувад. Мо андар баршумурдани ин манфаатҳо ба дарозо сухан намегӯем, зеро инҳо ҳамонҳоеанд, ки аз барои тарёк ёд шуданд. Як ошомидании ин андаке бештар [аз тарёк] бувад.

**Як нусхаи он, ки аз барои умум бувад:** аз заъфарон, мурр, горикун, занҷабил, дорчинӣ ва касиро даҳ дирамӣ, аз сунбул, кундур, солосфис, ки он сипандони бобулӣ аст, гӯргиё, шохаҳои баласон, устухудус, сисолиюс, қуст, камофитус, борзад, беност[8], [ки он сақизи хинҷак бувад][9], дорфилфил, афшураи «риши буз», гунди бедастар, молобасрун[10], [ки он содаи ҳиндӣ бошад][11], майъа ва говшир ҳашт дирамӣ, аз салиха, мурчи сафед, мурчи сиёҳ, суринҷон, гесугуна, сақурдиюн, тухми газари даштӣ, шоҳафсар, ҷентиёно, равғани баласон, донаи баласон, қурсҳои қуфиюн ва мукл ҳафт дирамӣ, аз судоб ду дирам, аз уша, сунбули румӣ, мастако, самғи [арабӣ], карафси кӯҳӣ, қардамоно ва тухми бодиён панҷ дирамӣ, аз анисун, ваҷ, му, сакбина ва асорун се дирамӣ, аз афюн, гули сурх ва диктомонун панҷ дирамӣ, аз фу, ақоқиё, нофи сақанқур ва тухми ҳиюфорикун чаҳору ним дирамӣ ва аз шароби райҳонии кӯҳан ва ангубини кафк баргирифта ба миқдори кифоят гирифта, ҳар чи эҳтиёҷ ба тар кардан дорад, андар шароб тар кунанд. Сипас, ҳамаро бо ангубин сиришта, нигоҳ доранд ва баъд аз шаш моҳ ба кор баранд. Як ошомидании он ба қадри як бундуқа ва бо яке аз шаробҳои созгор бувад. Андар ин нусха доруҳое омадаанд, ки андар нусхаи Ҷолинус вуҷуд надоранд ва онҳо аз сездаҳ доруи зерин иборатанд: ғорикун, суринҷон, судоби хушк, уша, диктомонун, асорун, касиро, устухудус, камофитус, шоҳафсар, шохаҳои баласон, мурчи сиёҳ ва мукл. Аммо андар нусхаи Ҷолинус ду доруест, ки андар ин нусха мавҷуд нестанд ва онҳо аз бехи ширинбаён ва намак иборат буванд. Андар як нусхаи дигари ин [дору] як доруе омада аст, ки андар ин нусха нест ва он тухми судоб бувад.

### Сифати қуфиюне, ки андар масрудитус ба кор бибаранд

Чаҳор дирам мавизи донааш ҷудокарда, бисту чаҳор дирам сақизи хинҷак, аз гӯргиё ва мурр дувоздаҳ дирамӣ, аз дорчинӣ, муқли кабуд, нохуни дев, сунбули румӣ, салиха, шоҳафсар, мушки замин ва донаи даҳмаст се дирамӣ, аз наи бӯё нӯҳ дирам, як дирам заъфарон ва дуним дирам мумиёи яҳудӣ бигиранд. Ин нусха нусхаи Шопур ибни Сахл[12] буда, андар он мумиёи яҳудӣ афзуда шуда аст, вале андар нусхаи Ибни Саробиюн[13] ду ним дирам доршишиғон афзуда шуда аст ва андар як нусхаи дигар дуним дирам асорун.

## Тарёки Азра[14]

Дувоздаҳ мисқол ҳамомо, ҳашт мисқол шукуфаи гӯргиё, шаш мисқол оқирқарҳо, сиву шаш мисқол заъфарон, шаш мисқол дорчинӣ, дувоздаҳ мисқол мурр, аз фатросолиюн, ки он тухми карафси кӯҳист ва дуқу, ки он тухми газари кӯҳии иқлитист, се мисқолӣ, (316) аз касиро сиҳ мисқол, аз афшураи ҳибуқистидос[15] ҳашт мисқол, аз бехи савсани осмонгунӣ понздаҳ мисқол, аз тухми бодиён шаш мисқол, аз муқли кабуд ҳашт мисқол, аз лубони сафед бисту хашт мисқол, аз гӯгирд шаш мисқол, аз тухми банг бисту ҳашт мисқол, аз салиха нӯҳ мисқол, аз тухми хашхоши сафед сиҳ мисқол, аз сунбули ҳиндӣ дувоздаҳ мисқол, аз тухми судоб як мисқол, [5] аз донаи сафедкардаи турунҷ ва тутуми шомӣ ду мисқолӣ, аз тухми шибит, ҷигари бутемор[16], асорун, қардамоно, уфурбиюн ва афюн шаш мисқолӣ, аз мурчи сиёҳ сиҳ мисқол, аз гули сурхи хушки кулоҳакҳояш барчида нӯҳ мисқол, аз содаи ҳиндӣ дувоздаҳ мисқол, аз равғани баласон бисту чаҳор мисқол, аз нордини иқлитӣ, ки он сунбули румист ва унонис[17], ки он шукуфаи ток[18] аст, шаш мисқолӣ, аз барги харзаҳра шаш мисқол, аз локи поккарда дувоздаҳ мисқол, аз момисо ва мехак дувоздаҳ мисқолӣ, аз шукуфаи сунбули румӣ се мисқол, аз livanди чинӣ дувоздаҳ мисқол, аз фу шаш мисқол, аз шукуфаи му чаҳору ним мисқол, аз гили қимулиё дувоздаҳ мисқол, аз афшураи артемисиё[19], ки он баранҷосаф аст ва онро «қайсуми даштӣ» гӯянд, бист мисқол, аз бехи коснӣ бист мисқол, аз қусти талх ва ҷентиёнои румӣ дувоздаҳ мисқол, аз барги турунҷ даҳ мисқол, аз қурсҳои андрухурун нӯҳ мисқол, аз анисун шаш мисқол ва аз гӯргиё дувоздаҳ мисқол гирифта, ҳамаи ин доруҳоро совида бибезанд, ҳар чи аз онҳоро тар кардан бояд, андар шароби холиси хубгавҳар, ки он асл аст, ё андар ҷумҳурӣ, ё мусаллас ва ё набизи мавиз ва ангубин тар кунанд, сипас якҷоя сохта, бо як миқдори лозимӣ аз ангубини кафкаш гирифта маъҷун созанд. Баъд онро андар ягон ҷогаҳе бардоранд ва мисли тарёки бузург ба кор баранд. Бархе аз пизишкон андар он як миқдор уша биафзоянд ва бархе дигар инро муносиб надонанд, зеро уша меъдаро зиён дорад.

**Як нусхаи дигар аз тарёки Азра:** аз ҳамомо ва мурр панҷ уқиягӣ, аз оқирқарҳо ду ним уқия, аз гӯргиё чаҳор уқия, аз салиха дувоздаҳу ним уқия, аз лабанӣ шашу ним уқия, аз тухми газари даштӣ яку ним уқия, аз заъфарон дувоздаҳ уқия, аз карафси кӯҳӣ як уқия ва ду дирам, аз бехи савсани осмонгунӣ ду ним уқия, аз тухми бодиён ва муқл чаҳору ним дирамӣ, аз лубон нӯҳ уқия, аз касиро даҳ уқия, аз афшураи ҳибуқистидос[20] се уқия, аз донаи сафедкардаи турунҷ як мисқол, аз тухми шибит, ҷигари бутемор ва зардҷӯба ду мисқолӣ, аз тухми банг як ратл, аз тухми хашхош ду ратл, аз сунбул нӯҳ уқия ва як дирам, аз судоби хушк як уқия ва ду дирам, аз тутум се уқия, аз анисун, асорун ва қардамоно чаҳор уқиягӣ, аз афюн ду уқия ва яку ним дирам, аз фурбиюн ду ним уқия, аз мурч яку ним уқия, аз гул чаҳор уқия, аз сода ва донаи баласон се уқиягӣ, аз балозур ду ним уқия, аз лок панҷ уқия, аз дорчинӣ чаҳор уқия, аз му ду уқия, аз сунбули иқлитӣ[21] нӯҳ уқия, аз гӯгирд чаҳор уқия, аз момисо, рованди чинӣ ва қусти талх чаҳор мисқолӣ, аз барги турунҷ панҷ мисқол, аз қурсҳои андрухурун се мисқол, аз равғани баласон ҳафт мисқол, аз афшураи қайсум, [ки он шувосаро мебошад][22], як ратл, аз хуланҷон ҳафт уқия, аз ҳузаз шаш уқия, аз мехак панҷ уқия ва аз ангубин ба қадри ҳоҷат бигиранд.

**Сифати қурсҳои андрухурун, ки андар [тарёки Азра] бидароянд:** аз бобунаи сурх, бобунаи сафед, [тутум][23], мурр, анисун, асорун, ушна, наи бӯё ва шохаҳои баласон як бахшии баробарсанг бигиранд ва ҳамаи инҳоро баъд аз совидану бехтан ба ҳам ҷамъ созанд, бо шароби софи хубгавҳар, ки он асл аст ва ё бо ҷумҳурӣ, ё (317) мусаллас ва ё набизи мавиз ва ангубин сиришта кунанд, се рӯз паи ҳам бад-ин ҳол гузошта, ҳар рӯз як бор онро биомезанд ва агар лозим ояд, бад-он аз якеи ин шаробҳо миқдоре бирезанд. Сипас, қурсҳои як мисқолӣ сохта, андар соя хушк кунанд.

Ин буд тарёке, ки онро Азра сохта аст ва андар ҳама ҳолатҳо, ки ҷойнишини тарёки форуқ бувад.

## Тарёки чаҳордору

Аз чентиёпои румӣ, донаи даҳмаст, зарованди дароз ва мурр бахшҳои баробар гирифта, бикӯбанд ва бо миқдори кофие аз ангубини кафкаш бардошта маъҷун созанд. Як ошомиданӣ аз он як мисқол ва бо оби гарм бувад. Гуфтаанд, ки бархе аз пизишкон ба ҷои мурр қусти талх бигиранд. Саҳорбухт[24] чунин ҳикоят кунад: ӯ андар як нусхае аз он дида аст, ки як бахш заъфарон низ афзудаанд.

Ин тарёки чаҳордору аз газидагии каждумҳо ва тортанакҳо ва аз бемориҳои сард судманд аст.

## Сутиро, ки он «раҳоиандаи бузург» бувад

Ин дору ҷомеъи судмандиҳо буда, аз саръ, гижа, сардарди дерина ва раъша судманд аст ва моддаро ба сӯи чашм кашида шудан нагузорад. Гоҳе онро баъди гирифтани оби чашм ба чашм бикашанд ва ин [бемориро] бори дигар боз омадан нагузорад. Агар онро бо оби ангубин биошоманд, аз падид омадани офати чашм, гирифтани овоз, фалаҷ, васваса, дарди дандон, дарди чашм ва дардҳои шуш, сина, бар ва сари устухони паҳлуҳо пешгирӣ кунад. Агар бо оби аспғул ва афшураи садпайванд бидиҳанд, аз хунпартоӣ суд бахшад. Инчунин аз бодҳои меъда ва дардҳои он ва аз ярақон [судманд] буда, рангро тозагӣ бахшад, андешамандиро бибарад ва оруғро бартараф кунад. Агар онро бо ҳуқна бирезанд, решҳои обгаҳ, бемориҳои рӯдагон ва печиши онҳо, омосҳои онҳо ва испурчро шифо бахшад. Вай фазлаҳои гурда ва обгаҳро биронад, андомҳои таносулии мардро неру бахшад ва агар бар онҳо бимоланд, шаҳватро бедор кунад. Аз дардҳои пайвандгоҳҳо, никрис ва ташаннуҷ судманд аст ва аз заҳрҳои газандагон ва заҳрҳои ошомиданӣ нофеъ бувад.

**Таркиби он:** аз салиха ва ғӯргиё яку ним уқиягӣ, аз гунди бедастар ва фатросолиюн, ки он тухми карафси кӯҳист, понздаҳ мисқолӣ, аз тухми карафс ду уқия, аз сисолиюс як мисқол, аз қуст, дорчинӣ, қурсҳои адрумаъмо[25], майъаи равон ва асорун шаш мисқолӣ, аз анисун даҳ мисқол, аз мурчи сафед дувоздаҳ мисқол, аз дорфилфил чаҳор мисқол, аз сунбул чаҳор мисқол, аз ҳамомо ва заъфарон чаҳор мисқолӣ ва аз афюн даҳ мисқол гирифта, ҳамаи ин доруҳоро баъд аз совидану бехтан ба ҳам ҷамъ созанд, бо ангубини кафк баргирифта сиришта кунанд, андар ҷогаҳе бардоранд ва баъд аз шаш моҳ ба ҳангоми ҳоҷат ба кор баранд.

**Сифати қурсҳои адрумағмуво, ки андар «раҳонандаи бузург» онҳоро ба кор баранд:** аз ҳамомо, доршишигон, қуст, наи бӯё, мехак, мурчи сафед ва нонхоҳ се мисқолӣ, аз дорчинӣ, мастако ва заъфарон шаш мисқолӣ, аз фу як мисқол, аз сунбули хушбӯй ва содаи ҳиндӣ ҳафт мисқолӣ ва аз мурр шаш мисқол гирифта, ин доруҳоро баъд аз кӯфтану бехтан ба ҳам ҷамъ кунанд ва бо шароби холис ва ё гайри он сиришта, қурсҳои хурди якмисқолӣ бисозанд, андар соя хушк кунанд ва ба кор бибаранд.

## Бузургдору

Ин яке аз доруҳои бузургу баргузидаи форсиён ва ба ривиши филуниё[26], тарёк ва шалисост. Аз барои қулинҷ бениҳоят судманд бувад.

**Таркиби он:** аз заъфарон ва тухми банги сафед як исторӣ, аз афюн ва уфурбиюн бист дирамӣ, аз сунбул ва лабанӣ ду исторӣ, аз содаи ҳиндӣ ва мехак чаҳор дирамӣ, аз мурчи сафед ду дирам, аз марвориди ношикофта, навшодир, (318) тухми судоби даштӣ, мушк, кофур, қоқула, дорчинӣ ва салиха як дирамӣ, аз қуст ҳашт дирам, аз тухми испанд, оқирқарҳо [6] ва дорфилфил чаҳор дирамӣ, аз сакбина, гунди бедастар ва говшир ду дирамӣ, аз зурунбод, даруна ва равгани баласон ҳашт дирамӣ, ба ҳасби нусхаи сирёнӣ ва аҷамӣ аз мурр чаҳор дирам ва аз кофур низ чаҳор дирам гирифта, доруҳои хушкро бикӯбанд ва бибезанд ва доруҳои тарро андар тилои матбух тар кунанд. Сипас, ҳамаро ҷамъ сохта, бо ангубин сиришта кунанд ва шаш моҳ бигузоранд кӯҳан бигардад. Як ошомидании он ба андозаи як ҷиллавза ва бо оби нимгарм бувад.

### Маъҷуни файласуфон, ки онро «моддаи зиндагӣ» номанд

Ин аз барои фазлаҳои балғам судманд буда, нафсро неру бахшад, шодмонӣ оварад, таом бигуворад, иштиҳо ва оруғ оварад, чунон бошад, ки гӯй ҷавонӣ баргардонад, қувваи ҳофиза, хотира ва ҳушу хирад зиёда кунад, забонро кушояд, сардҷимоъӣ бибарад, чакмезак боз дорад, бодҳоро ором кунад, маниро биафзояд, закарро неру бахшад, вораҳоро ҷамъ созад, дандонҳоро мустаҳкам кунад ва дардҳои пушт, пайвандгоҳҳо, тиҳигоҳ ва пешоброҳаро бибарад.

**Таркиби он:** аз мурч, дорфилфил, занҷабил, дорчинӣ, омула, балила, шитараҷ, зарованди гирди шомӣ, решаҳои бобуна[27], дилаи чилғӯза, –андар нусхаи дигар гавзи ҳиндӣ,– ва сатуриюн, ки он «хояи рӯбоҳ» аст, як уқиягӣ, аз тухми бобуна ним уқия ва аз растании ҳаббу-л-инаб се уқия гирифта, донаҳои сурхмавизро ҷудо кунанд ва бикӯбанд. Баъд, як чанди ҳамаи доруҳо ангубин гирифта, ситабр созанд ва бо он доруҳои мо ёд кардаро маъҷун созанд. Ба ҳангоми ҳамагуна ҳолатҳо аз он ба қадри як гавзи хурд истеъмол кунанд.

### Шалисо

Ин доруест, ки пизишкон ба ҳар гуна суд бахшидани он гаравидаанд ва андар таркиби он ҳамагуна аҷоибот ёфт шавад. Вале мо аз он ба истиснои бартараф намудани бастагии забон, ки ба ҳангоми бемориҳо ва истирхои он рӯй диҳад, дигар таъсири бисёре мушоҳада накардаем. Аммо пизишкон гӯянд, ки шалисои бузург аз девонагӣ, бемориҳои сарди савдовӣ ва балғамӣ, фалаҷ, саръ, сакта, лақва, васваса, ҳадису-н-нафс[28] (худ ба худ сухан гуфтан), сардард, дарди нимсара, фаромӯшхотирӣ, молихулиё, сардии мағз, раъша ва хафақон суд бахшад, ҷанинро нигоҳ дорад, аз бачапартоӣ, аз чакидани пешоб, дардҳову бодҳои заҳдон, аз истирхои забон, гижа, гамзадагӣ, аз зиёни саморуғ, заҳрҳо, ширҳои андар меъда басташаванда ва ғайра судманд бувад, аз дарди бандгоҳҳо ва аз ҳамаи дардҳои деринаи сард нофеъ аст. Аз барои ҳар як ҳолат ин доруро бо чизи муносиби [ин ҳол] биошоманд. Масалан: ба ҳангоми сардии сахт бо оби хиёршанбар ва бархе гуфтаанд, ки баръакс, бо хамр судбахштар аст; аз барои суддаҳои дарунӣ бо оби беҳҳо; аз барои дардҳои заҳдон бо оби анисун; аз барои дардҳои бологирифта бо оби марзангӯш ва ё бо оби бехи чугундар; аз барои кӯдакон бо равғани бунафша. Ин буд он чи ки пизишкон гуфтаанд. Вале ба наздики ман чунин аст, ки ин доруи серташвиш, таркибаш ғайри мураттаб, сӯзонандаи хуну хилтҳо ва аз қурсҳо дида камтаъсиртар аст.

**Таркиби он:** [Доруҳои зеринро] бигиранд: аз мушк, кофур ва анбар ду дирамӣ; аз марвориди ношикофта ва заъфарон даҳ дирамӣ; аз зари суда ва сими суда ним дирамӣ; аз ҳамомо, тухми испанд, уфурбиюн, ушнони набатӣ, ушна, тухми карафс, тухми судоб, саргини гови кӯҳӣ, ғӯгирди сурх, ғӯгирди зард, харбақи сафед, лабанӣ, мушки замин, морчӯба, ки он чӯби ҳалюн аст, решаи исфанд, ки он хардали сафед[29] аст, момирон, донаи маҳлаб, шохаи баласон, ҳазоргашон ва шашбандон[30] ду дирамӣ; аз шукуфаи гӯргиё, сода, гавзи бӯё, гунди бедастар, тухми таратезак ва тухми газар даҳ дирамӣ; аз зарнаб[31], киё, зоғи кафшгарон, сиёҳдона, (319) саргини рӯбоҳ ва бехи кабар ним дирамӣ; аз абрешими хом, тухми шибит ва бехи он, зурунбод, даруна, занҷабил, ҷентиёно, «забони гунҷишк», намаки ҳиндӣ, оқирқарҳо, бехи марҷон, мумиёи яҳӯӣ, фу ва аспғул чаҳор дирамӣ; аз мехак, сунбул, асорун, қуст, қоқула ва пари сиёвушон ҳашт дирамӣ; аз басбоса ва бехи савсани осмонгунӣ ду дирамӣ; аз собизаки[32] хушк бист дона; аз салиха ва чӯби салиха ним дирамӣ; аз шукуфаи гӯргиё даҳ дирам; аз тухми бодиён ва зуфои хушк даҳ дирамӣ; аз саътари форсӣ ва саътари хузистонӣ чаҳор дирамӣ; аз бозовард, гиреҳаккҳои коҳе[33], ки андар дохили деворҳо пӯсида бошанд ва pованди чинӣ ҳафт дирамӣ; аз мурчи сафед ва сиёҳ, аз дорфилфил, афюн, зарованди дароз, зарованди гирд ва донаи банги сафед бист дирамӣ; аз гавзи ҳиндӣ ду дираму чаҳор донг; аз шукуфаи бед, решаи хушки коснӣ, ҳавму-л-маҷус, гесугуна, афшураи бехи савсани осмонгунӣ, доршишиғон ва қайсум

як дирамӣ; аз ангудони сиёҳ чаҳор дирам ва чоряк; аз шоҳафсар чаҳор дирам ва чаҳор донг; аз мӯи ғул, ангушти зард, гаштбаргашт, ангужади хушбӯй, сакбина ва говшир ду дирамӣ; ва аз хоки чорроҳа чаҳор дирам.

Он дорухое, ки ба изофаи он чи андар ин нусха аст, тибқи дастурҳои форсӣ андар таркиби шалисо бидароянд, инҳост: зарнаб ва исфанди сафед ду дирамӣ; бехи хайрии сурх чаҳор дирам; шукуфаи ҳино ду дирам; палангмушк, ки он мехаки бӯстонӣ аст, чаҳор дирам; қардамоно як дирам; рованди чинӣ, донаи баласон, шохаҳои баласон, мурддонаи мисрӣ, махтуму-л-малик (гили набишта), санги Довуд ва ангужади бадбӯй ду дирамӣ; хирбӯво се дирам; донаи муқашшари бон чаҳор дирам; табошир як дирам; кушус, каҳрабо, мурдисфарам, ҷуфтофарид, гавзи абҳал, мугос, мармохур, ҳар ду баҳмани сурх ва сафед ду дирамӣ; анисун се дирам; дермана се дирам; намаки табарзад, намаки нон, яъне намаки хамирӣ, тухми газари даштӣ, карафси кӯҳӣ, афшураи савсан ва афшураи алафи гулӯдард се дирамӣ; пӯсти хушки турунҷ ва чӯби фовониё чаҳор дирамӣ; кавардон панҷ дирам; мағнотис шаш дирам; қалқатол[34], ки он пудинаи кӯҳӣ (ал-ҳабақу-л-ҷабалӣ) аст ва бодоми талх ҳафт дирамӣ. Дорухои хушкро кӯфта бибезанд, тарро бо тилои хуб тар кунанд, ҳамаро бо се чанди вазни онҳо аз ангубин маъҷун созанд, андар зарфи шишагӣ бардоранд ва ба муддати шаш моҳ бигузоранд кӯҳан бигардад. Як ошомиданӣ аз он ба қадри як нахӯд ва бо оби нимгарм аст.

**Таркиби як нусхаи дигар:** аз мушки хуб ду дирам,аз марвориди ношикофта даҳ дирам, аз зари суда ва сими суда ним дирамӣ, аз анбар чаҳор дирам, аз зарнаб ним дирам, аз абрешими сӯхта ва ё носӯхта чаҳор дирам, аз мехак ва сунбули хушбӯй чаҳор дирамӣ, аз заъфарон даҳ дирам, аз зурунбод ва даруна чаҳор дирамӣ, аз бехи савсани осмонгунӣ [7] як дирам, аз ҳамомо ду дирам, аз мастако ним дирам, аз содаи ҳиндӣ даҳ дирам, аз донаи баласон ним дирам, аз басбоса як дирам, аз собизак даҳ дирам, аз чӯби салиха ва худи салиха панҷ дирамӣ, аз мурчи сафед, занҷабил ва бехи шибит чаҳор дирамӣ, аз қусти талх (320) ҳашт дирам, аз гавзи бӯё даҳ дирам, аз гунди бедастар даҳ дирам, аз афюн[35] ду дирам, аз шукуфаи гӯргиё даҳ дирам, аз тухми шибит, ҷентиёнои румӣ ва шукуфаи «забони гунҷишк» чаҳор дирамӣ, аз қоқула ҳашт дирам, аз тухми испанд ҳашт дирам, аз тухми бодиён шаш дирам, аз чӯби пари сиёвушон ҳашт дирам, аз намаки ҳиндӣ чаҳор дирам, аз шуниз, ки он сиёҳдона аст, ним дирам, аз саътари форсӣ чаҳор дирам, аз зуфои хушк[36] шаш дирам, аз зоги кафшгарон ним дирам, аз ушнони набатӣ ду дирам, аз тухми карафс, тухми судоб, ушна ва гӯгирди зард ду дирамӣ, аз саргини гови кӯҳӣ ва ё бузи кӯҳӣ ду дирам, аз бозовард ҳафт дирам, аз тухми таратезак даҳ дирам, аз абҳал чаҳор дирам, аз мурчи сиёҳ, дорфилфил ва тухми банг бист дирамӣ, аз оқирқарҳо чаҳор дирам,аз афюн бист дирам, аз хоки чорроҳа як дирам, аз зарованди дароз бист дирам, аз зарованди гирд чаҳор дирам, аз рованди чинӣ ҳафт дирам, аз тухми динорӯя даҳ дирам, аз фундуқи ҳиндӣ чаҳор дирам[37], аз тухми ангудон чаҳор дирам ва як донг[38], аз шоҳафсар чаҳору ним дирам, аз аспғул ва бехи марҷон чаҳор дирамӣ, аз донаи муқашшари хиёрза чаҳор дираму як донг[39], аз мумиёи яҳудӣ чаҳор дирам, аз кофур, харбақи сафед, харбақи сиёҳ, мушки замин, майъаи равон, момирони чинӣ ва тухми морчӯба ду дирамӣ, аз бадошғон, асобиъу-с-суфр, «мӯи гул», тухми коснӣ ва гаштбаргашт ду дирамӣ, аз шохаҳои баласон ду дирам, аз оби савсан[40] ва ё оби хор (бодоворд) як дирам, аз донаи маҳлаб як дирам, аз бехи исфанди сафед, ки хардали сафед бошад, ду дирам, гиреҳакҳои коҳи миёни девор ҳафт дирам, саргини рӯбоҳ ним дирам, пӯсти бехи кабар ним дирам ва аз ҳазоргашон ва шашбандон чаҳор дирамӣ гирифта, ҳамаро бо ҳам ҷамъ созанд [ва пеш аз он совиданиҳоро] совида, бибезанд ва таркарданиҳоро андар шароби райҳонӣ тар кунанд. Сипас, бо ангубин сиришта, андар ҷогаҳе бардоранд ва баъд аз шаш моҳ ба кор баранд. Як ошомиданӣ аз он ба қадри як нахӯд ва бо оби пӯсти бехи бодиён ва карафс бувад. Ба қадри як донаи гандум аз онро бо оби шоҳдона ва ё бо оби марзангӯш ба бинӣ баркашанд.

## Анӯшдору

Ин доруи ҳиндӣ буда, шодмонӣ оварад, дилу танро неру бахшад, рангро хуб кунад, зардӣ бибарад ва бӯи даҳону арақ хуш кунад. Судаш аз барои ҷигар бузург аст ва ҳеҷ зиёни намоёне надорад. Онро пеш аз таом ва сипас аз он низ ба кор баранд.

**Таркиби он:** гули сурхи форсӣ ҳафт дирам; мушки замин панҷ дирам; мехак, мастако, сунбул ва асорун ҳар кадом се дирамӣ; ва қирфа, зарнаб, заъфарон, басбоса, қоқула, ҳил ва гавзи бӯё ҳар кадом ду дирамӣ. Ин доруҳоро бигиранд ва баъд аз бехтан бо ҳарир аз тариқи совидан нек биомезанд. Сипас, як ратл омулаи тозаи хуб поккардаро гирифта, бо нӯҳ ратл оби хуш биҷӯшонанд, то сеяк аз он бимонад. Баъд обро биполанд, дубора бар дег бирезанд, бар вай ду ратл понизи санҷарӣ афзуда, нарм-нарм биҷӯшонанд, то ситабр бигардад ва қавоми доруи лесидании ситабрро ба худ бигирад. Баъд, дегро аз оташ бардоранд, доруҳоро бар вай бипошанд ва баробари он бо чӯби бед биомезанд, то ҳама яксон омехта бигарданд. Ҳар гоҳ сард шуд, онро андар ҷогаҳи сабз бигиранд. Як ошомидании он миёни як-ду мисқол бувад.

## Маъҷуни дигари ҳиндӣ

Ин низ ба якумӣ наздик аст, рангро сафо бахшад, биниширо қавӣ созад, меъдаро пок кунад, табиат нарм дорад ва аз барои бавосир судбахш бувад.

**Таркиби он:** аз мурч, дорфилфил, ҳалилаи сиёҳ, балила, омулаи донааш ҷудо карда ва қантуриюн чаҳор исторӣ ва аз ангубин ва равғани гов ба андозаи (321) сиришта шудани [доруҳо] бигиранд. Як ошомиданӣ аз он як ва ё беш аз як мисқол буда, ҳар кас ба қадри қувват [биошомад].

## Як маъҷуне, ки бо номи «маъҷуни Хузистонӣ[41]» шинохта шуда аст

Аз барои ҳар ду намуди зарда, бетобӣ, хориш ва сардҷимоъӣ суд дорад, меъдаро қавӣ созад, аз қулинҷу бодҳо суд бахшад, иштиҳои таом оварад, касро барои ҷимоъ кардан неруманд гардонад.

**Таркиби он:** аз маҳмуда, мағзи турбид ва дорфилфил шаш дирамӣ, аз оқирқарҳо, тухми карафс, нонхоҳ, занҷабил ва намаки ҳиндӣ як дирамӣ, аз мехак ва зарнаб ним дирамӣ, аз афланҷа як мисқол, аз маҳлаби муқашшар ду дирам ва аз шакари табарзад ва заъфарон се дирамӣ бигиранд. Ин доруҳоро гирифта, ба ғайр аз маҳмуда, заъфарон ва шакар ҳамаро бибезанд, вале [истисношудаҳоро] якҷоя бикӯбанд. Баъд аз он онҳоро хуб биомезанд ва бо дуним чанди вазни онҳо аз ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд. Як ошомидании он аз дуним то се дирам бувад.

## Як маъҷуни дигар

Ин нафсро нишот бахшад ва қуввату хуррамӣ оварад, танро баруманд созад, рангро хуб кунад, зардрӯӣ бибарад, бӯи даҳону арақро хуш кунад, меъда ва ҷигарро суд бахшад, андар вай ҳеҷ зиёне набошад ва онро пеш ва сипас аз таом бихӯранд.

**Таркиби он:** шаш бахш гули сурх, ҳашт бахш мушки замин, се бахшӣ мехак, мастако, сунбул ва асорун, ду бахшӣ қирфа, зарнаб ва заъфарон ва як бахшӣ басбоса, қоқула, ҳили бӯво ва гавзи бӯё бигирианд ва ҳамаро кӯфта, бибезанд. Сипас, ба сари ҳар як сиву се дирами маҷмӯи ин доруҳо як ратл омулаи тоза гирифта, ҳар як ратлро бо ҳафт ратл об то се ратл мондани он биҷӯшонанд. Баъд онро биполанд ва ба сари ҳар як ратл омула як ратл понизи санҷарӣ андар об биафзоянд ва то қавомаш ба қадри доруи лесидании ситабр расидан биҷӯшонанд. Баъд, бар вай доруҳоро бипошанд, хуб биомезанд ва андар кӯзаи сабз бардоранд. Як ошомидании он аз як то яку ним мисқол бувад.

### Маъчуни тарёки бузург, ки мо худ сохтаем

Ин аз чихати он судмандихое, ки андар боби маъчунхои пешомада ёд шудаанд, санчидашуда аст.

**Таркиби он:** аз пусти турунч, чентиёно, мурр, донаи баласон, барги бодрангбуя ва тухми он, тухми фаланчмушк, зурунбод ва даруна чахор дирамӣ, аз мушк ва анбар як мискол, аз куст, дорчинӣ, вач, заъфарон, нордин ва афсинтин се дирамӣ, аз уди хиндӣ ду мискол, аз кофур ним мискол, аз фу, мурр ва карафси кухӣ ду ним дирамӣ, аз тухми таратезак, тухми шалгам, тухми гандано, «забони гунчишк» ва анордонаи даштӣ ду дирамӣ ва аз афюн се дирам гирифта, ба дастури [маълум] маъчун созанд, шаш мох бихобонанд ва сипас биошоманд.

### Маъчуни тарёки хурд, ки аз сохтаи мост

Аз донаи баласон, куст, мурр, чентиёно, дорчинӣ, мурчи сафед, уди хиндӣ ва карафси кухӣ як бахшӣ, аз мушк сеяки як бахш ва аз гунди бедастар чахоряк бахш гирифта, маъчун созанд ва ба кор баранд.

### Маъчуни Қайсар

Ин аз хафакон, саръ, дардхои сарди меъда ва рудагон, аз суддахо, гандидагии дарозмуддати хун, душвории гувориш, [8] душвории нафасгирӣ ва хукаки сахт судманд аст.

**Таркиби он:** аз гунди бедастар, рубби ширинбаён, салиха,кусти талх, мурчи сиёх, дорфилфил, майъа, афюн, заъфарон ва сунбули хушбуй се дирамӣ, аз говшир як дирам, аз мушк як донг, (322) аз зурунбод, даруна ва марвориди ношикофта ним дирамӣ ва аз мурр нух дирам гирифта, хамаи ин доруҳоро баъд аз совидану бехтан бо ангубини кафк баргирифта маъчун созанд ва ба хангоми хочат ба андозаи як нахуд аз он истеъмол кунанд.

### Итрифали бузург

Аз бадгуворӣ, сардии меъда, хусусан аз сардии рудагон, аз истирхои меъда ва обгах судманд аст ва бохро зиёда кунад.

**Таркиби он:** аз халилаи сиёхи муқашшар шаш дирам, аз балила, омула, тухми карафси кухӣ, шитарачи хиндӣ, нонхох ва саътари форсӣ як укиягӣ, аз сунбул, хамомо, хил ва вач се дирамӣ, аз дорчинӣ чахор дирам, аз мурчи сиёх, мурчи сафед, нормушк ва намаки хиндӣ ним укиягӣ, аз рими охан се укия, аз хардал яку ним укия ва аз навшодир ним дирам гирифта, хамаро бикубанд, бибезанд, бо равгани бодом тар кунанд, бо ангубини кафк баргирифта ба кадри якосе маъчун созанд ва ба хангоми хочат ба кор баранд.

**Таркиби як нусхаи дигари он:** аз халилаи кобулӣ, балила, широмула, тухми карафси кухӣ, бузайдон, басбоса, шитарачи хиндӣ ва газари даштӣ як бахшӣ ва аз тударии сурх, тударии сафед[42], «забони гунчишк», бахмани сурх ва бахмани сафед ним бахщӣ гирифта, хамаи ин доруҳоро баъди совидану бехтан якчоя кунанд, бо ангубини кафк баргирифта ва бо равгани гов маъчун созанд ва ба хангоми хочат ба кор баранд.

### Зомихрони бузург

Ин доруи хиндӣ буда, аз бадмизочии сард ва заъфи меъда суд дорад, бохро зиёда кунад, аз васваса ва савдо нофеъ бошад, харакатхои танро дуруст кунад, чанинро нигох дорад, гурда ва обгахро созгор бошад ва сангро аз хам резонад.

**Таркиби он:** аз вач, кусти талх, зарованди дароз ва зарованди гирд се историӣ, аз дорфилфил ва занчабил панч историӣ, аз тухми карафс, нонхох, каравиё, тухми бодиён, тухми сиписти тар, тухми хурфа, тухми таратезак, тударии сурх, тударии сафед[43], «гуши муш», зираи кирмонӣ ва тухми шибит шаш историӣ, аз мехак, ушна, наи буё ва шохахои баласон се историӣ, аз шохафсар, дермана, зарнаб, донаи баласон, салиха,

## Анушдору

Ин доруи ҳиндӣ буда, шодмонӣ оварад, дилу танро неру бахшад, рангро хуб кунад, зардӣ бибарад ва бӯи даҳону арақ хуш кунад. Судаш аз барои ҷигар бузург аст ва ҳеҷ зиёни намоёне надорад. Онро пеш аз таом ва сипас аз он низ ба кор баранд.

**Таркиби он:** гули сурхи форсӣ ҳафт дирам; мушки замин панҷ дирам; мехак, мастако, сунбул ва асорун ҳар кадом се дирамӣ; ва қирфа, зарнаб, заъфарон, басбоса, қоқула, ҳил ва гавзи бӯё ҳар кадом ду дирамӣ. Ин доруҳоро бигиранд ва баъд аз бехтан бо ҳарир аз тариқи совидан нек биомезанд. Сипас, як ратл омулаи тозаи хуб поккардаро гирифта, бо нӯҳ ратл оби хуш биҷӯшонанд, то сеяк аз он бимонад. Баъд обро биполанд, дубора бар дег бирезанд, бар вай ду ратл понизи санҷарӣ афзуда, нарм-нарм биҷӯшонанд, то ситабр бигардад ва қавоми доруи лесидании ситабрро ба худ бигирад. Баъд, дегро аз оташ бардоранд, доруҳоро бар вай бипошанд ва баробари он бо чӯби бед биомезанд, то ҳама яксон омехта бигарданд. Ҳар гоҳ сард шуд, онро андар ҷогаҳи сабз бигиранд. Як ошомидании он миёни як-ду мисқол бувад.

## Маъҷуни дигари ҳиндӣ

Ин низ ба якумӣ наздик аст, рангро сафо бахшад, бинишро қавӣ созад, меъдаро пок кунад, табиат нарм дорад ва аз барои бавосир судбахш бувад.

**Таркиби он:** аз мурч, дорфилфил, ҳалилаи сиёҳ, балила, омулаи донааш ҷудо карда ва қантуриюн чаҳор исторӣ ва аз ангубин ва равғани гов ба андозаи (321) сиришта шудани [доруҳо] бигиранд. Як ошомиданӣ аз он як ва ё беш аз як мисқол буда, ҳар кас ба қадри қувват [биошомад].

## Як маъҷуне, ки бо номи «маъҷуни Хузистонӣ[41]» шинохта шуда аст

Аз барои ҳар ду намуди зарда, бетобӣ, хориш ва сардҷимоъӣ суд дорад, меъдаро қавӣ созад, аз қулинҷу бодҳо суд бахшад, иштиҳои таом оварад, касро барои ҷимоъ кардан неруманд гардонад.

**Таркиби он:** аз маҳмуда, мағзи турбид ва дорфилфил шаш дирамӣ, аз оқирқарҳо, тухми карафс, нонхоҳ, занҷабил ва намаки ҳиндӣ як дирамӣ, аз мехак ва зарнаб ним дирамӣ, аз афланҷа як мисқол, аз маҳлаби муқашшар ду дирам ва аз шакари табарзад ва заъфарон се дирамӣ бигиранд. Ин доруҳоро гирифта, ба ғайр аз маҳмуда, заъфарон ва шакар ҳамаро бибезанд, вале [истисношудаҳоро] якҷоя бикӯбанд. Баъд аз он онҳоро хуб биомезанд ва бо дуним чанди вазни онҳо аз ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд. Як ошомидании он аз дуним то се дирам бувад.

## Як маъҷуни дигар

Ин нафсро нишот бахшад ва қуввату хуррамӣ оварад, танро баруманд созад, рангро хуб кунад, зардрӯӣ бибарад, бӯи даҳону арақро хуш кунад, меъда ва ҷигарро суд бахшад, андар вай ҳеҷ зиёне набошад ва онро пеш ва сипас аз таом бихӯранд.

**Таркиби он:** шаш бахш гули сурх, ҳашт бахш мушки замин, се бахшӣ мехак, мастако, сунбул ва асорун, ду бахшӣ қирфа, зарнаб ва заъфарон ва як бахшӣ басбоса, қоқула, ҳили бӯво ва гавзи бӯё бигирианд ва ҳамаро кӯфта, бибезанд. Сипас, ба сари ҳар як сиву се дирами маҷмӯи ин доруҳо як ратл омулаи тоза гирифта, ҳар як ратлро бо ҳафт ратл об то се ратл мондани он биҷӯшонанд. Баъд онро биполанд ва ба сари ҳар як ратл омула як ратл понизи санҷарӣ андар об биафзоянд ва то қавомаш ба қадри доруи лесидании ситабр расидан биҷӯшонанд. Баъд, бар вай доруҳоро бипошанд, хуб биомезанд ва андар кӯзаи сабз бардоранд. Як ошомидании он аз як то яку ним мисқол бувад.

## Маъҷуни тарёки бузург, ки мо худ сохтаем

Ин аз ҷиҳати он судмандиҳое, ки андар боби маъҷунҳои пешомада ёд шудаанд, санҷидашуда аст.

**Таркиби он:** аз пӯсти турунҷ, ҷентиёно, мурр, донаи баласон, барги бодрангбӯя ва тухми он, тухми фаланҷмушк, зурунбод ва даруна чаҳор дирамӣ, аз мушк ва анбар як мисқолӣ, аз қуст, дорчинӣ, ваҷ, заъфарон, нордин ва афсинтин се дирамӣ, аз уди ҳиндӣ ду мисқол, аз кофур ним мисқол, аз фу, мурр ва карафси кӯҳӣ ду ним дирамӣ, аз тухми таратезак, тухми шалғам, тухми гандано, «забони гунҷишк» ва анордонаи даштӣ ду дирамӣ ва аз афюн се дирам гирифта, ба дастури [маълум] маъҷун созанд, шаш моҳ бихобонанд ва сипас биошоманд.

## Маъҷуни тарёки хурд, ки аз сохтаи мост

Аз донаи баласон, қуст, мурр, ҷентиёно, дорчинӣ, мурчи сафед, уди ҳиндӣ ва карафси кӯҳӣ як бахшӣ, аз мушк сеяки як бахш ва аз гунди бедастар чаҳоряк бахш гирифта, маъҷун созанд ва ба кор баранд.

## Маъҷуни Қайсар

Ин аз хафақон, саръ, дардҳои сарди меъда ва рӯдагон, аз суддаҳо, гандидагии дарозмуддати хун, душвории гувориш, [8] душвории нафасгирӣ ва ҳукаки сахт судманд аст.

**Таркиби он:** аз гунди бедастар, рубби ширинбаён, салиха,қусти талх, мурчи сиёҳ, дорфилфил, майъа, афюн, заъфарон ва сунбули хушбӯй се дирамӣ, аз говшир як дирам, аз мушк як донг, (322) аз зурунбод, даруна ва марвориди ношикофта ним дирамӣ ва аз мурр нӯҳ дирам гирифта, ҳамаи ин доруҳоро баъд аз совидану бехтан бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд ва ба ҳангоми ҳоҷат ба андозаи як нахӯд аз он истеъмол кунанд.

## Итрифали бузург

Аз бадгуворӣ, сардии меъда, хусусан аз сардии рӯдагон, аз истирхои меъда ва обгаҳ судманд аст ва боҳро зиёда кунад.

**Таркиби он:** аз ҳалилаи сиёҳи муқашшар шаш дирам, аз балила, омула, тухми карафси кӯҳӣ, шитараҷи ҳиндӣ, нонхоҳ ва саътари форсӣ як уқиягӣ, аз сунбул, ҳамомо, ҳил ва ваҷ се дирамӣ, аз дорчинӣ чаҳор дирам, аз мурчи сиёҳ, мурчи сафед, нормушк ва намаки ҳиндӣ ним уқиягӣ, аз рими оҳан се уқия, аз хардал яку ним уқия ва аз навшодир ним дирам гирифта, ҳамаро бикӯбанд, бибезанд, бо равғани бодом тар кунанд, бо ангубини кафк баргирифта ба қадри якосе маъҷун созанд ва ба ҳангоми ҳоҷат ба кор баранд.

**Таркиби як нусхаи дигари он:** аз ҳалилаи кобулӣ, балила, широмула, тухми карафси кӯҳӣ, бузайдон, басбоса, шитараҷи ҳиндӣ ва газари даштӣ як бахшӣ ва аз тударии сурх, тударии сафед[42], «забони гунҷишк», баҳмани сурх ва баҳмани сафед ним бахщӣ гирифта, ҳамаи ин доруҳоро баъди совидану бехтан якҷоя кунанд, бо ангубини кафк баргирифта ва бо равғани гов маъҷун созанд ва ба ҳангоми ҳоҷат ба кор баранд.

## Зомиҳрони бузург

Ин доруи ҳиндӣ буда, аз бадмизоҷии сард ва заъфи меъда суд дорад, боҳро зиёда кунад, аз васваса ва савдо нофеъ бошад, ҳаракатҳои танро дуруст кунад, ҷанинро нигоҳ дорад, гурда ва обгаҳро созгор бошад ва сангро аз ҳам резонад.

**Таркиби он:** аз ваҷ, қусти талх, зарованди дароз ва зарованди гирд се исторӣ, аз дорфилфил ва занҷабил панҷ исторӣ, аз тухми карафс, нонхоҳ, каравиё, тухми бодиён, тухми сиписти тар, тухми хурфа, тухми таратезак, тударии сурх, тударии сафед[43], «гӯши муш», зираи кирмонӣ ва тухми шибит шаш исторӣ, аз мехак, ушна, наи бӯё ва шохаҳои баласон се исторӣ, аз шоҳафсар, дермана, зарнаб, донаи баласон, салиха,

басбоса, қоқула ва қирфа чаҳор исторӣ, аз ҳалилаи зард, балила ва широмулаи донааш ҷудо карда ҳашт исторӣ, аз луффоҳи хушк, харбақи сафед, мурд, марвхуш, мурдисфарам, тухми банги баррӣ, тухми банги бӯстонӣ, хасаки бӯстонӣ, шитараҷи ҳиндӣ, зиришк, донаи муқашшари турунҷ, дӯлона, сунбироси ҳиндӣ, баҳмани сурх, баҳмани сафед ва «забони гунҷишк» чаҳордаҳ мисқолӣ, аз гавзи бӯё сиҳ адад, аз бехи барғаст[44] ва тухми панҷангушт се исторӣ, аз тухми газар ва ҳамомо шаш дирамӣ, аз афюн, уфурбиюн ва гунди бедастар се дирамӣ, аз ҳалилаи сиёҳи донааш ҷудо карда чаҳор дирам ва аз содаи ҳиндӣ, ҳулба, му, карафси кӯҳӣ, тухми газари даштӣ ва рованди чинӣ шаш дирамӣ гирифта, ин доруҳоро баъди совидану бехтан ҷамъ созанд. Сипас, баробари вазни ҳамаи доруҳои тавсифшуда пониз, баробари вазни доруҳо ва пониз равғани гов ва баробари вазни маҷмӯи пониз, доруҳо ва равғани гов ангубини кафк баргирифта бигиранд ва ба сифати зерин маъҷун созанд: Понизро гирифта, пора кунанд, бар вай се ратл об афзуда, то гудохтаву ситабр шудан ва чун ангубин гардидан биҷӯшонанд ва сипас бар вай ангубин бирезанд. Равғани говро нимгарм кунанд ва доруҳои судаву бехтаро бо он биолоянд. Сипас, понизу ангубини пухтаро андар ҳовани бузург биафкананд ва бар онҳо доруҳои (323) бо равғани гов олоидаро бипошанд ва то расидан биомезанд. Баъд, онро андар ҷогаҳе бардоранд, ки рӯзгори дароз андар вай ангубин гирифта бошанд. Шаш моҳ нигоҳ доранд ва сипас ба кор баранд. Як ошомидании он ба қадри як мозу буда, андар оғоз ва анҷоми моҳ се рӯзӣ бо оби гарм ва ё бо бархе аз набизҳо [биошоманд].

**Таркиби як нусхаи дигари он:** аз ваҷ, қуст, мурр, зарованди дароз ва зарованди гирд се исторӣ, аз дорфилфил ва занҷабил панҷ исторӣ, вале ба ҳасби як нусхаи дигар ба ҷои панҷ ду исторӣ, аз тухми карафс, нонхоҳ, каравиё, тухми бодиён, тухми сиписти тар[45], тухми хурфа, тухми таратезак, тухми марзангӯш, тударии сафед, тударии сурх, зираи кирмонӣ ва тухми шибит шаш исторӣ, аз мехак, ушна, наи бӯё ва шохаҳои баласон се исторӣ, аз шоҳафсар, дерман, зарнаб, донаи баласон, салиха, басбоса, қоқула ва қирфа чаҳор исторӣ, аз ҳалилаи зард, балила ва омула ҳашт исторӣ, аз луффоҳи хушк, мурди хушк, харбақи сафед, марвхуш, тухми банги даштӣ, тухми банги бӯстонӣ, хасак, шитараҷи ҳиндӣ, зиришк, донаи муқашшари турунҷ, дӯлона, сунбироси ҳиндӣ, ҳарду баҳмани сафед ва сурх ва «забони гунҷишк» бисту чаҳор мисқолӣ, аз гавзи бӯё сиҳ дона, аз бехи барғаст[46] ва тухми панҷангушт се исторӣ, аз тухми газар ва ҳамомо шаш дирамӣ, аз афюн, уфурбиюн ва гунди бедастар се дирамӣ, аз ҳалилаи сиёҳ чаҳор дирам ва аз содаи ҳиндӣ, ҳулба, карафси кӯҳӣ, тухми газари даштӣ ва рованди чинӣ шаш дирамӣ гирифта, баъд аз бехтан ҳамаро якҷоя кунанд, баробари як чанди вазни ҳамаи доруҳо бо онҳо пониз афзуда, бо равғани гов биолоянд, бо ангубин маъҷун созанд ва андар ягон ҷогаҳе бардоранд. Як ошомиданӣ аз он барои каси қавӣ ду дирам ва барои каси заиф камтар аз он бувад.

**Зомихрони хурд**

Ин низ аз ҷиҳати суд ба [аввалӣ] наздикӣ дорад.

**Таркиби он:** аз ваҷ, қуст, зарованди гирд ва зарованди дароз се исторӣ, аз тухми сипандон ва тухми испанд ду исторӣ, аз мурҷ, дорфилфил ва занҷабил панҷ исторӣ, аз тухми карафс, каравиё, мушки замин, тухми шалғам, тухми сиписти тар[47], тухми пиёз, тухми таратезак, дӯлона, тударии сафед ва тударии сурх, тухми гандано, зағир, тухми девсипист, тухми бодиён, нонхох,тухми муқашшари турунҷ, тухми хурфа, пудина, норкаю (хашхоши сафед), ҳулба, тухми марзангуш, зираи кирмонӣ, тухми шибит ва тухми газар даҳ дирамӣ, аз мехак, ҳил, ушна, содаи ҳиндӣ, қоқула, қирфа, росан, мушки замин, гавзи бӯё, наи бӯё, зарнаб, шоҳафсар, марвхуш ва донаи баласон бист дирамӣ, аз салиха, басбоса, мурддона, зиришк, «забони гунҷишк» ва сунбул бисту чаҳор дирамӣ, аз гули хушк панҷ дирам, аз ҳалилаи сиёҳ, ҳалилаи кобулӣ, балила ва омула се исторӣ, аз тухми банги сафед, афюн ва уфурбиюн се дирамӣ, аз гунди бедастар як истор, аз шитараҷи ҳиндӣ, хасак, зурунбод, баҳмани сурх ва сафед, рованди чинӣ, тухми банг, хуланҷон ва майъа се исторӣ ва аз пониз ба андозаи вазни ҳамагон гирифта, ин

доруҳоро ба ҳам биомезанд, бо равгани гов биолоянд ва бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд. Як ошомиданӣ аз он як мисқол ва бо оби нимгарм бувад.

### Маъҷуни Ҷолинус

Ин маъҷун аз афзорҳои пешобронӣ гурда [9] ва обгаҳро гармӣ бахшад, (324) суддаҳоро бикушояд ва танро дурустӣ бахшад.

**Таркиби он:** аз мурчи сафед, мурчи сиёҳ, ҳамомо, қусти талх, сунбули хушбӯй, наи бӯё, содаи ҳиндӣ, заъфарон, тухми карафс, анисун, оқирқарҳо, тухми газна ва тухми судоби кӯҳӣ бахшҳои баробар гирифта, ин доруҳоро ба шакли совида якҷоя созанд, бо ангубини кафк баргирифта маъҷун кунанд ва ба кор бибаранд. Як ошомиданӣ аз он як дирам ва бо оби пӯсти бехи бодиён ва пӯсти бехи карафс бувад.

### Як маъҷуни дигар аз Ҷолинус

Ин аз барои дарди ҷигар, сурфа ва хун партофтан сахт судманд аст.

**Таркиби он:** аз заъфарон ва дорчинӣ як дирамӣ, аз муқли кабуд чаҳор дирам, аз асфолотус[48] чаҳор донг, аз гӯргиё се дирам, аз наи бӯё ду дирам, аз салиха, нордин ва мурр ду дирамӣ, аз самғи сарв се истор, аз ангубин се уқия, аз мавизи донааш ҷудо карда шаст дирам ва аз тилои хуб ба қадри кифоят бигиранд, [доруҳои хушкро] бикӯбанд, бибезанд ва ҳамаро бо ангубин сиришта созанд.

### Маъҷуни Ҳермес

Аз барои никрис бениҳоят ва аз барои дардҳои бандкушоҳо, дардҳои гурдаву меъда, бодҳо, решҳои рӯдагон, истисқо, яроқон ва гижа судманд аст ва махсуси бандкушоҳо ва никрис бувад. Як ошомиданӣ як мисқол ва ё ду дирам аст.

**Таркиби он:** аз агориқун, асорун, вач, қардамоно, тухми судоб, уфурбиюн, фу ва зуфои хушк як уқиягӣ, аз зарованди дароз ва бехи артанисо ду уқиягӣ, аз нонхоҳ ва мехак ду уқиягӣ, аз ҷентиёнои румӣ шаш уқия, аз ҳошо ва тухми карафс ду уқиягӣ, аз қантуриюни борик, ки он азиз аст, ҳашт уқия, аз салиха, қусти талх ва мурр се уқиягӣ, аз сунбули хушбӯй, пудинаи кӯҳӣ ва карафси кӯҳӣ ду уқиягӣ, аз гесугуна ва анисун се уқиягӣ ва аз камофитус, камозариюс ва ускурдиюн ҳашт уқиягӣ гирифта, ҳамаи ин доруҳоро аз тариқи совидану бехтан ба ҳам ҷамъ кунанд, бо ангубини кафк баргирифта сиришта созанд, андар ягон ҷогаҳе бардоранд ва ба рӯзгори баҳор биошоманд.

**Таркиби як нусхаи дигари он**: аз агориқун, вач, асорун, қардамоно, тухми судоб, уфурбиюн, фу ва зуфои хушк як уқиягӣ, аз нонхоҳ ва мехак ду уқиягӣ, аз ҷентиёно шаш уқия, аз ҳошо ва тухми карафс ду уқиягӣ, аз қантуриюни борик ҳашт уқия, аз қуст, салиха ва зарованди дароз се уқиягӣ, аз мурр, сунбул, пудинаи кӯҳӣ ва карафси кӯҳӣ ду уқиягӣ, аз фаросиюн ва гесугуна се уқиягӣ, аз камозариюс, камофитус ва ускурдиюн ҳашт уқиягӣ ва аз ангубин ба қадри кифоят бигиранд. Як ошомидании ин ду дирам ва ё як мисқол ва ба рӯзгори баҳор бувад.

### Маъҷуни Ҳурмус[49]

Агар аз ин ду сеяки як дирам бо оби сард бидиҳанд, аз заҳир суд бахшад. Аз барои дарди ҷигар бо оби гулангубин, аз барои таб бо оби нимгарм, аз барои дарди меъда бо сиркои омехта, аз барои дарди гурда низ бо сиркои омехта ва аз барои дигар дардҳо ва хуноқ бо оби нимгарм, вале агар таб набошад, бо тилои омехта бидиҳанд. Аз барои хунравӣ ба қадри як боқило бо сиркои омехта, аз барои дарди тиҳигоҳ ҳамчунин ва аз барои бастагии рӯдагон ва бодҳо бо тилои кӯҳани омехта [биошоманд]. Агар ба шаб бидиҳанд, аз барои дарди сар, васваса ва девонагӣ созгор аст. Аз барои сурфаи хушк ба аввали шаб аз он бо шароби омехта биошоманд. Аз барои газидагии морҳо бо оби тарангубин [судбахш] буда, бар маҳалли газидагӣ [низ] тило кунанд. Агар аз барои заҳрҳои қотил бо оби ҷентиёно ва агар барои газидагии саги девона бо шири девдор бидиҳанд, суд бахшад. (325) Созандаи он тасдиқ кунад, ки ин [дору] озмудашуда аст.

**Таркиби он:** аз мурчи сафед ва тухми банг панҷ исторӣ, аз заъфарон ва афюн даҳ исторӣ, аз уфурбиюн, уша, сода, оқирқарҳо, бехи луффоҳ, панҷангушт, салиха, сунбул ва тухми карафс шаш исторӣ, аз шохаҳои баласон се истор ва аз ангубини кафк баргирифта ба қадри кифоят бигиранд ва ҳамон тавр ки тавсиф кардем, маъҷун сохта ба кор баранд.

## Коскабинаҷ

Ин маъҷуни бисёр судманд буда, аз бемориҳои кӯдакону бачагон, аз саръ, лақва, кузоз ва қулинҷи эшон суд бахшад, заҳдон ва ихтиноқи ба сабаби заҳдон бударо созгор аст, бисёр омадани хуни ҳайзро мӯътадил гардонад ва бодҳои заҳдонро ором кунад.

**Таркиби он:** аз салиха, ҷуфтофарид, бехи ябруҷ, тухми испанд, тухми бодиён, донаи баласон, зарованди дароз, зарованди гирд, мушк ва анбар чаҳор дирамӣ, аз ҳил чаҳордаҳ дирам, аз афюн, куст, гавзи бӯё ва ҳалилаи зард дувоздаҳ дирамӣ, аз қаранфул бисту чаҳор дирам, аз қирфа, маъҷуни касарто, зирнихи зард ва тухми савсан[50] ду дирамӣ, аз ваҷ ҳашт дирам, аз сакбина, даруна, мурр ва равгани дастарҷон[51] шаш[52] дирамӣ, аз ноғбушт, басбоса, мушки замин ва заъфарон даҳ дирамӣ, аз мугос понздаҳ дирам, аз майъаи равон понздаҳ дирам ва аз мурдисфарам, барги мурд, гавзи сарв ва тухми абҳал се дирамӣ бигиранд, бикӯбанд, бибезанд ва бо ангубини кафк баргирифта сиришта, ба кор баранд.

**Сифати касарто, ки андар ин [маъҷун] ба кор бибаранд:** аз наи бӯё, нохуни дев ва кундур чаҳор дирамӣ, аз ушна, қирфа ва заъфарон як дирамӣ, аз майъа чаҳор дирам ва аз мушк ва уд ним дирамӣ гирифта, бо шароби кӯҳани райҳонӣ маъҷун созанд, бигузоранд, то бирасад ва сипас ба кор баранд.

## Маъҷуни мушк

Ин аз хафақон, аз ҳамаи бемориҳои савдовӣ ва душвории нафс судманд аст ва доруи [бемориҳои] нафасгирӣ ба шумор биравад.

**Таркиби он:** аз зурунбод, даруна, марвориди ношикофта, каҳрабо ва бехи марҷон як дирамӣ, аз абрешими хом яку ним дирам, аз баҳмани сафед ва баҳмани сурх, содаи ҳиндӣ, мехак, сунбул, қоқула ва гунди бедастар яку ним дирамӣ, аз занҷабил ва дорфилфил ду донгӣ ва аз мушк ҳаштяк дирам бигиранд, ҳамаро бикӯбанд ва бо ангубини хом маъҷун созанд. Як ошомиданӣ аз он ба қадри як наҳӯд ва бо шароби райҳонист.

## Маъҷуни дигари мушк

Ин аз дарди ҷигар, меъда ва заъфи ҳар ду суд дорад ва бодҳову дамишро ба таҳлил бибарад.

**Таркиби он:** аз мушк ду дирам, аз сунбули хушбӯй, салиха, содаи ҳинд, локи поккарда ва ростанди чинӣ ду дирамӣ, аз ҷентиёнои румӣ ду дирам, аз заъфарон, нонхоҳ, тухми карафс ва мастако чаҳор дирамӣ, аз дорчинӣ ва зарованди гирд се дирамӣ ва аз уди ҳиндӣ, мехак ва мурр яку ним дирамӣ гирифта, ин доруҳоро баъд аз совидану бехтан бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд, андар ҷогаҳе бардоранд ва ба кор баранд. Як ошомиданӣ аз он қариб як боқило ва бо оби гарм бувад.

## Доруи мушк бо афсинтин

Ин аз барои хафақон, васваса ва омосҳои ҳанҷара судманд аст ва обнокии меъдаро хушк кунад.

**Таркиби он:** аз афсинтин ва сабр ҳашт дирамӣ, аз ростанди чинӣ ҳашт дирам, (326) аз нонхоҳ, заъфарон ва тухми карафс чаҳор дирамӣ, аз мушк, нордин, сода ва мурр ду дирамӣ ва аз гунди бедастар яку ним дирам гирифта, биомезанд ва бо ангубин маъҷун созанд.

## Доруи дигари мушк

Ин аз савдои сафровӣ судбахш аст.

**Таркиби он:** аз мастако ва заъфарон яку ним дирамӣ, аз шукуфаи афсинтин, бодрангбӯя ва афитимун як дирамӣ, аз уд ва сукк яку ним дирамӣ, аз мушк ним дирам, аз зурунбод ва даруна ду дирамӣ, аз марворид,

каҳрабо, [10] бехи марҷон ва абрешим се дирамӣ, аз сабр бисту чаҳор дирам ва аз ангубин ба қадри кифоят бигиранд. Як ошомидании тамом аз он ду дирам ва бо оби нимгарм бувад.

### Доруи ширини мушк

Ин аз хафақон, бемориҳои савдовӣ, душвории нафас, аз саръ, фалаҷ, лақва ва таби чаҳоррӯзӣ судманд аст.

**Таркиби он:** аз зурунбод ва даруна як дирамӣ, аз марворид, каҳрабо, бехи марҷон ва абрешими хоми сӯхта яку ним дирамӣ, аз ҳар ду баҳмани сурх ва сафед, содаи ҳиндӣ,сунбул, қоқула, мехак, гунди бедастар ва ушна ним дирамӣ, аз занҷабил ва дорфилфил чаҳор донгӣ ва аз мушк яку ним донг гирифта, ин доруҳоро бикӯбанд ва бибезанд, бо ангубини шаҳдии хоми оташ нарасида ба нисбати якосе маъҷун созанд, андар ҷогаҳе бардоранд ва баъд аз ду моҳ ба кор бибаранд.

### Доруи дигари мушк

Ин низ ҳамон судҳоро дорад.

**Таркиби он:** аз зурунбод, даруна, марворидҳои хурд, каҳрабо ва бехи марҷон се дирамию ду донг, аз абрешими хом ду дирам, аз баҳмани сафед ва баҳмани сурх, сунбул, сода, қоқула ва мехак чаҳор дирамӣ ва чаҳор донгӣ, аз ушна, дорфилфил ва занҷабил як дираму ду донгӣ, аз гунди бедастар ду донг ва аз мушки хуб як мисқол гирифта, абрешимро то гард-гард гардидан реза кунанд ва сипас андар ҳован бо марворид, бехи марҷон ва каҳрабо якҷоя карда нарм бисованд. Баъд, дигар доруҳоро кӯфта ва [ҳамаро] бо шаҳд сиришта кунанд. Як ошомиданӣ аз он ним мисқол ва бо оби нимгарм бувад.

### Доруи дигари мушк

Низ ҳамон судҳоро дорад.

**Таркиби он:** аз афсинтин ва сабр ҳашт дирамӣ, аз сунбул, мушк, сода ва мурри холис ду дирамӣ, аз ровандӣ чинӣ шаш дирам, аз нонхоҳ, тухми карафс ва заъфарон чаҳор дирамӣ ва аз гунди бедастар ду ним дирам гирифта, бикӯбанд ва бо ангубин маъҷун созанд. Як ошомидании тамом як мисқол бувад.

### Саҷазаниёи бузург

Ин дору озмудашуда аст ва аз тамоми бемориҳои сард, бодҳои ситабр, дарди дандонҳо ва хӯрда шудани онҳо, аз сардии меъда, дер аз худ шудани [ғизо], аз қулинҷ ва аз ба душворӣ омадани пешобе суд дорад, ки ба сабаби сардӣ, балғам ва хилмӣ будани пешоб рӯй бидиҳад.

**Таркиби он:** аз гунди бедастар, афюн, дорчинӣ, асорун, фу, му ва тухми газари даштӣ як дирамӣ, аз мурч, дорфилфил, борзад ва қуст шаш дирамӣ ва аз заъфарон ним дирам гирифта, гудохтаниҳоро бо оби ангубин бигудозанд, хушкаҳоро бикӯбанд, борзадро бо ангубин ҳал кунанд, [ҳамаро] маъҷун сохта, баъди шаш моҳ ба кор баранд.

**Таркиби як нусхаи дигари он:** аз гунди бедастар, мурчи сиёҳ, заъфарон, му, фу, тухми газари даштӣ, асорун, афюн, мурчи сафед ва борзад ду дирамӣ, аз қуст як дирам ва аз дорчинӣ ду дирам гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва бо ангубини кафк баргирифта сиришта кунанд.

### Саҷазаниёи[53] хурд

Ин [низ] андар судмандӣ мисли [якумист].

**Таркиби он:** аз гунди бедастар ва афюн (327) даҳ дирамӣ, аз дорчинӣ, му, фу, тухми газари даштӣ ва асорун даҳ дирамӣ, аз мурч, дорфилфил, борзад, мурр ва қуст шаст[54] дирамӣ ва аз заъфарон чаҳоряк уқия бигиранд. **Андар нусхаи дигар [чунин омада аст]:** як уқия занҷабил ва се уқия майъаи равон [бигиранд]. **Андар як нусхаи дигар [чунин омада аст]:** аз гунди бедастар, мурчи сиёҳ, заъфарон, му, фу, тухми газари даштӣ,

асоруп, афюн, дорчинӣ ва мурчи сафед як дирамӣ ва аз куст як дирам бигиранд. Ин доруҳоро бикӯбанд, бо ангубин маъҷун созанд ва шаш моҳ нигоҳ доранд. Як ошомиданӣ аз он ним мисқол буда, бо оби нимгарм ва бар ношито биошоманд. Ба ҳасби нусхаи дигар як ошомидании он аз як донг то ду мисқол ва ба ҳасби як нусхаи дигар ба андозаи як мурч бувад.

Гуфтаанд, ки як қироти онро совида аз барои заҳрҳо тило кунанд ва аз барои бодҳои заҳдон, камобистанӣ ва ҳайз баробари як донаи мурч аз он гирифта, андар равғани савсан бигудозанд ва бо пашминае ба зер баргиранд. Миқдоре аз онро бо равғани савсани озод бигудозанд ва ба зан бибӯёнанд ва низ бо он дуд андозанд. Аз барои дарди сина, сурфа, [дарди] гурда, аз барои душвории пешоб ва сардҷимоъӣ аз он ба қадри як нахӯд бо тилои холис ва аз барои хоммонии ғизо як мисқол бо тилои холис биошоманд.

**Амбрусиё[55]**

Ин аз барои заъфи ҷигар ва испурҷ ва сахтии ҳар ду судманд аст, суддаҳоро бикушояд, пешоб битозонад ва санги гурдаро аз ҳам бирезонад. Судмандии он андар оғози истисқо бисёр бузург аст.

**Таркиби он:** аз дуку, ки он тухми газари даштист, зираи кирмонӣ, шохаҳои баласон, салиха, кардамоно, шукуфаи гӯргиё ва тухми карафс як дирамӣ, аз дорфилфил ва қуст ним дирамӣ, аз мурчи сафед ним дирам, аз мурр се дирам, аз донаи даҳмаст даҳ дона ва аз ваҷ ва заъфарон ду дирамӣ гирифта, ин доруҳоро аз тариқи совидану бехтан якҷоя кунанд ва бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд. Як ошомиданӣ аз он ба қадри як бундуқа ва бо оби гарм бувад.

**Анақардиё**

Ин [доруи] балозурист ва аз барҷомондагӣ суд дорад.

**Таркиби он:** аз ҳалилаи сиёҳ, балила ва омула сиву шаш дирамӣ, аз сиёҳдона бисту чаҳор дирам, аз табошир шаш дирам, аз ҳил ҳафт дирам, аз мушки замин шаш дирам, аз балозур шаш дирам ва аз мурч, дорфилфил, занҷабил, филфилмӯя ва анисун дувоздаҳ дирамӣ гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва бо он шашсад дирам понизе биомезанд, ки андар миқдоре кофӣ аз оби гарм ҳал карда бошанд. Бо он доруҳоро сиришта, андар ҷогаҳе бигиранд, онро андаруни ҷав шаш моҳ бигӯронанд ва сипас ба кор баранд.

**Маъҷуни балозур**

Ин аз ҳамаи дардҳои меъда, аз сардарди кӯҳан, гижаи меъдавӣ, девонагӣ, ҳазён гуфтан, дарди сина, ҷигар, испурҷ, гурда, обгаҳ, мизоҷи сард, дардҳои заҳдон, ниқрис, ҷузом ва бемориҳои савдовӣ судбахш аст.

**Таркиби он:** аз сунбул, му, заъфарон, салиха, сода, афитимун, гӯргиё, донаи баласон, rowanд, мехак, донаи бон, занҷабил, сабр, муқл, мурр ва равғани баласон як уқиягӣ, аз мастако, ангубини балозур ва агориқун ҳашт гаромоҷӣ, аз бехи савсани осмонгунӣ ду уқия, аз пӯсти бехи бодиён се ратл ва аз сирко се қист [бигиранд]. Пӯсти бехи бодиёнро се рӯз бо сирко тар кунанд, сипас андар дег афканда, як[56] ҷӯши сабук бидиҳанд, биполанд ва беххоро бифишоранд. Баъд бар он сирко яку ним ратл ангубин афзуда, бо оташи нарми ангишт то андаке ситабр гардидан биҷӯшонанд ва дигар доруҳоро бо он биомезанд. Як ошомиданӣ аз он як дирам ва бо ягон шароби созгор бувад.

**(328) Маъҷуни дигари балозурӣ**

Ин аз фалаҷ ва [бемориҳои] бад-он монанд, аз қабили лақва ва истирхо суд дорад, мағзро бизудояд ва пок кунад.

**Таркиби он:** аз сунбул, салиха, содаи ҳиндӣ, му, заъфарон, дермани арманӣ, афитимун, шукуфаи гӯргиё, ровандн чинӣ, донаи баласон ва мехак ду дирамӣ, аз донаи муқашшари бон ва занҷабил як уқиягӣ, аз киё, ангубини балозур ва фуфил се дирамӣ, аз горикун ду дирам, ба ҳасби нусхаи Собур[57] ҳашт дирам, аз сабри сақутарӣ як уқия, аз бехи савсани осмонгунӣ ду уқия, аз пӯсти беххои бодиён се ратл ва аз сиркои тез нӯҳ ратл гирифта, пӯстҳоро андар сирко се рӯзи паёпай тар кунанд, он гоҳ андар дег афканда, бо оташи миёнаҳол се ҷӯши нарм

бидиҳанд. Сипас сиркоро полида, пӯстҳоро барандозанд ва дубора андар дег биниҳанд, бар вай даҳу ним ратл ангубин бирезанд ва бо оташи нарм то ситабр шудан бичӯшонанд. [11] Баъд, доруҳои кӯфтаро бар вай бипошанд, биомезанд ва ин маъҷунро баъди шаш моҳ ба кор баранд. Як ошомидании тамом аз он як дирам ва бо оби нимгарм аст.

### Аристуни[58] бузург

Маънояш «ба гоят хуб» аст. Ин аз барои сардии ҷисм, аз сил, дарди шикам, таби омехта, таби чаҳоррӯзӣ, қулинҷ ва дарди заҳдон судманд бувад.

**Таркиби он:** аз уфурбиюн, заъфарон, салиха, ҳамомо, афюн, ақоқиё, қуст, мурр, сунбул, самги арабӣ, тухми беданҷир, тухми девсипист, тухми таратезак, тухми газна, муқл, кундур, мавизаки асалӣ, тутум, гӯгирди зард, майъаи равон ва мурчи сафед панҷ дирамӣ, аз оқирқарҳо, тухми артанисо, ки он озариюн аст, гули хушк, тухми фиҷан (судоб), тухми карафс, донаи турунҷ, нонхоҳ ва тухми талхчакук чаҳор дирамӣ, аз тухми райҳони кӯҳӣ даҳ[59] дирам, аз тухми банг даҳ дирам ва аз хасакдона ва занҷабил ду дирамӣ бигиранд, вале бархеҳо андар ин мурч наафзоянд. Хушки ин [доруҳоро] бикӯбанд, тари онҳоро андар шароби райҳонӣ се рӯз тар кунанд, то ҳал шуда, мисли ангубин бигарданд. Он гоҳ бар вай як уқия равғани баласони аъло бирезанд ва андар деги сангӣ гирифта, бар оташ ниҳанд ва то ду сар ҷӯшидан аз зераш оташ афрӯзанд. Сипас, онро аз болои оташ фурӯд оранд ва шаш моҳ бигузоранд, то кӯҳан бигардад. Як ошомидании пурра аз он як мисқол аст. Ҳар қадар ки кӯҳантар бигардад, хубтар бувад.

### Аристуни хурд

Ин аз ҳамаи он [иллатҳое] суд дорад, ки аристуни бузург суд бахшад.

**Таркиби он:** аз дафюн чаҳор дирам, аз ақоқиё ва мурч як уқиягӣ, аз оқирқарҳо се дирам, аз ҳамомо панҷ дирам, аз салиха чаҳор дирам, аз заъфарон се дирам, аз гӯгирди зард як уқия, аз уфурбиюн се дирам ва аз сунбул як уқия гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва бо ангубин маъҷун созанд.

### Даҳмарсо[60]

Ин аз барои суддаҳои ҷигар ва испурч, аз сардии заҳдон, сурфаи тар, таби чаҳоррӯзӣ, тангии нафас, яроқони суддавӣ ва истирхо суд дорад.

**Таркиби он:** аз тухми испанд яку ним ман, аз лубон даҳ дирам, аз зарованди дароз ва рованди чинӣ бист дирам, аз зурунбод ва даруна чаҳор дирамӣ, аз мастако, донаи баласон, заъфарон, шоҳафсар ва сунбули хушбӯй даҳ дирамӣ, аз афюн, занҷабил, қуст ва салиха се исторӣ, аз мушки замин даҳ истор, аз сабри асқутарӣ чаҳордаҳ дирам, аз мехак шаш дирам, аз харбақи сафед, гули сурхи хушк ва сиёҳдона шаш исторӣ ва аз мурч даҳ дирам гирифта, (329) ин доруҳоро аз тариқи совидан ва бехтан якҷоя кунанд, бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд ва ба кор баранд.

### Бодмӯхрач[61]

Суди ин мисли судмандии даҳмарсост.

**Таркиби он:** аз зурунбод, даруна, афюн, гунди бедастар, оқирқарҳо, мурч, дорфилфил, салиха, ҳавму-л-маҷус, тухми банг, қуст, лабанӣ, говшир ва заъфарон шаш дирамӣ, аз ҳулба ҳашт дирам, аз марворид ду дирам ва аз борзад ва мурр дувоздаҳ дирамӣ гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва бо ангубин маъҷун созанд.

### Маъҷуни ал-ғиёсӣ

Ин аз дарди деринаи сар суд дорад ва онро бо шароби омехта бо ангубин ва оби нимгарм биошоманд. Агар касони гирифтори саръ аз он биошоманд, суд бахшад. Низ аз ҳазён гуфтан ва омоси сахт нофеъ аст ва фазлаҳои ба сӯи чашм фурӯдояндаро қатъ созад.

**Таркиби он:** аз мурр, салиха, дорфилфил, дорчинӣ, сисолиюс ва ҳамомо чаҳор дирамӣ, аз сунбул ва шукуфаи гӯргиё дувоздаҳ дирамӣ, аз заъфарон панҷ дирам, аз афюн понздаҳ дирам, аз тухми карафси кӯҳӣ сиву панҷ дирам, аз анисун ва тухми карафси

бӯстонӣ бист дирамӣ, аз мурч сиву ҳашт дирам ва аз лабанӣ, қуст, рӯян ва асорун як дирамӣ гирифта, доруҳои хушкро кӯфта, бибезанд, тарро андар тилои райҳонӣ тар кунанд ва сипас ҳамаро бо ангубин маъҷун созанд. Як ошомиданӣ аз он як дирам ва бо оби нимгарм бар ношито бувад.

### Маъҷуни зарди Салим[62]

Ин аз бемориҳои заҳраи савдовӣ, бодҳо, хафақон, дардҳои кӯдакон ва дардҳои заҳдон судманд аст.

**Таркиби он:** аз мурчи сафед, занҷабил ва намаки ҳиндӣ шаш дирамӣ, аз афюн, уфурбиюн, гунди бедастар, мехак, заъфарон, мастако ва оқирқарҳо панҷ дирамӣ, аз қуст шаш дирам, аз ҳазоргашон, фоширастин, мушки замин, зурунбод, даруна ва зарованди дароз ду дирамӣ ва аз равгани баласон ва оби кофур чаҳор дирамӣ гирифта, хушкаҳоро бикӯбанд, сақизҳоро андар шароб тар кунанд ва [сипас ҳамаро] бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд. Як ошомидании он барои ҳар кас ба ҳасби мизоҷи ӯст.

### Маъҷуни сиёҳи Салим

Ин аз масс (девонагӣ), фалаҷ[63], лақва, заҳраи савдовӣ ва аз ҳамаи иллатҳои сард суд дорад.

**Таркиби он:** аз тухми испанд яксаду бист дирам, аз говшир ҳаштод дирам, аз сиёҳдона, борзад ва баргаст шаст дирамӣ, аз ваҷ, сакбина, уша, зарованди дароз, зарованди гирд, хардал, муқли кабуд, харбақ, бехи коснӣ, гунди бедастар, бехи ҳанзал, гӯгирди зард, тухми таратезак, панҷангушт ва судоби кӯҳӣ чиҳил дирамӣ, аз афюн, уфурбиюн, банг, мурчи сафед, кундуша, намаки ҳиндии сурх, намаки нафтии[64] сиёҳ, бехи собизаҷ[65], ки он бехи собисак[66], яъне луффоҳ бошад, бехи банг, оқирқарҳо, мурр, сабр, лубон ва шитараҷ бист дирамӣ, аз сунбул, мастако, зурунбод ва даруна ҳашт дирамӣ ва аз заъфарон се дирам гирифта, хушкаҳоро бикӯбанд, сақизҳоро андар микдори кофие аз қатрони шомӣ тар кунанд ва баъд бикӯбанд. Ҳамаи доруҳоро ба ҳам биомезанд, ду моҳ андар хокистар бигӯронанд ва баъд аз он ба кор баранд. Як ошомиданӣ аз он аз барои каси қавӣ се мисқол, аз барои миёнаҳол ду мисқол, аз барои заифҳол як мисқол ва аз барои беморон ба андозаи як дона мурч бувад.

### Маъҷуни Абӯсалим[67], ки онро «ал-ғиёс» номанд

Ин яке аз доруҳои карахткунандаи таскиндиҳандаи дардҳо буда, аз барои ҳар гуна бод, (330) ҳар гуна бемории голибомада, васваса ва ҳар гуна дард судбахшу оромкунанда мебошад.

**Таркиби он:** аз афюн ва банги сафед даҳ мисқолӣ ва аз уфурбиюн, заъфарон, сунбул, оқирқарҳо, суринҷон, қоқула ва дорфилфил панҷ мисқолӣ гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд. Як ошомиданӣ аз он аз барои каси қавӣ ва бузургсол ним мисқол ва аз барои хурдсол як донг бувад.

### Маъҷуни сир

Ин аз барои баҳак, сардҷимоъӣ, аз [хилти] хом ва балғам суд дорад, қувватро зиёда кунад, рангро сафо бахшад, худованди онро ҳайъати барноӣ бахшад ва аз ҳар гуна дард судманд бувад. Онро ба зимистон биошоманд, ҷасадро гарм созад, шарми пасро хушк кунад ва табиатро қавом бахшад.

**Таркиби он:** аз нахӯди шомӣ як қафиз гирифта, як шаб андар оби хуш тар кунанд, сипас онро бо оташи нарм то сиёҳ шудани об ва аз ҳам рехтани нахӯд биҷӯшонанд ва баъд оби онро биполанд. Сипас, сирро гирифта, дона-дона пок кунанд ва бо он [об] то пухтан ва мисли мағзи сар гардидан, биҷӯшонанд. Баъд, бар вай аз шири навдӯ-

шидаи гов ба андозае бирезанд, ки онро панох карда, чаҳор ангушт бар шавад. Сипас, онро бо оташи нарми мисли чароғ сӯзанда то тамом ва ё қариб хушкидани шир бичӯшонанд. Баъд, бар вай як миқдор равгани тозаи гов рехта, бо оташи нарми чун чароғ сӯзанда то хушкидан бичӯшонанд. Сипас, онро андар деги мисӣ ба ҳадде биомез, ки мисли хамир бигардад. Баъд, бар вай ба қадри чаҳор ангушт бар шудан ангубини сафеди равшан бирез ва ҳамчунон чандоне бичӯшон, ки [тамом] ва ё қариб баста бигардад. Сипас, бар ҳар як ратл сир дувоздаҳ мисқол тударии сафед ва сурх, [12] се мисқол мурч, даҳ мисқол пудинаи даштӣ ва даҳ мисқол зираи кирмонӣ биафзой, вале андар ҳошияи [китоб] чунин дарёфтам: даҳ мисқол хуланҷон, ҳамин қадар дорчинӣ ва панҷ мисқол дорфилфил. Ҳамаи ин доруҳоро бикӯбанд, бар вай биафкананд, биомезанд ва андар кӯзаи сабз бигиранд. Ба ҳама гуна ҳолат аз ин ба қадри як ҷавза истеъмол кунанд.

## Асоносиёи[68] бузург, ки онро аз ҷигари гург бисозанд

Ин аз барои дардҳои ҷигар, испурҷ, меъда, бодҳо, зусанториё, сурфаи дерина ва аз барои касоне, ки хун қай кунанд, суд дорад. Ин мисли маъҷуни Филун, яъне филунияи румӣ дардҳоро таскиндиҳанда аст. Аз карахтӣ, дарунрав, хунравӣ, дарди гурдаҳо, бодҳои гурда ва обгаҳ, дамкӯтоҳӣ ва сурфа судманд аст, синаро пок созад ва чун марҳам бар бавосир [биниҳанд], суд бахшад. Як ошомидании он аз чаҳоряк мисқол то ним мисқол бувад.

**Таркиби он:** аз заъфарон, мурр, афюн, гунди бедастар, тухми банг, қуст, қардамоно, хашхош, сунбул, алафи гулӯдард, ҷигари гург ва шохи сӯхтаи тарафи рости буз бахшҳои баробар гирифта, ҳар чи аз инҳо кӯфтанист, бикӯбанд ва гудохтанист, бо шароб бигудозанд. Сипас, бо ангубини кафк баргирифта сиришта, баъд аз шаш моҳ ба кор баранд.

## Асоносиёи хурд

Суди ин низ айнан мисли [аввалист].

**Таркиби он:** аз майъа, заъфарон, қуст, сунбул, афюн ва салиха чаҳор дирамӣ, аз афшураи алафи гулӯдард ҳашт дирам, аз бехи савсан дувоздаҳ дирам ва аз ангубин ба қадри кифоят бигиранд. Як ошомиданӣ аз он ба қадри як бундуқа ва бо яке аз шаробҳои созгор бувад. Андар як нусхаи дигар ду дору афзуда шуда аст: аз ҳар кадоми мурр ва шохаҳои баласон чаҳор дирамӣ.

## Доруи куркум

Ин аз заъфи ҷигар, испурҷ, меъда ва сахтии онҳо ва аз оғози истисқо суд дорад, онро падид омадан нагузорад, рангро ниҳоят хуб кунад ва аз бисёр бемориҳои дерина суд бахшад.

**Таркиби он:** аз сунбули хушбӯй, мурр, салиха, қуст, шукуфаи гӯргиё, дорчинӣ ва заъфарон як бахшӣ гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва мурро як шабу як рӯз андар мусаллас тар кунанд. Сипас, ҳамаро биомезанд ва бо ангубини кафк баргирифта сиришта кунанд, андар ягон ҷогаҳ бардоранд ва ба кор бибаранд. Андар як нусхаи дигар ба ҷои сунбул нордин омада аст.

## (331) Сохтани доруи куркуме, ки аз сохтаи Ҷолинус аст

Ин аз дардҳои кӯҳане суд дорад, ки андар ҷигар ва испурҷ аз сабаби сардӣ ва ситабрӣ падид оянд, суддаҳои андар ҳамаи афзорҳои ғизокашӣ оризшавандаро бикушояд, бодҳои ситабрро аз сӯи онҳо биронад, пешобро битозонад, аз тамоми дардҳои гурда, обгаҳ ва заҳдон, ки аз сабаби моддаҳои ситабр бихезанд ва [инчунин] аз сахтии андар онҳо падидоянда ва аз истисқо нофеъ аст.

**Таркиби он:** аз заъфарон дувоздаҳ дирам, аз му ва фу чаҳор дирамӣ, аз сунбул шаш дирам, аз анисун, тухми газари даштӣ, асорун, ронанди чинӣ ва тухми карафси кӯҳӣ чаҳор дирамӣ, аз қуст, салиха, шукуфаи гӯргиё ва донаи баласон як дирамӣ, аз рӯян ду дирам, аз афшураи савсан, алафи гулӯдард, гесугуна ва ускулуфандариюн се дирамӣ, аз равғани баласон ним уқия ва аз

мурр чаҳор дирам бигиранд. Андар нусхаи дигар ба ҷои донаи баласон як дирам донаи бон ва се дирам кабари румӣ омада аст. Ҳамаро бикӯбанд, бибезанд ва баъд аз огуштан бо равғани баласон бо ангубин маъҷун созанд. Як ошомидании ин як дирам ва бо шароби ангубин бувад.

### Доруи бузурги лок

Ин чун доруи куркум суд бахшад ва низ сангро аз ҳам бирезонад.

**Таркиби он:** аз лок ҳашт дирам, аз бодоми талхи муқашшар, дорчинӣ, сода ва мехак панҷ дирамӣ, аз камофитус, му, фу, мурр ва зуфои хушк чаҳор дирамӣ, аз сунбул дувоздаҳ дирам, аз тухми газари даштӣ, тухми карафс, тухми карафси кӯҳӣ, зираи кирмонӣ ва занҷабил ҳашт дирамӣ, аз ҷентиёно ва зарованди гирд ҳафт дирамӣ, аз заъфарон се дирам, аз асорун ҳафт дирам, аз рӯян понздаҳ дирам, аз донаи баласон, салиха, мастако, наи бӯё ва муқл ҳафт дирамӣ, аз рубби ширинбаён дувоздаҳу ним дирам, аз ровандпонздаҳ дирам, аз гесугуна ва гӯргиё се дирамӣ, аз мурч ва қуст даҳ дирамӣ ва аз сисолиюс ва равғани баласон севу ним дирамӣ гирифта, хушкаҳоро бикӯбанд ва бибезанд, гудохтаниҳоро бо шароби райҳонӣ бигудозанд ва ҳамаро бо микдори кофӣ аз ангубин маъҷун созанд. Як ошомиданӣ аз он мисли як бундуқа ва бо яке аз шаробҳои созгор бувад.

### Доруи хурди лок

Ин аз заъфи ҷигар ва меъда, аз сардию сахтии онҳо ва аз сахтии испурч суд дорад ва суддаҳо бикушояд.

**Таркиби он:** аз лок, қуст, донаи даҳмаст, боқилии мисрӣ, ҳулба ва мурч ду дирамӣ, аз ровандсе дирам ва аз ангубин ба қадри кифоят бигиранд. Як ошомиданӣ аз он як дирам ва бо оби ҷӯшонидаи афсинтин бувад. Андар як нусхаи дигар ба ҷои донаи даҳмаст шукуфаи гӯргиё омада аст.

### Чӣ гуна сохтани қуфӣ

Ин аз сурфа, сахтии ҷигар ва аз шавса (сӯхта) суд дорад.

**Таркиби он:** аз мурр ва беност чаҳор дирамӣ, аз сунбул, заъфарон, дорчинӣ ва салиха як дирамӣ, аз шукуфаи гӯргиё, наи бӯё ва муқл ду ним дирамӣ, - вале андар бархе нусхаҳои дигар ба ҷои муқл асфолосус[69] омада аст, - аз мавизи бузурги дона баргирифтаи пӯстканда бисту панҷ дирам ва аз ангубин ба қадри кифоят бигиранд. Як ошомиданӣ аз ин як дирам ва бо ҷӯшонидаи зуфо бувад. Аз ин доруҳо ҳар чӣ таршуданист, бо мавиз андар шароби райҳонӣ тар кунанд, ҳар чӣ хушк аст, кӯфта бибезанд, беностро бо ангубин ҳал кунанд ва ҳамаро омехта, ба ҳам бишкананд.

### Филуниёи румии тарсусӣ

Ин аз бемориҳои бисёре ва хусусан аз дардҳои қулинҷ судманд аст ва дардҳоро таскин бидиҳад. [Ин сухани Саробиюн буд][70]. Ҷолинус андар «Маёмир»[71] аз забони доруи Филун ҳикоятеро оварда аст, ки гӯё (332) ин [дору] гуфта бошад: «Ман аз дастоварди Филун–пизишки тарсусиям ва суди ман аз барои касе сахт бузург аст, ки мурдан варо қисмат шуда бошад. Ман дардҳоеро созгорам, ки ба ҳангоми бисёре аз иллатҳо падид оянд. Яъне, агар дард андар рӯдаи «қулун» номидашаванда падид ояд, ки ин дарди қулинҷ аст ва агар худованди ин дард як бор аз ман биошомад, дардаш таскин ёбад. Агар маро ба касе бидиҳанд, ки ба душворӣ пешоб кунад ва ё санг дошта ва он азоб медода бошад, ӯро суд хоҳам бахшид. Инчунин [бемории] испурч, рост нафаскашии ранҷовар, сил, ташаннуҷ ва дарди хатарноки ду барро низ беҳ кунам. Агар маро ба касе бидиҳанд, ки хун партояд ва ё хун қай кунад, миёни ӯву марг андароям ва аз марг ҷудояш кунам. Ман ҳар гуна дардеро, ки андар андомҳои [берунӣ] ва андомҳои дарунӣ падид оянд ва [низ] сурфа, хунок, ҳукак ва назлаҳои аз сар фурӯдояндаро таскин бидиҳам».

**Таркиби он:** аз мурчи сафед ва тухми банг бист мисқолӣ, аз афюн даҳ мисқол, аз заъфарон панҷ мисқол, аз уфурбиюн, сунбул

мурр чаҳор дирам бигиранд. Андар нусхаи дигар ба ҷои донаи баласон як дирам донаи бон ва се дирам кабари румӣ омада аст. Ҳамаро бикӯбанд, бибезанд ва баъд аз оғуштан бо равғани баласон бо ангубин маъҷун созанд. Як ошомидании ин як дирам ва бо шароби ангубин бувад.

## Доруи бузурги лок

Ин чун доруи куркум суд бахшад ва низ сангро аз ҳам бирезонад.

**Таркиби он:** аз лок ҳашт дирам, аз бодоми талхи муқашшар, дорчинӣ, сода ва мехак панҷ дирамӣ, аз камофитус, му, фу, мурр ва зуфои хушк чаҳор дирамӣ, аз сунбул дувоздаҳ дирам, аз тухми газари даштӣ, тухми карафс, тухми карафси кӯҳӣ, зираи кирмонӣ ва занҷабил ҳашт дирамӣ, аз ҷентиёно ва зарованди гирд ҳафт дирамӣ, аз заъфарон се дирам, аз асорун ҳафт дирам, аз рӯян понздаҳ дирам, аз донаи баласон, салиха, мастако, наи бӯё ва мукл ҳафт дирамӣ, аз рубби ширинбаён дувоздаҳу ним дирам, аз livанд понздаҳ дирам, аз гесугуна ва гӯргиё се дирамӣ, аз мурч ва қуст даҳ дирамӣ ва аз сисолиюс ва равғани баласон севу ним дирамӣ гирифта, хушкаҳоро бикӯбанд ва бибезанд, гудохтаниҳоро бо шароби райҳонӣ бигудозанд ва ҳамаро бо миқдори кофӣ аз ангубин маъҷун созанд. Як ошомиданӣ аз он мисли як бундуқа ва бо яке аз шаробҳои созгор бувад.

## Доруи хурди лок

Ин аз заъфи ҷигар ва меъда, аз сардию сахтии онҳо ва аз сахтии испурч суд дорад ва суддаҳо бикушояд.

**Таркиби он:** аз лок, қуст, донаи даҳмаст, боқилии мисрӣ, ҳулба ва мурч ду дирамӣ, аз livанд се дирам ва аз ангубин ба қадри кифоят бигиранд. Як ошомиданӣ аз он як дирам ва бо оби ҷӯшонидаи афсинтин бувад. Андар як нусхаи дигар ба ҷои донаи даҳмаст шукуфаи гӯргиё омада аст.

## Чӣ гуна сохтани қуфӣ

Ин аз сурфа, сахтии ҷигар ва аз шавса (сӯхта) суд дорад.

**Таркиби он:** аз мурр ва беност чаҳор дирамӣ, аз сунбул, заъфарон, дорчинӣ ва салиха як дирамӣ, аз шукуфаи гӯргиё, наи бӯё ва мукл ду ним дирамӣ, - вале андар бархе нусхаҳои дигар ба ҷои мукл асфолосус[69] омада аст, - аз мавизи бузурги дона баргирифтаи пӯстканда бисту панҷ дирам ва аз ангубин ба қадри кифоят бигиранд. Як ошомиданӣ аз ин як дирам ва бо ҷӯшонидаи зуфо бувад. Аз ин доруҳо ҳар чӣ таршуданист, бо мавиз андар шароби райҳонӣ тар кунанд, ҳар чӣ хушк аст, кӯфта бибезанд, беностро бо ангубин ҳал кунанд ва ҳамаро омехта, ба ҳам бишкананд.

## Филуниёи румии тарсусӣ

Ин аз бемориҳои бисёре ва хусусан аз дардҳои қулинҷ судманд аст ва дардҳоро таскин бидиҳад. [Ин сухани Саробиюн буд][70]. Ҷолинус андар «Маёмир»[71] аз забони доруи Филун ҳикоятеро оварда аст, ки гӯё (332) ин [дору] гуфта бошад: «Ман аз дастоварди Филун–пизишки тарсусиям ва суди ман аз барои касе сахт бузург аст, ки мурдан варо қисмат шуда бошад. Ман дардҳоеро созгорам, ки ба ҳангоми бисёре аз иллатҳо падид оянд. Яъне, агар дард андар рӯдаи «қулун» номидашаванда падид ояд, ки ин дарди қулинҷ аст ва агар худованди ин дард як бор аз ман биошомад, дардаш таскин ёбад. Агар маро ба касе бидиҳанд, ки ба душворӣ пешоб кунад ва ё санг дошта ва он азоб медода бошад, ӯро суд хоҳам бахшид. Инчунин [бемории] испурч, рост нафаскашии ранҷовар, сил, ташаннуҷ ва дарди хатарноки ду барро низ беҳ кунам. Агар маро ба касе бидиҳанд, ки хун партояд ва ё хун қай кунад, миёни ӯву марг андароям ва аз марг ҷудояш кунам. Ман ҳар гуна дардеро, ки андар андомҳои [берунӣ] ва андомҳои дарунӣ падид оянд ва [низ] сурфа, хуноқ, ҳукак ва назлаҳои аз сар фурӯдояндаро таскин бидиҳам».

**Таркиби он:** аз мурчи сафед ва тухми банг бист мисқолӣ, аз афюн даҳ мисқол, аз заъфарон панҷ мисқол, аз уфурбиюн, сунбул

ва оқарқирҳо як мисқолӣ ва аз ангубини кафк баргирифта ба қадри кифоят бигиранд. Як ошомиданӣ аз он ба қадри як нахӯд ва бо оби нимгарм бувад.

**Филуниёи форсӣ**

Ин аз хунравии ҳайз, бавосир, кушодагии табиат ва рафтани хун, [аз барои] занони обистан, ки хуни ҳайз бинанд ва аз бодҳои андар заҳдон падидомада суд дорад, ҷанинҳоро нигоҳ дорад ва даҳони заҳдонро бибандад.

**Таркиби он:** аз мурчи сафед ва тухми банг бист дирамӣ, аз афюн ва гили набишта даҳ дирамӣ, аз заъфарон панҷ дирам, аз уфурбиюн, сунбул ва оқирқарҳо ду дирамӣ, аз гунди бедастар як дирам, аз зурунбод, даруна, марвориди ношикофта ва мушк ним дирамӣ, аз кофур яку ним донг ва аз ангубини кафк баргирифтаи полида ба қадри кифоят бигиранд. Як ошомиданӣ як дирам ва бо яке аз шаробҳои созгор бувад.

**Маъҷуни кокана**

Аз барои решҳои обгаҳ ва гурда судманд аст ва аз барои касоне озмудашуда аст, ки хун пешоб кунанд.

**Таркиби он:** аз тухми банг, тухми карафс ва тухми бодиён ҳафт дирамӣ, аз донаи хиёрза панҷ дирам, вале ба ҳасби як нусхаи дигар аз донаи хиёрза ду дирам, аз шавкарон, тухми турунҷ, афюн, чилғӯза, ]13] муқл, заъфарон, фундуқи бирён ва бодоми талхи бирён се дирамӣ, аз донаҳои бузурги коканаи кӯҳӣ бисту панҷ адад ва аз касиро чаҳор дирам гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва бо майпухта маъҷун созанд. Як ошомиданӣ аз он як дирам буда, бо хандиқун[72] ва ё бо оби ангубин баъди шаш моҳ биошоманд.

**Доруи парастуҳо**

Ин аз дардҳои гулӯ, хуноқ ва аз дардҳои маҳалли барсӯви сари устухонҳои паҳлу судбахш аст.

**Таркиби он:** аз анисун, тухми карафс, нонхоҳ, шукуфаи гӯргиё, бехи савсани осмонгунӣ, дорчинӣ, ҳамомо, зарованди дароз, замчи яманӣ, тухми испанд, мурр, бехи ширинбаён, салиха ва заъфарон як уқиягӣ, аз маъҷуни карукумагмо[73], тухми гул ва гули хушк ду уқиягӣ, аз қуст ва хокистари тозаи парастуҳо се уқиягӣ, аз сунбул ва нашостаи гандум ним уқиягӣ ва аз мозуи хоми миёнаҳаҷм даҳ дона гирифта, бикӯбанд, бибезанд, бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд ва ба кор баранд. Аз ин ба қадри як мозу гирифта, андар оби ангубин, ё оби ҷав ва ё ҷӯшонидаи гул, наск ва бехи ширинбаён бигудозанд ва бо он ғарғара кунанд. Инчунин, онро бо тило андар рӯзе се , ё чаҳор бор ба кор баранд.

**Чӣ гуна сохтани карукумағмое, ки андар доруи парастуҳо онро ба кор баранд:** аз заъфарон ва дорчинӣ ду дирамӣ, аз гули хушк, ҳамомо ва қуст як дирамӣ, аз мурр чаҳор дирам ва аз бехи савсан (333) ва содаи ҳиндӣ ду ним дирамӣ гирифта, бикӯбанд ва бо шароб сиришта, қурсҳо созанд ва андар соя хушк кунанд.

**Доруи гӯгирд**

Аҷаб нест, ки ин дору муодили тарёк бошад ва бинобар он аз табҳои даврии сард, аз таби чаҳоррӯзӣ, таби балғамӣ, сурфаи хусусан кӯҳан, аз хуноба партофтан ва тангии нафас суд дорад. Вай аз кузоз, инчунин аз истисқо ва [бемории] испурч судманд аст, пешобро битозонад ва сангро берун орад. Аз газидагии мору каждум ба таври намоён суд бахшад ва аз офати доруҳои қаттол бираҳонад.

**Таркиби он:** аз гӯгирди зард, тухми банги сафед, қардамоно, майъа ва мурр ҳашт дирамӣ, аз судоб ва қуст даҳ дирамӣ, аз афюн ва заъфарон ду дирамӣ, аз салиха дувоздаҳ дирам ва аз мурчи сафед бисту ду дирам гирифта, ин доруҳоро бикӯбанд, бо ангубин маъҷун созанд ва баъд аз шаш моҳ[74] ба кор баранд. Аз он ба бемор пеш аз огози давраи таб ба ҳасби синну соли ӯ ва аз рӯи Кунноши Юҳанно аз ним дирам то як мисқол бидиҳанд. Як ошомидании миёнаҳол як дирам бувад.

## Маъҷуни ангужад

Аз табларзаи давраҳои табҳо суд дорад, таби чаҳоррӯзиро ба наздики пухтани [модда] зоил кунад ва зиёни газидагиҳо ва хусусан газидагии каждум, ғунда ва монанди инҳоро бибарад.

**Таркиби он:** аз ангужад, мурч, мурр ва барги судоб бахшҳои баробар гирифта, бо ангубин маъҷун созанд. Як ошомидании он як дирам буда, ба ҳангоми газидагии каждум бо шароб ва ба ҳангоми таб як соат пеш аз давраи навбатии он бо сикангубин [биошоманд].

## Маъҷуни намаки ҳиндӣ

Ин меъдаро пок кунад, қаи балғамӣ ва савдовиро бибандад ва гижаи аз балгам ва савдо ба амал ояндаро шифо бахшад.

**Таркиби он:** аз халилаи сиёҳ, балила, омула, ҳалилаи кобулӣ ва устухудус се дирамӣ, аз афитимун чаҳор дирам, аз намаки ҳиндӣ ду дирам, аз ёраи фиқро даҳ дирам ва аз ағориқун чаҳор дирам гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва бо сикангубин маъҷун созанд. Як ошомидании он ба қадри се дирам буда, пагоҳӣ бар ношито бо оби нимгарм [биошоманд].

## Маъҷуни қуст

Ин аз дардҳои ҷигар ва меъда судманд аст.

**Таркиби он:** аз дорчинӣ, салиха ва қуст сиҳ дирамӣ, аз анисун ва тухми карафс даҳ дирам, аз асорун бисту нӯҳ дирам, аз заъфарон ҳашт дирам, аз робанди чинӣ ва мурр даҳ дирамӣ ва аз шукуфаи гӯргиё бисту чаҳор дирам гирифта, мурро андар тило тар кунанд, биполанд ва бар дигар доруҳо биафкананд. Сипас онҳоро ба нисбати якосе бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд ва ба кор баранд.

## Маъҷуни Кайқубод[75]

Ин аз дарди пайвандгоҳҳо ва никрис судманд буда, дардҳои онҳро таскин диҳад ва худи онҳоро падид омадан нагузорад. Агар онро ду рӯз биошоманд, аз таби кӯҳан, дарди испурч, бодҳои ситабр, душвории нафас, сурфа, решҳои рӯдагон, беҳуш шудан ва дардҳои чашму гулӯ [суд бахшад]. танро аз осебҳо ва бемориҳо нигоҳ дорад.

**Таркиби он:** аз тухми судоби даштӣ, фаросиюн, ускурдиюн, камофитус, говшир, ҷентиёнои румӣ, устухудус, қардамоно ва майъаи равон панҷ мисқолӣ, аз мурр, заъфарон, қуст, мурчи сафед, изхир, сунбули хушбӯй, уфурбиюн, пӯсти бехи луффоҳ, уша, пудина, тухми бодиён, тухми газари даштии иқлитӣ, гули сурхи хушки кулоҳаккҳояш чидашуда ва донаи баласон се мисқолӣ, аз дорчинӣ ҳашт мисқол, (334) аз салиха як уқия, аз афшураи алафи гулӯдард, кошим, тухми девсипист ва самги бодом чаҳор мисқолӣ ва аз афюн ва тухми банг як мисқолӣ гирифта, [хушкаҳоро] совида, бибезанд, таркарданиҳоро ё бо шароби хуби соф, ки асл ҳамин аст ва ё бо ҷумҳурӣ тар кунанд ва баъд аз он ҳамаро ҷамъ сохта, бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд, андар ҷогаҳе бардоранд ва ба кор баранд.

## Кафторгони[76] бузург

Ин аз бачапартоӣ, дардҳои занон ва аз ҳамаи бемориҳо суд дорад ва доруи ҳиндист.

**Таркиби он:** аз афюн чаҳор истору чаҳор донг, аз уфурбиюн шаш[77] дирам, аз ақоқиё панҷ истор, ду дирам ва ду сеяки як дирам, аз ҳамомо се истору чаҳор донг, аз қусти талх ду истор, аз мурч ду истору чаҳор донг, аз оқирқарҳо шаш дирам, аз фошро, ки ҳазоргашон аст ва аз фоширастин, ки он шашбандон бувад, чаҳор дирамӣ, аз абрешими хом ду истор, аз сими сӯхта шаш дирам, аз гули сурхи хушки кулоҳаккҳо барчида шаш дирам, аз тухми судоб чаҳор дирам, аз тухми карафс ду истор, аз мушк шаш дирам, аз нонхоҳ чаҳор дирам, аз тухми банги сафед нӯҳ истору ду дирам, аз шукуфаи ток чаҳор дирам, аз пӯсти бехи карафс се истору ду дирам, аз тухми хурфа даҳ истор, аз донаи муқашшари беданҷир ҳашт истор, аз гӯгирди зард панҷ истор, аз самги [арабӣ] се истору ду дирам, аз майъаи равон се истор, ду дирам ва чаҳор донг, аз муқли кабуд ду

истор, аз кундури нар панҷ истору ду дирам, аз борзад нӯҳ истору ду дираму чаҳор донг, аз мавизаки асалии поккарда панҷ истору чаҳор донг, аз мурд ду истор, аз мастако се истору чаҳор донг, аз зарованди гирд се истору чаҳор донг, аз бехи савсани осмонгунӣ се истору ду дирам, аз қардамоно шаш истор, аз бехи кокана шаш дирам, аз содаи ҳиндӣ се истору чаҳор донг, аз донаи баласон, наи бӯё, салиха, зурунбод ва даруна ду исторӣ, аз луффоҳ чаҳор дирам, аз дорчинӣ шаш дирам, аз асорун чаҳор дирам, аз қоқула панҷсад донаи дуруст, аз мехаки нар панҷ истор, аз мехаки мода се истор, аз афрудиҷон[78] ду истору ду дирам, аз қирфа ду истор, аз хуланҷон чаҳор дирам, аз марвориди ношикофта панҷ дирам, аз бехи марҷон ду истору як дирам, аз зарованди дароз нӯҳ истор, аз динорӯя ду дирам, аз ваҷи сафед ду истору ду дирам, [14] аз шитараҷи ҳиндӣ ду истор, аз занҷабил ва мурчи сафед панҷ исторӣ, аз атмат (фундуқи ҳиндӣ) ва юрборид[79] дувоздаҳ дирамӣ, аз сурборид (нормушк) ду истор, ду дирам ва чаҳор донг, аз баҳмани сафед ва сурх ду исторӣ ва чаҳор донгӣ, аз талхаи гов ду дирам ва аз талхаи гург, талхаи хирс ва талхаи зог як дирамӣ бигиранд.

Ин доруҳоро баъд аз [хушкаҳоро] совидану бехтан ва [таркарданиҳоро] тар кардан, ба ҳам ҷамъ созанд. Ҳар чӣ аз онҳо таркарданист, ҳафт рӯз андар шароб тар кунанд, баъд бар вай доруҳои совидаро бирезанд ва бо ангубини кафк баргирифта ва бо се истор равгани баласон маъҷун созанд. Шароберо, ки андар он доруҳоро тар кунанд, ба андозае бигиранд, ки доруҳо андар вай гудохта шуда, мисли доруи леси-данӣ бигарданд. Сипас, ҳамаро андар деги сангӣ ва ё сафолини покиза афканда, панҷшаш сар биҷӯшонанд, баъд аз оташ фурӯд оваранд, сард кунанд ва андар ҷогаҳи обгинагӣ бигиранд. Баъд аз он як пиркафтори модаи лангро бигиранд, дасту пойҳояшро ба як дигар бибанданд, андар деги мисин афкананд, бар вай як кафӣ аз боқилии мисрии сафед ва шибит афкананд, аз болояш (335) ба қадри ҳоҷат оби хуш бирезанд, сари дегро бибанданд ва бо оташи нарм то сахт нарм шудан биҷӯшонанд. Сипас, аз оташ фурӯд оваранд, оби гӯштро биполанд, аз пӯст, устухон ва мӯй пок кунанд, бори дигар андар деги покизае кунанд, аз болояш як сукарраҷагӣ равгани баласон ва равгани нордин бирезанд ва бо оташи нарм то сеяк аз он боқӣ мондан биҷӯшонанд. Сипас, бар вай ба андозаи оби гӯшт ангубин биафзоянд ва то ситабр шудану андар қавом мисли ангубин гардидан биҷӯшонанд. Баъд, бар вай доруҳои маъҷункардаеро биафкананд, ки андар аввали тавсиф ёд карда шуданд. Баъд, онро сард кунанд, андар ҷогаҳи обгинагӣ бардоранд, шаш моҳ нигоҳ доранд ва баъд аз он ба кор баранд. Пеш аз ин муддат онро ба кор набаранд, зеро қаттол аст.

### Кафторгони хурд

**Таркиби он:** аз донаи баласон ду дирам, аз заъфарон даҳ дирам, аз мушк ду донг, аз мавизаки асалии сафед чаҳор дирам, аз афюн понздаҳ дирам, аз кундуша ду дирам, аз мурч даҳ дирам, аз абрешими хом як дирам, аз тухми банг даҳ дирам, аз уфурбиюн ҳафт дирам, аз ҳамомо ва пӯсти бехи луффоҳ ду дирамӣ, аз ушна, салиха, уша, лубон, бехи ширинбаён, шохаҳои баласон, дилаи ҳанзал, занҷабил, сакбина, говшир, дорчинӣ, гунди бедастар, ҳазоргашон, шашбандон ва шитараҷи ҳиндӣ ду дирамӣ, аз тухми испанд, мехак, содаи ҳиндӣ, пиҳи каркадан ва талхаи фил чаҳор дирамӣ, аз зар ва сим ба шакли совидаву бехта як донгӣ, аз зурунбод, даруна ва кофур се дирамӣ, аз сунбули хушбӯй ҳашт дирам, аз қусти талх чаҳор дирам, аз каравиё ду дирам, аз зарованди гирд як дирам, аз нонхоҳ, саътари форсӣ, бехи динорӯя ва донаи кабар як дирамӣ, аз «падаркуш»[80], шакар, донаи даҳмаст ва хуни сиёвушон ду дирамӣ, аз намаки ҳиндӣ ва ушнони нар ду дирамӣ, аз гӯгирди дарёӣ як дирам, аз баранги [кобулӣ][81] ва мурч ду дирамӣ ва аз хиёршанбари аз наю дона пок карда, қир, мавз[82], толисфар, бехи шаҳдона ва гуринҷ як дирамӣ бигиранд, баъд аз совидану бехтан ва таркарданиҳоро андар шароб тар кардан ҳамаи ин доруҳоро ҷамъ кунанд, бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд ва баъд аз шаш моҳ ба кор баранд.

### Калкалонаҷи[83] бузург

Ин аз истирхои меъда ва сардии он, аз табҳои дерина, аз бехушӣ, душвории пешоб, барас, баҳак, бехобӣ, шикастагии устухонҳо, сурфаи тар, аз барои касони

гирифтори сил, ба шарте таб надошта бошанд, аз барои касони танашон сард гардида, аз барои бавосир, аз барои касони бемори испурч, ба шарте таб надошта бошанд, инчунин аз барои реши гарбелак, қулинҷ, аз барои касони гирифтори истисқо, аз барои зане, ки ба ҳангоми ҳомилагӣ бемор шавад, аз барои ихтиноқи заҳдон, аз барои бодҳои пайвандгоҳҳо, аз барои дамиш ва аз барои дардҳои зону, пушт ва мушакҳо судманд аст.

**Таркиби он:** аз ҳалилаи сиёҳ, балила, шиpомула, мурч, дорфилфил, занҷабили чинӣ, шитараҷ, филфилмун[84], намаки ҳиндӣ, намаки сурхи нафтӣ[85], намаки хамирӣ, намаки андаронӣ, «забони гунҷишк», мушки замин, ҳил, қирфа, баранги [кобулӣ], саътари форсӣ, сиёҳдона, донаи нил, зира, содаи ҳиндӣ, тухми карафс, кашнизи хушк, – андар бархе аз нусхаҳо доруҳои зеринро низ ёфтаем: ҳашфифал[86], ки он ҳишқикул (газари даштӣ) бошад, атмут (фундуқи ҳиндӣ) ва гаштбаргашт, – чаҳор дирамӣ, аз говшир ҳашт дирам, аз турбид як ратлу чаҳор истор, аз мавизи донааш ҷудо карда сад мисқол, аз омула дусад мисқол, аз пониз шашу ним ратл ва аз равғани кунҷид се ратл ва ба ҳасби як нусхаи дигар як ратл бигиранд.

Ин доруҳоро кӯфта, бибезанд ва як сӯ бигузоранд, вале мавизро ҷудогона бо об ҷӯшонанд, биполанд ва андар он хиёршанбарро тар кунанд. (336) Омуларо дурушт бикӯбанд, андар бисту чаҳор ратл об як шабу як рӯз тар кунанд ва сипас то ҳашт ратл боқӣ мондани [об] биҷӯшонанд, биполанд ва омуларо барандохта, оби онро дубора ба дег бирезанд. Сипас хиёршанбари андар оби мавиз тар кардаро нек ҳал карда, бар оби омулаи андар дег буда биафзоянд ва аз болои он пониз рехта, бо оташи нарм то ҳал шудани пониз ва қавоми ангубин гирифтани об биҷӯшонанд. Баъд аз он бар вай равғани кунҷидро бирезанд ва биҷунбонанд, то бо об омехта гардад ва ба даст ва ё ҷома начаспад. Сипас, онро аз болои оташ фурӯд оранд, бар вай доруҳои кӯфтаро бипошанд ва ба кор бибаранд, Як ошомидании он се-чаҳор мисқол ва ҳар касро ба андозаи қувват ва синну сол бувад.

### Калкалоначи хурд

Ин аз барои касони гирифтори истисқо, аз барои дардҳои ҷигару испурч, ярақон, суддаҳо ва кафгиракҳо судманд буда, санҷидашудаи созгор аст.

**Таркиби он:** аз ҳалилаи зард бист дирам, аз ҳалилаи сиёҳ ва балила понздаҳ дирамӣ, аз омула се ратл, аз хурмои ҳиндӣ панҷоҳ дирам ва аз мавизи донааш ҷудо карда як ратл гирифта, ҳамаи ин доруҳоро ба ҳам ҷамъ созанд, бар онҳо сиҳ ратл об бирезанд ва то ҳашт ратл боқӣ мондан биҷӯшонанд ва биполанд. Сипас, як ратл хиёршанбари аз наю дона пок кардаро гирифта, бар он оби полидаро биафкананд, як сар биҷӯшонанд, нек биомезанд ва бо парвезан биполанд. Баъд, чаҳор ратл понизро гирифта, бар он об биафкананд ва то ҳал шудани пониз ва ба қавоми ангубин расидан биҷӯшонанд. Сипас, бар вай яку ним ратл равғани кунҷиди тозаро рехта, нек биомезанд, ду сар биҷӯшонанд ва бар оташ бигузоранд биистад[87]. Баъд, аз локи шуста, сунбул, гул, тухми газари даштӣ, карафси кӯҳӣ, фу, ровандн чинӣ, намаки ҳиндӣ, бехи савсани осмонгунӣ ва ағорикун шаш дирамӣ, аз камозариюс, сисолиюс, аз зарованди дароз, асорун, мастако, шохаҳои баласон, ҷентиёно, баранги муақшшар ва салиха чаҳор дирамӣ, аз афшураи алафи гулӯдард, афшураи афсинтин, мушки замин ва шукуфаи изхир панҷ дирамӣ, аз тухми зарпечак, тухми сармаҷ, бехи ширинбаён, рубби ширинбаён ва маҳмуда даҳ дирамӣ, аз тухми карафс, қуст, ваҷ, тухми бодиён ва анисун се дирамӣ, аз турбиди сафед як саду панҷоҳ дирам ва аз зираи кирмонии сиёҳ чаҳор дирам гирифта, ҳамаи ин доруҳоро кӯфта, бибезанд. Инчунин, аз мозариюн бист дирам гирифта, бар вай [15] як ратл об ва се уқия равғани кунҷид бирезанд ва то рафтани об ва боқӣ мондани равған биҷӯшонанд. Сипас доруҳоро бо вай биолоянд, бар понизи пухта бирезанд, [ҳамаро] нек омезиш диҳанд ва андар ҷоғаҳи чинӣ[88] бардоранд. Як ошомиданӣ аз он чаҳор дирам буда, онро бо шири шутур[89], ё бо оби панир ва ё бо оби ангури сагак ва кокана [биошоманд]. Мо нусхаи дигари инро андар Ҷумлаи дуввум ёд хоҳем кард.

## Фирӯзнӯш

Ин аз бодҳои ситабр, печиши ноф, қулинҷ ва фаромӯшхотирӣ судманд аст. Ҳар гоҳ занони обистанро бемориҳои сард ориз бигардад, аз ин [дору] бидиҳанд.

**Таркиби он:** аз тухми банг ва афюн бист дирамӣ ва аз уфурбиюн, оқирқарҳо, сунбул ва заъфарон ҳафт дирамӣ гирифта, бикӯбанд, бибезанд, бо ангубин маъҷун созанд ва баъд аз шаш моҳ ба кор бибаранд.

## Маъҷуни маъруф ба «Ал-Киндӣ»[90]

Ин [маъҷун] бисёр гаронмоя аст.

**Таркиби он:** аз заъфарон ду мисқол, аз мурр, асорун, фу, рованди чинӣ, тухми газари даштӣ, тухми карафси кӯҳӣ ва му чаҳор мисқолӣ, аз сунбули ҳиндӣ ва сунбули румӣ шаш мисқолӣ, аз қуст, салиха ва шукуфаи изхир як мисқолӣ, аз донаи баласон севу ним мисқол, аз рӯян ҳашт мисқол, аз рубби ширинбаён, (337) ускулуфандариюн[91], гесугуна ва афшураи алафи гулӯдард се мисқолӣ, аз равғани баласон се мисқол, аз маводди [қурси] андрухурун панҷ мисқол ва аз ангубин ба қадри кифоят бигиранд. Як ошомидании он ба қадри як фундуқ ва бо як уқия гулангубини асалист.

## Маъҷуни пудина

Ин аз дардҳои сарди меъдаву ҷигар, фарошои шадид ва табҳои давранок судманд аст.

**Таркиби он:** аз пудинаи ҷӯӣ, пудинаи кӯҳӣ, карафси кӯҳӣ ва сисолиюс бист дирамӣ, аз тухми карафс, бобуна ва ҳошо чаҳор дирамӣ, аз кошим понздаҳ дирам, аз мурч чиҳилу чаҳор дирам ва ба ҳасби як нусхаи дигар бисту чаҳор дирам гирифта, бо ангубин маъҷун созанд ва ба кор баранд.

## Маъҷуни тухмиҳо

Ин аз дардҳои ҷигар, испурч, меъда ва бодҳои андар шикам падидоянда судманд аст.

**Таркиби он:** аз салиха, ҳамомо, сунбул, нонхоҳ, тухми бодиён, тухми карафс, анисун, сисолиюс, гунди бедастар, тухми шибит, зарованди дароз, киё, асорун ва каравиё бахшҳои баробар ва аз ангубини кафк баргирифта ба қадри кифоят гирифта, ба ҳам биомезанд ва ба кор баранд.

## Маъҷуни ёқут, ки аз мост

Ин маъҷун аз мост ва чун онро бар шоҳон ва амсоли эшон озмудем, дарёфтем, ки хусусан аз барои васваса, одамгурезӣ, хафақон ва нотавонии дил суди бузург дорад. Ба сабаби он бисёр иллатҳои деринае решакан шуданд, ки дигар муолаҷаҳо аз барои онҳо бефоида буданд. Мо онро аз барои иллатҳои мағз, меъда ва ҷигар ва аз барои иллатҳои испурч ва хусусан қулинҷ сахт судманд дарёфтаем. Гоҳе аз барои дардҳои пайвандгоҳҳо ва табҳои дерина низ суд бахшид.

**Нусхаи он:** аз резаҳои ёқут, хусусан ёқути сурхи норгун ва монанди он як мисқол гирифта, андар афзори кӯбидан афкананд ва ба нарм кӯфтани он бипардозанд, то аз ҳам бирезад. Сипас онро бар зерсанг ниҳода бисованд. Баъд, як дирам санги яшм, як дирам ақиқ, ду донг аз заре, ки онро андар бутаи бо мурдосанг тило карда гудохта бошанд, то зар хусусияти обгина гирифта, суда бигардад ва як донг симеро бигиранд, ки бо бӯи арзиз хусусияти обгина гирифта бошад. Барои ҳар яке аз инҳо он кӯфтану совиданеро ба кор баранд, ки барои ёқут ба кор бурданд. Сипас, ҳамаи онҳоро гирифта, андар зерсанг кунанд ва бо шароби райҳонӣ олоида то хушкидан бисованд ва чанд бор чунин кунанд, то мисли гард суда шаванд. Баъд, онро гирифта, [ба ягон чиз] бибардоранд ва маҷмӯи инҳо як бахш бувад.

Сипас аз ғорикун, афитимун, мурч, занҷабил, мехак ва марзангӯш ним бахшӣ, аз санги арманӣ, санги лоҷуворд, намаки нафтӣ, зурунбод, даруна, бахман ва «забони гов» сеяки як бахшӣ, сипас аз сунбули

иқлитӣ, яъне нордин, аз ҳамомо, ваҷ, сода, дорчинии чинӣ, саътар, ҳошо, зуфо ва зира чаҳоряк бахшӣ, аз мушктаромашир, карафси кӯҳӣ, санги яҳудӣ, тухми карафс, мурр, кундур, заъфарон ва мурчи сафед шашяк бахшӣ ва аз устухони оҷ сеяк бахш гирифта, ҳамаи инҳоро бисованд, бар онҳо хокаи сангҳои ёдшударо, биафкананд, якҷоя бисованд ва бо дучанди онҳо аз ангубини балила сиришта, қурсҳои якмисқолӣ бисозанд ва биошоманд.

### Як маъҷун аз доруҳои Ғолинус[92]

Ин аз барои иллатҳои нои шуш, решҳои шуш, риму хун партофтан, аз барои моддаҳои ба сӯи сина кашидашуда ва аз барои душвории нафас[93] судманд аст.

**Таркиби он:** аз сақизи хинҷак чаҳор мисқол, аз заъфарон чаҳор мисқол, аз кундур чахор мисқол, аз мурр чаҳор мисқол, аз дорчинӣ чаҳор мисқол, аз бехи пӯсткардаи ширинбаён чаҳор мисқол, аз чилғӯза чаҳор мисқол, (338) аз ҳамомо се мисқол, аз сунбули шомӣ ду ним мисқол, аз салихаи сиёҳ ду мисқол, аз касиро се мисқол, аз дилаи хурмои шомӣ се мисқол, аз гили шомусие, ки онро «ситора» гӯянд, чаҳор мисқол, аз борзади холиси пок сиҳ мисқол, аз қуст чаҳор мисқол, – вале дар нусхаи дигар мо як мисқол дарёфтем, – ва аз ангубини беҳтарин чаҳор кутулӣ бигиранд. Сипас, ангубинро бо сақизи хинчак андар ҷогаҳи дучандӣ биҷӯшонанд ва ҳар гоҳ ба ҳадди сахт шудан бирасанд, бо онҳо борзад ҳамроҳ кунанд ва онҳоро ба андозае биҷӯшонанд, ки чун як қатра аз онро бичаконанд, паҳн нагардад. Баъд, онро сард кунанд ва бар вай доруҳои боқимондаро ба шакли суда бирезанд, биомезанд ва ба кор баранд.

### Як маъҷуни мансуб ба Аристумохус

Аз барои сурфа, хунпартоӣ, реши шуш, рим кардану омос гирифтани он, аз барои даридагиҳои мушакҳо, гардондани таом, хом мондани таом, дарунравӣ, иллатҳои обгаҳ, ихтиноқи заҳдон, табҳои навбатдор, [ба ҳангоми онҳо] як соат пеш аз гирифтани [навбат] бидиҳанд ва инчунин аз барои логарӣ, бадмизоҷӣ, заҳрҳои ошомиданӣ ва заҳрҳои газандаҳо таъсири аҷиб дорад.

**Таркиби он:** аз дорчинӣ, қуст, борзад, гунди бедастар, афюн, мурчи сиёҳ, дорфил ва майъа як уқиягӣ ва аз ангубин як қист бигиранд. Доруҳои хушкро кӯфта, бибезанд, вале борзадро бо ангубин то гудохта шудан биҷӯшонанд. Чун гудохта шуд, биполанд ва бар вай дигар доруҳоро афканда, андар ҷогаҳи обгинагӣ ва ё симӣ бардоранд. Аз он ба миқдори як боқилои мисрӣ бо ду қавосус оби ангубин ба бемор бидиҳанд, вале андар он бо ангушт се қатра равгани кунҷид бичакон.

### Як маъҷуни мансуб ба Сонитус

Ин рег ва дигар моддаҳои решҳоро аз тариқи пешоб берун орад.

**Таркиби он:** аз бехи савсан чаҳор мисқол, аз сисолиюс, камозариюс, яъне хомадрус, хуфориқун (чойкаҳ), улуқавин[94], ки барги хомолавани сиёҳ аст ва сипандон, яъне тухми либонутис чаҳор мисқолӣ, ҳамомо ҳашт мисқол, аз дорчинӣ дувоздаҳ мисқол, аз либонутиси[95] кӯҳӣ, сунбули ҳиндӣ, заъфарони қилиқӣ, тухми карафси кӯҳӣ, гесугуна, тухми судоби даштӣ ва мушктаромашири қаритӣ як чандии худи ҳамон вазн, аз бехи ширинбаён, санги шомии нар ва модаи он шонздаҳ мисқолӣ, аз сипандони бобулӣ бисту чаҳор мисқол, аз тухми панҷангушт ва динорӯя бисту чаҳор мисқолӣ ва аз қардамоно чиҳилу ҳашт мисқол гирифта, бо ангубини ҷӯшонида маъҷун созанд ва аз он ба миқдори як фундуқ гирифта, бо чаҳор қавосус аз шароби ангубинзадаи омехта биошоманд.

### [16] Маъҷуни ҷентиёно

Ин аз барои сахтӣ, суддаҳо, дарди ҷигар, меъда ва испурч ва аз барои таби кӯҳан судбахш аст.

**Таркиби он:** аз ҷентиёно ва мурч даҳ дирамӣ ва аз қусти талх, сода, сунбул ва ровандии чинӣ як уқиягӣ гирифта, бикӯбанд,

# МАҚОЛАИ ДУВВУМ

## АНДАР БАЁНИ ЁРАҲО[101]

«Иёраҷ» (ёра) номи доруи исҳоловарандаи ислоҳшуда буда, таъвил ва тафсири он «доруи илоҳӣ» аст. Нахустин доруи исҳоловарандаи маъруф ёраи Руфус аст ва андар замонҳои пешин исми «иёраҷ» бар ҳамон итлоқ мешуд, вале сипас ғайри онро низ «иёраҷ» ном ниҳоданд. Доруи исҳоловарандаро аз баҳри он «доруи илоҳӣ» гӯянд, ки кори доруи исҳоловаранда чун кори илоҳӣ буда, аз тарафи қувваҳои табиӣ ба субут бирасад. Андар қадим барои он [ба бемор] ёраҳо медоданд, ки пизишкон аз зиёни доруи исҳоловарандаи холисе мисли дилаи ҳанзал, харбақ ва ғайра метарсиданд. Бинобар ин ҳар гоҳ онҳоро истеъмол кардан мехостанд, бо доруҳои гузаронанда, ислоҳкунанда ва подзаҳрҳо меомехтанд, то ба истеъмоли онҳо ҷасорат пайдо кунанд. Сипас, ба онҳо кам-кам одат карда, ҷӯшонидаи онҳоро ба кор мебурдагӣ шуданд ва баъд аз он ба ҳадде ҷасорат пайдо карданд, ки худи онҳоро, чунонки ҳаст, гирифта, ба шакли ҳаббҳо ба кор мебурданд.

Каси пешаи пизишкӣ ихтиёр карда бояд бидонад, ки ёраҳо некфарҷомтар аз матбухҳо (ҷӯшонидаҳо) ва ҳаббҳо мебошанд. [Ҷӯшонидаҳову ҳаббҳоро] на ба сабаби зиёнварӣ, балки ба сабаби бениёз будан аз онҳо ва ба сабаби бадодатӣ ба кор намебаранд [17] ва онҳо мисли ёраҳо аз маҳаллҳои дури [тан моддаро] намекашанд. Як ошомиданӣ аз ёраҳо то чаҳор мисқол аст ва гоҳе бар вай намаки хамирӣ бипошанд. Созгортарин чизе, ки бо он [ёраҳоро] биошоманд, оби афитимун бо мавиз ва хусусан аз рӯи нусхаи зерини яке аз пизишкон сохташуда мебошад: аз афитимун чаҳор дирам, аз мавизи поккарда даҳ дирам, аз ҳалилаи сиёҳи поккарда ҳафт дирам, аз устухудус се дирам ва аз об се ратл гирифта, то ним ратл мондан биҷӯшонанд ва бар ношито биошоманд. Сипас, аз болои он як дирам тухми хитмӣ, ним дирам тухми хиёр, андаке равғани бодоми ширин ва оби нимгарм истеъмол кунанд. Ғизо бояд се рӯз зирабо бошад ва обро омехта [бо шароб биошоманд].

### (341) Ёраи фикро[102], яъне талх

Ин ёраи сабр буда, вале аз барои латифӣ ва суд доштан барои андомҳои дарунӣ ва меъда дорчинӣ, аз барои ҳамин ғараз ва низ аз барои нигоҳ доштани қувват мастако ва аз барои пазонидан ва тақвияти дилу меъда салихаву заъфарон ба он ҳамроҳ кунанд. Гоҳе заъфарон андар таркиби он боиси сардард бигардад ва бинобар он бояд миқдори онро кам бигиранд ва ё аслан биандозанд. Асорун [ҳам ҳамроҳ кунанд], зеро он барои исҳол ва фурӯд овардани рутубатҳо ёварӣ кунад, вале гоҳе ба ҷои он кабоба биафзоянд ва он латиф бувад. Донаи баласон ва шохаҳои баласонро аз барои он [ҳамроҳ кунанд], ки меъдаро қавӣ созанд, таҳлил оваранд ва хусусияти подзаҳрӣ доранд. Бархе одамон андар он шукуфаи гӯргиё биафкананд ва он эҳтимоли

сахҷоварии сабрро пешгирӣ кунад ва ё гул биафкананд, то зиёни гармии сабрро аз меъдаву сар дур бидорад. Гоҳе онро бо ду чанди хеш аз ангубин бихобонанд ва гоҳе ба таври хушк ва нохобонда [ба кор баранд]. Ман бошам, онро баъди совидан бо оби мукл курсҳо созам, андар соя бихушконам ва ба кор бибарам, беш аз дигар намудҳо ва ба ғоят хуб дарёбам. Эҳтимол он аст, ки бояд мукл қариб як бахш гирифта шавад.

Пешиниён оид ба чӣ андоза ислоҳ намудани сабр ихтилоф кардаанд. [Бархе аз эшон ҳангоми яксаду бист мисқол будани сабр вазни доруҳои ислоҳкунандаро сиюшаш мисқол бигиранд ва ин дар суратест, ки агар ба дорчинӣ, шохаҳои баласон, асорун, сунбул, заъфарон ва мастако кифоят кунанд ва аз ҳар кадоми инҳо шаш мисқолӣ афкананд, ё чиҳилу ҳашт мисқол бигиранд ва ин дар суратест, ки агар бад-он шаш [дору] кифоят накунанд,балки ба онҳо салиха ва донаи баласонро ба қадри шаш мисқолӣ аз ҳар кадом биафзоянд. Бархе аз эшон сабрро ҳамроҳи яке аз ду вазни доруҳои ислоҳкунандаи ёдшуда ҳаштод мисқол ва бархе дигар сабрро ҳамроҳи ҳар ду вазни доруҳои ислоҳкунандаи ёдшуда сад мисқол бигиранд. Бархе вазни доруҳоро ба қадри сеяки вазни сабр ва бархе вазни доруҳоро ними вазни сабр гирифта, каме биафзоянд ва ё аз он бикоҳанд. Мазмуни ҳамаи он чи ки Юҳанно ёд карда аст, андар Мақолаи шашуми «Тадбири тандурустон»-и Ҷолинус ва «Ҷавомеъ»-и табибони искандаронӣ [ҷой дорад] ва аз матн лафзи «Ҷавомеъ» [ва] Мақолаи шашуми «Тадбири тандурустон» андар ин бора [ба шакли зер] ислоҳ шуда аст: ёраи фикро бар се шакл сохта мешавад: яке он, ки бар сад мисқол аз сабр шаш мисқолӣ аз ҳар як аз доруҳои дигар афканда мешавад; дуввум ин, ки бар ҳар навад мисқол аз сабр аз ҳар яки доруҳои дигар шаш мисқолӣ афканда мешавад; ва севвум ин, ки бар ҳар ҳаштод мисқол аз сабр шаш мисқолӣ аз ҳар яки доруҳои дигар афканда мешавад][103].

Гоҳе аз сабри шуста ба кор бибаранд, ки ин камтар исҳол оварад ва барои гарммизоҷон ва гирифторони таб бештар созгор бувад, вале инро на ба ҳама гуна каси гирифтори таб, балки ба он касе бидиҳанд, ки табаш нарм бувад. Бархе аз [пизишкон] сабри ношустаро, ки ба таври қавӣ исҳоловаранда аст, ба кор бибаранд, лекин ин барои касони гирифтори таб зиён дорад, вале бо вуҷуди ин гурӯҳе аз ин мардумон чун аз он ошомидаанд, зиёне надидаанд. Ёраи талх на зуд, балки нарму андак-андак ва оҳиста исҳол оварад ва бошад, ки ба рӯзи дуввум кори худро кунад. Инчунин исҳоли он на ба тариқи аз дур кашидан аст, балки вай он чизеро аз рӯдаҳову меъда берун кунад, ки бо онҳо дучор ояд ва биомезад. Дуртарин ҳадди кашиши он ноҳияи ҷигар аст, на рагҳо. Аммо он нусхаи [ёра], ки ба наздики умуми [пизишкон] маъруф аст, аз рутубатҳои андар рӯдаҳо ва меъдаву сар падидоянда, аз дардҳои пайвандгоҳҳо, қулинҷ, лақва, гаронии забон ва истирхои андомҳо судманд аст.

**Таркиби он:** аз мастако, дорчинӣ, асорун, сунбул, донаи баласон, заъфарон, шохаҳои баласон ва салиха як дирамӣ ва аз сабр ду чанди доруҳо гирифта, ҳамаро бикӯбанд ва бибезанд. Як ошомидании тамом аз он ду дирам ва бо ангубин ва оби нимгарм аст.

**Ёраи Луғозиё**

Ин ёра табаррук ва бисёр судбахш буда, танро аз дуртарин андомҳои атрофии он сар карда (342) аз тариқи исҳоли начандон сахт аз ҳамаи хилтҳо ва фазлаҳо пок созад ва аз бемориҳои сар, сардард, дарди нимсара, «хӯд», гижа, васваса, девонагӣ, саръ, карӣ, ҳаросидан, фалаҷ, истирхо ва ҳатто аз сакта низ судманд аст. Андар ҳамаи ин ҳолатҳо, чунон ки андар боби шалисо ёд шуд, онро ба тариқи андар бинӣ афкандан [ба кор баранд]. Ин аз [шалисо] хеле беҳтар буда, аз дардҳои гӯшу чашм суд бахшад, меъдаро қавӣ созад, суддаҳои ҷигар бикушояд, хуни ҳайз битозонад, ба душворӣ омадани пешобро бартараф кунад ва аз таби чаҳоррӯзӣ, ҳамаи бемориҳои хомбалғамӣ ва савдовӣ ва аз табҳои навбатнок суд дорад. Низ аз дардҳои пайвандгоҳҳо, никрис, қавин ва инчунин аз «бемории мор», «бемории рӯбоҳ», решҳои кӯҳани сар ва дигар андомҳо, аз барас, баҳак, парюн, пӯстрав шудан, ҷузом, хукакҳо, омосҳои сард ва саратонҳо судбахш бувад.

**Таркиби он:** аз дилаи ҳанзал панҷ дирам,

аз пиёзи унсул ба шакли бирён, аз ғорикун, маҳмуда, харбақи сиёҳ, уша ва сири даштӣ[104] чаҳору ним дирамӣ, ба ҳасби як нусхаи дигар ду ним дирамӣ, аз афитимун, камозариюс, мукл ва сабр се дирамӣ, аз ҳошо, ҳиюфорикун, содаи ҳиндӣ, фаросиюн, гесугуна, салиха, мурчи сиёҳ, мурчи сафед, дорфилфил, заъфарон, дорчинӣ, баспоя, ғовшир, сакбина, гунди бедастар, мурр, карафси кӯҳӣ, зарованди дароз, афшураи афсинтин, уфурбиюн, сунбули хушбӯй, ҳамомо ва занҷабил ду дирамӣ, аз ҷентиёно ва устухудус яку ним дирамӣ ва аз ангубин ба қадри кифоят бигиранд. Як ошомидании тамом аз он чаҳор мисқол ва бо оби нимгарму ангубин, ё бо ҷӯшонидаи афитимун ва мавизи аз дона пок карда бувад.

## Ёраи Луғозиё ба ҳасби нусхаи Филагриюс

Аз дилаи ҳанзал, ғорикун, уша, пӯсти харбақи сафед, маҳмуда ва ҳиюфорикун даҳ мисқолӣ, аз афитимун, баспоя, мукл, сабр, камозариюс, фаросиюн ва салиха ҳашт мисқолӣ ва аз дорфилфил, мурчи сафед, мурчи сиёҳ, дорчинӣ, заъфарон, ғовшир, сакбина, гунди бедастар, карафси кӯҳӣ ва зарованди дароз чаҳор мисқолӣ гирифта, бо ангубини кафк барғирифта маъҷун созанд. Як ошомидании тамом аз он ба ҳасби қуввати ҳар як инсон чаҳор ё се мисқол, бо оби ангубин ва намак бувад.

## Ёраи Луғозиё ба ҳасби нусхаи Булус

Аз дилаи ҳанзал бист мисқол, аз мушпиёзи бирён, ағорикун, уша, пӯсти харбақи сиёҳ, маҳмуда ва ҳиюфорикун даҳ мисқолӣ, аз баспоя, афитимун, мукл, сабр, камозариюс, фаросиюн ва салиха ҳашт мисқолӣ, аз мурр, говшир, сакбина, карафси кӯҳӣ, се намуди мурч, дорчинӣ, заъфарон, гунди бедастар ва зарованди дароз чаҳор мисқолӣ ва аз ангубин ба қадри кифоят бигиранд.

## Ёраи Руфус

Ин аз зардаи сиёҳ, балғам ва «бемории рӯбоҳ» судманд аст.

**Таркиби он:** аз дилаи ҳанзал бист мисқол, аз камозариюс даҳ мисқол, аз сакбина ва говшир ҳашт мисқолӣ, аз тухми карафси кӯҳӣ панҷ мисқол, аз зарованди гирд панҷ мисқол, аз мурчи сафед ва мурчи сиёҳ панҷ мисқолӣ, аз дорчинӣ чаҳор мисқол, аз салиха ҳашт мисқол ва аз устухудус, заъфарон, гесугуна ва мурр чаҳор мисқолӣ гирифта, мурро андар тило тар кунанд, доруҳоро кӯфта, бибезанд, ҳамаро бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд, андар ҷогаҳе бардоранд ва ба ҳангоми ҳоҷат ба кор баранд.

## [Ёраи Руфус] ба ҳасби нусхаи дигар

(343) Аз дилаи ҳанзал бист дирам, аз сабри сақутарӣ панҷ дирам, аз хуланҷон даҳ дирам, аз камозариюс бист дирам, аз сакбина ва говшир ҳашт дирамӣ, аз зарованди гирд, карафси кӯҳӣ,мурчи сафед ва мурчи сиёҳ панҷ дирамӣ ва аз сунбули хушбӯй, салиха, дорчинӣ, заъфарон, занҷабил, мурр ва гесугуна ду дирамӣ бигиранд. Мо ба изофаи ин дар нусхаи дигар доруҳои зеринеро ёфтем, ки мансуб ба [нусхаи] сирёнианд: даҳ дирамӣ камофитус, ғорикун ва фаросиюн. [Ҳамаи] инҳоро бисованд ва бо ангубин маъҷун созанд. Як ошомиданӣ аз он чаҳор дирам буда, бо оби гарм, ангубин ва намак баъд аз таб бар ношито [биошоманд].

## Ёраи Аркоғонис ба ҳасби нусхаи умумӣ

Ин аз ҳар гуна беморие суд дорад, ки аз балғами хом ва ғайри хом[105] ва аз савдо ба амал ояд; аз ғижа ва сардард суд дорад; аз оғози об андар чашм, аз хастағии тари овоз, аз дардҳои ғулӯ, душвории нафас, ташаннуҷ ва хуроҷҳои аз сабаби моддаҳои ситабр ба

амал омада суд дорад; ва низ аз оби зард [18] ва гар судбахш аст. Гоҳе онро аз барои дардҳои меъда, шикам ва заҳдон бо ҷӯшонидаи судоб биошоманд ва бошад, ки андар он андаке гунди бедастар ба миқдори то се қирот биафкананд. Аз барои дарди пушт, миён, гурда ва хояҳо бо ҷӯшонидаи карафс ва аз барои қавин ва монанди он бо оби қантуриюн [биошоманд] ва гоҳе бо он чаҳор қирот афшураи хиёри даштӣ ва ё ҳанзалро низ бо оби қайсум биомезанд. Гоҳе онро аз барои газидагии саги девона бидиҳанд ва хусусан бо як дирам аз сӯхтаи харчанги рӯдӣ аз падид омадани обтарсӣ эмин дорад.

**Таркиби он:** аз дилаи ҳанзал бисту ду мисқол, аз фаросиюн, устухудус, харбақи сиёҳ, камозариюс, маҳмуда, мурчи сафед ва дорфилфил ду уқиягӣ, аз мушпиёзи бирён, фурбиюн, сабр, заъфарон, ҷентиёно, карафси кӯҳӣ, уша ва говшир як уқиягӣ, аз гесугуна, дорчинӣ, сакбина, мурр, сунбул, гӯргиё, пудинаи кӯҳӣ ва зарованди гирд ду дирамӣ ва аз ангубин ба қадри кифоят бигиранд. Як ошомиданӣ аз он чаҳор мисқол ва бо ҷӯшонидаи афитимун ва мавизи поккарда бувад.

### Ёраи Аркоғонис аз рӯи нусхаи Фулус

Аз фаросиюн, ғориқун, камозариюс, дилаи ҳанзал ва устухудус бист мисқолӣ, аз говшир, сакбина, карафси кӯҳӣ, зарованди гирд ва мурчи сафед панҷ мисқолӣ ва аз дорчинӣ, сунбул, гесугуна ва заъфарон чаҳор мисқолӣ гирифта, доруҳои хушкро бикӯбанд, сақизхоро реза карда, андар ангубин тар кунанд ва сипас [ҳамаро] биомезанд. Як ошомиданӣ аз он чаҳор мисқол, бо як дирам намаки суда ва оби ангубин бувад.

### Тиёдаритуси[106] бузург

Ин аз табаҳмизоҷии сард, пурӣ, фазлаҳои часпаки ситабр, фаромӯшхотирӣ, торикии чашм, душвории нафас, карахтӣ, дардҳои ҷигар, меъда, испурч, гурда ва заҳдон, аз баста шудани ҳайз ва аз қулинҷ судманд аст ва аз ғайри ранҷи зиёд исҳоловаранда бувад. Як ошомиданӣ аз он чаҳор мисқол ва бо ҷӯшонидаи афитимун ва гориқун ва ё бо оби гарм бувад.

**Таркиби он:** аз сабри сақутарӣ понздаҳ дирам, аз ағориқуни сафед бист дирам, аз заъфарон, дорчинӣ, ваҷ, мастако ва равғани баласон се дирамӣ, аз рованди чинӣ яку ним дирам, аз шохаҳои баласон, донаи баласон, уфурбиюн, дорфилфил, мурчи сафед ва сиёҳ, ҷентиёнои румӣ ва шукуфаи гӯргиё (344) ду дирамӣ, аз қусти талх, камозариюс ва афитимун чаҳор дирамӣ, аз асорун, салиха ва маҳмуда шаш дирамӣ, аз сунбули хушбӯй сею ним дирам ва аз му ва ҳамомо як дирамӣ гирифта, ҳамаи ин доруҳоро баъд аз совидану бехтан ҷамъ созанд, бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд, андар ҷогаҳе бардоранд ва баъд аз шаш моҳ ба кор баранд.

### Тиёдаритуси дигар

Ин аз ҳамаи дардҳое суд бахшад, ки аз сабаби сардӣ ва балғам бархеста бошанд.

**Таркиби он:** аз сабр сиҳ дирам, аз агориқун дувоздаҳ дирам, аз ваҷ, заъфарон, дорчинӣ, киё, суринҷон ва салиха се дирамӣ, аз камозариюс, мурчи сафед, асорун ва шохаҳои баласон ду дирамӣ, аз мурчи сиёҳ ва гунди бедастар чаҳор дирамӣ, аз рованди чинӣ, му ва сунбул як дирамӣ ва аз ангубин ба қадри кифоят бигиранд. Як ошомиданӣ чаҳор дирам ва бо оби гарм бувад. Инро шаш моҳ [нигоҳ доранд], то кӯҳан бигардад.

### Тиёдаритуси дигар

Ин низ аз ҳамон гуна дардҳо суд дорад.

**Таркиби он:** аз бобунаи говчашм ҳаждаҳ дирам, аз ғавзи бӯё дувоздаҳ дирам, аз сабри сақутарӣ шаст дирам, аз ағориқун чиҳилу чаҳор дирам, аз рованди чинӣ се дирам, аз мурчи сафед ва ҷентиёно чаҳор дирамӣ, аз заъфарон, мехак, ваҷ, киё ва дорчинӣ шаш дирамӣ, аз асорун ва шохаҳои баласон чаҳор дирамӣ, аз салиха ва маҳмуда дувоздаҳ дирамӣ, аз сунбул ҳашт дирам, аз искурдиюн ҳафт дирам, аз ҳамомо, рӯян, мурчи сиёҳ, дорфилфил ва гӯргиё ду дирамӣ ва аз бехи савсани осмонгунӣ ҳашт дирам гирифта, бисованд, бибезанд, бо миқдори кофие аз ангубин маъҷун созанд ва шаш моҳ бигузоранд кӯҳан бигардад. Як ошомидании он чаҳор дирам ва бо оби гарм бувад.

### Тиёдаритуси гавзи бӯё

Ин аз ҳама бемориҳои кӯҳани сар, девонагӣ, васваса, сардард, гижа ва саръ, аз заъфи биниш, аз дарди ҷигар, испурч ва гурда ва аз қулинҷ суд дорад, хуни ҳайзи бастаро битозонад ва [низ] аз ҷузом, барас, аз дарди никрис, пайвандгоҳҳо, тиҳигоҳ ва аз табҳои музмини дерина [судбахш] буда, исҳолаш беранҷ аст.

**Таркиби он:** аз сабр шаст дирам,аз агорикун бисту чаҳор дирам, аз сири даштӣ, шохаҳои баласон, равғани баласон ва донаи баласон чаҳор дирамӣ, аз қуст се дирам, аз ваҷ, мастако, дорчинӣ ва мехак шаш дирамӣ, аз салиха ва гавзи бӯё дувоздаҳ дирамӣ, аз афитимун ҳаждаҳ дирам, аз сунбул шаш дирам, аз камозариюс ҳашт дирам, аз му ду дирам, аз ҳар се намуди мурч ва аз уфурбиюн чаҳор дирамӣ, аз шукуфаи гӯргиё ду дирам, аз ҷентиёно чаҳор дирам, аз ҳамомо ду дирам, аз маҳмуда ҳаждаҳ дирам ва аз ангубини кафк баргирифта ба қадри кифоят бигиранд. Як ошомиданӣ аз он чаҳор дирам ва бо ҷӯшонидаи афитимун бувад.

### Тиёдаритуси исҳоловар

Аз сабр шаст дирам, аз агорикун бисту чаҳор дирам, аз мастако, заъфарон, ваҷ, дорчинӣ ва сунбул шаш дирамӣ, аз заро-ванд, донаи баласон, равғани баласон, рав-ғани бобуна, уфурбиюн, се намуди мурч ва ҷентиёно (345) чаҳор дирамӣ, аз камозариюс ва қуст панҷ дирамӣ, аз салиха ва афитимун дувоздаҳ дирамӣ, аз мурр, шукуфаи гӯргиё ва ҳамомо ду дирамӣ, аз маҳмуда бист дирам ва аз ангубин ба қадри кифоят би-гиранд. Миқдори як ошомиданӣ, тарзи истеъмол ва судбахшии ин мисли аввалӣ аст.

### Ёраи Ҷолинус аз рӯи нусхаи умумӣ

Яке аз судмандиҳои он чунин аст, ки аз тиёдаритус ва луғозиё дида латифтару таъ-сирноктар аст. Аз фалаҷ, лақва, ташаннуҷ ва истирхо суд бахшад, танро аз фазлаҳои часпаки ситабр ва ғуногун пок созад, обгаҳи сустгардидаро шиддат бахшад ва беихтиёр рехтани пешобро [боз дорад].

**Таркиби он:** аз дилаи ҳанзал, ағориқун, мушпиёзи бирён, уша, маҳмуда, харбақи сиёҳ, ҳиюфориқун ва уфурбиюн шонздаҳ дирамӣ, аз баспоя, афитимун, муқли кабуд, камозариюс, фаросиюн ва салиха ҳафт дирамӣ ва аз мурр, сакбина, зарованди дароз, се намуди мурч, дорчинӣ, говшир, гунди бедастар ва карафси кӯҳӣ чаҳор дирамӣ биғиранд. Бархеҳо андар ин чаҳор дирам заъфарон низ изофа кунанд. Сипас, ҳамаи ин доруҳоро баъд аз кӯфтану бехтан ва таркардании онҳоро андар мусаллас тар кардан бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд ва баъд аз шаш моҳ ба ҳангоми ҳоҷат ба кор баранд.

### Ёраи Ҷолинус аз рӯи нусхаи Фулус

Аз камозариюс, мурчи сафед, дорфил-фил, ағориқун, устухудус, харбақи сиёҳ, маҳмуда, сунбул, афитимун ва мушпиёзи бирён шаш мисқолӣ, аз мурр, заъфарон, уша ва ҳиюфориқун ҳашт мисқолӣ [19] ва аз ангубин ба қадри кифоят бигиранд.

### Ёраи Ҷолинус аз рӯи нусхаи Ибни Сарофиюн[107]

Аз дилаи ҳанзал чаҳор дирам, аз камозариюс, мушпиёзи бирён, ағориқун, маҳмуда, харбақи сиёҳ, устухудус, уша ва ҳиюфориқун се дирамӣ ва як донгӣ, аз афи-тимун, ғесугуна, муқл, камофитус, фароси-юн, сабр, салиха ва баспоя яку ним дирамӣ, аз се намуди мурч, мурд, дорчинӣ, заъфа-рон, говшир, сакбина, гунди бедастар, карафси кӯҳӣ, зарованди гирд, ҷентиёно ва уфурбиюн ним ва сеяки як дирамӣ ва аз ангубин ба қадри кифоят бигиранд. Як ошомидании он мисли [як ошомидании] луғозиё ва судаш чун ӯ бувад.

## Ёраи Букрот

Ин аз рутубати меъда, аз дардҳои сар, ки аз сабаби бухори табаҳ падид омада бошанд ва аз андӯҳи гарон суд дорад.

**Таркиби он:** аз ҷентиёно, сунбул, зарованди гирд, салиха ва дорчинӣ як дирамӣ, аз карафси кӯҳӣ, камозариюс, устухудус, филфилмӯя, пудинаи кӯҳӣ ва киё як дирамӣ, аз мурр чаҳор дирам, аз донаи бон ва заъфарон яку ним дирамӣ, аз сабри сурх ҳаждаҳу ним дирам ва аз дилаи ҳанзал шаш дирам гирифта, бо ангубин маъҷун созанд ва баъди шаш моҳ ба кор бибаранд. Як ошомидании он чаҳор дирам бувад.

## Як ёраи дигар аз Букрот

Ин аз девонагӣ, васваса, гижа, сардарди сахт ва ташаннуҷ, аз кафидани дастҳо ва дарди пайвандгоҳҳо, аз ошуфтааклӣ, табоҳии зеҳн, интишори [мардумак] ва падид омадани об андар чашм, аз ҷузом, барас, фалаҷ, лақва ва парюн суд дорад.

**Таркиби он:** аз хиёри даштӣ, (346) се намуди мурч ва камозариюс панҷ мисқолӣ, аз заъфарон, мурр ва маҳмуда ду дирамӣ, аз уша як дирам ва аз ангубин ба қадри кифоят бигиранд. Як ошомиданӣ аз он ним уқия ва бо оби гарм бувад.

## Ёраи Андрумохуси пизишк

Ин аз дарди меъда ва шикам суд дорад.

**Таркиби он:** аз дорчинӣ, салихаи сиёҳ, наи бӯё, шохаҳои баласон, шукуфаи гӯргиё ва коснии даштӣ севу ним уқиягӣ гирифта, ин доруҳоро бикӯбанд, андар деги сафолини нав афкананд ва бар вай шаш донг оби борон рехта, то ним шудан биҷӯшонанд ва биполанд. Сипас, як ратл сабри сурхро гирифта, бар вай аз оби борон ба қадри кифоят бирезанд, андар нимрӯзӣ бисованд ва бишӯянд, то ширин шавад. Баъд, бар вай оби дегафзорҳоро рехта, андар офтоб бисованд, то хушк шавад. Сипас, боз бисованд ва бар вай аз заъфарон, мурр ва киё се уқиягӣ биафкананд, вале андар нусхаи кӯҳани [ин дору] аз ҳар як як уқиягӣ ёд кардаанд. Баъд, ҳамаро якҷоя бисованд, андар ҷогаҳи обгинагӣ ва ё чинӣ бигиранд ва ба кор бибаранд.

Ин аз ташаннуҷ, садма, кӯфт хӯрдан ва шикастагӣ, аз дарди бар, дамиши меъда ва дардҳои он, аз хунпартоӣ ва дарди тиҳигоҳ судманд аст. Як ошомидании комили он як дирам ва бо оби нимгарм аст. Ба ҳар кас ба қадри қувват [бидиҳанд]. Аз барои омосҳои сахт бо сикангубин [ба кор баранд]. Онро аз барои омоси чашм бо афшураи пудинаи бӯстонӣ ва ё ангури сагак ва аз барои омосҳои меъда бо равғани гул ва шароби хуб зимод кунанд. Агар онро бо сиркои хамрӣ бигудозанд, аз барои решҳое суд бахшад, ки андар нохунҳо падид оянд ва аз барои сӯхтагии даҳон онро ғарғара кунанд.

## Ёраи Андрухус

Аз баста шудани хуни ҳайз, аз ҷузом ва тарс суд дорад.

**Таркиби он:** аз устухудус, камофитус, ағорикун, харбақи сиёҳ, мурчи сиёҳ, мурчи сафед, мозариюн, маҳмуда ва пиёзи унсули бирён ҳаждаҳ дирамӣ, аз заъфарон, уфурбиюн ва уша ҳашт дирамӣ, аз мурр чаҳор дирам, аз дилаи қиссоу-л-ҳайя (морхиёр) се дирам ва аз ангубин панҷ ратл бигиранд. Як ошомиданӣ аз он ду дирам ва бо ангубин, об ва намак бувад.

## Ёраи Филоғурос[108]

Ин аз молихулиё суд дорад, пардаҳои мағзро пок созад ва кимусҳои ситабри часпаки хокиро фурӯд орад.

**Таркиби он:** аз фаросиюн, устухудус, харбақи сиёҳ, камофитус, камозариюс, карафси кӯҳӣ, фулиюн, ки он гесугуна бувад, зарованди гирд, заъфарон, ҷентиёно, киё, касиро, сода, асорун, ҳамомо, қуст, дорчинӣ, фу, му, мурч, донаи баласон, сири даштӣ, салиха, ҳиюфорикун, шукуфаи гӯргиё ва сунбул ду дирамӣ, аз афитимун, ағорикун, баспоя ва дилаи ҳанзал се дирамӣ ва аз сабри сақутарӣ шаш уқия гирифта, бикӯбанд, маъҷун созанд ва шаш моҳ бигузоранд кӯҳан бигардад. Як ошомиданӣ се уқия ва бо оби гарм бувад.

## Ёраи Буситус

Аз барои биной суд дошта, онро қавӣ созад, дарди доимии сарро бибарад ва аз дардҳои меъда, испурч ва ҷигар, аз дардҳои савдовӣ ва балғамӣ, аз гижа ва аз дарде судбахш аст, ки «иклил» (афсар) номанд.

**Таркиби он:** аз камозариюс дувоздаҳ уқия, аз ағорикун шонздаҳ уқия,– вале ба ҳасби як нусхаи дигар аз ағорикун даҳ уқия,– аз дилаи ҳанзал ду уқия, аз устухудус, мурчи сафед ва мурчи сиёҳ дувоздаҳ уқиягӣ, аз му се уқия, аз заъфарон ҳаждаҳ уқия, аз харбақи сиёҳ, маҳмуда ва сабри сақутарӣ шонздаҳ уқиягӣ, аз уша ҳашт уқия, аз уфурбиюн ҳаждаҳ уқия ва аз пиёзи даштии бирён дувоздаҳ уқия гирифта, бикӯбанд ва бо ангубин маъҷун созанд. (347) Як ошомиданӣ аз он баъд аз шаш моҳ чаҳор дирам бувад. Андар нусхаи дигар аз сунбул ва салиха дувоздаҳ уқиягӣ омада аст. Онро бо оби таркардаи афитимун баъди таб биошоманд.

## Ёраи Тағмувои[109] Антокӣ

Ин аз ташаннуҷ, сардард, дарди кӯҳани сар, аз тарсе, ки аз сабаби савдо хезад ва аз ларзидани бандкушоҳо судманд аст.

**Таркиби он:** аз дилаи ҳанзал бист дирам, аз камозариюс, фаросиюн, агорикун ва устухудус даҳ дирамӣ, аз зарованди дароз, карафси кӯҳӣ, мурчи сафед, сакбина ва говшир панҷ дирамӣ ва аз мурр, сунбул, гесугуна, заъфарон ва дорчинӣ се дирамӣ бигиранд, доруҳои тарро андар ангубин ҳал карда, бар оташ андак-андак биҷӯшонанд, доруҳои хушкро кӯфта, бар вай афкананд, ҳамаро биомезанд ва баъд аз шаш моҳ ба кор баранд.

## Як нусхаи [дигари] ёра

Ин биноиро зиёда кунад ва онро тақвият диҳад, аз сардард, дил задани сар ва аз иллатҳои меъда, ҷиғар ва испурч суд бахшад.

**Таркиби он:** аз дилаи ҳанзал даҳ дирам, аз камозариюс, салиха ва ҳар се намуди мурч ду дирамӣ, аз сабр, мурр, лубони нар ва заъфарон як дирамӣ, аз маҳмуда шаш дирам, аз афшураи афсинтин ду дирам ва аз ангубин ба қадри кифоят бигиранд. Як ошомиданӣ аз он чаҳор дирам ва бо оби гарм бувад.

## Ёраи мо, ки озмудашуда аст

Аз харбақ як дирам, аз дилаи ҳанзал як мисқол, аз сабр панҷ мисқол, аз намаки ҳиндӣ яку сеяк дирам, аз ағорикун як мисқол, аз санги арманӣ ним мисқол, аз гул як дирам, аз мурчи сафед як мисқол, аз занҷабил ду мисқол, аз ваҷ, ҳамомо, асорун, донаи баласон, ҳошо, саътар, тухми карафс, тухми газари даштӣ ва тухми газар се дирамӣ, аз «забони гов» даҳ дирам, аз шоҳисфарам, тухми палангмушк, тухми бодрангбӯя, тухми турунҷ ва пудинаи бӯстонии хушк ду дирамӣ ва аз афитимун яку ним дирам гирифта, ҳамаро бо дучанди хеш аз ангубин маъҷун созанд, шаш моҳ нигоҳ доранд ва сипас ба кор баранд.

# МАҚОЛАИ СЕВВУМ

## АНДАР БАЁНИ ГУВОРИШҲОИ[110] ИСҲОЛОВАР ВА ҒАЙРИ ИСҲОЛОВАР

Мо мехоҳем андар ин Ҷумла гуворишҳои машҳур ва умумиманишро ёд кунем, вале онҳоеро, ки манфаатҳои ҷузъӣ доранд, беҳтар он аст, андар Ҷумлаи дуввум ёд карда шаванд.

### Гувориши [20] зирагӣ

Ин аз дардҳои андомхои даруни, ки ба сабаби сардӣ ба вуҷуд оянд ва аз галабаи балғам андар пирон суд дорад, меъдаро қавӣ созад, таом бигуворад ва иштиҳои сагиву оруғи туруш бибарад. Як ошомиданӣ аз он ба миқдори як мозу ва бо оби гарм бувад. Низ аз табҳои сарди савдовӣ ва балгамӣ судбахш аст.

**Таркиби он:** аз зираи кирмоние, ки як шабу як рӯз андар сиркои хамрӣ тар карда, хушконида, бирён карда бошанд, аз барги судоби андар соя хушконида, аз мурч ва занҷабил панҷ исторӣ ва аз бураи арманӣ даҳ дирам гирифта, ин доруҳоро баъди совидану бехтан ба ҳам ҷамъ созанд, бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд ва андар ҷогаҳе бардошта, сипас ба кор баранд.

### Гувориши зирагии Ҷолинус

Ин аз бодҳои сард ва хоммонии гизо суд дошта, бодҳоро ҳал кунад ва ба касе низ судбахш аст, ки таом ғуворидан натавонад.

**Таркиби он:** аз бура ним бахш ва аз зираи кирмонии андар сирко таркарда ва бирёнкарда, мурчи сафед, дорфилфил ва мурчи сиёҳ як бахшӣ бигиранд. Инро бар ду нусха омода созанд: гоҳе бахшҳои ҳамаи омехтаҳоро, яъне зира, мурч, судоб ва бураро баробар бигиранд, ки (348) ин намуд табиатро бисёр ҳал кунад; ва гоҳе дигар аз омехтаҳои боқимонда ба миқдори баробар, вале аз бура ними он миқдор гирифта, биомезанд. Аз зираи кирмонӣ хуби онро ҷудо карда, андар сиркои тез тар кунанд ва сипас бирён кунанд. Мурч бояд мурчи сафед бошад, зеро он аз ду намуди дигар, яъне дорфилфил ва мурчи сиёҳ дида бештар меъдаро қувват бахшад, вале он набояд хурд-хурду пуч ва пӯсташ ситабр бошад, балки гаронсанги онҳоро бигиранд ва бузургҳаҷму дурусти онро ихтиёр кунанд. Бура бад-ин гуна бошад, ки агар доруро барои каси табиаташ баста месохта бошанд, бураеро бигиранд, ки «натруни баҳрикун» ном дорад ва сурх бувад, вале агар барои каси кушодатабиат месохта бошанд, бураи навъи дигар ба кор бибаранд ва миқдоре, ки аз он меафкананд, бояд ними миқдори ҳар як аз доруҳои мо ёд карда бувад. Барги судоб низ бояд андаке хушк бошад, аз бахри он ки сахт хушконидаи он гарми талх ва гармиоварияш беш аз андоза бувад. Аз тарафи дигар агар обаш сахт чида нашавад, андар он рутубати зиёдатӣ боқӣ

монда, ба дарачаи ҳақиқӣ гуворида нагардад ва ба сабаби он дамиши [меъда] баякборагӣ наравад.

Ин чаҳор намуд [доруро] гоҳе бо ангубини кафк баргирифта биомезанд ва гоҳе бе ҳеҷ чиз, наомехта, бе ангубин ва ҷудогона нигоҳ доранд. Ҳар гоҳ бад-онҳо эҳтиёҷ пайдо кунанд, онҳоро андар оби ҷав ва ё ягон ғизои созгори дигаре биафкананд. Ин доруро ба танҳоӣ пеш аз гизо ва баъди он ба кор баранд. Оне, ки бо ангубини кафк баргирифта омехта аст, андар ин гуна ҳол аз ҳама созгортар бувад, аз баҳри он ки дамишро аз бун бибарад. Агар эҳтиёҷ бад-он бошад, ки ин дору аз барои ҳал намудани бодҳо қавӣ буда, ба таври қавӣ истифроғ оварад, боистӣ ангубини [он] хуб бошад.

Низ, бояд бидонӣ, ки ҳар гоҳ истифроғи бештар овардан бихоҳӣ, бояд доруҳоро ба таври дурушт бикӯбӣ. Чунки ман мардеро донам, ки ин доруро бағоят бисуд, зеро аз он чи ки ман ёд кардам, бехабар буд ва он табиати ӯро накушод, баръакс ба таври қавӣ пешоб тозонд. Ин [одам] ба назди мо омада бо таъҷҷуб сабаби онро пурсон шуд ва ӯ гумон дошт, ҷисми ӯро хосиятест ва он сабабгори ин гуна рӯйдод бувад. Чун мо ба ӯ фаҳмондем, ки сабаби ин ҷигунагии таркиби дорусте ва чун бори дигар ба ҳасби фармудаи мо онро таркиб намуд, ба тамом амал кард. Боистӣ ин қоида ба ҳангоми таркиби дигар доруҳо низ риоя шавад.

## Гуворишни Дисулистус[111]

Ин аз барои сардии бисёр сахти меъда, оруги туруш, иштиҳои сагӣ, ҳукаке, ки аз сабаби бисёрии кимусҳои ситабру балғамӣ хезад ва аз табҳои кӯҳане, ки аз сабаби сардӣ ва бадгуворӣ падид оянд, судманд аст.

**Таркиби он:** аз зираи бо сирко таркардаи хушконида понздаҳ истор ва аз мурч, занҷабил, судоби хушк ва бура бист дирамӣ гирифта, бикӯбанд, бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд ва ба кор баранд.

## Гуворишни пудинаи рӯдӣ аз рӯи нусхаи Ҷолинус

Аз пудинаи рӯдӣ, пудинаи даштӣ ва карафси кӯҳӣ дувоздаҳ драхмигӣ, аз занҷабил шаш драхмӣ, аз тухми карафс ва кулоҳакҳои ҳошо чаҳор драхмигӣ, аз кошим шонздаҳ драхмӣ, аз мурч ҷиҳилу ҳашт драхмӣ ва аз сисолиюс панҷ драхмӣ гирифта, бикӯбанд ва бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд.

## Гуворишни мурд

Ин аз барои кушодагии табиат, балгаму рутубат қай кардан ва аз бадгуворие суд дорад, ки ба сабаби меъда ба амал ояд.

**Таркиби он:** аз мурддонаи хуби хушк як ман, аз ҳалилаи сиёҳ, балила, омула ва толисфар бист дирамӣ, аз мурч, дорфилфил ва занҷабил даҳ дирамӣ, аз мастако, қардамоно, каравиё, анисун, зира, сунбул, салиха, қоқула ва қуст шаш дирамӣ, аз гавзи бӯё, тухми карафс ва нонхоҳ панҷ дирамӣ ва аз содаи ҳиндӣ (349) ва ҳамомо чаҳор дирамӣ гирифта бикӯбанд ва бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд. Як ошомиданӣ як дирам бувад.

## Як гуворише, ки мисли [гуворишни] Хузистонист[112]

Ин гувориш хуб аст.

**Таркиби он:** аз мурддона яку ним кайлача, аз сунбул се уқия, аз гавзи бӯёи бо пӯсташ ним ратл, аз мехак, қоқула, анисуни бирён, тухми карафси бирён ва ушна ду уқиягӣ, аз басбоса яку ним уқия, аз салиха чаҳор уқия ва аз ҳалилаи кобулӣ, балила ва омула се уқиягӣ гирифта, ин доруҳоро бо шароби райҳонӣ як сар биҷӯшонанд, сипас таровонда, бо оби биҳӣ биҷӯшонанд, боз битаровонанд ва бар тобаи тафсон хушк кунанд. Баъд, бикӯбанд ва бо майбиҳӣ биолоянд. Як ошомиданӣ [аз ин] се мисқол ва ё се дирам ва бо шароби биҳӣ бувад.

## Гуворишни Мутаваккил[113], ки мансуб ба Салмавайх[114] аст

Ин меъдаро қувват бахшад ва аз бадгуворӣ судманд бувад. Ин ҳамонест, ки Исроил[115] онро ба Мутаваккил меошомонд, зеро хубу озмудашуда буд.

**Таркиби он:** аз сунбул, мехак, дорчинӣ, гавзи бӯё, қоқула ва сукки хуб як мисқолӣ, аз мурчи сафед, занҷабил ва гунди бедастар ду драхмигӣ, аз лубони сафеди нар чаҳор драхмӣ ва аз шакари табарзад як чанди ҳамаи доруҳо гирифта, доруҳоро бо шакар биомезанд ва бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд. Як ошомиданӣ аз он се мисқол бувад.

### Як [гувориши] зирагии дигар

Ин аз дардҳои шикам, ки аз сардӣ хеста бошанд, аз таби чаҳоррӯзӣ, аз иштиҳои сагӣ, табҳои балғамию савдовӣ, аз балғами бисёре, ки пирон бад-он гирифтор шаванд, аз шиддати сардии меъда, аз оруги туруш ва аз оби даҳони ба сабаби фазлаҳои балғамӣ оянда суд дорад. Як ошомиданӣ аз он ба андозаи як мозу ва бо оби гарм бувад.

**Таркиби он:** аз зираи як шабу як рӯз андар сирко таркарда ва сипас бирён карда, аз судоби хушк, аз занҷабил ва аз мурч даҳ исторӣ ва аз бураи арманӣ даҳ дирам гирифта, бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд.

### Як гувориши зирагии дигар

Аз зираи кирмонии нав ва хуб ҳафт уқия гирифта, андар сиркои хамрӣ як шабу як рӯз тар кунанд ва сипас аз он бар гирифта, бар суфрае паҳн кунанд ва тагурӯ созанд. Ҳар гоҳ ки хушк шуд, бо оташи нарм ба таври нарму сабук бирён созанд. Сипас, аз мурч се уқия, аз занҷабили чинӣ чаҳор дирам ва аз бураи арманӣ ду дирам гирифта, биомезанд ва бо ангубин маъҷун созанд.

### Гувориши мурчӣ

Ин аз сардҷимоъӣ, [балғами] хом, дарди меъда, бад аз ҳуд кардани ғизо, бодҳои ситабр, оруғи туруш ва иштиҳои сагӣ судманд аст.

**Таркиби он:** аз мурчи сафед, мурчи сиёҳ ва дорфилфил се уқиягӣ,– ба ҳасби як нусхаи диғар ду уқиягӣ,– аз шохаҳои баласон як уқия, аз ҳамомо ва сунбул чаҳор дирамӣ ва аз занҷабил, тухми [21] карафс, сисолиюс, салиха, асорун ва росан як дирамӣ гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд. Як ошомиданӣ аз он ду дирам буда, бо оби нимгарм ва бар ношито [биошоманд].

### Гувориши [фандодиқун][116]

Ин аз дардҳои меъда ва ҷигари сарду заифе суд дорад, ки аз бодҳои ситабр падид омада бошанд.

**Таркиби он:** аз занҷабил, мурч ва сунбули хушбӯй шаш дирамӣ, аз мастако ва нонхоҳ чаҳор дирам, аз тухми карафс, [ҳизормоҷ][117] ва наъно панҷ дирамӣ, аз зираи кирмонӣ, салиха, донаи баласон ва оқирқарҳо ду дирамӣ ва аз содаи ҳиндӣ як дирам гирифта, ҳамаи ин доруҳоро баъд аз совидану бехтан бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд, андар ҷогаҳе бардоранд ва ба ҳангоми ҳоҷат ба кор бибаранд.

### (350) Гувориши Хузистонӣ[118]

Ин аз рафтани шикам, бад аз ҳуд шудани ғизо, нотавонии меъда ва сардии он суд дорад.

**Таркиби он:** аз қуст, қирфа, сунбули хушбӯй, донаи баласон ва салиха даҳ дирамӣ, аз гавзи бӯё панҷ дона, аз қоқула, мехак, анисун, шоҳафсар ва шитараҷи ҳиндӣ чаҳор дирамӣ, аз басбоса се дирам, аз баранги [кобулӣ] се дирам, аз нормушк[119] чаҳор дирам, аз рованди чинӣ, зарованд ва ушна ду дирамӣ, аз мушки замин ва занҷабил даҳ исторӣ, аз наи бӯё, мурч ва дорфилфил панҷ дирамӣ, аз ҳалилаи сиёҳи донааш ҷудо карда ду истор, аз балилаи донааш ҷудо карда даҳ адад ва аз мурддонаи хушк ним қафизи ҷундишопурӣ гирифта, ин доруҳоро баъд аз совидану бехтан бо ангубини найшакар маъҷун созанд, андар ҷогаҳе бардоранд ва баъд аз ду моҳ ба кор баранд.

## Гувориши Хузистонии дигар

Ин аз заъфи ҷигару меъда ва сардии онҳо, аз рафтани шикам ва бад аз худ шудани ғизо суд дорад ва низ аз барои касоне судбахш аст, ки бими омадани оби зардро доранд. Ин [дору] аз барои испурҷ хуб буда, тозонандаи пешоб аст.

**Таркиби он:** аз қуст, қирфа, сунбул, донаи баласон ва салиха даҳ дирамӣ, аз гавзи бӯё панҷ дона, аз қоқула, мехак, анисун, шоҳафсар, шитараҷ ва нормушк чаҳор дирамӣ, аз басбоса се дирам, аз баранги кобулӣ ҳашт дирам, аз рованди чинӣ, зарованди дароз ва ушна ду дирамӣ, аз мушки замин даҳ истор, аз наи бӯё, мурч ва дорфилфил панҷ дирамӣ, аз ҳалилаи сиёҳи кобулӣ ду истор, аз балила даҳ дона ва аз мурддона ба қадри вазни ҳамаи доруҳо гирифта, мисли сурма бисованд ва бо ангубини табарзад маъҷун созанд. Як ошомиданӣ аз он ба андозаи як мозу ва бо оби сард бувад. Андар нусхаи дигаре даҳ истор занҷабил [низ] омада аст.

## Гувориши хусравии маъруф ба «гувориши анбар»

Ин гуворишро шоҳони Аҷам ба кор мебурдаанд ва он аз бемориҳои сарди хусусан гурдаҳо суд дорад, боҳро биафзояд, аз фалаҷ, лақва, раъша ва хафақон судманд бувад, хотираву ҳушро зиёда кунад, рутубати меъдаро бичинад ва гуворишро беҳ кунад. Ин яке аз доруҳои созгори пирон бувад.

**Таркиби он:** аз қоқулаҳои бузургу хурд ва басбоса чаҳор дирамӣ, аз занҷабил ва дорфилфил ду исторӣ, аз дорчинӣ чаҳор дирам, аз ушна ду дирам, аз қирфа як дирам, аз мехак ва заъфарон даҳ дирамӣ, аз гавзи бӯё панҷ дирам,– андар бархе нусхаҳои дигар панҷ дона,– аз сунбули хушбӯй, мастако ва анбар ду дирамӣ, аз мушк як дирам, аз тухми банг ва афюн як дирамӣ ва аз равғани баласон шаш дирам гирифта, ин доруҳоро баъд аз совидану бехтан ба ҳам ҷамъ созанд, вале афюнро бошад андар як сукарраҷа шароби хуб тар кунанд. Сипас [ҳамаро] бо ангубини кафк баргирифта сиришта, баъди шаш моҳ ба кор баранд. Анбарро бо равғани баласон бигудозанд ва аз [равғани] бон ба андозае изофа кунанд, ки бо он ҳамаи доруҳоро олоидан битавон.

## Гувориши шаҳриёрон

Ин аз сардии ҷигар ва меъда, оби зард ва зардаи сиёҳ судбахш аст ва шикамро исҳол оварад.

**Таркиби он:** аз шитараҷи ҳиндӣ, занҷабил, мурч, дорфилфил, қирфа, қоқулаи хурд, мехак, ноғбушт[120], содаи ҳиндӣ, нашостаи гандумӣ, мастако, қоқулаи бузург, дорчинӣ, сунбули хушбӯй, салиха, тухми карафс, нонхоҳ, тухми бодиён ва анисун шаш дирамӣ, аз афитимуни қаритӣ ва турбид дувоздаҳ дирамӣ, (351) аз сақмуниё даҳ дирам ва аз шакари табарзад бист дирам гирифта, ин доруҳоро баъди совидану бехтан бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд ва ба ҳангоми ҳоҷат ба кор баранд.

## Гувориши хурмоӣ

Ин гуворишест, ки ба таври хос қулинҷро суд дошта, онро бикушояд ва низ аз [балғами] хом, сардчимоъӣ ва аз душвории пешоб судбахш аст.

**Таркиби он:** аз бураи арманӣ, зираи кирмонӣ, карафси кӯҳӣ, занҷабил ва мурчи сафед дувоздаҳ дирамӣ, аз маҳмуда панҷ дирам ва аз хурмои донааш ҷудокардаи Ҳирун[121], бодоми ширини аз ҳар ду пӯст поккарда ва барги судоб даҳ дирамӣ гирифта, ин доруҳоро баъди совидану бехтан ба ҳам ҷамъ созанд. Хурморо як шабу як рӯз андар сиркои хамрӣ тар кунанд, сипас кӯфта нарм кунанд ва бо доруҳои [дигар] биомезанд. Баъд, ҳамаи инҳоро бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд ва ба ҳангоми ҳоҷат ба кор баранд. Як ошомиданӣ аз он чаҳор мисқол бувад.

## Гувориши хурмоии дигар

Сад дона хурмои аз дона поккардаи Ҳирунро гирифта, як шабу як рӯз бо сирко тар кунанд, биомезанд ва биполанд. Сипас, аз судоби хушк ва занҷабил сездаҳ дирамӣ, аз мурчи сафед се дирам, аз бураи арманӣ панҷ дирам, аз бодоми талхи аз ҳар ду пӯст поккарда яксаду панҷоҳ дона, аз маҳмуда понздаҳ дирам ва аз турбид бист дирам [гирифта], ҳамаро бикӯбанд, бибезанд ва бо ҳам биомезанд.

## Гувориши хурмоии дигар

Ин аз табҳо ва дигар [бемориҳо] суд дорад. Онро тобистону зимистон биошоманд ва аз ғайри душворие ба нармӣ исҳол оварад.

**Таркиби он:** аз занҷабил ва мурчи сафед як уқиягӣ, аз маҳмуда ду ним уқия ва аз хурмои Ҳирун ва ё сарафон[122], ки аз дона поккарда бошанд, бодоми ширини аз ҳар ду пӯст поккарда ва барги судоб чаҳор уқиягӣ гирифта, ин доруҳоро ҷудо-ҷудо бикӯбанд. Хурморо андар сиркои хамрӣ тар кунанд ва ҷудогона кӯфта, пок кунанд. Бодомро низ ҷудогона бикӯбанд ва сипас ҳамаро якҷоя кунанд ва бо ангубин маъҷун созанд. Як ошомиданӣ аз ин ду дирам бувад.

## Гувориши фирӯзнӯши мушкзада

Ин аз бодҳо, бавосир ва [балғами] хом суд дорад, меъдаро қувват бахшад, боҳро ёварӣ кунад, рангро сафо бахшад, гурдаро гарм созад ва аз бодҳои заҳдон ва хунравие суд бахшад, ки аз сабаби бавосир ояд.

**Таркиби он:** аз ҳалилаи кобулӣ, ҳалилаи зард, шитараҷ ва тухми карафс шаш дирамӣ, аз балила, омула, нонхоҳ, тударии сурх ва сафед, дорфилфил ва кунҷиди сафедкарда чаҳор дирамӣ, аз қирфа, сунбул, гавзи бӯё, занҷабил ва филфилмӯя ҳашт дирамӣ, аз хирбӯво, қуст, салиха, мехак, басбоса, хуланҷон ва нормушк шаш дирамӣ, аз мушки замин даҳ дирам, аз мушк ду мисқол, аз анбар як мисқол, [22] аз рими оҳани парварда ба андозаи вазни ҳамаи доруҳо ва аз равгани гов даҳ истор бигиранд ва бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд. Як ошомидании ин ду дирам буда, бо шири гови хобрафта ва маска баргирифта ва ё бо набизи мавизии хуб ду ҳафта [истеъмол кунанд].

## Гувориши кундур

Аз кундур шаст дирам, аз мурч ва дорфилфил даҳ дирамӣ, аз шакар шаст дирам, аз занҷабил ва хуланҷон дувоздаҳ дирам, аз гавзи бӯё, мехак ва хирбӯво панҷ дирамӣ ва аз мушки хуб ним дирам гирифта, ҳар кадомро ҷудогона бисованд, бибезанд ва ҳамаро бо ангубин маъҷун созанд.

## Гувориши толисфар

Ин аз барои сардии меъда ва бодҳои ситабри меъдаву ҷигар судманд аст.

(352) **Таркиби он:** аз толисфар панҷ дирам, аз занҷабил бист дирам, аз мурч дувоздаҳ дирам, аз ҳил ва қирфа шаш дирамӣ ва аз шакари табарзад панҷ ратл гирифта, ин доруҳоро баъд аз совидану бехтан ба ҳам ҷамъ созанд, андар ҷогаҳе бардоранд ва ба кор баранд.

## Гувориши ускуф

Аз маҳмудаи антокӣ ва турбиди дарунтиҳии сафед панҷ мисқолӣ, аз мурч ва қоқула се мисқолӣ, аз занҷабил, дорчинӣ, омула, мехак, басбоса[123], [нашоста][124] ва гавзи бӯё ду ним мисқолӣ [бигиранд]. Андар як нусхаи дигар маҳмуда ва турбид се мисқолӣ омада аст. [Ҳамаи] инҳоро кӯфта, бибезанд ва бар онҳо як ратл шакари совида рехта, ҳамаро бо ангубин маъҷун созанд. Як ошомидании тамом аз ин чаҳор мисқол бувад.

## Итрифали[125] бузурги аз рими [оҳан сохташуда]

Ин аз дардҳои бавосир ва истирхои обгаҳу меъда судманд аст, боҳро зиёда кунад ва меъдаро гармӣ бахшад.

**Таркиби он:** аз ҳалилаи сиёҳ, балила, широмулаи донааш ҷудокарда, шитараҷи ҳиндӣ, тухми карафс, нонхоҳ ва саътари форсӣ як уқиягӣ, аз сунбули хушбӯй, ҳамомо, ҳил ва ваҷ се дирамӣ, аз дорчинӣ чаҳор дирам, аз мурч, дорфилфил, ноғист ва намаки ҳиндӣ ним уқиягӣ ва аз хардал яку ним уқия, аз навшодир ним дирам ва аз рими оҳан се дирам гирифта, ҳамаи ин доруҳоро баъд аз совидану бехтан бо ангубини кафк баргирифта ва ба қадри ҳоҷат бо равғани гов маъҷун созанд, бардоранд ва сипас ба кор баранд.

## Итрифали хурд

Ин аз истирхои меъда ва рутубатҳои он ва аз бодҳои бавосир суд дорад ва рангро хуб кунад.

**Таркиби он:** аз ҳалилаи кобулӣ, балила ва широмулаи донааш ҷудокарда бахшҳои баробар гирифта, бикӯбанд, бо равғани гов биолоянд, бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд, андар ҷогаҳе бардоранд ва ба кор баранд.

## Гувориши балозур

Ин аз барои дарди деринаи меъда, сардӣ ва фаромӯшхотирӣ суд дорад, рангро беҳ кунад ва андешаву ҳушро тез кунад. Ин гувориши ҳакимон аст ва гӯянд, ки ба Сулаймон (алайҳиссалом) нисбат дорад.

**Таркиби он:** аз мурч, дорфилфил, ҳалилаи сиёҳ, балила, омула ва гунди бедастар чаҳор дирамӣ, аз қуст, балозур, баранг, шакари табарзад ва донаи даҳмаст дувоздаҳ дирамӣ ва аз мушки замин ҳашт дирам гирифта, балозурро ҷудогона ва нек бикӯбанд ва доруҳои дигарро низ кӯфта, бибезанд. Миқдори баробаре аз равгани гов ва ангубинро биҷӯшонанд, бар онҳо доруҳоро биафкананд, баста гардонанд ва баъди шаш моҳ ба кор баранд. Як ошомиданӣ [аз ин] ду дирам ва бо оби ҷӯшонидаи карафс ва бодиён бувад. [Каси истеъмолкунандаи он][126] бояд аз мондашавӣ, ғаму андӯҳ, шароби бисёр ва ҷимоъ хештандорӣ кунад ва оби исфедбои латиф бихӯрад.

## Гувориши панҷнӯш[127]

Ин маъҷунест, ки аз барои истирхои меъда, бодҳои бавосир, табоҳии мизоҷ ва баднамудии ранг суд дорад ва боҳро биафзояд.

**Таркиби он:** аз балила, ҳалила, широмулаи донааш ҷудокарда, мурч, дорфилфил, занҷабил, мушки замин, шитараҷи ҳиндӣ ва сунбул даҳ дирамӣ, аз тухми шибит ва тухми гандано чаҳор дирамӣ ва аз рими оҳане, ки онро совида, дувоздаҳ рӯз андар сирко тар карда, сипас хушконида, бирён кардаанд, сад дирам бигиранд. Ҳамаи ин доруҳоро баъд аз совидану бехтан ҷамъ созанд ва бо ангубини кафк баргирифта ва ба қадри ҳоҷат бо равғани гов маъҷун кунанд, андар ҷогаҳе бардоранд ва баъд аз шаш моҳ ба кор баранд. Як ошомиданӣ [аз ин] ду дирам бувад. Андар он ду дирам мушк низ биафзоянд.

## (353) Як панҷнӯши дигар, ки бо мушк бувад

Ин меъдаро қавӣ сохта, гармӣ бахшад, бавосирро суд кунад, боҳро биафзояд ва озмудашуда бувад.

**Таркиби он:** аз ҳалилаи кобулӣ, балила, омула, мурч, дорфилфил, занҷабил, зира, тухми шибит, тухми карафс, тухми гандано, тухми таратезак, тухми шалғам, тухми газар, афланҷа, гули сурх, салиха, мушки замин, дорчинӣ, мехак ва гавзи бӯё як дирамӣ, аз басбоса, ҳил, қоқула, сукк, уди хом ва мушк ду дирамӣ, аз донаи таратезаки сафед се уқия ва аз рими оҳан як ҷанди ҳамаи доруҳо гирифта, бикӯбанд ва бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд.

## Як панчнӯши дигаре мисли ҳамон

Аз шитарачи ҳиндӣ, зарнаб, толисфар, хил, ҳалилаи сиёҳ, балила, омула, ҳалилаи зард, салиха, мехак, донаи баласон ва донаи маҳлаб шаш мисқолӣ, аз пудинаи бӯстонӣ, фаланҷа, зурунбод, даруна ва дорфилфил чаҳор мисқолӣ, аз дорчинӣ, қирфа, сунбул, гавзи бӯё, қуст, занҷабил ва филфилмӯя се мисқолӣ, аз мушки замин даҳ мисқол, аз шакар шонздаҳ мисқол, аз рими оҳан як ман ва аз мушк ним дирам гирифта, бикӯбанд ва бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд.

## Сифати рими оҳани пухта

Ин аз сардҷимоъӣ, дарди пушт, табоҳии хуни ҳайз ва бавосир суд дорад, рангро беҳ кунад, иштиҳои таом орад, [балғами] хом ва сардҷимоъӣ бибарад ва меъда, заҳдон ва обгаҳро қавӣ созад.

**Таркиби он:** аз тухми карафс, тухми бодиён, анисун, карафси кӯҳӣ, тухми газари даштӣ, тухми газар, тухми гандано, тухми пиёз, тухми шалгам, тухми турб, тухми сиписти тар[128], нонхоҳ, тухми газна, сақиздона, ангудон, тухми шибит, мурч, тухми катон, зира ва кашниз се дирамӣ, аз зурунбод, даруна, ҳарду бахмани сафеду сурх, ҳарду тударии сафеду сурх, гавзи бӯё, басбоса, дорчинӣ, хуланҷон, занҷабил, мушки замин, сунбул ва сисанбар чаҳор дирамӣ, аз ҳалила, балила, омула, ҷафти булут ва пӯсти бехи кабар даҳ дирамӣ, аз шитарач, ушна, асорун, нохуни дев, наи бӯё, «забони гунҷишк», нормушк, саътари форсӣ, росан, қоқула, хирбӯво, сандал, қирфа ва ҳарнува панҷ дирамӣ, аз гавзгандум, тухми сипандон, киё, гули хушк, марвхуш, пӯсти кундур, пудинаи бӯстонӣ ва пудина ҳафт дирамӣ ва аз рими [оҳани] басрӣ, ки як чанд бор тафсонда, андар набиз ва ё шароби райҳонӣ хомӯш карда бошанд, ба андозаи вазни ҳамаи доруҳо бигиранд. Инҳоро андар набизи тунд то ситабр шудан биҷӯшонанд, сипас аз оташ фурӯд оранд ва биполанд. Аз ин гармогарм ба қадри як уқия бар ношито биошоманд ва нимрӯзӣ исфедбои гӯшти буз хӯрда, набизи холис биошоманд ва муддати як ва ё ду ҳафта [чунин кунанд].

## Як нусхаи дигари рими оҳан

Ин аз барои сардии меъда ва бавосир созгор аст.

**Таркиби он:** аз ҳалилаи кобулӣ, балила, омула, бехи савсан, занҷабил, уди хом, гавзи бӯё, сукк, гул, сунбул, гӯргиё ва мастако даҳ дирамӣ ва аз мушк як дирам бигиранд. Сипас аз сӯҳонрезаи сӯзанҳои[129] ҳафт рӯз андар шароби райҳонӣ таркарда гирифта, бисованд, бар тобаи оҳанин бирён кунанд ва бо [дигар] доруҳо омехта, бо равгани бодоми ширин биолоянд [23] ва бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд. Як ошомидании ин ду мисқол ва бо шароби райҳонӣ ва ё майбиҳӣ бувад.

## Нусхаи дигари рими оҳан

Ин аз барои заъфи меъдаи гарм созгор аст.

**Таркиби он:** аз ҳалилаи кобулӣ, балила, омула, бехи савсан, гул ва гӯргиё даҳ дирамӣ ва рими оҳан (354) баробари ҳамаи доруҳо гирифта, римро андар сирко ҳафт рӯз тар кунанд, биполанд, бар тоба бирён кунанд ва сипас [ҳамаро] бо ангубини табарзад маъҷун созанд. Як ошомидании ин ду дирам ва бо шароби себ бувад.

## Нусхаи [дигар аз] рими оҳани пухта

Ин аз барои заъфи меъда ва гармии мизоҷ созгор аст.

**Таркиби он:** аз рими оҳани басрӣ, ҳалилаи зард, ҳалилаи сиёҳ, балила, омула, гул, гулнор ва гӯргиё бахшҳои баробар гирифта, бо шароб биҷӯшонанд ва аз он се уқия биошоманд.

### Гувориши биҳигии исҳолбоздоранда

Ин табиатро аз ҳоли рафтан боз дорад, аз барои заъфи меъда, қай ва бад аз худ шудани гизо [суд бахшад] ва рангро беҳ кунад.

**Таркиби он:** аз биҳии пӯстбозкарда ва дарунаш поккарда ва аз ангубини кафк баргирифта ду ратлӣ, аз мурч, дорфилфил ва занҷабил панҷ дирамӣ, аз ҳил ҳашт дирам ва аз қоқула, мехак, сунбули хушбӯй, дорчинӣ ва заъфарон ду дирамӣ гирифта, ин доруҳоро баъд аз совидану бехтан ба ҳам ҷамъ созанд. Сипас, биҳиро гирифта, бо сиркои хамрӣ нек бипазанд, вале бархе аз пизишкон онро бо шаробе, ки асл аст, бипазанд. Баъд, аз оташ фурӯд оранд, биполанд ва як соат бигузоранд, то андар он ҳар чи рутубат аст, битаровад ва сипас нарм бикӯбанд. Ангубинро гирифта, бо оташи нарм биҷӯшонанд ва андак-андак биомезанд, то қариб баста бигардад. Сипас, бар вай биҳиро афкананд ва биҷунбонанд, то яксон омехта гардида, бахши обии биҳӣ биравад. Баъд, аз болои оташ фурӯд оранд, бар вай доруҳоро бипошанд ва омезиш бидиҳанд, то ҳама яксон бигарданд. Сипас онро бар тахтаи рухомӣ ва ё бар хони ҳамвори равгани гул ва ё равгани кунҷид андуда бирезанд ва бар рӯи он яксон тунук кунанд. Инро ду-се рӯз [бад-ин ҳол] бигузоранд, то хушкида, сахт шавад, онгоҳ бо корд ба шакли чаҳоргӯша ва ба қадри чаҳор мисқолӣ пора кунанд, андар барги турунҷ печида, бибанданд, нигоҳ доранд ва ба ҳангоми ҳоҷат ба кор баранд. Бархе аз пизишкон бо вай ду дирам мушк ҳамроҳ кунанд.

### Гувориши биҳигии шикам равонкунанда

Ин аз қулинҷ суд дорад ва фазлаҳои танро бихушконад.

**Таркиби он:** аз биҳии пӯстбозкарда ва дарунаш поккарда як ратл, аз ангубини кафк баргирифта ду ратл, аз занҷабил ва дорфилфил чаҳор дирамӣ, аз дорчинӣ ду дирам, аз ҳил, қоқула ва заъфарон се дирамӣ, аз мастако панҷ дирам, аз маҳмуда даҳ дирам ва аз турбиди сафеди хуб сиҳ дирам гирифта, ин доруҳоро баъд аз совидану бехтан ба ҳам ҷамъ созанд. Биҳиро бо шароб бипазанд ва бо он чунин корҳоеро кунанд, ки ба ҳангоми [гувориши] биҳигии табиатбанданда кунанд ва инро низ мисли он омода созанд, андар чогаҳе бигиранд ва сипас ба кор баранд. Як ошомиданӣ аз он чаҳор мисқол ва бо оби гарм бувад.

### Як нусхаи дигари [гувориши] биҳигии исҳоловар

Биҳии хушбӯйро гирифта, аз берун хамир андуда, бирён кунанд. Сипас, аз дилаи он чаҳор дирам, аз мурч ва занҷабил ду донгӣ ва аз маҳмуда як дирам гирифта, бикӯбанд ва бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд. Як ошомидании ин як дирам ва бо шароб бувад.

### Гувориши биҳигие, ки бо афшураи биҳӣ созанд

Ин аз барои беиштиҳоӣ ва аз барои касоне судманд аст, ки таом гуворидан натавонанд. [Низ] касони ҷигарашон заифбударо суд бахшад ва меъдаро қавӣ созад.

**Таркиби он:** биҳиҳои бузурги тунди аз даруну берун поккардаро гирифта, бикӯбанд, бифишоранд ва аз оби он ба қисти румӣ ду қист бигиранд. Сипас бо он аз ангубини кафк баргирифта як чанди [об] ва аз сиркои хамрӣ яку ним қист биомезанд, бар оташи нарм биҷӯшонанд ва кафкашро баргиранд. (355) Баъд, аз занҷабил се уқия ва аз мурчи сафед ду уқия гирифта, бикӯбанд, бар вай биафкананд ва чандоне баста бигардонанд, ки барои лесидан созгор ояд. Ин дору аз барои касоне судманд аст, ки меъдаву ҷигарашон заиф бошанд. Инро бояд ҳадди аксар ду-се соат пеш аз таом истеъмол кунанд, вале баъд аз таом ҳеҷ зиёне надорад. Агар ин доруро барои касе месохта бошӣ, ки меъдааш ҳарорат дорад ва ё андар меъдааш чигунае набошад, заҳра аст, бояд мурчу занҷабилро аз ин [таркиб] барандозӣ ва фақат аз оби биҳӣ, ангубин ва сирко ба миқдоре гирифта, ба кор барӣ, ки мо ёд кардем. Агар инро барои касоне месохта бошӣ, ки мизоҷи меъдаашон миёна буда, андар он на заҳраи зиёдатӣ ва на балғами зиёдатӣ ҷамъ намешуда бошад,

*андар ин [дору] ба* қадри ними миқдори мо ёдкарда занҷабилу мурч биафкан, яъне бояд *тахмин аз мурч як уқия ва аз занҷабил яку* ним уқия биафканӣ. Агар инро аз барои касоне месохта бошӣ, ки андар меъдаашон балғам ҷамъ ҳамеояд, бояд андар он ба қадри ду чанди он миқдоре [аз инҳо] *биафканӣ, ки мо ёд кардаем, яъне тақрибан* аз занҷабил шаш уқия ва аз мурч чаҳор уқия бояд андар он биафканӣ.

**Гувориши биҳигие, ки иштиҳои таом оварад ва меъдаро қавӣ созад**

**Таркиби он:** аз афшураи биҳӣ се ратл, аз ангубин се ратл ва аз сиркои тез ду ратл гирифта, бар оташи лахча биҷӯшонанд ва кафкашро баргиранд. Сипас, аз занҷабил панҷ дирам, аз мурчи сафед, мурчи сиёҳ ва дорфилфил се дирамӣ, аз дорчинӣ ду дирам ва аз уди хом се дирам гирифта, бикӯбанд ва бо ангубин, оби биҳӣ ва сирко биомезанд ва баста созанд. Як ошомиданӣ аз ин як кафча пеш аз таом буда, сипас ду соат сабр кунанд.

**Гувориши ҳиндӣ**

Ин аз барои қулинҷ, дарди пайвандгоҳҳо, никрис ва дарди пушт судманд аст.

**Таркиби он:** аз маҳмуда даҳ мисқол, аз хирбӯво[130], қоқула, занҷабил, дорчинӣ, кирфа, нормушк, мехак ва мурч панҷ мисқолӣ, аз турбид сад мисқол ва аз шакар сад мисқол гирифта, ҳамаи ин доруҳоро якҷоя бикӯбанд, бибезанд ва бо ангубин маъҷун созанд.

**Гувориши шоҳон, ки «доруи яксола» бувад**

Инро як соли тамом ҳар рӯз истеъмол кунанд ва истеъмоли он [ба хости Худой][131] умрро дароз кунад. Ҳар кӣ онро мудом ба кор барад, андар танаш ягон дард намонда, ҳама беҳ шаванд ва ягон мӯяш сафед нашавад, ба шарте ки пеш аз истеъмоли ин сафед нашуда бошад. Ин доруи шоҳон буда, чунонки ҳикоят кунанд, бо ин худро муолаҷа мекардаанд. Ин аз барои носури сиёҳ, сафед ва сурх, аз [ҳар гуна] таровишҳо, аз зардрангӣ, сардчимоъӣ ва дил задани пайвандгоҳҳо судманд аст, биноию рангро зудоиш диҳад ва ҷимоъро афзун гардонад. Ҳеҷ гуна зиёне надорад ва аз паси он худованди онро таб наояд.

**Таркиби он:** аз ҳалилаи сиёҳ, балила ва омула сиву шаш мисқолӣ, аз сиёҳдона бисту чаҳор мисқол, аз мурчи сиёҳ, дорфилфил, занҷабил ва филфилмӯя дувоздаҳ мисқолӣ, аз нормушк, қоқула ва мушки замин ду мисқолӣ ва аз кабоба ва балозур шаш мисқолӣ гирифта, ҳар кадомро ҷудо-ҷудо кӯфта, бибезанд, то ягон чизе аз онҳо боқӣ намонда, қисмати он [пурра] ва ба ҳасби он миқдоре, ки тавсиф кардем, ҳосил гардад ва баъд ҳамаро биомезанд. Сипас шашсад мисқол понизи санҷариро гирифта, андар потила ва ё деги покизае афкананд, аз зераш оташи нарме дардиҳанд ва бар вай як миқдор об бипошанд, то пониз гудохта шавад. Ҳар гоҳ гудохта шуда биҷӯшад, он доруҳои омехтаро бар вай бирез ва биҷунбон, то нарм омехта бигарданд ва баъд [онро аз оташ] бигир ва бигузор, то ба ҳоли нимгармӣ ояд. Сипас, аз он ба қадри ду мисқолу чаҳорякӣ фундуқҳо бисоз ва дастатро [андар ин ҳангом] бо равғани зайтун ва ё равғани гов равған кун. Баъд, ҳар рӯз аз онҳо як фундуқӣ бо оби сард биошом. Ин хоҷаи доруҳост.

**Гувориши исҳоловарандаи масҳақуииё**

Ин аз никрис, дарди пушт ва ҳамаи бемориҳои сард судманд аст.

**Таркиби он:** аз маҳмуда, дорчинӣ, шитараҷ ва занҷабил ҳашт дирамӣ, (356) аз мурчи сиёҳ шаш дирам, [24] аз турбид даҳ дирам, аз дорфилфил шаш дирам, аз қоқула, мехак, тухми карафс ва нонхоҳ чаҳор дирамӣ, аз навшодир ва намаки ҳиндӣ ду дирамӣ, аз пониз ва шакар бист дирамӣ, аз ангужад ду ним дирам ва аз масҳақуниё се дирам гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва бо ангубин маъҷун созанд. Як ошомиданӣ аз он ду ва ё чаҳор дирам ва бо оби нимгарм бувад.

андар ин [дору] ба қадри ними миқдори мо ёдкарда занҷабилу мурч биафкан, яъне бояд тахмин аз мурч як уқия ва аз занҷабил яку ним уқия биафканӣ. Агар инро аз барои касоне месохта бошӣ, ки андар меъдаашон балғам ҷамъ ҳамеояд, бояд андар он ба қадри ду чанди он миқдоре [аз инҳо] биафканӣ, ки мо ёд кардаем, яъне тақрибан аз занҷабил шаш уқия ва аз мурч чаҳор уқия бояд андар он биафканӣ.

## Гувориши биҳигие, ки иштиҳои таом оварад ва меъдаро қавӣ созад

**Таркиби он:** аз афшураи биҳӣ се ратл, аз ангубин се ратл ва аз сиркои тез ду ратл гирифта, бар оташи лахча биҷӯшонанд ва кафкашро баргиранд. Сипас, аз занҷабил панҷ дирам, аз мурчи сафед, мурчи сиёҳ ва дорфилфил се дирамӣ, аз дорчинӣ ду дирам ва аз уди хом се дирам гирифта, бикӯбанд ва бо ангубин, оби биҳӣ ва сирко биомезанд ва баста созанд. Як ошомиданӣ аз ин як кафча пеш аз таом буда, сипас ду соат сабр кунанд.

## Гувориши ҳиндӣ

Ин аз барои қулинҷ, дарди пайвандгоҳҳо, никрис ва дарди пушт судманд аст.

**Таркиби он:** аз маҳмуда даҳ мисқол, аз хирбӯво[130], қоқула, занҷабил, дорчинӣ, қирфа, нормушк, мехак ва мурч панҷ мисқолӣ, аз турбид сад мисқол ва аз шакар сад мисқол гирифта, ҳамаи ин доруҳоро якҷоя бикӯбанд, бибезанд ва бо ангубин маъҷун созанд.

## Гувориши шоҳон, ки «доруи яксола» бувад

Инро як соли тамом ҳар рӯз истеъмол кунанд ва истеъмоли он [ба хости Худой][131] умрро дароз кунад. Ҳар кӣ онро мудом ба кор барад, андар танаш ягон дард намонда, ҳама беҳ шаванд ва ягон мӯяш сафед нашавад, ба шарте ки пеш аз истеъмоли ин сафед нашуда бошад. Ин доруи шоҳон буда, чунонки ҳикоят кунанд, бо ин худро муолаҷа мекардаанд. Ин аз барои носури сиёҳ, сафед ва сурх, аз [ҳар гуна] таровишҳо, аз зардрангӣ, сардчимоъӣ ва дил задани пайвандгоҳҳо судманд аст, биноию рангро зудоиш диҳад ва ҷимоъро афзун гардонад. Ҳеҷ гуна зиёне надорад ва аз паси он худованди онро таб наояд.

**Таркиби он:** аз ҳалилаи сиёҳ, балила ва омула сиву шаш мисқолӣ, аз сиёҳдона бисту чаҳор мисқол, аз мурчи сиёҳ, дорфилфил, занҷабил ва филфилмӯя дувоздаҳ мисқолӣ, аз нормушк, қоқула ва мушки замин ду мисқолӣ ва аз кабоба ва балозур шаш мисқолӣ гирифта, ҳар кадомро ҷудо-ҷудо кӯфта, бибезанд, то ягон чизе аз онҳо боқӣ намонда, қисмати он [пурра] ва ба ҳасби он миқдоре, ки тавсиф кардем, ҳосил гардад ва баъд ҳамаро биомезанд. Сипас шашсад мисқол понизи санҷариро гирифта, андар потила ва ё деги покизае афкананд, аз зераш оташи нарме дардиҳанд ва бар вай як миқдор об бипошанд, то пониз гудохта шавад. Ҳар гоҳ гудохта шуда биҷӯшад, он доруҳои омехтаро бар вай бирез ва биҷунбон, то нарм омехта бигарданд ва баъд [онро аз оташ] бигир ва бигузор, то ба ҳоли нимгармӣ ояд. Сипас, аз он ба қадри ду мисқолу чаҳорякӣ фундуқҳо бисоз ва дастатро [андар ин ҳангом] бо равгани зайтун ва ё равгани гов равған кун. Баъд, ҳар рӯз аз онҳо як фундуқӣ бо оби сард биошом. Ин хоҷаи доруҳост.

## Гувориши исхоловарандаи масҳақуниё

Ин аз никрис, дарди пушт ва ҳамаи бемориҳои сард судманд аст.

**Таркиби он:** аз маҳмуда, дорчинӣ, шитараҷ ва занҷабил ҳашт дирамӣ, (356) аз мурчи сиёҳ шаш дирам, [24] аз турбид даҳ дирам, аз дорфилфил шаш дирам, аз қоқула, мехак, тухми карафс ва нонхоҳ чаҳор дирамӣ, аз навшодир ва намаки ҳиндӣ ду дирамӣ, аз пониз ва шакар бист дирамӣ, аз ангужад ду ним дирам ва аз масҳақуниё се дирам гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва бо ангубин маъҷун созанд. Як ошомиданӣ аз он ду ва ё чаҳор дирам ва бо оби нимгарм бувад.

## Гувориши кунҷид

Аз кунҷиди муқашшар, зираи кирмонӣ ва занҷабил даҳ дирамӣ, аз мурч ва дорфилфил панҷ дирамӣ, аз дорчинӣ ду дирам, аз қоқула ва ҳил се дирамӣ ва аз шакари табарзад ва пониз шаст дирамӣ гирифта, ин доруҳоро баъди совидан ва бехтан якҷоя кунанд, андар ҷогаҳе бардоранд ва сипас ба кор баранд.

## Гувориши сақиздона

Ин аз бавосир, сардии меъда, бад аз худ шудани гизо ва дарунравӣ суд дорад.

**Таркиби он:** аз сақиздона, ангубини балозур ва кунҷиди муқашшар шаш исторӣ, аз шакари табарзад бисту чаҳор истор, аз ҳалилаи кобулӣ, балила, омулаи донааш ҷудокарда, занҷабил, дорфилфил, баранг, содаи ҳиндӣ ва шитараҷ чаҳор дирамӣ ва аз мурч, марзангӯш ва басбоса ду дирамӣ гирифта, ин доруҳоро якҷоя кунанд, бо ангубини кафк баргирифта ва равғани гов маъҷун созанд ва баъд аз шаш моҳ ба кор баранд. Як ошомиданӣ аз он ду дирам ва бо шири хобрафтаи гов бувад, вале [бемор] то вақте ки инро истеъмол мекунад, бояд таоми худро аз ширбиринҷ созад.

## Гувориши ангудон

Ин аз барои дамиши шикаму меъда, қарокури [рӯдаҳо] ва боди ситабр судманд аст.

**Таркиби он:** аз мурч ва тухми карафс дувоздаҳ дирамӣ, аз ангудони сиёҳ чаҳордаҳ дирам, аз карафси кӯҳӣ, [ҳизормоҷ][132], пудина, ҳошо ва сисолиюс ҳашт дирамӣ ва аз кошим сездаҳ дирам гирифта, ин доруҳоро баъд аз совидан ва бехтан якҷоя созанд, бо ангубини кафк баргирифта маъҷун кунанд, андар ҷогаҳе бардоранд ва ба ҳангоми ҳоҷат ба кор баранд.

## Нусхаи дигаре аз гувориши ангудон

Ин аз сахтии ҷигар, сардии он, аз оби зард ва сардии меъдаву гурда суд дорад.

**Таркиби он:** аз ангудони сиёҳ даҳ дирам, аз тухми таратезак ва тухми гандано ҳашт дирамӣ, аз занҷабил, балила ва омулаи дона баргирифта ҳафт дирамӣ, аз нонхоҳ, тухми карафс, анисун, қоқулаҳои хурд, зираи кирмонӣ ва дорчинӣ панҷ дирамӣ, аз ҳалилаи сиёҳи дона баргирифта ҳафт дирам, аз қирфа ҳафт дирам, аз мурч ва дорфилфил чаҳор дирамӣ, аз сунбули хушбӯй ду дирам, аз мехак як дирам ва аз понизи сафед бист дирам гирифта, ин доруҳоро баъди совидану бехтан ба ҳам ҷамъ карда, бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд, андар ҷогаҳе бигиранд ва ба вақти ҳоҷат ба кор баранд. Як ошомиданӣ аз он ду дирам ва бо оби анисун, мастако ва сунбул бувад.

## Гувориши кофур

Аз заъфи меъда ва ҷигар судманд аст, бодҳои ситабрро биронад ва бар гувоидан ёварӣ кунад.

**Таркиби он:** аз кофур, заъфарон, уд, қоқула, хирбӯво, кабоба, кошим, қирфа, мехак, ушна, сунбул, басбоса, сандали сафед, мурч, дорфилфил, дорчинӣ, шитараҷ, нормушк, газари даштӣ, хуланҷон, гавзи бӯё, занҷабил,мушки замин ва филфилмӯя бахшҳои баробар ва аз шакар ба андозаи (357) ҳамаи доруҳо бигиранд.

## Нусхаи дигари гувориши кофур

Ин аз бадгуворӣ, заъфи меъда ва балғами ситабр суд дорад.

**Таркиби он:** аз мурч, гавзи бӯё, занҷабил, мехак, басбоса, дорчинӣ, қирфа, ноғбушт[133], филфилмун, норқайсар, мехаки бӯстонӣ, кофур ва заъфарон ду дирамӣ гирифта, ҳамаи ин доруҳоро баъди совидану бехтан якҷоя кунанд, бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд, андар ҷогаҳе бардоранд ва ба ҳангоми ниёзмандӣ ба кор баранд.

## Як гувориши кофур, ки аз аввалӣ ҳам қавитар аст

**Таркиби он:** аз занҷабил, мурч, дорфилфил, дорчинӣ, қирфа, содаи ҳиндӣ, сунбули хушбӯй, шитараҷи ҳиндӣ, гавзи бӯё, сандали зард, донаи баласон, қоқула, басбоса, мехак, ногбушт, толисфар, мушки замин, табошир ва уди ҳиндии холис ним уқиягӣ, аз кофур ва мушк ду ним дирамӣ ва аз шакари табарзад даху ним уқия гирифта, бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд, андар ҷогаҳе бигиранд ва ба ҳангоми ниёзмандӣ ба кор баранд.

## Гувориши уд

Ин меъдаро қавӣ сохта, на ба ифрот гарм кунад, таом бигуворад ва балғамро бичинад.

**Таркиби он:** аз сунбули хушбӯй, сунбули румӣ, тухми карафс, анисун ва мастако як дирамӣ, аз уд се дирам, аз мехак ду дирам, аз басбоса ду ним дирам, аз қирфа ва сукк ду дирамӣ, аз ҳалилаи кобулии андар шароб таркарда ва бирёнкарда ва аз палангмушк ду ним дирамӣ, аз гавзи бӯё яку ним дирам, аз марвхуш се дирам ва аз гул ва наи бӯё ду дирамӣ гирифта, бо майбиҳӣ маъҷун созанд. Як ошомиданӣ аз он ду мисқол бувад.

## Гувориши дорчинӣ

Ин аз заъфи ҷигар, меъда ва гурда судбахш аст, хилтҳои ситабрро пок созад ва бодҳоро биронад.

**Таркиби он:** аз дорчинӣ, уд ва росан шаш дирамӣ, аз мехак, мурчи сиёҳ, дорфилфил, сунбул ва асорун панҷ дирамӣ, аз занҷабил як уқия, аз пудинаи бӯстонӣ ҳашт дирам, аз хирбӯво ва қирфа ду дирамӣ ва аз киё, анисун, тухми бодиён ва салиха се дирамӣ гирифта, бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд.

## Як гувориши ҳиндӣ

Ин аз қулинҷ, сардии меъда, дарди пайвандгоҳҳо ва никрис судманд аст.

**Таркиби он:** аз шитараҷ ва содаи ҳиндӣ чаҳор дирамӣ, аз гавзи бӯё ва нонхоҳ ду исторӣ, аз мурч ва дорфилфил панҷ исторӣ, аз занҷабил панҷ истор, аз ҳалилаи сиёҳ сиҳ истор, аз нормушк ду истор, аз мехак панҷ дирам, аз гавзи бӯё ду истор, аз басбоса чаҳор дирам ва аз пониз даҳ истор гирифта, ба ҳангоми ҳоҷат ду дирам аз ин маҷмӯъро ба шакли хока бо набизи кӯҳан биошоманд.

## Гувориши занҷабил

Ин аз заъфи меъдаву рӯдагон судманд аст, таом бигуворад, бодҳоро биронад, аз ҳайза суд бахшад ва шикамро бибандад.

**Таркиби он:** аз занҷабил бист дирам, аз самги арабӣ ва хирбӯво даҳ дирамӣ, аз мехак ва дорчинӣ панҷ дирамӣ, аз гавзи бӯё як дона, аз заъфарон як дирам, аз нашоста чиҳилу ду дирам ва аз шакари табарзад як ратл бигиранд.

## (358) Гувориши мушк

Ин аз заъфи меъда ва дамиши он, аз бодҳои бавосир ва хафақони дил судманд аст.

**Таркиби он:** аз мушк ним мисқол, аз хирбӯво, қоқула, мехак, занҷабил ва дорфилфил даҳ дирамӣ, аз дорчинӣ се дирам, аз уди ҳиндӣ як уқия, аз заъфарон ду дирам ва аз шакар баробари вазни ҳамаи доруҳо бигиранд, ҳамаро кӯфта, бибезанд ва сипас бо ангубин сиришта, ба кор баранд.

## Гувориши турунҷ

Ин бодҳоро биронад, таом бигуворад ва бӯи даҳон хуш кунад.

**Таркиби он:** аз пӯсти хушки турунҷи зард сиҳ дирам, аз мехак, гавзи бӯё, дорфилфил,

мурч, хирбӯво, дорчинӣ, хуланҷон ва занҷабил як дирамӣ ва аз [25] мушк яку ним донг гирифта, бо ангубин маъҷун созанд ва ба ҳангоми ниёзмандӣ ба кор баранд.

**Гувориши Қайсар**

Аз қулинҷ, сардҷимоъӣ ва [балғами] хом суд дорад, фазлаҳои ситабри часпакро берун кунад ва аз никрис суд бахшад.

**Таркиби он:** аз дорфилфил, занҷабил, ҳалилаи зард, маҳмуда ва турбид дувоздаҳ дирамӣ, аз тухми карафс, нонхоҳ, оқирқарҳо ва намаки табарзад шаш дирамӣ ва аз шакар шонздаҳ дирам гирифта, бо ангубин маъҷун созанд ва ба кор баранд.

**Гувориши исқанқур**

Ин боҳро биафзояд.

**Таркиби он:** аз тухми морчӯба, тухми пиёз, тухми шалгам, тухми сиписти тар, тухми гандано, тухми газар, тухми таратезак, тухми газна, шоҳисфарам, сақиздона, «забони гунҷишк», кунҷиди муқашшар, тухми турб, ҳар ду тударӣ, мағзи чилғӯза ва тухми таратезаки шоҳӣ се дирамӣ, аз занҷабил, газари даштӣ, хуланҷон ва дорфил фил панҷ дирамӣ, аз дорчинӣ, гавзи бӯё ва ҳар ду намуди баҳман ду дирамӣ, аз нофи исқанқур панҷ дирам, аз унсули бирён се дирам ва аз пониз баробари ҳамаи доруҳо гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд. Як ошомиданӣ аз ин ду дирам бо мусаллас, ё бо шири навдӯшида ва ё бо оби ангубин бар ношито бувад.

**Як гувориши дигар**

Ин аз барои хафақон судманд аст, меъдаро қавӣ созад, таом бигуворад ва шикам бикушояд.

**Таркиби он:** аз ҳалилаи кобулӣ понздаҳ дирам, аз толисфар панҷ дирам, аз зурунбод, даруна ва салиха се дирамӣ, аз турбид бист дирам, аз маҳмуда се дирам ва аз пониз бист дирам гирифта, бо ангубин маъҷун созанд. Як ошомиданӣ аз он се дирам бувад.

**Як гувориш аз мо, ки санҷидашуда аст**

**Таркиби он:** аз уд се дирам, аз кофур чаҳоряк дирам, аз мушк сеяк дирам, аз басбоса, нормушк, мушки замин, палангмушк, зарнаб ва зурунбод як мисқолӣ, аз дорчинӣ, мастако, занҷабил, мурч ва мехак ду дирамӣ, аз «забони гов» панҷ дирам ва аз тухми бодиён, тухми карафс, ваҷ ва сунбул се дирамӣ гирифта, ҳамаро бо ангубин ҷамъ созанд.

**Итрифали бузург**

Ин аз истирхои меъда ва бодҳои дарунии бавосир суд дорад ва боҳро зиёда кунад.

**Таркиби он:** аз ҳалилаи сиёҳ, балила, омула, дорфилфил ва мурч се бахшӣ, аз занҷабил, бузайдон, шитараҷи ҳиндӣ, широмула, газари даштӣ ва ба ҳасби як нусхаи дигар низ аз басбоса як бахшӣ, аз тударии сафед, тударии сурх, «забони гунҷишк», тухми анори даштӣ, яъне буссаддона, ки он ҳаббу-л-қилқил[134] ва ба форсӣ норшаъон аст, кунҷиди муқашшар ва шакари табарзад ду бахшӣ ва аз баҳмани сафед (359) ва баҳмани сурх ним бахшӣ гирифта, хушкаҳоро ҷудогона бикӯбанд ва кунҷидро ҷудогона ва сипас биомезанд, бо равғани гов биолоянд ва бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд

**Гувориши уд, ки аз мост**

Аз ҳил, занҷабил, дорчинӣ, салиха, заъфарон, мурч, палангмушк ва зурунбод панҷ дирамӣ, аз мушки замин, зарнаб, содаи ҳиндӣ ва мехак се дирамӣ, аз уди хом ҳафт дирам, аз анбар як мисқол, аз лоҷувард ва кофур ду донгӣ, аз турбид чаҳор дирам ва аз намаки ҳиндӣ як дирам гирифта, ҳамаро бисованд ва аз онҳо бо ангубин ва ё шакар гувориш омода кунанд.

# МАҚОЛАИ ЧАҲОРУМ

## АНДАР БАЁНИ ХОКАҲО, ДОРУҲОИ КАФАКӢ (ҚАМИҲАҲО) ВА ДОРУҲОИ БАР ДАҲОН РЕХТАНИИ[135] КӮДАКОН

Мо бархе аз доруҳои хокаро мисли гуворишҳо андар ин ҷо оварем, вале боқимондаро баъдтар ба ҷои худаш ёд хоҳем кард.

### Мақлиёсо[136]

Ин аз заҳир, печиши ноф, исҳол ва бавосир судбахш аст.

**Таркиби он:** аз тухми бирёни таратезаки шоҳӣ яку ним ратл, аз зираи кирмонии як шабу як рӯз андар сирко таркардаи бирён-карда ва тухми бирёни гандано даҳ исторӣ, аз тухми катони бирён чаҳор уқия, аз киё як уқия ва аз ҳалилаи кобулии бо равгани гов пухта се уқия бигиранд. Як ошомиданӣ аз ин се дирам ва бо рубби биҳӣ бувад.

### Як доруи хока

Ин аз бодҳои бавосир, исҳол, заҳир ва печиши ноф судманд аст.

**Таркиби он:** аз тухми бирёни таратезаки шоҳӣ як ратл, аз тухми бирёни катон ва аспғул се дирамӣ, аз тухми карафси бирён, гили арманӣ ва тухми марв ду ним дирамӣ ва аз самғи арабӣ як дирам бигиранд.

### Як хокае, ки «касило» ном дорад

Ин рафтани шикамро боз дорад.

**Таркиби он:** аз касило, мурддона, [ҷафти булут][137], сипандони сафед, зурунбод, гавзгандум, касиро, мугос, ҳузаз, фундуқ ва писта як бахшӣ, аз бодоми ширини аз ҳар ду пӯст поккарда даҳ дирам ва аз орди сафед бист дирам гирифта, биомезанд ва ба кор баранд.

### Як хокаи дигар

Ин занони обистанро суд дорад, бодҳоро биронад ва меъдаву ҷигарро қувват бахшад.

**Таркиби он:** аз марворидҳои хурд ва оқирқарҳо як дирамӣ, аз занҷабил ва сақизи румӣ чаҳор дирамӣ, аз зурунбод, даруна, тухми карафс, вач, хирбӯво, гавзи бӯё, мурч ва дорчинӣ ду мисқолӣ, аз тударӣ ва тухми бодиён як мисқолӣ ва аз шакар ба андозаи вазни ҳамаи доруҳо бигиранд.

### Хокаи Убода

Ин аз барои логарии ҷигар, ковокии меъда ва рутубатнокии он суд дорад.

**Таркиби он:** аз лок, шохаҳои баласон, мурддона, булути хушк, шакари табарзад,

мастако, пусти анор ва мозу як бахшӣ ва аз лубон ва занҷабил чаҳоряки як бахшӣ гирифта, баъд аз бехтан ба ҳам биомезанд. Аз он як ҳафта ҳар бомдод ва хуфтан аз як мисқол то ду мисқолӣ кафакӣ кунанд ва гӯштро начашанд.

### Як хокаи [дигар]

Ин аз гармии тан, таб, сурхбод, махмалак, атса ва баста шудани забон ба сабаби барсом суд дорад ва бо он забонро даллокӣ кунанд.

**Таркиби он:** аз мушк ду донг, аз сукк ва ҳузаз як дирамӣ, аз кофур як дираму ду донг, аз заъфарон ду дирам, аз қоқула, мехак ва гавзи бӯё чаҳор дирамӣ[138], аз гули сурх, гулнор ва табошир шаш мисқолӣ ва аз шакари (360) табарзади сафед шаст дирам гирифта, ин доруҳоро баъд аз бехтан бо ҳам биомезанд. Агар каси бо ин муолаҷа мекардагиро гармӣ голиб бошад, ғавзи бӯёро [аз ин таркиб] биандоз. Як ошомиданӣ аз он барои касони бузургсол ним мисқол ва барои касони хурдсол аз ду ҳабба то як қирот бувад.

### Қамиҳаи харбузаи дароз

Ин меъдаи сустро қавӣ созад, шиками касеро бибанд, ки иллати он истирхои меъда бошад ва нафаси нотавонро неру бахшад.

**Таркиби он:** харбузаи дарозро бигиранд, даруни онро аз дона ва ғайра пок кунанд, сипас бо бахшҳои баробар аз писти кунор, писти мукл, таросис, санҷиди бирёнкардаи кӯфта ва гуринчи бирён даруни онро пур кунанд ва бигузоранд, то онҳо тарии харбузаро ба худ бигиранд. Баъд, онҳоро берун гирифта, бихушконанд, бисованд ва аз ин як кафӣ ба қадре, ки чаҳор дирам барояд, истеъмол кунанд.

### Як хокаи дигар

Инро аз барои кӯдакони бар эшон рутубат ғолиб буда омода созанд.

**Таркиби он:** аз ҳалилаи сиёҳ ва зираи кирмонӣ панҷ дирамӣ, аз мастако бисту панҷ дирам ва аз занҷабил ду дирам гирифта, ҳар кадомро ҷудогона бикӯбанд, бибезанд ва сипас ҳамаро бо ҳам биомезанд. Онро андар тобистон бо равғани кунҷид ва андар зимистон бо равгани зайтун биолоянд ва шакари тобистонаи онро аз табарзад бигиранд ва занҷабилашро биандозанд. Ин барои кӯдаконе созгор аст, ки бар эшон рутубат ғалаба карда бошад.

### Хокаи Аристотолис, ки аз барои Искандар навишта аст

Ин аз барои дарунрав, табоҳии меъда, зардрангӣ, бадбӯии даҳон, васваса ва фаромӯшхотирӣ созгор аст ва гуворишу хуррамӣ оварад.

**Таркиби он:** аз қирфа, содаи ҳиндӣ, ҳил, уди хиндӣ, асорун, киё, ҳалилаи кобулии дона баргирифта, шоҳафсар, палангмушк, нормушк, норқайсар, зира, дорчинӣ, ушна, мурч, дорфилфил, занҷабил, мехак, донаи анор, гавзи бӯё ва қоқула ду бахшӣ, аз мушк, анбар ва кофур як бахшӣ ва аз шакари табарзад шаш чанди ҳамаи доруҳо бигиранд. Як ошомиданӣ аз ин аз як то се дирам бо оби сард бар ношито бувад. Баъди таом низ, чунонки тавсиф кардаанд, суди азим дорад.

### Хокаи Бармакӣ

Ин аз барои кирмҳо ва заъфи меъда судманд аст.

**Таркиби он:** аз ҳалила, [26] омула ва баранг як бахшӣ, аз мағзи турбид як чанди ҳамагон ва аз понизи табарзад ҳамчанди онҳо бигиранд. Як ошомиданӣ аз он даҳ дирам бувад.

### Хокаи унсул

Ин доруи андар гулӯи кӯдакон рехтании санҷидашуда аст. Ин маниши гаштан ва исҳол оварда, зиёни зардаву балғамро аз эшон бибарад.

**Таркиби он:** аз ҳалила, балила, омула, оқарқирҳо, гули сурх, гулнор, тутум, каймурда, зардчӯба, гавзи қай, мурддона, мозу, пудинаи даштӣ, қоқула ва мехак бахшҳои баробар гирифта, ҳамаро бикӯбанд, бибезанд ва ба кор баранд.

### Як доруи андар даҳони кӯдакон рехтанӣ

Ин тани эшонро аз тариҳо ва зарда пок кунад.

**Таркиби он:** аз ҳалилаи зард панҷ дона, аз ҳар кадоми газмозу, табошир, анбари сайданонӣ, момирон, пудинаи даштӣ, гулнор, ҳузаз, сукк, заъфарон, қоқула, мозу ва шакари табарзад ба қадри вазни ҳалила бигиранд. Сипас, аз ин ба қадри бузургию хурдии каси ошоманда гирифта, ба кор баранд.

### Доруи андар даҳон рехтании дигаре аз барои кӯдакон

Аз гул, гулнор, иқлимиё, оқирқарҳо, тутум, рубби ширинбаён, газмозу, ҳалила, балила, мозу, басбоса, мурддона, табошир, кабоба, қоқула, (361) ҳузаз, заъфарон, сукк, зардчӯба, салиха, анбари сайданонӣ, пудинаи даштӣ ва пӯсти гуринҷ бахшҳои баробар гирифта, баъд аз бехтан бо ҳам биомезанд.

### Як доруи андар даҳон рехтании дигар аз барои кӯдакон

Аз шакари табарзад, гули сурх, ҳузаз, заъфарон, тутум, табошир, момирон, пудинаи даштӣ, гулнор, қоқула ва газмозу як бахшӣ бигиранд. Як ошомидании ин барои хурдсолон як қирот ва барои бузургон муносиби эшон бувад.

### Як қамиҳа

Ин аз барои саҳҷ, исҳоли сахт ва табоҳию заъфи меъда бувад.

**[Таркиби он]:** аз қараз ва таросис панҷ бахшӣ ва аз мушк[139] як бахш гирифта, ҳар кадомро ҷудо-ҷудо бикӯбанд ва сипас ба ҳам биомезанд. Аз ин пагоҳӣ ду дирам ва бегоҳӣ ҳамин қадар истеъмол кунанд, судманд аст.

### Як хока

Ин аз барои бемории испурч, бадгуворӣ ва бадрангӣ бувад.

**[Таркиби он]:** аз сипандони сафед чаҳоряки як кайлача гирифта, бар вай то паноҳ шудан, равғани кунҷид бирезанд, аз зераш оташи нарм дар диҳанд, то ситабр бигардад. Сипас бар вай аз мугоси кӯфта ҳафтоду як дирам, аз зираи кирмонӣ чаҳор дирам ва аз нонхоҳи шомӣ ду дирам афкананд. Аз ин ҳар пагоҳӣ як каф бихӯранд ва аз сирко, моҳии шӯр ва тоза ва аз ҳар гуна шир, тараҳо ва меваҳо парҳез кунанд.

### Як хокаи [дигар]

Ин аз барои касони гирифтори яроқон ва дарди ҷигар ва зардаи зард қайкунанда созгор аст.

**Таркиби он:** аз локи шуста як мисқол, аз табошир ду дирам, аз заъфарон як дирам, аз рованди чинӣ яку ним донг ва аз кофур як донг бигиранд. Як ошомиданӣ аз ин ду дирам ва бо ним ратл ҷӯшонидаи олу ва оби хурмои ҳиндӣ бувад.

### Як хокаи [дигар]

Ин аз барои каси гирифтори таб, дарди ҷигар ва шикамрави зардавӣ созгор аст.

**Таркиби он:** аз дурди шароб, зарованд, сунбул ва локи шуста як мисқолӣ ва аз рими оҳани басрӣ ҳафт дирам гирифта, бикӯбанд. Як ошомиданӣ аз ин як мисқол бо як уқия оби кашнизи хушк бувад.

### Як хокаи [дигар]

Ин аз барои гармии ҷигар, яраҷон, суддаҳо ва хунпартоӣ суд дорад.

**Таркиби он:** аз донаи сафедкардаи биҳӣ, нашоста ва тухми сафедкардаи хиёр чаҳор дирамӣ, аз гили арманӣ, локи шуста, гул, сунбул ва савсан як дирамӣ, аз табошир ним дирам ва аз мастако сеяки як дирам[140] бигиранд. Як ошомиданӣ аз ин як дирам ва бо оби сард бувад.

### Як намак

Ин аз барои гармимизоҷон ва исҳоли ҳар ду намуди зарда хуб буда, иштиҳои таом оварад.

**[Таркиби он]**[141]: намаки дарониро гирифта, ба пораҳои хурд шикананд, бар тобаи оҳанӣ, ё тобаи сафолин ва ё бар сафолина ниҳода,[бирён кунанд ва] бар вай чандин бор сиркои хамрии тез бипошанд. Сипас, онро кӯфта, бибезанд ва бо он андаке донаи анори бирёнкарда, ба қадри сеяки намак тутуми аз дона поккарда ва якчанди он кашнизи хушки бирён ва афшураи зиришки кӯфта афзуда, биомезанд ва ба кор баранд.

### Як намаки дигар

Ин аз барои меъда, ҷигар, аз дарди пайвандгоҳҳо ва аз ҳамаи бемориҳое суд дорад, ки аз сабаби фазлаҳо падид омада бошад.

**Таркиби он:** аз намаки ошӣ як ратл, аз навшодир ду уқия, аз мурчи сафед се уқия, аз занҷабил ва мурчи сиёҳ ду уқиягӣ, аз анисун, донаи таратезак, нонхоҳ ва сунбул як уқиягӣ, аз пудинаи даштӣ ду уқия ва аз донаи карафси даштӣ яку ним уқия гирифта, бикӯбанд ва бисованд. Як ошомиданӣ аз ин ду мисқол ва бо оби нимгарм бувад.

## (362) МАҚОЛАИ ПАНҶУМ

### АНДАР БАЁНИ ЛЕСИДАНИҲО

Гуфтори мо оид ба доруҳои лесиданӣ бар қиёси он гуфтори мост, ки андар бобҳои пеш аз ин оварда шуд. Доруҳои лесиданиро аксар вақт барои он бисозанд, ки то андар даҳон нигоҳ дошта шаванд ва аз онҳо андак-андак ба сӯи шуш бирасад ва якбора ба меъда наравад, зеро андар акси ҳол роҳи он аз меъда ба сӯи шуш дароз хоҳад буд.

**Як лесиданӣ**

Ин аз барои сурфаи хушк бувад.

**[Таркиби он][142]:** тухми катони бирёнкардаро гирифта, бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд, андар ҷогаҳе бардоранд ва ба ҳангоми ҳоҷат ба кор баранд.

**Як лесидании дигар**

Ин аз барои сурфаест, ки аз гармӣ ва хушкӣ бувад.

**[Таркиби он][143]:** аз тухми сафедкардаи хиёр панҷ дирам, аз бодоми ширини сафедкарда шаш дирам, аз тухми хитмӣ ва тухми панирак панҷ дирамӣ, аз самғ, касиро, нашоста ва донаи сафедкардаи биҳӣ чаҳор дирамӣ ва аз афшураи ширинбаён ва понизи сафед чаҳору ним дирамӣ гирифта, бикӯбанд ва бибезанд. Сипас, беҳи поккардаи ширинбаён, сапистон ва мавизи ширини поккардаро гирифта, бо об то ситабр шудан биҷӯшонанд ва бар вай майпухта афканда, бо он доруҳоро баста гардонанд. Инро бо ҳарироби биошоманд, ки аз оби сабуси орди сафед, орди боқилӣ, пониз ва равгани бодоми ширин сохта бошанд ва баъд аз он оби ҷав биошоманд.

**Як лесиданӣ**

Ин аз барои сурфаест, ки аз гармӣ бувад.

**[Таркиби он][144]:** аз сапистон се думушта, аз уннобҳои бузург панҷоҳ дона, аз беҳи поккарда ва поракардаи ширинбаён сиҳ дирам, аз мавизи кашмаҳонии[145] ширини поккарда чиҳил дирам ва аз хиёршанбари аз найҳо поккарда бист дирам гирифта, бо нӯҳ ратл об то як ратл мондан биҷӯшонанд. Сипас онро биполанд ва бар вай ним ратл майпухта ва сеяк ратл пониз афканда, то мисли ангубин ситабр шудан биҷӯшонанд. Баъд, бо он ба қадри кофӣ орди боқилие бизананд, ки бо ҳарир бехта бошанд.

**Лесидании хашхош**

Ин аз барои хун партофтан, таби сахт, сурфа, дарди сина ва шавса судбахш аст.

**Таркиби он:** аз гули сурхи кулоҳакҳояш барчида ва аз самғ ним дирамӣ, аз нашостаи гандумӣ, касиро ва донаи хашхош ду дирамӣ, аз табошир ва заъфарон ним дирамӣ

ва аз рубби ширинбаён ду дирам гирифта, ҳамаи ин доруҳоро баъд аз совидану бехтани онҳое, ки бехтаниянд, ба ҳам ҷамъ кунанд, бо мусаллас маъҷун созанд, андар ҷогаҳе бигиранд ва ба ҳангоми ниёзмандӣ ба кор баранд. Онро бо тарангубин ва ё ҷӯшонидаи зуфо биошоманд.

### Лесидании табошир

Ин аз сурфа, хунпартоӣ, фазлаҳои ситабр, дарди сина ва решҳои шуш судманд аст.

**Таркиби он:** аз қоқула чаҳор дирам, аз самғ ҳашт дирам, аз нашостаи гандумӣ, донаи хашхоши сафед ва занҷабил даҳ дирамӣ, аз табошир чаҳор дирам, аз шакари табарзад чиҳил дирам, аз донаи муқашшари хиёрза, аз бодоми ширини аз ҳар ду пӯст поккарда ва аз магзи поккардаи чилғӯза ҳашт дирамӣ, аз бодоми талхи аз ҳар ду пӯст поккарда, рубби ширинбаён ва касиро панҷ дирамӣ, аз тухми бодиён ду дирам ва аз донаи хашхоши сиёҳ ду дирам гирифта, ҳамаи ин доруҳоро баъди совидану бехтани он чи ки бехтанист, ҷамъ созанд, бо ангубини кафк баргирифта ва равғани гов маъҷуни нарм созанд, андар ҷогаҳе бигиранд ва ба ҳангоми ниёзмандӣ ба кор баранд.

### (363) Як лесидании дигаре аз табошир

Ин аз табҳои силӣ ва решҳои шуш суд дорад.

**Таркиби он:** аз самги арабӣ ва қоқула шаш дирамӣ, аз занҷабил ва нашостаи гандумӣ дувоздаҳ дирамӣ, аз табошир чаҳор дирам, аз шакар шаст дирам ва аз донаи поккардаи хиёрза ва чилғӯзаи поккарда ҳафт дирамӣ гирифта, ин доруҳоро баъд аз совидану бехтани он чи ки бехтанист, якҷоя кунанд, бо равғани гов ва ангубини кафк баргирифта маъҷуни нарм созанд ва андар ҷогаҳи обгинагӣ бигиранд. Аз ин билесанд ва бо оби гарм ва ё шири хар биошоманд.

### Лесидании унсул

Ин аз барои душвории нафас, [балғам ва хун] партофтан, дарди ҳар ду паҳлу ва сина судманд аст.

**Таркиби он:** афшураи унсул ва ангубини кафк баргирифтаро гирифта, ҳар дуро якҷоя баста гардонанд ва аз он пеш аз [27] таом ва баъди он билесанд.

### Лесидании сир

Ин аз сурфаи аз сабаби балғам ангехташаванда суд дорад, синаро пок кунад ва моддаҳои тунукро бипазонад.

**Таркиби он:** аз сири поккарда як ратл гирифта, бо як ратл равғани гов то нарм шудан биҷӯшонанд. Сипас биполанд ва сирро нарм кӯфта, бар вай ду ратл ангубини кафк баргирифта биафзоянд, бо оташи нарм ба андозае биҷӯшонанд, ки ситабр бигардад ва сипас аз оташ фурӯд оранд.

### Як лесидании дигар

Ин аз барои сурфаи ба сабаби гармӣ падид омада суд дорад.

**[Таркиби он]:** аз донаи биҳӣ ва аспгул панҷ дирамӣ, аз тухми хашхош даҳ дирам ва аз бехи ширинбаён ва сапистон ҳафт дирамӣ гирифта, андар се ратл об тар кунанд. Сипас онро бо оташи нарм то ситабр гардидан биҷӯшонанд, баъд бар вай дувоздаҳ дирам майпухта, ҳафт дирамӣ касиро ва самғи арабӣ ва як истор пониз афканда, то расидан омезиш диҳанд, андар ҷогаҳе бигиранд ва ба кор баранд.

### Лесидании хинҷак

Ин аз барои хастагии овоз, реши сина ва аз барои касе [созгор] аст, ки хуноба партояд ва [низ] суддаҳоро бикушояд.

**Таркиби он:** аз тухми катони бирёнкарда

ва мавизи поккарда як ратлӣ, аз магзи чилғӯза, бодоми ширин ва бодоми талхи поккарда шаш уқиягӣ, аз фундуқи бирён, сақизи хинҷак, бехи ширинбаён ва самги арабӣ се уқиягӣ, аз мурчи сафед, орди боқилӣ, нахӯд, зарованд[146], нашоста, нонхоҳ, сипандон, майъаи равон ва бехи савсани осмонгунӣ як уқиягӣ ва аз мурр, заъфарон ва лубони нар ним уқиягӣ гирифта, бикӯбанд, бибезанд, бо шири хар биолоянд ва бо он сиришта кунанд, аз он курсҳо бисозанд ва андар соя хушк кунанд. Сипас онҳоро совида, бо ангубин маъҷун созанд. Аз ин як кафча пагоҳӣ ва як кафча бегоҳӣ истеъмол кунанд. Инчунин, аз ин шиёфҳову ҳаббҳои хурд сохта, шаб андар зери забон бигиранд.

# МАҚОЛАИ ШАШУМ

## АНДАР БАЁНИ ШАРОБҲО ВА РУББҲО

Мо шаробҳо ва руббҳоро ба тавре оварем, ки пеш аз ин ишора намудем. Фарқи миёни шаробҳо ва руббҳо ин аст, ки руббҳо афшураҳои худ ба худ қавом ёфтаанд, вале шаробҳо бошанд, ҷӯшонидаҳо ва афшураҳоеанд, ки бо шириниҳо қавом дода шудаанд.

### [Уқсумолӣ[147]

Ин сикангубинест, ки пешиниён сохта ва мураттаб кардаанд ва аз қавин, дарди пайвандгоҳҳо ва саръ судманд аст. Агар аз он биошоманд, кимуси ситабрро ба исҳол оварад ва гуфтаанд, ки ошомидани он аз газидагии мори афъӣ суд дорад. Инчунин, аз ошомидани афюн ва доруҳои қаттол судманд аст.

**Сохти он:** аз сирко панҷ ратл, аз намак қариб ду ман, аз ангубин даҳ ман ва аз об даҳ қутулӣ гирифта, ба ҳам биомезанд ва бо оташи нарм то даҳ сар ҷӯшидан бипазанд. Сипас аз оташ фурӯд оварда, бигузоранд, то сард шавад ва баъд андар ҷогахе бардошта, ба ҳангоми ниёзмандӣ ба андозаи фармудаи пизишк аз он истеъмол кунанд][148].

### (364) Сикангубини бузурии умумӣ

Ин табҳо ва афрӯхтагии меъдаро паст кунад, балғамро бурида бизудояд, сафроро фурӯ нишонад, суддаҳои ҷигару испурҷро бикушояд ва пешобро битозонад.

**Таркиби он:** аз сиркои хамрии кӯҳани хуб даҳ ратл гирифта, бар вай бист ратл ва ё ба қадри турушӣ ва хубии сирко бештару камтар аз оби хуши соф бирезанд, андар он аз пӯсти бехи бодиён ва пӯсти бехи карафс се уқиягӣ ва аз тухми бодиён, анисун ва тухми карафс як уқиягӣ афканда, як шабу як рӯз бигузоранд. Баъд, онро бо оташи нарм то рафтани шашяки он бичӯшонанд. Сипас, аз болои оташ фурӯд оранд ва бигузоранд, то сард шавад. Баъд аз он биполанд ва ба ҳар ду бахши ин обу сиркои бо беҳҳову тухмиҳо ҷӯшонида як бахш шакари табарзад ва ё ба ҳар дуним бахши ин обу сиркои бо беҳҳову тухмиҳо ҷӯшонида як бахш ангубин ҳамроҳ карда, бар оташи нарм то ним шудан бичӯшонанд. Сипас, аз оташ фурӯд оварда, сард кунанд, биполанд ва ба кор бибаранд. Ба ҳангоми ҷӯшидан кафки онро баргиранд. Ҳар кӣ бихоҳад, баъд аз гирифтани кафки он ва баъд аз як-ду сар ҷӯшидан се дирам заъфарони нокӯфтаро андар ҳамёне гирифта, андаруни дег биовезад ва ҳар соате онро бичунбонад, то қувваташ андар он барояд. Бархеҳо баъди [пухтани сикангубин] андар он ду дирам заъфарони хока биомезанд, вале дигар начӯшонанд.

### Сифати сикангубини Ҷолинус

Ангубини хубро бар оташи лахчагии нарм ҷӯшонида, кафкашро баргиранд ва бар вай сиркое бирезанд, ки на чандон туруш ва на низ камқувват бошад. Сипас онҳоро андак-андак бичӯшонанд, то хуб ба ҳам биомезанд ва сирко хом намонад. Баъд, аз оташ фурӯд оранд ва гирифта нигоҳ доранд. Ҳар гоҳ онро истеъмол кардан бихоҳӣ, онро мисли шароб бо об биомез. Ҳар киро ба сабаби турушӣ ва ё ширинии он аз ошоми-

дани он бадаш ояд, бояд бо об истеъмол кунад. Агар онро бисёр туруш ошомидан бихоҳанд, сиркояшро биафзоянд. Ба як миқдор ошомидани он барои [хама] сутуда нест ва ба назари ман ин мисли он мебуд, ки як кас ҳамаи одамони хамрхорро бифармояд, то хамрро бо об омехта биошоманд ва надонад, ки бархе аз эшонро одат ин аст, ки хамрро сахт омехта ва ба ҳоли бетаъмӣ расонда, биошоманд ва агар онро холис биошоманд, худи ҳамон замон сардард шаванд ва бархе дигарро одат ин аст, ки онро ба тavри қавӣ биошоманд ва чун онро бисёр омехта биошоманд, аз он гашашон ояд. Модом ки каси хамрхорро ба ҳоле, ки мардум ба ошомидани он бисёр одат кардаанд, чунин рӯй медода бошад, пас ба ҳангоми ошомидани сикангубин чаро ин чунин ҳол бештар рӯй надиҳад, дар сурате, ки мо инро одатан хеле камтар аз хамр меошомем ва илова ба ин аз хамр қавитар ҳам ҳаст? Пас, бояд ҳадди онро мо бояд ба ҳасби каси ошоманда муайян кунем, на ба ҳасби ҳоли хеш. Бояд донист, ки барои каси ошоманда [сикангубини] аз ҳама созгор онест, ки барояш аз ҳама лазизтар бошад ва бинобар он суди ин ба ӯ бештар хоҳад расид, вале [аз ҳама] ранҷоваранда онест, ки касро аз он бад ояд. Шакли аз ҳама мӯътадилтари ин намудҳои [сикангубин] онест, ки барои аксари мардумон созгор бошад.

Ҳамин тариқ сикангубинро бояд бад-ин гуна созанд, ки бо ҳар як бахши сирко ду бахш аз ангубини кафк баргирифта омехта кунанд. Бар оташи нарм то омезиш ёфтани таъми онҳо бичӯшонанд ва низ бояд таъми хомии сирко боқӣ намонад, балки онро аз аввал бо об бичӯшонанд. Ҳамчунин сикангубинро низ бад-ин гуна бисозанд, ки ба ҳар як бахш аз ангубин чаҳор бахш оби соф гирифта, сипас бо оташи нарм то кафк баровардани ангубин ба иътидол бичӯшонанд. Зеро ангубини бад кафки бисёр барорад ва бинобар ин онро хубтару бештар бояд ҷӯшонд, вале ангубини хуб камтар кафк барорад (365) ва бинобар ин он ба ҷӯшонидани бисёр эҳтиёҷ надорад, чунонки намуди аввалӣ бад-он эҳтиёҷ дошт. Аз [ин чизҳои] аввала, ки то ба ин миқдор омезиш расиданд, ҳадди аксар ними онҳо боқӣ бимонад. Онҳоро ба иътидол бичӯшон, то нек биомезанд ва сирко хом намонад.

Сикангубинро [низ] бад-ин гуна бисозанд, ки ҳар се чизро чун ба аввали кор ба ҳам биомезанд, аз сирко як бахш, аз ангубин ду бахш ва аз об чаҳор бахш бигиранд, инҳоро то чаҳоряк боқӣ мондан, бичӯшонанд ва кафкашро баргиранд. Агар онро қавитар кардан бихоҳӣ, сиркоро баробари ангубин бигир. Инро мисли шароб ба шакли омехта биошоманд, вале на ҳамеша, балки рӯз андар миён, то даҳони меъдаро зиён наоварад, зеро [сикангубин] андар пайвандгоҳҳо сахт фурӯ равад, кимусро аз рӯдаҳои фурӯсувин бибарад ва рутубати танро ҳал кунад. Бархе одамон онро ба мақсади он беоб биошоманд, ки то рутубати даҳони меъдаро зудуда, ба фурӯсӯ бибарад. Касе, ки онро биошомад, то ними рӯз чизе нахӯрад ва сипас мурғчӯҷа ва зирабо истеъмол кунад.

**Сикангубини мо**

Шакари беҳтаринро андар потила карда, болои онро ҳамвор кунем ва бар вай аз сиркои тези хамрӣ чандоне бирезем, ки аз зери шакар ҷӯш зада набарояд ва шакарро напӯшонад. Агар бихоҳем, ки [сикангубин] туруш наояд, аз ин миқдор бикоҳем, сипас бар лахча ва ё оташи кунде то гудохта шудани [шакар] биниҳем ва кафки онро бо буни тосҳо баргирифта, [сипас аз буни тос] бо порае бигирем. Кафкро бо бардоштану ниҳодани [тосҳо] бигиранд, на ғӯтонидани онҳо. Ҳар гоҳ аз [кафк] пок шуд, бар вай об бирезем, то тунук шавад ва сипас онро ҷӯшонида ба қавом орем. [Сипас фурӯд оварда, истеъмол кунанд. Ин сахт судманд аст][149].

**Як сикангубини баисҳоловарандаи сафро**

Ангубини кафк баргирифта, ё шакар ва сиркои тезро гирифта, чунон ки нахуст тавсиф кардем, онҳоро бар оташи нарм бичӯшонанд. Сипас, аз афшураи хиёри даштӣ ва маҳмуда як уқиягӣ ва ё ба ҳасби ҳоҷат ва ба андозаи дилхоҳ бештар ва ё камтар аз ин миқдор бигир, маҳмударо бисов, андар пораи катоние бигир, андар дег биовез ва ҳар соате бифишор, то он гудохта шуда, андар пора чизе боқӣ намонад. Ҳар

гоҳ [сикангубин] баста бигардад, аз оташ бардоранд. Гурӯҳе ба ҷои маҳмуда бехи маҳмударо бо бехи карафс ва бехи бодиён ба аввали ҷӯшонидан биҷӯшонанд.

### Як сикангубини дигар, ки балғамро коҳиш диҳад

Ангубин, сиркои унсулӣ ва беҳҳои ёдшударо гирифта, биҷӯшонанд. Сипас, данди чинӣ ва мағзи хасакдонаро, ки чунон ки медонӣ, ин аз барои қуввати мард созгор аст, бигир, бисов ва андар ҳамёне ниҳода, [28] андар дег биовез, мисли аввалӣ биҷӯшон ва сипас ба кор бибар.

### Як сикангубини дигар, ки савдоро коҳиш диҳад

Ангубин, ё шакар ва сиркоро гирифта, мисли аввалӣ биҷӯшонанд. Сипас аз афитимун ба қадри дилхоҳ ва низ баспояву харбақи сиёҳро гирифта, бисов, андар ҳамёне бигир ва андар дег овехта, мисли аввалӣ биҷӯшон.

### Сохтани сиркои унсулӣ

Унсули сафеди поккардаро бигиранд, бо корди чӯбин пора кунанд ва бар риштае чунон ҳамоил кунанд, ки пораҳо ба якдигар нарасанд ва ё онҳоро сӯрох карда, андар ришта ба тавре гузаронанд, ки яке андар паҳлуи дигар наояд ва сипас чиҳил рӯз андар соя онҳоро бихушконанд. Баъд, аз онҳо як ман бигир, бар вай ҳаждаҳ ратл сиркои хуб бирез, шаст рӯз андар офтоб бинеҳ ва сари ҷоғаҳро нек бипӯш. Сипас, унсулро аз он берун ор, бифишор ва бо порае полида, аз он пок кун. Гурӯҳе аз мардумон ба ҳар як ман унсул ҳафту ним ратл сирко бигиранд. Бархе дигарон унсулро нахушконанд, балки онро пок карда, айнан ба ҳамон миқдор бигиранд ва шаш моҳ бигузоранд. Он чи ки бад-ин сифат омода созанд, бештар исҳоловар хоҳад буд.

Агар бо он мазмаза кунанд, даҳон ва вораҳоро суд бахшад ва хунравии онҳо боз истад, аз баҳри он ки ин [сирко] қабзкунанда буда, рутубати вораҳо ва дандонҳоро бикашад. Вай инчунин дандонҳои ҷунбонро мустаҳкам кунад ва даҳон ва бӯи бади онро хуш созад. Агар аз он биошоманд, нои шушро зудуда, сахт кунад (366) ва овозро равшану қавӣ созад. Низ барои касоне, ки дарди меъда доранд, барои касоне, ки таом гуворидан натавонанд, барои касоне, ки саръ доранд, аз барои суддаҳо, аз барои касоне, ки зардаи сиёҳ бар эшон ғолиб омада бошад, барои сустақлону ошуфтааклон ва низ аз барои касоне, ки ихтиноқи заҳдон, ё испурчи сахт ва ё қавин доранд, созгор бувад. Тани сусту лоғарро қавӣ созад, ранги танро беҳ кунад, биноиро тезӣ бахшад ва аз тангии нафас судманд бувад. Агар онро ба ҳангоми гӯшдард аз тариқи рехтан андар гӯш ба кор баранд, агар андаруни гӯш ягон реше набошад, он [дардро] таскин бидиҳад. Агар ҳар рӯз бар ношито аз он биошоманд ва [миқдори онро] ба тадриҷ то ба яку ним уқия бирасонанд, аз барои ҳамаи он чи ки ёд кардам, созгор хоҳад буд.

### Сикангубини унсулии шикаморанда

Ин аз барои душвории пешоб, дарди ҳар ду паҳлу ва меъда, бад аз худ шудани ғизо ва оруғи туруш судманд аст.

**Таркиби он:** аз дилаи пиёзи унсул ду ратл, аз занҷабил як уқия, аз мурч ду уқия, аз тухми газари даштӣ ним уқия, аз тухми бодиён ва анисун як уқиягӣ, аз тухми карафс ду уқия, аз нонхоҳ ним уқия, аз зираи кирмонӣ як уқия, аз бехи ангудон ва оқарқирҳо як уқиягӣ, аз шукуфаи зуфо як уқия, аз пудина ва наъно як уқиягӣ, аз кошим ним уқия, аз қардамоно ду дирам, аз судоб шаш уқия ва аз содаи ҳиндӣ ним уқия гирифта, ба таври дурушт бикӯбанд, андар шаш қист сиркои унсулӣ, ду қист ангубини кафк баргирифта ва як қист мусаллас тар карда, андар зарфи покизае ҳафт рӯз нигоҳ доранд. Сипас биполанд, биҷӯшонанд ва андар ҷоғаҳи обгинагӣ бардошта, ба кор баранд. Онро пеш аз таом ва баъд аз он биошоманд.

## Чй гуна сохтани гулоб

Як ман шакарро бигиранд, бар вай чаҳор уқия об рехта, бо оташи нарм биҷӯшонанд. Сипас бар он ду уқия оби гул рехта, аз оташ фурӯд оранд, биполанд ва ба кор баранд.

[Бархе аз пизишкон бад-ин пеш аз ҷӯшондан ду бахш ангубин, як бахш табарзад ва як бахш набот афзуда, бо оташи нарм биҷӯшонанд][150].

## Чй гуна сохтани оби ангубин ва [оби] шакар

Ин аз барои беморихои сард ва дарди ҷигару сина судманд аст.

**Сохтани он:** аз ангубин як бахш ва аз об ду бахш гирифта, бо оташи нарм биҷӯшонанд, кафкашро бигиранд ва сипас то сеяк боқӣ мондан биҷӯшонанд. Баъд онро аз оташ фурӯд оранд ва биполанд. Оби шакар низ ҳамчунин бувад. Ҳар гоҳ агар мо онро гармиоварандаю қавӣ сохтан бихоҳем, баъд аз бардоштани кафк андар он мастако, заъфарон ва дигар дегафзорҳое аз қабили дорчинӣ, хуланҷон ва ғайра биафканем.

## Як нусхаи дигари оби ангубин

Ин аз таб, афрӯхтагӣ, бисёрии ташнагии меъда ва аз сурфаи ба сабаби гармӣ падид омада суд дорад ва шавсаро [низ] нофеъ аст.

**Таркиби он:** аз гули сурхи поккарда чаҳор ратл гирифта, андар зарфи обгинагие бикун, бар вай даҳ ратл оби гарм бирез, сари ҷогаҳро нек бибанд ва як шабу як рӯз бигузор. Сипас онро берун ор, нек бифишор, бипол ва бар вай даҳ ратл шакар рехта, бар оташи кунд то ситабр шудан биҷӯшон. Баъд, онро полида, ба кор бибар.

## Гулоби оби гул

Шакари табарзади совидаро гирифта, паймона кунанд ва ба ҳар як паймона аз шакар се паймона оби равшани гули хубгавҳар рехта, бар оташи кунд то сеяк боқӣ мондан биҷӯшонанд ва кафкашро бигиранд. Ҳар кӣ бихоҳад, ки ба ҳоли ҷӯшонидан андар он заъфарон афканад, бояд баъди гирифтани кафк заъфарони носударо андар ҳамён гирифта, андар он афканад ва ҳар замон онро бифишорад, то ки [қувваташ] аз он берун ояд. Ҳар кӣ баъд аз пазондан ба он заъфарон афзудан бихоҳад, бояд баробари аз оташ фурӯд овардан ва пеш аз он, ки сард бигардад, андар он заъфарони суда биомезад ва сипас андар ҷогаҳи обгинагӣ бардошта, ба кор барад.

## [Сифати шароби унсул

Ин аз бадгуворишӣ, табоҳии таом андар меъда ва аз балғами ситабре, (367) ки андар меъда ва ё андар рӯдагон ҷой дорад, судманд аст ва [низ] аз табоҳии мизоҷе суд дорад, ки ба истисқои маъруф ба «суъу-л-қуня» бикашад. Аз истисқо, яроқон ва дарди испурч, аз фалаҷи бо истирхо рӯйдиҳанда, аз суддаҳо, аз табларза ва аз гусехтагии мушакҳову гардан нофеъ аст ва пешобу хуни ҳайзро битозонад. Аммо зиёни он ба асаб андак аст ва касе, ки ба таб гирифтор аст ва касе, ки андар [андомҳои] дарунии тани хеш реше дорад, бояд аз ошомидани он дурӣ ҷӯяд.

**[Тариқаи] сохтани он:** унсулро гирифта, чунон ки медонӣ, пора кунанд, андар офтоб хушк кунанд ва аз он ба қадри як ман гирифта, бикӯбанд, бо ғарбели кушод бибезанд, андар пораи нави тунук бигиранд, андар бист қист аз шароби хуби нав [аз ангур] фишурда афкананд ва се моҳ андар он бигузоранд, то ҳал шавад. Баъд аз он шаробро равшан карда, андар ҷогаҳе бардоранд ва сари онро сахт бибанданд. Бархе аз мардум гӯянд, ки ба ҳоли тар будан [унсулро] гирифта, чун пора кардани шалғам пора кунанд, аз он ду чанди он миқдоре бигиранд, ки аз хушки он бигиранд, бар вай афшураи [ангур] бирезанд ва андар офтоб чиҳил рӯз бигузоранд, то кӯҳан бигардад.

Гоҳе инро ба тариқаи дигар бисозанд: бад-ин гуна, ки унсулро пора кунанд, пок кунанд ва аз он се ман гирифта, бар як ҷарраи итолиёӣ аз афшураи хуби [ангур] афкананд ва [сари зарфро] баста, шаш моҳ бигузоранд, биистад. Баъд аз он равшан карда, андар ҷогаҳе бардоранд ва ба кор баранд.

## Сифати шаробе, ки аз оби дарё созанд

Ин аз барои таб судманд аст, аз он барои нарм сохтани шикам суд бигиранд, [низ] касеро, ки андар синааш рим ҷамъ шуда аст ва касеро, ки табиаташ хушкида бошад, фоида дорад, вале касе, ки меъдааш бадҳол аст ва андар шикам ва меъдааш дамиш бошад, бояд аз [истеъмоли] он дурӣ ҷӯяд.

**[Тарикаи] сохтани он:** ин бар чанд тариқаи гуногун [сохта мешавад]. Бад-ин гуна ки баробари фишурдани ангур миқдори як ман оби дарёро гирифта, бар оби фишурдаи [ангур] афкананд. Бархе аз мардумон онро аз афшураи андар офтоб гузошта сохта, бо он оби дарёро биомезанд, бархе дигар бад-ин гуна бисозанд, ки ангурро гирифта, мавиз зананд, сипас ин мавизро гирифта, андар хавоб (чалак) бо оби дарё тар кунанд, сипас он мавизи таркардаро бо пой зер карда, афшураи онро берун оранд. Агар [ангурро] мавиз накарда, балки бигузоранд, то пажмурда шавад, низ ҷоиз аст. Ин шароб, ки аз синфи бо оби дарё сохташуда аст, мумкин аст [шароби] ширин ва бархе аз он мумкин аст дорои як миқдор гирандагӣ бошад, вале аз ҳамаи он бемориҳое, ки мо пеш аз ин баршумурдем, суд дорад][151].

## Шароби биҳӣ, яъне майбиҳӣ

Ин меъдаро қавӣ созад, табиатро бибандад ва аз дарди ҷигар, қай, маниши гаштан, ҳукак, [дардҳои рӯдагону гурдаҳо ва аз душвории пешоб][152] суд бахшад.

**Таркиби он:** аз афшураи биҳии туруш сиҳ ратл ва аз шароби хушбӯи кӯҳан бисту панҷ ратл гирифта, бо оташи нарм то ним шудан биҷӯшонанд. Сипас, кафкашро гирифта, биполанд ва бигузоранд, то равшан шавад. Баъд, дубора андар дег рехта, бар вай даҳ ратл ангубини софи кафк баргирифта биафкананд ва бо оташи нарм ҷӯш диҳанд. Сипас, аз занҷабил ва мастако ду дирамӣ, аз қоқулаҳои хурду бузург, дорчинӣ ва ҳил чаҳор дирамӣ, аз мехак се дирам ва аз заъфарони носуда чаҳор дирам гирифта, ба таври дурушт бикӯбанд, андар пораи катонӣ бигиранд ва андар дег биафкананд ва ҳар замон онро бифишоранд. Инҳоро то сахт шудан биҷӯшон ва сипас аз болои оташ фурӯд ор ва бипол. Баъд, ним дирам мушкро ғирифта, андар шароби кӯҳан биомез ва андар он биафкан, нек омехта кун ва [андар ҷогаҳе] бардошта, то вақти ба кор бурдан нигоҳ дор. Агар биҳоҳӣ, ки бе дегафзорҳо онро бисозӣ, онро бо афшураи биҳӣ ва ангубин ва ба ҳамон паймонае, ки расм аст, бисоз.

## (368) Майбиҳии дигар

Афшураи биҳии майхушро гирифта, то ба ним расидан, чунон ки тавсиф шуд, биҷӯшон. Сипас, аз он ду ратл, аз афшураи себи кӯҳии майхуш, ки онро то ним расидан ҷӯшонида, пок карда бошанд, як ратл, аз шароби кӯҳани хуб як ратл, аз ангубини хуб ва ё шакар як ратл гирифта, бо оташи нарм то ситабр шудан биҷӯшонанд ва кафкашро бигиранд. Баъд, аз уди хом ду дирам, аз мастако, сукк ва заъфарони мӯякӣ як дирамӣ, аз басбоса яку ним дирам, аз сунбул, мехак, гавзи бӯё, ҳил, қоқула, дорчинӣ ва занҷабил ним дирамӣ ва аз мушк ду донг бигиранд ва гайри мушку сукк ҳамаро реза кунанд, андар пораи катонӣ гирифта, андар деге, ки афшура андар он аст, биандозанд. Мушку суккро ҷудогона совида, бо шароб биомезанд ва сипас бо [дигар] доруҳо омехта, ба кор баранд.

## [Сифати шаробе, ки «идрумолӣ»[153] ном дорад

Судмандиҳои ин мисли он судмандиҳоест, ки пеш аз ин ёд шуданд ва қувваташ низ ҳамчунин бувад.

**[Тариқаи] сохтани он:** аз ангубине, ки андар он биҳӣ афканда бошанд, ба қадри як чарра гирифта, бо ду чарра аз об биомезанд, сипас андар офтоб ба ҳангоми оғози гармидиҳии он бигузоранд.

## Сифати шаробе, ки «малумолӣ»[154] ном дорад ва он «ангубини бо биҳӣ» бувад

Аз дарди меъда ва сардии он ва аз нотавонии ҷигар ва рӯдагон суд дорад, иштиҳо оварад ва меъдаву ҷигарро қувват бахшад.

**[Тариқаи] сохтани он:** биҳиро гирифта, андаруни онро пок ва беруни онро пӯст боз кунанд, онро андар намакоб як муддати андак тар карда, сипас берун оранд ва андар ангубин афкананд. Ҷогаҳро аз он ба қадре пур кунанд, ки дигар чизе андар он гунҷидан натавонад ва даҳони ҷогаҳро баста, як сол бигузоранд, то хубу хушбӯй бигардад. Бархе аз мардумон андар он заъфарон, бӯйафзорҳо, мушк ва гайри он биафкананд][155].

## Хандиқун[156]

Ин аз барои сардии меъда, камии гувориш, нотавонии ҷигар, ки аз сардӣ бошад, таби чаҳоррӯзӣ ва пирони балғамогин созгор аст.

**Таркиби он:** аз шароби кӯҳан панҷ ратл, аз ангубини равшан яку ним ратл, аз занҷабил панҷ дирам, аз қоқула ва ҳил ним дирамӣ, аз мехак як донг, аз дорчинӣ яку ним донг, аз заъфарон як донг ва аз мурчи сиёҳ ва мушк яку ним донгӣ гирифта, доруҳоро ба ғайр аз мушку заъфарон дурушт бикӯбанд ва бо заъфарон андар пораи катонӣ кунанд ва то ситабр шудан биҷӯшонанд. Пеш аз он ки аз оташ фурӯд орӣ, ба он мушк биафкан ва сипас аз оташ фурӯд оварда, андар ҷогаҳе бардор [ва ба кор бар][157].

## Хандиқуни диғар

Аз сунбул, мехак, қоқула ва уди хом ду мисқолӣ, аз заъфарон як мисқол, аз дорчинӣ, занҷабил ва мурч се мисқолӣ, аз сукк ним мисқол ва аз мушк чаҳоряк мисқол бигиранд, ҳамаи доруҳоро ба ғайр аз мушк ва сукк дурушт бикӯбанд, андар порае аз катон бибананд ва бар онҳо дувоздаҳ ратл шароби райҳонии кӯҳан рехта, ду шабу ду рӯз бигузоранд. Сипас, онҳоро ба дег андозанд, аз болояшон се ратл ангубини равшан ва ду ратл шакари табарзад афканда, то ба қавом омадан биҷӯшонанд. Баъд, аз оташ фурӯд оранд, [29] бар вай мушку сукк биафкананд ва бибардоранд.

## Шароби Салмавайҳ

Ин меъдаро қавӣ созад, иштиҳо оварад ва хафақонро бибарад.

**Таркиби он:** як ратл пӯсти турунҷ, як уқия марвхуш, ду мисқол мехак ва як мисқол уди хомро гирифта, реза кунанд, бар онҳо панҷ ратл шароб бирезанд ва се шабу се рӯз бигузоранд. Сипас бар вай се ратл шакари сафеди табарзад, як мисқол мастако, ним дирам заъфарон ва ду донг сукки хуб афзуда, бо оташи нарм то расидан биҷӯшонанд. Баъд, онро равшан кун, андар ҷогаҳе бигир ва чун гулоб ба кор бибар.

## Шароби мурддона

Ин аз нотавонии меъда ва аз ҳалшавии ба ифрот суд бахшида, ҳайзро бибандад, (369) андомҳои даруниро қавӣ созад, [сайлони рутубатҳоро ба сӯи меъдаву рӯдагон қатъ кунад ва аз барои решҳое, ки андаруни тан ориз бигарданд ва сайлони рутубатҳои раҳм созгор аст][158].

**Таркиби он:** аз афшураи ҷӯшонида ва равшанкардаи мурддона даҳ даврақ ва аз ангубини равшан як даврақ гирифта, ба ҳам биомезанд, то ситабр шудан биҷӯшонанд ва ба кор баранд. [Бархе аз мардум афшурароо гирифта, то сеяк боқӣ мондан биҷӯшонанд, сипас бар он ангубин афканда, дубора то ба қавом омадан биҷӯшонанд. Бархе дигар аз эшон мурддонаро гирифта, офтоб диҳанд, хушк кунанд, сипас бикӯбанд ва ба андозаи як микёли сунуфус аз онро бо се қутулӣ об ва се қутулӣ шароби кӯҳан биомезанд. Сипас онро фишурда, афшураи онро бигиранд, бар вай як миқдор ангубин афканда, як ҷӯши сабук бидиҳанд][159].

## Рубби мурд

Афшураи мурдро танҳо то ситабр шудан биҷӯшонанд ва ба кор баранд.

## [Сифати шароби барги мурд

Ин аз решҳои тари андар сар оризшаванда ва сабӯсаи он, аз табишҳо, аз истирҳои вораҳо, аз омоси гӯштҳои буни ком ва [омоси] гӯшҳо, ки аз онҳо рим ояд, суд дорад ва арақ карданро қатъ кунад.

**[Тариқаи] сохтани он:** сарҳои барги мурди сиёҳ, барг ва донаи онро гирифта, бикӯбанд, аз он даҳ ман гирифта, бар вай се қулла аз афшураи ангур афкананд, то сеяки он рафтан ва ду севвуми он боқӣ мондан бичӯшонанд, сипас равшан карда, бар вай як миқдор ангубин афкананд ва як ҷӯши сабук дода, андар ҷогаҳи покиза бардоранд ва ба кор баранд][160].

## Шароби пудинаи бӯстонӣ

Ин аз барои гардондан, маниши гаштан, маҳмезаи қай, ҳукак ва шикамрав судманд аст.

**Таркиби он:** анори ширин ва турушро бо дилаашон бикӯбанд ва [оби онро] то ним шудан бичӯшонанд. Сипас, аз он ду ратл, аз афшураи пудинаи бӯстонӣ як ратл, аз ангубин ва ё аз шакар як ратл гирифта, то ситабр шудан бичӯшонанд ва биполанд.

## Шароби амруд

Ин аз барои шикамрав суд дорад ва меъдаро қувват бахшад.

**Сифати он:** амруди нопухтаро гирифта, то нарм шудан бичӯшонанд ва биполанд. Сипас оби онро дубора андар дег карда, то си-табр шудан бичӯшонанд ва ба кор баранд. [Ин суди фаровон дорад][161].

## [Сифати шароби уксумалӣ

Ин аз оби дарё, оби борон ва ангубин [иборат] аст, шикамро сахт афшонад ва онро қувваи буррандагӣ аз қувваи [буррандагии] оби хуш қавитар аст.

**[Тариқаи] сохтани он:** аз ангубин, оби борон ва оби дарё бахшҳои баробар гирифта, равшан кунанд, андар ҷогаҳи сафолин гирифта, ба ҳангоми тулӯъи ситорае, ки «Калб» ном дорад, андар офтоб ниҳанд. Бархе аз мардум оби дарёро бичӯшонанд ва ду бахш аз он ва як бахш аз ангубин гирифта, [андар ҷогаҳе] бардоранд][162].

## Шароби себ

Ин аз заъфи меъда ва хафақони дил, ки аз сабаби гармӣ бошад, суд дорад, қаи заҳравӣ ва ташнагиро бартараф кунад.

**Таркиби он[163]:** себи кӯҳии майхушро гирифта, бикӯбанд, бифишоранд ва [оби онро] то ним шудан ҷӯшонида, биполанд ва як шаб нигоҳ доранд. Сипас онро андар дег карда, бар оташи нарм то ситабр шудан бичӯшонанд, биполанд ва андар ҷогаҳи обгинагӣ бардоранд. Агар тобистон бошад, онро андар офтоб як чанд рӯз бигузоранд, то бахши обии он биравад, он гоҳ гирифта, нигоҳ доранд ва ба кор баранд. Агар онро ширин кардан бихоҳӣ, бар як ман аз афшура як ратл шакар афканда, бичӯшон ва ба кор бибар.

## Шароби ғӯраи ангур

Ин аз гармии меъда, ҳал шудани захра, ранҷҳои гармӣ ва захрҳо суд дорад, ташнагиро шиканад ва меъдаи занони обистанро ба андозае қавӣ созад, ки хилтҳои бад напазирад.

**Таркиби он:** афшураи ғӯраи ангурро гирифта, то ним мондан бичӯшонанд, биполанд ва як шаб бигузоранд. Сипас, онро ба дег борезанд, аз болояш ду дирам мехак биафкананд, то бӯи нохуши онро бибарад. Баъд, ҷӯшонида, ситабр кунанд, биполанд ва ба кор баранд. Агар онро ширин кардан бихоҳӣ, (370) [нахуст] онро бар оташи нарм то ба ҳадди равонии афшура ситабр шудан бичӯшон, баъд бар вай шакар биафкан, ситабр соз ва ба кор бибар.

## [Нусхаи] дигар аз шароби ғӯраи ангур бо ангубин

Ин шароб гирандаи сардиоваранда буда, аз истирхои меъда ва исҳоли дерина суд дорад ва онро баъд аз як сол ба кор баранд.

**[Тариқаи] сохтани он:** аз ғӯраи ангуре, ки ҳанӯз сиёҳ нашуда бошад, гирифта, се рӯз офтоб диҳанд, сипас бифишоранд, аз афшураи он се бахш бигиранд ва бар вай як

бахш ангубини хуби кафк баргирифта афканда, андар ҷогаҳи сафолин бардоранд ва то як сол андар офтоб бигузоранд, сипас ба кор баранд][164].

## Шароби меваҳо

Ин меъда ва андомҳои даруниро қувват бахшад, қай ва ҳалшавии заҳраи зардро боз дорад ва занони обистанро ҳангоми ба қай кардан гирифтор шудан суд бахшад.

**Таркиби он:** аз оби биҳӣ, себ, амруд, анори майхуш, тутум ва дӯлона ба миқдори баробар бигиранд, бо оташи нарм то ситабр шудан биҷӯшонанд. Агар онро ширин кардан бихоҳӣ, бар вай ба қадри дилхоҳ шакар афканда, биҷӯшон, бипол ва ба кор бибар.

## Шароби турунҷ

Ин лазиз буда, меъдаро қувват бахшад.

**Таркиби он:** аз пӯсти турунҷи хушбӯй як ратл гирифта, бо яку ним қист об то сеяки он боқӣ мондан биҷӯшон, бипол. Сипас бар вай ангубин афканда, бо оташи нарм то ситабр шудан биҷӯшон ва ҳамчун гулоб ба кор бибар.

## Шароби хашхош

Бояд сад дона хашхоши миёнаҳаҷмро пеш аз хушкидан андар бутта бигиранд, вагарна беафшура хоҳанд буд ва низ набояд чандоне норасида бошанд, ки аз онҳо чуз оби тунук чизе фишурда нашавад. Низ набояд аз ҷойҳои пасту канорҳои обҳо буда, афшурааш тунуку фазлаҳояш бисёр бошад. Сипас бар вай , агар ёфт шавад, даҳ қист оби борон, ки камгандаңда аст, бирезанд, вагарна оби чашма афканда, як шабу як рӯз то нарм шудан андар он тар кунанд. Агар нарм нашавад, беш аз ин нигоҳ доранд. Сипас онро то аз ҳам рехтан нарм биҷӯшонанд ва баъд онро фишурда, [афшураи онро] бо ним паймона ширинӣ қавом диҳанд. Агар онро барои пок кардану латиф сохтани сина [аз фазлаҳо] месохта бошанд, ба он ангубин ва рубби ангур ҳамроҳ кунанд ва ин суди фарогир дорад.

## Нусхаи дигари шароби хашхош

Ин аз барои касоне, ки моддаҳо аз [танашон] фурӯд оянд, суд дорад ва андар касони ба такрор хунпартоянда хунпартоиро боз дорад.

**Таркиби он:** аз хашхоши поккарда дусад дона ва аз оби борон понздаҳ ратл гирифта, се рӯз андар он [об] хашхошро тар кунанд. Сипас онро ба ҳадде биҷӯшонанд, ки ними об биравад ва хашхошро фишурда, баранд дозанд. Обро нек биполанд, аз он чаҳору ним ратл паймона карда, аз ангубин ва [сулофа][165] (шароби холис) яку ним ратлӣ бигиранд ва ҳамаро то ба қавом омадан биҷӯшонанд. Сипас, аз ақоқиё, заъфарон, мурр, гулнор ва афшураи шинг як дирамӣ [гирифта, кӯфтаниҳоро] бикӯбанд ва ҳамаро бо он нек биомезанд, андар ҷогаҳе бардоранд ва ба кор баранд.

## Як нусхаи шароби дигар

Ин аз сурфа ва шавса судманд буда, меъдаро қавӣ кунад.

**Таркиби он:** аз оби анори ширин чаҳор ратл, аз оби себи шомӣ як ратл ва аз оби найшакари табарзад ва ё пониз як ратл гирифта, онҳоро то қавом ёфтан биҷӯшонанд ва ба кор бибаранд.

## Шароби шаҳд аз рӯи гуфтаи Ҷолинус

Инро ҳамчун чизҳои сардиоваранда биошоманд, зеро агар онро бо оби сард биомезанд, андар тобистон ташнагиро бибарад. Низ касонеро суд дорад, ки андар тани эшон хилтҳои хоми гуворидананашаванда ҷамъ шуда ва хусусан туруш гардида бошанд. Агар ин шаробро бо ҳар гуна оби ёфтшуда бисозанд, на чун шароби ангубин бо оби борон, андар ин ҳол мумкин аст каси чи бисёр ва чи кам ошомандаи он аз он ранҷур бигардад.

**Сифати он:** ангубини хубро аз шаҳд ҷудо карда, андар потилаи дорои оби софи хуши чашма бирезанд ва то рафтани бахши обии он биҷӯшонанд. (371) Сипас онро бардошта, нигоҳ доранд ва [ба ҳангоми ҳоҷат] ба кор баранд.

## Як шароби шаҳди дигаре низ аз ӯ

Бар як бахш аз ангубин ду бахш оби кӯҳани борон бирезанд ва андар офтоб бигузоранд. Бархеҳо бар он оби чашма рехта, то сеяк мондан биҷӯ-шонанд ва гирифта, нигоҳ доранд.

## Шароби афсинтин

Ин аз афтидагии иштиҳо ва нотавонии меъда судманд аст.

**Таркиби он:** аз шароби кӯҳан чаҳор қист ва аз ангубини кафк баргирифта ду қист гирифта, бар онҳо чаҳор дирам мастако, ду дирамӣ гӯргиё, содаи ҳиндӣ, сунбул, гули сурхи хушк ва сабри сақутарӣ, чаҳор дирам қуст, ҳафт дирам гиёҳи афсинтини румӣ, ду дирам гориқун ва як дирам заъфарон биафзоянд. Ҳамаи ин доруҳоро ба шакли дурушт бикӯбанд, андар пораи катоние бибананд, андар шароб тар карда, ҳафт рӯз андар офтоби тобистон [нигоҳ доранд], ин пораро ҳар рӯз якчанд бор бифишоранд ва сипас ба кор бибаранд. Як ошомиданӣ аз ин як уқия ва бар ношито бувад. [Ин шароб аз истисқо суд дорад ва мо инро санҷидаем][166].

## [Нусхаи дигаре аз шароби афсинтин

Меъдаро қувват бахшад, пешобро битозонад, аз бемориҳои ҷигару гурда, аз яроқон, аз дер ҳазм шудани таом, аз сустии иштиҳои таом, аз барои касе, ки меъдааш дард дорад, аз барои касе, ки андар зери сари устухонҳои паҳлуяш азҳамкашидагии музмин аст, аз дамишу морҳои шикам ва аз баста шудани хуни ҳайз суд дорад. [Низ] аз ошомидани шаробе судманд аст, ки «уксиё» ном дорад ва аз он миқдори бисёр ошомида, сипас қай карда бошанд.

**[Тариқаи] сохтани он:** инро ба тарзҳои гуногун омода кунанд. Аз ҷумла бархе аз мардум бар чиҳилу ҳашт қист аз афшураи ангур як ратл афсинтин афканда, онро то ба сеяк расидан биҷӯшонанд. Сипас, бар вай навад қист афшураи ангур ва ним ратл афсинтин афканда, нарм омезиш диҳанд, андар ҷогаҳҳо бардоранд ва ҳамин ки аз кафк пок шуд, онро бисанҷанд. Бархе аз мардум бар ҳамон миқдор аз афшураи ангур як ман афсинтин афканда, се моҳ бигузоранд. Бархе аз мардум як ман афсинтин гирифта, бикӯ-банд, андар пораи сабуке кунанд, сипас айнан андар он миқдор аз афшура афканда, ду моҳ бигузоранд. Бархе аз мардум аз афсинтин се ё чаҳор уқия ва аз сунбул, дорчинӣ, наи бӯё, шукуфаи гӯргиё ва кабар як уқиягӣ гирифта, ин доруҳоро ба таври дурушт бикӯбанд, сипас онҳоро андаруни як паймона аз афшура афканда, сари ҷогаҳро сахт бибанданд ва ду моҳ бигузоранд. Сипас онро полида , бар ҷогаҳҳо бирезанд. Бархе аз мардум аз афшура як паймона, аз ғотиқо чаҳордаҳ мисқол ва аз афсинтин чиҳил мисқол гирифта, андар пораи катонӣ бибананд ва андар [афшура] биафкананд. Сипас, баъди чиҳил рӯз онро полида, андар ҷогаҳҳои дигар бирезанд. Бархе аз мардум андар бист қист аз афшураи ангур як ратл афсинтин ва ду уқия аз сақизи набатӣ, ки он самғи хушки санавбар аст, афканда, баъд аз бисту чаҳор рӯз онро полида, [андар ҷогаҳҳо] бардоранд. Бархе аз пизишкон мувофиқи мушоҳада [аз ин миқдор ё] бештар ва ё камтар [бигиранд]][167].

## Шароби афсинтине, ки аз мураккаботи мост

Мо инро санҷидаем ва ин беш аз аввалӣ судбахш аст.

**Таркиби он:** аз афсинтини румӣ сад дирам гирифта, андар се ман об ба мани хурд то чаҳоряки он боқӣ мондан биҷӯшонанд ва инро бо оташи бисёр нарм

ичро кунанд. Сипас онро фишурда, биполанд. Баъд, биҳиро гирифта, андар хамир, чунон ки медонӣ, бирён кунанд, онро бифишоранд ва аз афшураи он ба қадри сеяки он об, аз ангубин ба қадри чаҳоряки он ва аз шароб ба қадри ними он бигиранд ва ҳамаро ҷӯшонида, қавом бидиҳанд.

### Як шаробе, ки аз ташнагӣ судбахш аст[168]

Аз оби анори (372) туруш як ратл, аз оби дилаи турунҷ ним ратл, аз оби олу як ратл ва аз оби хурмои ҳиндӣ як ратл гирифта, бо оташи нарм то ситабр шудан биҷӯшонанд. Аз ин бо барфоб ва ё оби сард биошоманд.

### Шароби меваҳо

Ин аз қае судбахш аст, ки аз заҳраи сафровӣ падид омада бошад, касони гарммизоҷро иштиҳои таом оварад ва меъдаро қавӣ созад.

**Таркиби он:** биҳӣ, себ, дилаи турунҷ, амруд, анор ва ғӯраи ангурро гирифта, аз ҳамаи инҳо обашонро бикашанд ва андар он [об] миқдоре аз тутум, дӯлона, самари кунор, мурддона ва заришкро тар карда, як шабу як рӯз бигузоранд. Сипас онро фишурда, биполанд ва бар вай ангубин афканда, то ба қавом омадан биҷӯшонанд ва он гоҳ ба кор баранд.

### Шароби олу

Ин аз ташнагӣ судманд аст, табиатро бикушояд [ва хилти сафровӣ ва хуниро ба исҳол оварад][169].

**Таркиби он:** аз олуи ширин ба қадри лозимӣ бигиранд, аз дона пок кунанд, андар деги сангини покиза афкананд, бар вай ба андозае об бирезанд, ки онро паноҳ кунад ва то ҳал шудан биҷӯшонанд. Сипас, онро биполанд, дубора бар оташ ниҳанд ва бар вай ба қадри ҳоҷат шакари табарзад рехта, то сахт шудан ва ба қавоми ангубин расидан биҷӯшонанд.

### Шароби Димукротис[170]

Ин [шароб Димукротисро] андар рӯзгори зиндагияш аз тамоми бемориҳо нигоҳ дошта аст. [30] Вай аз заъфи меъда ва испурҷ ва аз табаҳмизоҷӣ судманд аст.

**Таркиби он:** аз беҳи савсани осмонгунӣ, тухми бодиён ва мурчи сафед як дирамӣ, аз салиха чаҳор дирам ва аз мурр ва тухми афсинтин ду дирамӣ гирифта, бикӯбанд, андар ҷогаҳи обгинагӣ бигиранд ва бар вай ба қадре шароби сафед бирезанд, ки онро паноҳ кунад ва чаҳор ангушт бар шавад. Сипас сари онро устувор бибанданд ва баъд аз шаш моҳ ба кор баранд. Андар бархе аз нусхаҳо як давраҷ ангубин [низ] омада аст.

### Шароби ангур

Ин аз дарди гулӯ ва омосе, ки андар он падид ояд ва аз решҳои андар меъда рӯйидиҳанда судманд аст.

**Таркиби он:** шаш ратл сулофаи[171] (шароби холис) ангурии тунди қабзкунандаро гирифта, то ба сеяк расидан биҷӯшонанд. Сипас бар вай аз ангубин як ратл, аз тутум, беҳи ширинбаён, мозу, гулнор, шукуфаи гӯргиё ва шукуфаи гул як истор, аз заъфарон ду дирам ва аз мурр ва замчи яманӣ як дирамӣ афканда, ҳамаро биҷӯшонанд, биполанд ва биошоманд.

### Расотун[172]

Инро андар зимистоп барои пирон ба кор баранд.

**Таркиби он:** аз афшураи ангури хубгавҳар даҳ давраҷ, ки як давраҷ чаҳору ним ратл бошад, бигиранд ва бо оташи нарм то [ба тамом] гирифтани кафки он биҷӯшонанд. Сипас бар вай ба нисбати ба ҳар чаҳор ратл як ратлӣ ангубини хуби сахт биафкананд ва бо оташи нарм ба ҳадде биҷӯшонанд, ки кафкашро низ бигиранд ва ними он биравад. Баъд, аз ҳил, қоқула, қирфа, мехак ва дорфилфил як дирамӣ гирифта, ба таври латиф бисованд, андар пораи тунуки катонӣ бигиранд ва бо он баъд

аз гирифтани кафк бар ҷӯшонида афкананд. Ҳар гоҳ ҷӯшонидаи тамомӣ ёбад ва дастро андар он даровардан мумкин бигардад, он пораро андаруни он сахт бифишоранд ва сипас берунаш оранд. Баъд, андар он се дирам заъфарон афканда, [шаробро] андар шишаҳо бардоранд ва сари онҳоро устувор бибанданд. Агар он тунук бошад, андар офтоб бигузоранд ва баъд аз он истеъмол кунанд. Ҳар қадар ки кӯҳан бигардад, ҳамон қадар хуб хоҳад буд.

**Шароби афсинтин**

Ин меъдаро қавӣ кунад, суддаҳо бикушояд ва сафроро ба исҳол бибарад.

**Таркиби он:** аз гул ҳашт дирам, аз ағорикун чаҳор дирам,аз сабр ду дирам, аз мастако, тухми карафс, гӯргиё ва анисун як дирамӣ, аз пудинаи бӯстонӣ се дирам, аз пудина яку ним дирам, (373) аз заъфарон ду дирам, аз ҳар ду бех ду дирамӣ, аз афсинтин се дирам, аз бехи ширинбаён се дирам, аз ҳошо як чанди он ва аз сунбул, асорун ва сода як дирамӣ гирифта, [ҳамаи] инҳоро бо ҳашт ратл шароб то ним шудан биҷӯшонанд, биполанд ва бо яку ним ратл ангубин баста бигардонанд.

**Рубби себ, биҳӣ, анор ва ғайра**

Ҳамаи инҳо мисли шаробҳоянд, вале [фарқ ин аст, ки] худи афшураи онҳоро бидуни ягон ширинии дигаре ба нармӣ қавом диҳанд.

**Шароби кадар[173], ки аз таркиботи мост**

Аз рубби кадар ду бахш бигиранд ва агар ёфт нашавад, худи кадарро гирифта, арра кунанд ва сабӯсаи онро ва ё бикӯбанд ва кӯфтаи онро гирифта, бо ним бахши он аз сандал андар сиркои тақтиршуда ва андар ғӯраоби холис як чанд рӯз тар кунанд. Сипас, андар он ба нармӣ ва муддати дароз то нарм шудан биҷӯшонанд ва баъд аз он фишурда, оби [онро] бигиранд. Сирко ва ё оби ғӯраи он ҳар қадар бештар бошад, ҳамон қадар хубтар хоҳад буд. Сипас, оби дӯғи ширӣ хобрафтаеро бигиранд, ки паниpи онро ё аз тариқи ба ғоят полидан ва ё аз тариқи ҷӯшонидан ҷудо карда бошанд, чунон ки оби панирро барои ҷудо шудани фазлаи обияш ҳамин гуна биҷӯшонанд. Баъд, орди ҷавро бигиранд ва аз он ва аз оби дӯғ фуққоъ созанд ва он фуққоъро бигузо-ранд, туруш шавад. Сипас, онро равшан карда, дигар бор аз он ва аз орди ҷав фуққоъ созанд ва бигузоранд, туруш шавад. Ин корро ҳар қадар бештар такрор кунанд, ҳамон қадар хуб аст.

Пас, аз он панҷ бахш, аз оби амруди чинӣ, оби биҳии туруши сероб, оби анори туруш, оби себи туруши сероб, оби дӯлона, оби лиму, оби олуи туруш, оби шукуфаи фишурдаи хурмо, оби кундушаи табаристонӣ, оби тути шомие, ки тамом напухта бошад, оби зардолуи хоми туруш, афшураи ғӯра, афшураи чукрӣ, афшураи панҷаҳои ток, афшураи гули форсӣ, афшураи нилуфар ва афшураи бунафша сеяки як бахшӣ, аз афшураи дилаи турунҷ ва афшураи дилаи норинҷ ду сеяки як бахшӣ, аз афшураи кашниз, коҳу, барги хашхоши сабз, коснӣ ва хурфа чаҳоряки як бахшӣ, аз афшураи барги бед, барги себ, барги амруд, барги дӯлона, барғи гул ва барги садпайванд чаҳоряки як бахшӣ, аз афшураи шинг, гули хушк, нилуфари хушк, афшураи зиришки хушк, аз тухми коснӣ, тухми коҳу ва гулнор ними даҳяки як бахшӣ, аз афшураи пудинаи бӯстонии тар шашяки як бахш ва аз афшураи зиришки тар ним бахш гирифта, доруҳо ва афшураҳоро ба ҳам ҷамъ кунанд ва бар оташ ниҳанд. Сипас, андар он аз наск чаҳор бахш, аз ҷави муқашшар ду бахш, аз тутум се бахш ва аз донаи анор се бахш афканда, ҳамаро бар оташ то ба ним расидан биҷӯшонанд. Баъд, бигузоранд, сард шавад. Он гоҳ ба таври қавӣ фишурда, [обашро гиранд] ва биполанд.

Сипас, ба ҳар сесад дирами он як мисқол кофур гирифта, бисованд. Онро андар буни каду ва ё хум бипошанд, аз болояш доруро ба оҳистагӣ бирезанд, сари онро бо ягон чизи қавӣ бибанданд ва баъд аз он бар оташи лахча ба ҳадде биниҳанд, ки аз қариб ҷӯшидани он пай баранд, сипас, онро бардоранд, ҷунбонда, омехта созанд ва бар бастӯ бирезанд, сарашро сахт бибанданд, то бӯи кофур парида наравад. Як ошомиданӣ

аз ин то дах дирам бувад. Бархе одамон андар он ба қадри салоҳдиди хеш як бахшӣ сунбул, занҷабил, тухми бодиён, анисун, мурч ва мушки замин ҳамроҳ кунанд.

### (374) Як нусхаи фуққоъ аз мо

Ин судманд буда, боҳро зиёда кунад.

**[Таркиби он]:** аз мурч, занҷабил, сунбул ва гавзи бӯё панҷ дирамӣ, аз рими совидаи оҳан даҳ дирам, аз тухми гандано понздаҳ дирам ва аз тухми таратезак, тухми шалгам, тухми газна ва хардал чаҳор дирамӣ, аз «забони гунҷишк», анордонаи даштӣ, ҳаббу-з-залам ва мағзи сақиздона се дирамӣ гирифта, бикӯбанд ва чунон ки медонӣ, андар ҳамёне биниҳанд, андар дӯғи ба миқдори даҳ ба як гирифта афкананд ва андар он биҷӯшонанд. Сипас ин дӯгро ба қадри нимгӣ бо фуққоъи нон биомезанд ва аз он фуққоъ созанд.

### Шароби афсинтине, ки аз мост

Аз афсинтин сад воҳиди вазнӣ, аз шароб сесад вазн ва аз афшураи бихӣ сесад воҳид гирифта, [афсинтинро] андар онҳо се рӯз тар кунанд. Сипас бар вай сад [воҳиди вазнӣ] ангубин афзуда, бар оташ онҳоро қавом диҳанд.

### Як дору аз мо[175]

Ин аз барои реши обгаҳ ва реши маҷрои нара созгор буда, онро андар сӯрохии нара бо обдуздак бифиристанд.

**Таркиби он:** аз арзизи сӯхта ва рубби тухми харбуза панҷ дирамӣ, аз табошир ду дирам, аз самғи арабӣ, тухми хашхош ва шохи сӯхтаи гавазн се дирамӣ, аз афюн ним дирам, аз банг ду донг ва аз мурр як дирам гирифта, ҳамаро нарм бисованд. Аз он бо оби коснӣ чизе мисли шиёфи чашм омода созанд. Инро андар шир, ё равғани мағзи донаи харбуза ҳал карда, бо қосотир ба кор баранд.

### Нусхаи дигари шароби ғӯраи ангур[176]

Қувваи ин шароб қабзкунанда буда, он қувватдиҳандаи меъда аст ва аз барои касе суд дорад, ки таом ӯро ба душворӣ гуворида гардад. Ин аз барои меъдаи ба истирхо гирифтор, зани сарторик ва касе судманд аст, ки ӯро қулинҷи бо номи «иловус» маъруф бошад ва маънои он «парвардигор меҳрубонӣ кун» буда, ба сабаби душвор будани он [чунин гуфтаанд. Низ] гуфтаанд, ки ин шароб аз бемориҳои вабоӣ суд дорад. Ин шароб эҳтиёҷ бад-он дорад, ки солҳои дароз кӯҳан гардонда шавад ва агар чунин накунанд, ошомиданӣ нахоҳад буд.

**[Тариқаи] сохтани он:** ангурро пеш аз хуб пухтанаш ба ҳоли туршӣ гирифта, хӯшаҳои онро се-чаҳор рӯз бигузоранд, то пажмурда шавад, сипас фишурда, андар хумҳо афкананд, офтоб диҳанд ва баъд, чунон ки ёд шуд, ба кор баранд.

### Андар баёни шаробҳои кӯҳан ва судмандиҳои онҳо

Ман бо ин «шароб» гуфтан қаҳваро дар назар дорам. Ин ҳар чанд ба зоҳири ҳис сода аст, вале ба ҳақиқат нофаҳмост, бинобар он мо онро андар Қарободин ёд кардем. Андозаи ошомидан мувофиқи синни ошоманда, ба ҳасби фаслҳои сол, одат, мизоҷи ошоманда ва қувваҳои тани ӯ гуногун аст. Бояд ошомидани шароб аз болои ташнагӣ набошад ва на ҳамроҳи таом ошомида шавад, балки хӯрдани таом ба замон пештар буда, ду соат аз он бигзарад, сипас шароб биошоманд, зеро ҳар кӣ шаробро аз болои таом биошомад ва ё таомро аз болои шароб бихӯрад, ин зиёнкортарини чизҳо буда, бемориҳои бад ба ҷой гузорад, ки камтарини онҳо гар мебошад.

Аммо мастӣ андар ҳамаи ҳолатҳо зиёнкор аст ва хусусан агар ба сурати доимӣ бошад, зеро ин асабҳоро суст кунад. Бинобар он агар пайваста ошомида шавад, нотавонӣ ва сустӣ оварад, инчунин сабаби бемориҳои тез ва [низ] сабаби марги ногаҳонӣ бигардад. Беҳтарини чизҳо он бошад, ки инсон аз шароб ба андозаи мӯътадил бигирад ва бояд, ки баъд аз шароб

оби сард ва ё оби анор биошомад. Ин дар суратест, ки агар ошоманда ҷавон бошад, зеро [оби сард ва оби анор] хусусан ба ҳангоми тобистон ҳамлаи шаробро фурӯ нишонад ва шиддати онро бишканад. Аммо пиронро бошад, набояд [шароб ошоманд], зеро ин асабҳо ва ҳоссаҳоро зиён дорад, магар ин ки [шароби] хуштаъм бошад. Аз [шароб] бояд ҳар касе, ки андомҳои дарунияш бемору нотавонанд, дурӣ ҷӯяд ва беҳтар он аст, ки касони тандуруст аз он андак ва омехта [бо об] биошоманд.

Аммо шароби нав аз барои душвории гувориш судманд буда, пешобро битозонад ва [каси ошомида] хобҳои бад бинад. Шароби миёни наву кӯҳан [андар таъсир] миёни онҳост, бинобар ин ба ҳангоми тандурустӣ ва беморӣ ошомидани кадом [беҳтар] аст, онро бояд ихтиёр кард. Шароби сафеди тунук осонгувор ва андар тан зудгузар буда, аз барои меъда судманд аст. Аммо шароби сиёҳ ситабри душворгувор аст. Хулоса, миёнаи ин ду миёнаҳол мебошад. Шароби ширин беш аз ҳама душворгувор аст. Дигар ин, ки шароби сафед гуногунмизоҷ буда, ширини он чун матбух меъдаро бидамонад ва шикаму рӯдагонро бибандад. Шароби райҳонӣ таом бигуворад, обгаҳу гурдаҳоро суд бахшад, пешобу хуни ҳайз битозонад, шикамро ором кунад ва бибандад ва таровишро қатъ кунад. Шароби нармтаъсир барои асаб камтар зиён дорад, пешобро битозонад ва (375) шикамро ба таври мӯътадил нарм кунад. Аммо шаробе, ки андар он гач бидарояд, асаб ва обгаҳро зиён дорад, сардард оварад ва ба ҳалокат дучор кунад. Он барои касоне, ки хун мепартоянд, бад аст. Шаробе, ки андар [таркиби] он зифт ва ротиёнаҷ бидароянд, гармиоваранда буда, таом бигуворад ва барои касоне, ки хун партоянд, созгор нест. Аммо шаробе, ки андар [таркиби] он ушна бидарояд, сахт ва зуд масткунанда[177] бувад. Ҳамчунин, агар андар шароб шухи гӯш гудохта шавад, аз ин он [шароб] мастӣ оварад. Шаробе, ки андар он рубби биҳӣ омехта бошанд, зиёни он камтар аст.

Ҳама гуна шароб агар холис буда, бо он чизе омехта накарда бошанд ва андар он андаке гирандагӣ бошад, ин гуна [шароб] гармӣ оварад, андар тан зуд гузарад, меъдаро қувват бахшад, иштиҳои таомро қавӣ ва хобро зиёд кунад, ҷасадро неруманд гардонад ва рангро хуб кунад. Агар аз он ба андозаи муносиб биошоманд, аз ошомидани фурбиюн суд бахшад ва ҳамчунин аз ошомидани доруҳои сарди кушандаи мисли шавкарон, афюн, саморуғ ва гайри он судманд аст. Шароби мӯътадил аз барои газидагии ҷунбандагони зиёнкоре фоида дорад, ки заҳрҳои сарди онҳо кушанда бувад ва низ аз сӯзиши зери сари устухонҳои паҳлу, аз истирхои меъда ва нотавонии он суд дорад. [Инчунин аз] рутубатҳое, ки ба сӯи рӯдагон ва шикам сайлон кунанд ва аз барои касоне, ки суст арақ кунанд, хусусан [навъи] кӯҳан ва хушбӯи он судманд аст. Шароби кӯҳани ширин аз бемориҳои обгаҳ ва гурда судманд аст ва агар [порае аз] пашми нoшустаро андар ин [шароб] тар карда, бар хуроҷҳо ва омосҳо бигузоранд, онҳоро суд бахшад. Шаробе, ки аз ангури сиёҳтоки даштӣ созанд, гиранда буда, касонеро суд дорад, ки фазлаҳо ба сӯи меъда ва рӯдагонашон сайлон кунанд ва [низ аз] дигар иллатҳое [нофеъ аст], ки эҳтиёҷ ба қабз кардан, ҷамъ кардан ва қатъ кардани моддаҳои ҷоришаванда доранд.

**Шароби ангубинӣ**

Ин аз таби доманадор суд дорад, шикамро нарм кунад, пешобро битозонад, меъдаро нафъ кунад, аз барои касоне, ки дарди пайвандгоҳҳо ва дарди гурда доранд, агарчи сарашон беқувват бошад ва аз истисқое, ки занонро рӯй диҳад, [судманд аст. Ин шароб] ғизо бахшад, иштиҳо оварад ва пиронро сахт судманд бошад.

**Сифати он:** аз афшураи шароб[шудаи] дорои қабзкунандагии [ангур] панҷ кӯза гирифта, бар он аз ангубин як кӯза ва аз намак ба миқдори як қавосус[178] афкананд ва андар ҷогаҳи кушод бигиранд, то барои ҷунбишу ҷӯшиши он маҷол бошад. Намакро андар он андак-андак афкананд. Ҳар гоҳ аз ҷӯшидан бозмонад, онро андар хавобҳо (чалакҳо) ва ё кӯзаҳои сафолин бигиранд.

### Нусхаи дигар аз шароби ангубин

Беҳтаринаш онест, ки аз шароби кӯҳани қавии қабзкунанда ва ангубини хуби навъи олӣ сохта шавад. Ин назар ба дигар [шарбоҳо] камтар дамиш оварад, зудтар фурӯд равад, агар кӯҳан бигардад, бештар ғизо бахшад ва агар [ба кӯҳнагию навӣ] *миёна бошад, шикамро нарм кунад ва* пешобро битозонад. Аз болои таом ва ё ношито ошомидани он зиён дорад. Ҳар гоҳ онро биошоманд, нахуст иштиҳои таомро бибарад, сипас баъд аз муддате иштиҳо биангезад.

**Сифати он:** аз шароб ду ҷарра (кӯза) гирифта, бо он як ҷарра ангубин омезанд. Бархе аз мардум шаробро бо ангубин биҷӯшонанд, то зуд бирасад ва сипас *бардоранд. Бархе дигар шаш қист аз* афшураи [ангурро] биҷӯшонанд, бо он як *қист ангубин биомезанд, сипас бигузоранд,* сард шавад ва ширин боқӣ бимонад.

### Моликиротун[179], ки он оби ангубин бувад

Қуввати ин чун қуввати ангубин бувад. Агар ноҷӯшонида бошад, бо он касеро муолаҷа кунанд, ки шикам равон кардан ва қай овардан бихоҳад. Аз он бо равган ба иллати қай оварданаш касе шифо ёбад, ки доруи кушанда ошомида бошад. Аммо ҷӯшонидаи онро аз барои ҳалшавии қувват, нотавонии тан, сурфа ва омоси шуш бидиҳанд. Онеро, ки биҷӯшонанд ва муддати дароз нигоҳ доранд, бархе аз мардум «идрумолӣ», яъне «шароби ангубин» номанд. Агар ин шароб [ба муддати нигоҳдорӣ] миёни кӯҳан ва нав бошад, қувваташ андар қавӣ сохтани тан мисли қуввати шароби камқуввat аст. Ин ҳам аз омосҳо суд дорад, касонеро нафъ кунад, ки дарди меъда доранд ва аз он каси қувваташ суст шуда суди намоён бигирад.

**Таркиби он:** аз ангубин як бахш ва аз оби кӯҳнашудаи борон ду бахш гирифта, ба ҳам биомезанд ва андар офтоб гузоранд. Бархе аз мардум аз оби чашма гирифта, бо ангубин биомезанд (376) ва то боқӣ мондани ду севвуми он биҷӯшонанд, сипас бардоранд. Бархе аз мардум онро аз шаҳд ва об сохта, бибардоранд. Онро бо об бояд ба андозаи андаке омезиш дод.

### Шароби ҷинҷак ва дӯлона

Ҳамаи ин шаробҳо аз барои меъда гирандаи сирдиоварандаанд ва моддаҳои ба сӯи меъда ва рӯдагон сайлонкунандаро қатъ кунанд.

**Тарзи сохтани он:** мисли сохтани шароби амруд бувад.

### Шароби шукуфаи токи даштӣ

Ин аз заъфи меъда, камии иштиҳои таом, исҳоли дерина ва реши рӯдагон судманд аст.

**Таркиби он:** аз шукуфаи токи даштӣ, ки хушк карда бошанд, ду ман гирифта, бар вай як бахш аз афшураи ангур афканда, сиҳ рӯз бигузоранд, андар он биистад, сипас биҷӯшонанд ва бардоранд.

### Шароби анор

Ин аз сайлони фазлаҳо ба сӯи меъда ва рӯдагон ва аз табҳои дарозмуддат суд дорад, меъдаи гармро нафъ расонад, шикам бибандад ва пешоб битозонад.

**[Тариқаи] сохтани он:** аз аноре бигиранд, ки донаҳояш сурхи пухтагӣ ва тухмҳояш нотавон бошанд. Донаи онро кӯфта, [обашро] фишурда, бигиранд ва то ба сеяк расидан биҷӯшонанд[180], андаке аз шакар ба он афзоянд ва бардоранд.

### Шароби гул

Ин аз таб ва дарди меъда суд дорад ва таом бигуворад. Агар баъд аз таом ошоманд, аз шикамрав ва дардҳои рӯдагон суд бахшад.

**[Тариқаи] сохтани он:** аз гули хушки кӯфтае, ки як сол аз он гузашта бошад, як

ман гирифта, андар пораи катонӣ карда бибанданд ва андар ҷогахе биафкананд, ки андар он бист қист аз афшураи ангур ва шароби нав гирифта бошанд, сипас се моҳ онро пӯшонида ва сари онро баста нигоҳ доранд. Сипас онро равшан карда, андар ҷогаҳи дигар бирезанд ва бардоранд. Гоҳ [ин шаробро] ба тариқи дигар созанд ва он чунин бошад, ки афшураи гулро гирифта, бо ангубин биомезанд ва инро низ «идрумолӣ» номанд. Ин дурруштии гулӯро созгор аст. Гоҳе ба тариқаи дигари ғайри ин созанд, бад-ин гуна ки аз гули тари кулоҳаккҳояш чидашуда ба қадри ним ман гирифта, андар се ва ё панҷ ҷанди он аз об як соат биҷӯшонанд, сипас полида, бори дуввум андар он ба қадри як ҷанди он гули тарро афкананд ва ҳамчунин биҷӯшонанд ва биполанд. Сипас бори севвум андар он [ғули тоза] афканда, биҷӯшонанд, биполанд ва ба он андаке аз тарангубин ва ё ангубин афканда, сипас онро қавом диҳанд. Як ошомиданӣ аз ин аз даҳ то бист дирам бувад. Ин исҳоли зиёд оварад ва рутубатҳоро ба исҳол берун оварда, меъдаро пок кунад. Ҳар қадар ки ҷӯшониданро такрор карда, [андар он] аз гул биафзоянд, исҳоловарияш ҳамон қадар зиёда гардад.

**Шароби мурд**

Ин аз барои меъда суд дошта, сайлони рутубатҳоро ба сӯи меъдаву рӯдагон қатъ кунад. Он аз барои решҳое, ки андаруни тан падид оянд ва аз барои сайлони рутубатҳо аз захдон созгор аст.

**Шароби ротиёнаҷ**

Ин шароб ҳар қадар кӯҳан бигардад, мазааш бештар шавад, вале он саръ оварад ва аз он садар падид ояд. Он таом бигуворад, пешоб битозонад, касонеро, ки назла ё сурфа доранд, касонеро, ки исҳоли дерина доранд, касонеро, ки реши рӯдагон доранд, касонеро, ки истисқо доранд ва касонеро, ки доим аз захдонашон рутубатҳо равон аст, созгор бувад. Бо ин [шароб] метавон аз барои реши рӯдагон ҳуқнарезӣ кард. Сиёҳи он андар гирандагӣ аз сафедаш қавитар бувад.

**[Тариқаи] сохтани он:** ротиёнаҷро бо пӯстҳои дарахти он, ки андар таркиби он мавҷуд аст, якҷоя кӯфта, андар панҷ [дирам] аз он ним қутулӣ [аз шароб] афкананд. Бархе аз мардум онро андар шароб, то аз ҷӯш мондани он бигузоранд, сипас онро аз шароб бигиранд ва берун андозанд. Бархе аз мардум онро андар шароб то кӯҳан гардидани он бигузоранд.

**Шароби қатрон**

Ин аз сурфаи кӯҳан, агар таб ба ҳамроҳ надошта бошад, суд дорад. Он гармӣ ва латифӣ оварад ва аз дарди синаву устухонҳои паҳлу, аз печиши ноф, решҳои андарун, дарди рӯдагон, аз ҳис (?), дарди (377) шуш ва захдон судманд аст. Морҳо ва кирмҳоро аз шикам берун афшонад, табларза бибарад ва дарди гӯшҳоро, агар андар он бичаконанд, беҳ кунад.

**[Тариқаи] сохтани он:** қатронро гирифта, бо оби хуш бишӯянд, сипас бар ҳар як уқия аз он як ратл афшураи [ангур] афканда, то шикастани он биҷӯшонанд.

**Шароби зифт**

Ин гармӣ оварад, таом бигуворад, бизудояд, пок кунад, аз дардҳои сина, шикам, ҷигар, испурч ва захдон аз ғайри будани таб, аз исҳол, шикамрави дерина, аз решҳои андарун, аз сурфа, сустии гувориш, дамиш ва аз дамкӯтоҳӣ суд дорад.

**[Тариқаи] сохтани он:** аз зифти тар ва сулофаи афшураи [ангур] бигиранд, вале бояд нахуст зифтро бо оби дарё ва ё намакоб якчанд бор бишӯянд, то оби [аз он] мерехтагӣ равшан бигардад, сипас баъди он оби хуш бар вай бирезанд. Бар ҳар ҳашт кӯзақавосус[181] аз афшураи [ангур] ду уқия аз зифт афкананд ва ҳар гоҳ бирасад ва аз ҷӯш монад, онро андар ҷогаҳҳои [дигар] бигиранд.

## Шароби зуфо

Ин аз бемориҳое, ки андар сина, ҳар ду бар ва шуш падид оянд, аз сурфаи кӯҳан ва аз дамкӯтоҳӣ суд дорад ва пешобро битозонад. [Инчунин] аз печиши ноф ва аз табларза судманд буда, хуни ҳайзро сахт битозонад.

**[Тариқаи] сохтани он:** инро чунон созанд, ки шароби афсинтинро бисозанд. Бояд бар ҳар як чарра[182] аз сулофаи афшураи [ангур] як ратл аз барги кӯфтаи зуфо афкананд. [Барги зуфоро] андар пораи катонии тунук баста, як сангро ҳамроҳи он гиреҳ кунанд, то он ба зери зарф фурӯ рафта, нишинад ва қувваи зуфо ба афшура бигузарад. Сипас, баъд аз чиҳил рӯз онро бичашанд ва андар ҷогаҳҳо бардоранд.

## Шароби камодариюс

**[Тариқаи] сохтани он:** мисли тариқаи сохтани шароби зуфост. Ин гармкунанда ва таҳлиловар буда, аз ташаннуҷ, аз ярақон, аз дамиши заҳдон, аз сустии гувориш ва аз истисқо суд дорад. Ҳар қадар ки кӯҳан бигардад, ҳамон қадар беҳтар бувад.

## Шароби ҳошо

Ин аз бадгуворӣ ва камиштиҳоӣ судманд буда, асабро, агар ҳаракати бетартиб кунад, манфаат дорад. Аз дардҳое, ки андар зери сари устухонҳои паҳлу падид оянд, аз фарошое, ки ба ҳангоми зимистон рӯй диҳад, аз заҳрҳо ва [газидани] ҷунбандагони зиёнкор, ки танро сардӣ оварда, афсурда созад, суд дорад.

**[Тариқаи] сохтани он:** ҳошоро кӯфта ва бехта, аз он сад мисқол бигиранд ва андар порае гиреҳ карда, андар як чарра аз афшураи ангур афкананд.

## Шароби бӯйафзорҳо

Ин аз дарди сина, ҳар ду бар ва шуш, аз бастагии шикам, табларза ва хуни ҳайз суд дорад, мусофиронро ба ҳангоми барф ва сармо ва касеро, ки кимуси ситабр дорад, нофеъ аст, рангро сафо бахшад, хоб оварад, дардҳоро ором кунад ва дарди обгаху гурдаҳоро беҳ кунад.

**[Тариқаи] сохтани он:** аз наи бӯё шаш мисқол, аз салиха ҳашт мисқол, аз асорун чаҳор мисқол, ба ҳасби нусхаи дигар аз сунбул шаш мисқол ва аз уд ҳафт мисқол гирифта, ҳамаро бикӯбанд ва андар пораи катонӣ баста, андар як микёл (паймона) аз сулофаи афшураи ангур афкананд. Ҳар гоҳ бӯи доруҳоро ба худ бигирад ва ҷӯшишаш боз истад, онро ба ҷогаҳи дигар полида [бигиранд].

## Шароби росан

Сина ва шушро суд дорад ва пешобро битозонад.

**[Тариқаи] сохтани он:** аз бехи росани хушк панҷоҳ мисқол гирифта, андар порае кунанд ва андар шаш микёл (паймона) аз афшураи ангур биафкананд. Сипас, баъд аз се моҳ полида, ба кор баранд.

## Шароби асорун

Ин пешоб битозонад, аз истисқо, ярақон, бемории ҷигар, дарди сурин ва дарди шушу меъда сахт судманд аст.

**[Тариқаи] сохтани он:** аз асорун ду мисқол гирифта, бар вай дувоздаҳ қутулӣ аз афшураи ангур афкананд ва бо он чунон кунанд, ки бо аввалӣ карданд.

## (378) Шароби сунбули даштӣ

Аз бемориҳои ҷигар, ба душворӣ омадани пешоб, бемориҳои меъда ва дамиш суд дорад.

**[Тариқаи] сохтани он:** бехи сунбули навро гирифта, бисованд, бибезанд ва ҳашт мисқол аз онро андар микдори як кӯза аз

афшураи ангур афканда, ду моҳ бигузоранд. Сипас полида, андар ҷогаҳҳо бардоранд ва ба кор баранд.

### Шароби газари даштӣ

Аз дарди сина, ҳар ду бар ва заҳдон судманд аст, ҳайзу пешоб битозонад, оруғ ангезад, сурфа ва тангии рӯдагонро беҳ кунад.

**[Тариқаи] сохтани он:** аз бехи газари даштӣ шаст мисқол гирифта, ба таври дурушт бикӯбанд ва андар як ҷарра аз афшураи ангур афканда, ба қадре бигузоранд, биистад, ки шароби аз ин пеш бударо гузоштанд. Сипас бичашанд ва андар ҷогаҳи дигар гирифта, ба кор баранд.

### Шароби говшир

Аз фатқ ва порашавии рӯдагон, аз латхӯрдагии мушакҳо ва душвории нафас суд дорад, пешобро битозонад, ситабрии кимуси испурҷро ба таҳлил бибарад, аз печиши рӯдагон, дарди пайвандгоҳҳо ва хоммонии гизо судманд аст, ҳайз ангезад, бачаро берун орад, аз шиками зардобгирифта (ҳабан) ва аз газидагии чаҳорпоёни палид суд дорад.

**[Тариқаи] сохтани он:** аз бехи говшир даҳ мисқол гирифта, бар як микёл аз афшураи ангур афкананд ва бигузоранд, мисли шароби сунбули даштӣ биистад. Сипас бичашанд ва андар ҷогаҳи дигар бардошта, ба кор баранд.

### Шароби карафс

Он иштиҳои таом бикушояд, меъда ва каси гирифтори ба душворӣ омадани пешобро суд бахшад ва ҳамаи фазлаҳои танро ба таҳлил бибарад.

**[Тариқаи] сохтани он:** аз тухми тоза чида, совида ва бехтаи карафс ҳафтод мисқол гирифта, андар пораи катон баста, андар як қулла аз афшураи ангур афкананд ва мисли [шароби] пеш аз он буда бигузоранд, биистад. Сипас андар ҷогаҳи [дигар] бардошта, ба кор баранд.

### Шароби мозариюн

Ин касонеро суд дорад, ки ба истисқо ва дарди ҷигар гирифторанд ва занонеро судманд аст, ки ҳангоми дарди заҳ қай кунанд.

**[Тариқаи] сохтани он:** инро ҳангоми нав рӯидан гирифта, шохаҳояшро бо баргҳо реза карда, хушк кунанд ва бикӯбанд, сипас аз ин дувоздаҳ мисқол гирифта, андар як микёл аз афшураи ангур афкананд ва ду моҳ бигузоранд, биистад. Сипас полида, андар ҷогаҳе бардоранд ва ба кор баранд.

### Шароби маҳмуда

Он шиками дардмандро шифо бахшад, заҳраи зардро ва балғамро низ ба тариқи аразӣ ба исҳол орад.

**[Тариқаи] сохтани он:** аз бехи маҳмуда, ки ҳангоми дарав канда бошанд, понздаҳ мисқол гирифта, бисованд ва андар пораи катон баста, андар навад ҷом аз афшураи ангур афкананд ва то рӯзи ҳаштум бигузоранд, биистад. Сипас бардоранд ва ба кор баранд.

# МАҚОЛАИ ҲАФТУМ

## АНДАР БАЁНИ ПАРВАРДАҲО[183] ВА АНБАҶҲО[184]

### Сифати гулангубин

Ин аз барои таб ва дарди меъда судманд аст.

**Таркиби он:** гули сурхи кулоҳакҳо баркандаро пора кунанд ва аз риштаҳои сафеди сахт онро пок сохта, бар болои матои покизае паҳн кунанд, то рутубаташ хушк шавад. Сипас онро андар тосе афканда, молиш диҳанд, то нарм шавад ва бар он аз ангубини кафк баргирифта қадре бирезанд, ки ба таври нарм маъҷун бигардад. Баъд онро андар зарфи обгинагӣ ва ё чинӣ гирифта, чиҳил рӯз андар офтоб бигузоранд ва саҳару бегоҳ онро ҳаракат диҳанд. Агар боз ба ангубин эҳтиёҷ афтад, бад-он ангубин биафзоянд. Сипас, баъд аз шаш моҳ онро бардоранд ва ба кор баранд.

### [Бунафшаи парварда]

Бо бунафша низ чунин кунанд. Агар гулангубин ва ё бунафшаи [парварда]-ро бо шакар сохтанӣ бошанд, шакарро бо миқдоре аз оби хуш то ба андозаи мисли ангубин гардидан бигудозанд ва сипас, бо ин чунин кор кунанд, ки бо гулангубин кунанд.

### [31] Турунҷи парварда

Аз барои заъфи меъда созгор аст ва таомро бигуворад.

**Таркиби он:** турунҷҳои тозаро гирифта, ҳар кадомро ба дарозо чаҳор пора кунанд, дилаи туруши онро пок кунанд, андар тагораи сафолин афкананд ва бо оби хуши (379) соф ва намаки нимкӯфта ҳафт рӯз тар кунанд, то сахт шаванд. Сипас, ҳафт рӯзи дигар бе намак, балки бо об тар кунанд, то рангаш дигар шуда, беруни он мисли дарунаш сафед гардад ва обро бичашанд, ки то шӯр набошад. Баъд, аз ангубини хуб як бахш ва аз об ду бахш, яъне ба қадри турунҷро паноҳ кардан бигиранд, андар дег андозанд ва бо оташи нарм ду соат биҷӯшонанд. Сипас, [турунҷро] аз обу ангубин баргиранд. Рӯзи дигар ангубинро гирифта, биҷӯшонанд, кафкашро бигиранд, андар он турунҷро андохта, як сар биҷӯшонанд. Баъд, турунҷро гирифта, дубора андар тагора кунанд, бар вай доруҳои зеринро бипошанд: барои ҳар як аз ду ман турунҷ аз заъфарон, ҳил ва қоқула як мисқолӣ, аз мехак ва дорчинӣ ним мисқолӣ, аз мушк яку ним донг гирифта, ин доруҳоро бикӯбанд ва ба ду бари турунҷ пошида, онро андар ҷогаҳе афкананд ва аз болояш ангубин рехта, ба кор бибаранд.

### Нусхаи дигар

Турунҷҳои ба таври миёна расидаи сатҳаш ҳамвор ва дарозрӯяро гирифта, ба дарозо бибурранд, ҳар як турунҷро чаҳор пора кунанд ва андар тағораи сафолини нав тар кунанд. Ин корро андар конуну-л-аввал ба ҳангоми ба [бурҷи] Ҷаддӣ расидани

офтоб бикунанд. Аз ҳама хубаш он аст, ки андар соли бисёр хунук сохта бошанд, зеро об ҳар қадар бар вай ях бибандад, турунҷ ҳамон қадар сахттару устувортар бигардад. Сипас турунҷро баъди бо намаки нимкӯфта молиш додан ҳар рӯзе ду бор бишӯянд, пок кунанд ва боз ба оби сард андозанд. То се ҳафта чунин кунанд. Баъд, онро аз об бигиранд, биполанд, соате бар табақ гузоранд ва сипас агар чизе аз он гандидa бошад, бо корд пок кунанд ва дубора ба оби хуш афканда, саҳару бегоҳӣ ба нармӣ бишӯянд. Чун аз ин чиҳил рӯз бигзарад, онро аз об берун оранд ва аз тамоми гандидагӣ ва хӯрдашудагӣ пок карда, як шабу як рӯз бигузоранд, то намияш биравад. Баъд, рӯзи дигар онро андар деги даҳонкушод ва ё андар потилаи покиза афканда, аз болояш ба қадре об бирезанд, ки онро паноҳ кунад ва ба андозаи сеяки вазни турунҷ шакари кӯфта пошида, бо оташи нарм биҷӯшонанд ва бо чӯбча омезиш диҳанд. Сипас турунҷро аз он берун оранд, покизаву тоза кунанд ва бар табақе рехта, ду рӯзи паёпай бигузоранд. Баъд, онро дубора андар потила афканда, аз болояш ба андозаи ним вазни он шакар бипошанд ва аз об ба қадре бирезанд, ки онро паноҳ кунад ва чаҳор ангушти ҷафскарда бар шавад. Сипас мисли аввала бо оташи нарм биҷӯшонанд. Эҳтиёт шуд, ки бар болои оташ табаҳ нашавад, зеро аз мураббоҳо пухтани ин аз ҳама душвортар аст ва бояд зеҳну ҳушат пурра бад-он бошад, ки чун аз зераш оташ афрӯхтӣ, бояд ин оташ нарми ором бошад. Сипас турунҷро берун оварда, бар табақе паҳн кунанд ва се шабу се рӯз паёпай бигузоранд, биистад. Ба рӯзи чаҳорум онро бо сари корд покиза кунанд ва дубора ба дег андохта, аз болояш ба андозаи паноҳ кардану чаҳор ангушт бар шудан, ангубини покиза бирезанд, бар оташи нарм панҷ ва ё шаш соат биҷӯшонанд, то ангубин бар болои турунҷ баромада, мисли марворидҳо намудор гардад. Ангубинро то як андоза ситабр созанд ва сипас аз болои оташ фурӯд оварда, сард кунанд. Баъд, аз сунбул, мехак, дорчинӣ, занҷабил, қоқула, дорфилфил ва хирбӯво як бахшӣ бигиранд ва бояд вазни маҷмӯи онҳо ба андозаи ними даҳяки турунҷ буда, ба ҳар як мани турунҷ ду исторӣ аз онҳо рост ояд. Инҳоро дурушт бикӯбанд. Сипас [як миқдор турунҷ]-ро андар ҷогаҳи сабз бигиранд, бар вай андаке аз ин доруҳо бипошанд, аз болои он як қабат турунҷ гузошта, аз болои он дору бипошанд ва то тамом шудани ҳамаи он ҳамин тавр амал кунанд. Баъд, аз болои онҳо оби аз ангубини андар потила боқӣ мондаро бирезанд, то онро бипӯшонад ва чаҳор ангушт бар шавад ва даҳони ҷогаҳро мустаҳкам баста, андар ҷое бигузоранд, ки на сардӣ бирасад ва на рутубат. Бидон, ки нишонаи расидани турунҷ ин аст, ки андар тагора андар зери об нишинад.

**Биҳии парварда**

Ин аз барои қавӣ сохтани меъда созгор аст, табиат бибандад ва аз барои бадгуворӣ ва қае, ки ба сабаби даҳони меъда падид ояд, [суд дорад].

**Таркиби он:** биҳиҳои хуби бузургро гирифта, даруни онҳоро пок кунанд, пӯсташро бигиранд ва чаҳор (380) пора карда, бо обу ангубин биҷӯшонанд. Бояд об ду бахш ва ангубин як бахш бошад. Гурӯҳе инро бо шаробу ангубин биҷӯшонанд, ки ин беҳтарин тариқа бувад. Сипас, онро сард созанд ва андар рӯзи дуввум танҳо бо ангубин биҷӯшонанд. Баъд, онро андар тағора паҳн кунанд, бар вай доруҳои андар [боби] турунҷ ёд шударо бипошанд ва аз болояш ангубин рехта, нигоҳ доранд.

**Нусхаи дигари биҳии парварда**

Ин аз заъфи меъда ва исҳол судманд аст.

**Таркиби он:** биҳиҳои расидаро гирифта, чаҳор пора кунанд, дарунашонро аз дона пок кунанд ва берунашонро бо рӯймоли катонӣ пок созанд, бар вай як бахш ангубин ва чаҳор бахш об, яъне ба миқдоре, ки биҳиҳоро бипӯшонад, бирезанд ва ду-се сар биҷӯшонанд. Сипас онро полида, дубора ба дег андозанд, аз болояш як бахш ангубини кафк баргирифта ва як бахш об рехта, ду-се сар ҷӯш диҳанд. Баъд, биполанд, бар табақ паҳн кунанд ва бигузоранд, то рутубати доштааш бихушкад. Сипас, онро пок карда, дубора ба дег андозанд, аз болояш ба миқдоре ангубин бирезанд, ки онро бипӯшонад ва чаҳор ангушти баҳам ҷафс бар шавад, як сар биҷӯшонанд, бар вай бӯйафзорҳои андар [боби] турунҷ ёдкардаи моро бипошанд,

андар бастӯи сабз бардоранд ва сари онро сахт бибанданд. Бархе аз пизишкон бар ин аз бӯйафзорҳо ба ғайри қоқула, мехак ва заъфарон дигар чиз наафкананд.

### Газари парварда

Ин аз сардҷимоъӣ, сустии гурда ва дарди миён суд дорад ва боҳро ёварӣ кунад.

**Таркиби он:** газарҳои сахти равшанранги покизаро гирифта, ду сари онҳоро бибуранд, сипас бар онҳо ба қадри вазни онҳо пониз ва ё шакар бипошанд ва ба қадри паноҳ кардани онҳо об бирезанд ва [ҳамаи инро] бар оташи нарм то нарм шудан биҷӯшонанд. Баъд, онро аз оташ фурӯд оварда, бар табақе паҳн кунанд, то хушк шавад, ҳар чи оберо, ки аз тариқи кара бастан бар онҳо падид омада аст, пок кунанд ва дубора ба дег биандозанд, бар вай аз ангубини кафк баргирифта чандоне бирезанд, ки онро бипӯшонад ва изофа ба он чаҳор ангушт бар шавад ва бо оташи нарм то ҳангоме биҷӯшонанд, ки аз ҳамаи бахшҳои он берун дамидани ангубин мушоҳада шавад. Сипас, онро аз оташ фурӯд оранд, андат бастӯ як қабат аз он бичинанд, як қабат аз бӯйафзорҳо бипошанд ва то охир чунин кунанд.

### Ҳалилаи парварда

Ҳалилаи парвардаро андар Чин ва Ҳинд аз ҳалилаи тар бисозанд ва он чи ки аз он ҷойҳо биоваранд, ба ғоят хуб аст. Вале андар ҷойҳои мо онро ба сифати зерин бисозанд: Ҳалилаи кобулии беҳтаринро бигиранд, андар замини намноки регии хуш, на шӯр чоҳаке биканананд, андар он як қабат ҳалила биниҳанд, аз боло ва аз зери он як қабатӣ реги тар бирезанд ва аз болои онҳо об бипошанд. Баъди ду рӯз ҳалиларо бигиранд, бар вай реги дигари тозае аз ғайри аввала рехта, ду рӯзи дигар бигузоранд, то тар шавад. Ин корро даҳ рӯз давом диҳанд, то ҳалила болида, тар шавад ва бидамад, он гоҳ онро бо оби хуш се-чаҳор бор бишӯянд. Сипас, хурмо ва мушки заминро гирифта, бо оби бисёр биҷӯшон ва ҳалиларо бар он оби ҷӯшонида афканда, бар оташи нарм андак-андак ҷӯш бидеҳ ва ҳар гоҳ ки бипазад, онро пок шуста, тоза кун. Баъд, ангубин бигир ва онро ҷӯшонида, кафкашро бардор ва бипаз. Сипас бӯйафзорҳоеро, ки андар боби турунҷи парварда ёд кардам, бигир, андар пораи катонии покизаи тунук бибанд, андаруни дег биовез ва ҳар соате онро бифишор, то қувваи бӯйафзорҳо бо ҳалила берун ояд. Ҳар гох [ҳалила] пухт, онро андар тағораи чинӣ бирез, ду-се рӯз бигузор, то ҳалила қувваи бӯйафзорҳоро ба худ бигирад ва сипас онро андар ҷоғаҳи обгинагӣ бигир, аз болояш ангубини кафк баргирифта бирез, аз болои он мушк, заъфарон ва ба қадри салоҳдиди хеш андаке анбар бипош, даҳони ҷоғаҳро бибанд ва [ба ҳангоми ҳоҷат] ба кор бибар. Ин ҳар қадар кӯҳан бигардад, ҳамон қадар хуб хоҳад буд.

### Нусхаи дигаре аз ҳалилаи парварда

Аз ҳалилаҳои кобулии бузургҳаҷм сад дона гирифта, андар об тар кунанд ва панҷ рӯз андар офтоб биниҳанд. Сипас онҳоро аз об берун оварда, [32] панҷ рӯз андар саргини тар бигӯронанд (381) ва ҳар рӯз бар вай об бирезанд. Баъд, онҳоро берун гирифта, хуб бишӯянд, дубора ба саргини тар бигӯронанд ва ин корро се бор такрор кунанд. Сипас, онҳоро берун оварда, хуб шуста, пок кунанд ва бо сих дирамӣ аз гуринҷ, кашк ва хурмо андар миқдоре аз об, ки онҳоро паноҳ кунад, бо оташи нарм то рафтани об биҷӯшонанд. Баъд, онҳоро гирифта, бо пораи катонӣ пок кунанд, бо сӯзан бишикофанд, бар онҳо ба қадри паноҳ кардану чаҳор ангушт бар шудан, ангубини найшакар бирезанд, то ситабр шудан биҷӯшонанд ва [баъд аз он] ба кор баранд.

### Як намуди дигаре аз он

Сад дона ҳалилаи кобулии хубро гирифта, нек бишӯянд, як шаб бигузоранд, то андаке хушк шавад, сипас бар вай ба қадри паноҳ кардану чаҳор ангушт бар шудан, об ва ё кашкоби ҷав рехта, бо оташи нарм то рафтани об биҷӯшонанд. Сипас, онро андар танӯр ниҳода, рӯзи дигар бигиранд, бар табақе паҳн кунанд, бо пораe

покиза кунанд, бо сӯзан бишикофанд ва бар вай майпухта рехта, то нарм шудан бичӯшонанд. Баъд, онро аз оташ фурӯд оранд, бар вай бӯйафзорҳо бипошанд, [андар ҷогаҳе] бардоранд ва ба кор бибаранд.

### Шақоқули парварда

Шақоқул решаҳоест мисли занҷабил, ки онро аз Ҳинд оваранд ва аз тозаи он андар кишвари худаш парварда омода созанд, ки он бениҳоят хуб аст. Аммо он чи ки ба ҷойҳои мо созанд, ба сифати зерин аст: Нахуст онро андар оби гарм тар кунанд, то пӯсти беруни он ковок шавад. Сипас онро бо корд пӯст карда, ҳафт рӯз андар оби сард тар кунанд, ҳар рӯз обро дигар кунанд ва ин корро то ҳангоме давом диҳанд, ки даруну беруни онҳо тар шуда, нарм бигарданд. Баъд аз тар кардан, онро бо обу ангубин бичӯшонанд ва аз об ду бахш ва аз ангубин як бахш бигиранд. Сипас онро танҳо бо ангубин гирифта, як ҷӯш бидиҳанд ва андар ҷогаҳи обгинагӣ бардоранд. Агар ангубин аз рутубати шақоқул тунук шавад, шақоқулро аз он ангубин гирифта, андар ангубини дигари кафк баргирифта ва бо бӯйафзорҳои мо ёд карда биниҳанд.

### Занҷабили парварда

Занҷабил решаҳоест мисли зардчӯба, ки аз зери замин [бигиранд]. Аз тозаи онҳо ба Чин парвардаи бисёр хубе омода созанд. Аммо андар ҷойҳои мо бошад, онро ба шакли бо ангубин ва ё бо оби гуринҷ парварда биоваранд. Андар ҷойҳои мо [парвардаи] онро бо ангубин ва бӯйафзорҳо аз хушки он бисозанд, баъд аз он ки онро як моҳ бенамак тар карда бошанд, вале гурӯҳе дигар онро мисли ҳалила андар рег гӯр кунанд. Сипас, онро бичӯшонанд ва ба сифате омода созанд, ки андар боби ҳалила ёд кардем.

### Олуи парварда

Агар тар бошад, онро баъд аз дона ҷудо кардан нахуст бо ангубин ва об, сипас бо ангубини танҳо бичӯшонанд ва бар вай ба тариқае бӯйафзорҳоро афкананд, ки пеш аз ин ёд кардем. Вале агар хушк бошад, андар об се рӯз тар кунанд ва сипас бичӯшонанд.

### Шалғами парварда

Шалғами хубро гирифта, ба қадри хурдию бузургии он аз чаҳор то шаш порагӣ кунанд ва пӯсти берунаашро бигиранд. Нахуст чаҳор рӯз андар обу намак, сипас се рӯз андар оби гарм тар кунанд, баъд бо обу ангубин ва сипас бо ангубин ҷӯшонида, хушбӯӣ зананд.

### Бодоми парварда

Аз миёни [бодомҳо] ширину тозаи онро бо пӯсташ ихтиёр карда, бигиранд ва аз гайри тар кардану шикофтан бичӯшонанд ва сипас ва бар онҳо бӯйафзорҳои хушбӯй биафзоянд.

### Шохаҳои баласони парварда

Шохаҳои тозаи баласонро ду бор ҷӯшонида, бар онҳо ба тавре, ки ёд кардем, бӯйафзорҳо бипошанд ва аз онҳо анбаҷ бисозанд.

### Омулаи парварда

Аз миёни омулаҳо омулаҳои ба гоят хуб ва ношикастаро интихоб кунанд, ҳафт рӯз бо оби сард тар кунанд, то нарм гардида, дам кунанд ва тар шаванд. Сипас онҳоро ду бор ба наҳве, ки ёд кардем, бичӯшонанд, бар онҳо бӯйафзорҳо бипошанд, баъд аз он бо об ду сар бичӯшонанд, бар онҳо ангубини кафк баргирифта бирезанд ва бӯйафзорҳо пошида, ба кор баранд.

## Себи парварда

Ин аз барои қай созгор аст. Себи ширини шомиро гирифта, бо ду бахш об ва як бахш ангубин бичӯшонанд, (382) сипас бо ангубини танҳо дубора ҷӯшонанд, андар ҷогаҳи обгинагие бигиранд, бар вай ангубини кафк баргирифта афкананд ва аз болои он бӯйафзорҳоеро бипошанд, ки андар [боби] чӣ гуна сохтани турунҷ ёд карда омад.

# МАҚОЛАИ ҲАШТУМ

## АНДАР БАЁНИ ҚУРСҲО

Гуфтори мо оид ба инҳо андар ин Ҷумла мисли гуфторҳои пешин бувад.

### Қурсҳои ситора

Бузургдошти инҳо ба наздики пизишкони пешин ба андозае буд, ки онҳро «қурсҳои ситораи ломардхиёно» номиданд, яъне қурсҳои ситорае, ки зиндагиро ҳаргиз маглуб шудан нагузорад. Ин қурсҳо аз барои меъдаи нотавоне, ки фазлаҳои дигар андомҳоро аз тариқи рондан бипазирад, созгоранд ва оруғи турушро бибаранд. Онҳоро чун бар пешонӣ тило кунанд, сардардро фурӯ нишонанд. Онҳо назлаҳо ва дарди дандонро суд доранд ва онҳоро бо борзад бар дандони кирмхӯрда биниҳанд. Низ аз гӯшдард, аз хунпартоӣ, хунравии ҳар гуна андом ва аз сурфаи дерина судманданд. Онҳо аз тариқи ошомидан бо оби марзангӯш аз барои табҳои даврӣ ва бо оби судоб аз барои заҳрҳои газандагон ва [заҳрҳои] ошомиданӣ суд доранд. Андар таркиби ин [қурсҳо] «ситораи замин» бидарояд. Аксари [пизишкон] инро «талқ» ва бархеҳо «гили шомус» гуфтаанд. Шояд талқ бар пурзҳои меъда олоида шуда, бар онҳо нишинад ва дар таъсир кардан ба ғайраш аз гармии модарзодӣ мутаассир нагардад. Мо таркиби онҳоро, чунон ки ёд кардаанд, оварем.

**Таркиби онҳо:** аз мурр, гунди бедастар, сунбул, салиха, гили набишта ва пӯсти ябруҷ чаҳор дирамӣ, аз афюн, заъфарон, қуст ва «ситораи замин», ки он талқ бувад, панҷ дирамӣ, аз хашхоши сафед шаш дирам ва аз тухми газари даштӣ, анисун, сисолиюс, тухми банг, майъаи равон ва тухми карафс ҳашт дирамӣ [бигиранд]. Сақизҳоро бо шароби райҳонӣ тар кунанд, доруҳоро бикӯбанд, ҳамаро маъҷун сохта, аз онҳо қурсҳои нимдирамӣ бисозанд ва андар соя бихушконанд.

### Қурсҳои гул, ки аз оммаи [пизишкон] аст

Инҳо аз дарди меъда суд доранд, рутубатҳои меъдаро бизудоянд ва табҳои балғамию деринаро бибаранд.

**Таркиби онҳо:** аз гули сурхи кулоҳакҳо барканда бист дирам ва аз сунбули хушбӯй ва бехи ширинбаён даҳ дирамӣ бигиранд, вале бархе аз пизишкон ба ҷои бехи ширинбаён рубби онро бигиранд. Сипас ин доруҳоро баъд аз совидану бехтан якҷоя кунанд, бо мусаллас қурсҳо созанд ва андар соя бихушконанд.

### Нусхаи қурсҳои гул аз Асклибиёдус[185]

Ин тафсро хомӯш кунад, аз дарди меъда суд дошта, меъдаро қувват бахшад ва низ аз дамкӯтоҳӣ, гармӣ, афрӯхтагӣ, рутубат, бозгуна шудани меъда, ташнагӣ ва сӯхтагӣ [судманд аст].

**Таркиби онҳо:** аз гули тоза шаш мисқол, аз бехи ширинбаён чаҳор мисқол ва аз сунбули ҳиндӣ ду мисқол гирифта, бо майпухта сиришта кунанд, курсҳои якдирамӣ созанд ва андар соя хушк кунанд.

### Қурсҳои гул бо маҳмуда

Ин аз табҳо ва бастагии шикам суд дорад.

**Таркиби онҳо:** аз гули сурхи кулоҳаккҳо барканда дувоздаҳ дирам, аз сунбули хушбӯй ва бехи ширинбаён ҳашт дирамӣ ва аз маҳмуда се дирам гирифта, ин доруҳоро баъди кӯфтану бехтан ҷамъ созанд, сиришта кунанд ва курсҳо сохта, андар соя бихушконанд. Инро бо оби сард, гулоб ва сикангубин биошоманд.

### Қурсҳои гул бо табошир

Ин аз табҳои омехтаи деринае суд дорад, ки аз балгам ва сафро ба вуҷуд омада бошанд.

**Таркиби онҳо:** аз гули сурхи кулоҳакхо барчида панҷ дирам, аз сунбули хушбӯй ду дирам, аз табошир як дирам ва аз афшураи алафи гулӯдард ҳашт дирам гирифта, ин доруҳоро баъд аз совидану бехтан, якҷоя кунанд, (383) аз онҳо қурсҳо созанд, андар соя бихушконанд ва ба ҳангоми ниёзмандӣ ба кор баранд.

### Қурсҳои гул, ки онҳоро «данид вардо»[186] номанд

Ин аз барои суддаҳои ҷигар ва испурч ва аз табҳои савдовӣ ва балғамӣ суд дорад.

**Таркиби онҳо:** аз гул даҳ дирам, аз афшураи ширинбаён панҷ дирам ва аз сунбул, салиха, шукуфаи гӯргиё, мурр, заъфарон ва мастако ду дирамӣ гирифта, [ҳамаро] бикӯбанд ва бибезанд, вале мурру заъфаронро андар сирко тар кунанд ва [дигаронро] бо онҳо сиришта, қурсҳо созанд. Агар бихоҳӣ, онҳоро бо ангубин маъҷун соз.

### Қурсҳои гуле, ки аз таби рӯзафкан суд доранд

Аз гули сурх панҷ бахш, аз сунбул, заъфарон, мастако, анисун ва локи шоҳаҳо[187] даҳ бахшӣ, аз афшураи алафи гулӯдард ва афсинтин ду бахшӣ ва аз шукуфаи гӯргиё ва ҳалилаи зард як бахшӣ бигиранд, [33] вале андар як нусхаи дигар гул якчанди сунбул ва мастако омада аст. Сипас, инҳоро бикӯбанд ва бо оби карафс сиришта, қурсҳои ниммисқолӣ бисозанд.

### Қурсҳои гул бо сунбул

Инҳо аз барои дарди ҷигар судманданд.

Аз сунбул, локи шуста ва бехи ширинбаён[188] чаҳор дирамӣ, аз афсинтин, киё, заъфарон, афшураи алафи гулӯдард ва рованди чинӣ се дирамӣ ва аз гул ҳафт дирам гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва бо об сиришта, қурсҳо созанд.

### Қурсҳои кофур

Ин афрӯхтагиро хомӯш кунад, тафси табҳоро таскин диҳад ва ба ҳангоми [бемориҳои] диқ ва сил судманд буда, ташнагӣ, тоса ва қаи хуниро бибарад.

**Таркиби онҳо:** аз табошир чаҳор дирам, аз гул ҳафт дирам, аз тухми хиёр, тухми хурфа, тухми кадуи ширин, касиро, нордин, самғ, рубби ширинбаён, уди хом ва қоқула се дирамӣ, аз заъфарон ду дирам, аз шакари табарзад ва тарангубин ҳафт дирамӣ ва аз кофур яку ним дирам гирифта, бикӯбанд ва бо луоби аспғул сиришта, қурсҳо созанд.

### Нусхаи дигари қурсҳои кофур

Ин аз афрӯхтагии меъдаву ҷигар, хун қай кардан, ташнагӣ ва табҳои тез судманд аст.

**Таркиби онҳо:** аз табошир чаҳор дирам, аз гули сурхи кулоҳакҳо барчида даҳ дирам,

аз уди холиси хуб, қоқула ва рубби ширинбаён се дирамӣ, аз шакари табарзад, тарангубин ва донаи хиёрзаи муқашшар ду дирамӣ ва аз заъфарон ва кофур як дирамӣ гирифта, ин доруҳоро баъд аз совидану бехтан якҷоя кунанд ва бо луоби аспғул сиришта, қурсҳои якдирамӣ созанд, андар соя хушк кунанд ва ба кор баранд.

### Нусхаи дигаре аз қурсҳои кофур

Ин аз табҳои тез суд дорад ва суддаҳои бисёр сахти ҷигарро бикушояд.

**Таркиби онҳо:** аз бунафшаи хушк ва нилуфар се дирамӣ, аз тухми хиёрза, [тухми] хиёр, табошир ва заъфарон ду дирамӣ, аз гул панҷ дирам, аз рованди чинӣ ва лок як дирамӣ, аз касиро, самғи арабӣ ва афшураи ширинбаён ду дирамӣ, аз кофур як мисқол, [вале андар нусхаи дигар «аз кофур ним мисқол» омадааст][189] ва аз тарангубин ва шакар даҳ дирамӣ гирифта, бисованд ва қурсҳо созанд.

### Нусхаи дигар [аз қурсҳои кофур][190]

Аз кофур ва уди хом ним дирамӣ, аз заъфарон ва табошир ду мисқолӣ, аз тухми хиёрза, тухми хиёр, касиро, лок, афшураи ширинбаён ва қоқула ду дирамӣ, аз гул ҳафт дирам ва аз шакар ва тарангубин даҳ дирамӣ гирифта, бисованд, маъҷун кунанд ва қурсҳо созанд.

### (384) Қурсҳои кофуре, ки аз мост

Аз тухми коснӣ, коҳу ва хурфа ду дирамӣ, аз донаи муқашшари каду ва донаи муқашшари хиёр ду ва сеяк дирамӣ, аз рубби кадар[191], агар ёфт шавад, вагарна аз сандали мақосирӣ се дирам, аз харчанги сӯхта, заъфарон, рубби ширинбаён ва кофур як дирамӣ ва аз гул чаҳор дирам гирифта, қурсҳо созанд.

### Қурсҳои табошир бо тарангубин

Ин аз таби тез суд дошта, онро хомӯш кунад.

**Таркиби онҳо:** аз гул шаш дирам, аз тарангубин чаҳор дирам, аз нашоста се дирам ва аз самғ, касиро, табошир ва заъфарон ду дирамӣ гирифта, бо оби тарангубин ва луоби аспғул маъҷун созанд. Бархеҳо андар он аз тухми хиёр, тухми хиёрза, тухми хурфа ва тухми кадуи ширин ду дирамӣ биафзоянд. [Сипас ҳамаи] инҳоро совида ва сиришта, қурсҳо бисозанд.

### Қурсҳои табошир бо тухми туруша

Ин аз барои табҳои сафровӣ, таби рӯзафкан ва хусусан агар кушодагии табиат ҷой дошта бошад, низ аз он суд дорад.

**Таркиби онҳо:** аз гул ҳашт дирам, аз самғ, тухми муқашшари туруша ва нашостаи андаке бирён карда чаҳор дирамӣ, аз табошир се дирам ва аз заъфарон ду дирам гирифта, бикӯбанд ва бо оби анори туруш ва ё бо оби ғӯраи ангур сиришта, қурсҳо созанд. Инро бо рубби ғӯраи сода ва ё бо шароби чукурӣ [ба бемор] бидиҳанд. Бархе аз мардумон андар он ду дирамӣ гили арманӣ ва афшураи зиришк ва се дирам шоҳбулути бирёнкарда биафзоянд.

### Қурсҳои зиришк

Ин аз барои таби тез, омосҳои ҷигар ва ташнагӣ [суд дорад].

**Таркиби онҳо:** аз афшураи зиришк ва ё худи зиришк чаҳор дирам, аз тухми хиёр, мастако ва табошир ду дирамӣ, аз лок ва рованди чинӣ як дирамӣ, аз гул дувоздаҳ дирам, аз заъфарон як дирам ва аз сунбул, афшураи алафи гулӯдард, бехи ширинбаён ва тарангубин ду дирамӣ гирифта, қурсҳои якдирамӣ созанд ва бо ягон шарбати созгоре [ба бемор] бидиҳанд. Гурӯхе андар он ду дирам афшураи афсинтин, як дирамӣ асорун, тухми карафс ва тухми бодиён ва дуним дирам рӯяни рангрезон биафзоянд.

## Нусхаи дигари қурсҳои зиришк

Ин аз табҳои афрӯхта, омосҳои ҷигар ва омосҳои меъда суд дорад.

**Таркиби онҳо:** аз зиришк, рубби ширинбаён, гул, тухми хиёрза ва тухми харбуза, ки сафед карда, кӯфта ва бехта бошанд, се дирамӣ, аз мастако, сунбули хушбӯй ва афшураи алафи гулӯдард ду дирамӣ, аз рӯяни рангрезон, ровандн чинӣ ва заъфарон як дирамӣ, аз тухми зарпечак ва тухми коснӣ се дирамӣ, аз табошир яку ним дирам ва аз тарангубин шаш дирам гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва бо оби тарангубин сиришта, қурсҳои якмисқолӣ бисозанд ва биошоманд.

## Нусхаи дигар

Ин аз барои дардҳои бо таби ҷигар, ташнагӣ ва яракон суд дорад.

**Таркиби онҳо:** аз гули тоза ҳафт дирам, аз афшураи зиришк ва тарангубин се дирамӣ, аз зарпечаки хушк ва ё тухми он яку ним дирам, [аз афшураи алафи гулӯдард як дирам, аз тухми хиёр дуним дирам][192], аз нордин ва табошир яку ним дирамӣ, аз заъфарон, лок ва ровандн як дирамӣ ва аз афшураи ширинбаён дуним дирам гирифта, бикӯбанд ва бо оби тарангубин ва ё оби коснӣ маъҷун созанд.

## Нусхаи дигар

Ин аз барои табҳои фурӯзон, ташнагӣ ва тоса суд дошта, [онҳоро] хомӯш кунад.

**(385)Таркиби онҳо:** аз зиришк ва ё афшураи он, афшураи ширинбаён ва табошир се дирамӣ, аз сунбул як дирам, аз тухми хиёр севу ним дирам, аз гул шашу ним дирам, аз тухми хурфа, заъфарон, нашоста ва касиро ду дирамӣ ва аз кофур ним дирам гирифта, бо оби тарангубин сиришта кунанд ва қурсҳо созанд.

## Нусхаи дигар

Ин аз барои таб, сурфа ва дарди ҷигар суд дорад ва ташнагиро шиканад.

**Таркиби онҳо:** аз зиришк дувоздаҳ дирам, аз тухми хиёрза, [тухми] хиёр, мастако ва табошир шаш дирамӣ, аз лок ва ровандн чинӣ се дирамӣ, аз гул шаст дирам ва аз заъфарон, сунбул, афшураи алафи гулӯдард, афшураи ширинбаён ва тарангубин шаш дирамӣ гирифта, бикӯбанд ва қурсҳо созанд.

## Нусхаи дигари қурсҳои зиришк[193]

Аз зиришк, тухми хурфа, сунбул, афшураи ширинбаён, касиро, самғи арабӣ ва нашоста севу ним дирамӣ ва аз табошир, кофур ва заъфарон як дирамӣ [гирифта], бикӯбанд ва бо об сиришта, қурсҳо созанд.

## Қурсҳои зиришке, ки аз мост

Аз рубби зиришк панҷ дирам, аз афшураи алафи гулӯдард ва табошир ду дирамӣ, аз локи шуста, кундур, сунбул, афшураи афсинтин, ровандн чинӣ ва «забони гов» дуним дирамӣ, аз тухми [34] коснӣ ва тухми зарпечак се дирамӣ, аз тухми хурфа яку ним дирам ва аз заъфарон як дирам гирифта, бо оби коснӣ қурсҳо созанд.

## Қурсҳои афсинтин

Аз табҳои дерина судманд, ниҳоят суддакушой, пешобтозонанда ва иштиҳоовар аст.

**Таркиби онҳо:** аз анисун, афсинтин, асорун, тухми карафс ва бодоми талхи муқашшар бахшҳои баробар гирифта, бо оби сард маъҷун кунанд ва қурсҳо сохта биошоманд.

## Нусхаи дигари қурсҳои афсинтин

Ин аз барои ҷигар, испурҷ, меъда, таби рӯзафкан ва серӯзӣ суд дорад.

**Таркиби он:** аз анисун ду мисқол, аз асорун, афсинтини румӣ, тухми карафс, бодоми талхи аз ҳар ду пӯст поккарда, мастако ва сунбул як мисқолӣ, аз сабри сақутарӣ ва содаи ҳиндӣ яку ним мисқолӣ ва аз афшураи алафи гулӯдард як мисқол гирифта, бикӯбанд ва сиришта, қурсҳо созанд.

### Қурсҳои алафи гулӯдард

Ин аз табҳои кӯҳани фурӯзон, аз ташнагӣ, суддаҳо, омосҳои ҷигар ва испурч ва аз яроқон суд дорад.

**Таркиби онҳо:** аз афшураи алафи гулӯдард шаш истор, аз гули сурхи кулоҳакҳо барчида ва сунбули хушбӯй ду исторӣ, аз тарангубини поккарда шаш истор ва аз табошир чаҳор дирам гирифта, ин доруҳоро ба ҳам ҷамъ кунанд ва сиришта, қурсҳо созанд.

### Қурсҳои кабар

Ин аз дардҳои испурч судбахш аст.

**Таркиби онҳо:** аз пӯсти бехи кабар чаҳор истор, аз уша чаҳор истор, аз зарованди дароз ду истор ва аз тухми панҷангушт ва мурчи сиёҳ шаш исторӣ гирифта, ин доруҳоро баъд аз совидан ва бехтан, ҷамъ созанд, вале ушаро андар сиркои хамрӣ тар кунанд ва сипас [дигар] доруҳоро бо он якҷоя карда, қурс созанд.

### Қурсҳои лок

Аз локи шохаҳо, рӯян, анисун, тухми карафс, афсинтин, асорун, бодоми талхи муқашшар, қуст, дорчинӣ, зарованди дароз ва афшураи алафи гулӯдард панҷ дирамӣ гирифта, (386) бикӯбанд ва сиришта, қурсҳо созанд.

### Қурсҳои кокана

Ин аз дардҳои гурдаву обгаҳ, аз хуну рим пешоб кардан ва аз гари обгаҳ суд дорад.

**Таркиби онҳо:** аз тухми харбуза сиву шаш мисқол, аз афюн ҳафт мисқол, аз тухми банги сафед, тухми карафс ва тухми туруша нӯҳ мисқолӣ, аз тухми шавкарон ва тухми кашниз бисту ҳашт мисқолӣ, аз тухми бодиён, чилғӯзаи бирён, заъфарон ва бодоми талх нӯҳ мисқолӣ ва аз донаи коканаи кӯҳӣ ҳафтоду панҷ дона гирифта, бикӯбанд ва бо шираи бастаи ангур сиришта, қурсҳо созанд. Як ошомиданӣ аз ин аз ду то се мисқол бувад.

### Нусхаи дигар

Ин аз реши гурда ва обгаҳ ва аз чакидани пешоб суд дорад.

**Таркиби онҳо:** аз тухми карафс, тухми банг ва шаҳдона шаш дирамӣ, аз тухми бодиён ду дирам, аз заъфарон, тухми турушаи_даштӣ, мағзи чилғӯза, афюн ва бодоми талхи муқашшар се дирамӣ, аз донаи бузурги кокана бисту панҷ дона ва аз тухми хиёрза дувоздаҳ дирам гирифта, бикӯбанд ва сиришта, қурсҳо бисозанд.

### Қурсҳои ровannд

Ин аз бемориҳои кӯҳан, сахтию фишурдагии ҷигар, омосҳои он, аз дардҳои испурч ва кӯфтагие, ки бар тан афтида бошад, суд дорад.

**Таркиби онҳо:** аз рованди чинӣ ҳашт дирам, аз рӯян ва локи поккардаи шохаҳо[194] чаҳор дирамӣ ва аз тухми карафс, алафи гулӯдард ва анисун се дирамӣ гирифта, ин доруҳоро баъд аз совидан, якҷоя кунанд ва ба ҳасби қоида қурсҳо созанд.

### Қурсҳое, ки Абумулис[195] тартиб дода аст

Ин аз барои гармӣ, исҳол ва дарди ҷигар судманд аст.

омад, фурӯд оранд ва бар вай баъд аз омезиш додан доруҳоро пошида, нек биомезанд. Сипас, аз инҳо қурсҳои даҳдирамӣ созанд. Як ошомиданӣ аз ин як қурс буда, бо обе биошоманд, ки аз шаб андар он кашнизи хушк тар карда, пагоҳӣ ба ҳангоми ошомидани дору онро полида бошанд. Ин [беморро] аз даҳ то бист бор тақозои берун рафтан оварад. Бояд аз болои он ба ҳангоми намози дигар тариде бихӯранд, ки аз оби нахӯд ва бо равғани зайтуни шусташуда сохта бошанд. Агар бихоҳанд, ки он балғами обгинагии часпакро берун оварад, андар он ба қадри чаҳоряк бахши ҳалила дилаи ханзал биафзоянд.

### Қурсҳои мозариюн[197]

Ин аз маниши гаштан, ҳукак ва дарунрав суд дорад.

**Таркиби онҳо:** аз анисун, тухми карафс, пудинаи бӯстонӣ, наъно, карафси кӯҳӣ ва нонхоҳ шаш дирамӣ, аз афюн, гунди бедастар, мурчи сафед, дорфилфил, наммом, мурр ва афсинтин чаҳор дирамӣ ва аз пӯстҳои салиха дувоздаҳ дирам гирифта, бикӯбанд ва бо ангубин сиришта, қурсҳо созанд.

### Қурсҳои дигари мозариюн[198]

Аз тухми карафс, анисун ва дорчинӣ шаш дирамӣ ва аз афсинтин чаҳор дирам, аз мурр, афюн, мурч ва [35] гунди бедастар ду дирамӣ гирифта, ин доруҳоро баъд аз совидан, ба ҳам ҷамъ кунанд, бо мусаллас қурсҳо созанд ва аз барои заъфи меъда, шикамрав ва қай ба кор баранд.

### Қурсҳои рузинуи[199]

Ин аз барои табҳои афрӯхта, омосҳои ҷигар ва табҳои мураккаби аз сафро ва балғам падидомада суд дорад.

**Таркиби онҳо:** аз гули сурхи кулоҳакҳо барчида шаш дирам, аз сунбули хушбӯй ва заъфарон ду дирамӣ, аз рубби ширинбаён, бехи ширинбаён, донаи муқашшари хиёрза ва тарангубини поккарда се дирамӣ ва аз самг ва касиро як дирамӣ гирифта, ин доруҳоро баъд аз совидан, ҷамъ созанд ва бо оби хуш сиришта, қурсҳо созанд.

### Қурсҳои дигари рузинун[200]

Аз донаи харбуза, донаи хиёр, донаи хиёрза ва донаи муқашшари кадуи ширин (388) даҳ дирамӣ, аз рубби ширинбаён шаш дирам, аз касиро чаҳор дирам, аз тухми бодиён ва гул ду дирамӣ ва аз заъфарон як дирам гирифта, бикӯбанд ва бо луоби аспғул сиришта, қурсҳо созанд.

### Қурсҳои морулис[201]

Инҳо аз барои бемори ҳолаш рӯ ба иловус ниҳода суд дорад, дамишро бибарад ва қайро боз дорад.

**Таркиби онҳо:** аз тухми карафс ва анисун шаш дирамӣ, аз афсинтини румӣ чаҳор дирам, аз мастако чаҳор дирам, аз мурч ду дирам, аз мурр ду дирам, аз дорчинӣ шаш дирам, аз афюн ду дирам ва аз гунди бедастар ду дирам гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва сиришта, қурҳсо созанд.

### Қурсҳои хашхош

Ин аз барои хунравӣ, сурфа, таб ва дарди сина судманд аст.

**Таркиби онҳо:** аз гул ва самги арабӣ чаҳор дирамӣ, аз нашоста ва касиро ду дирамӣ, аз хашхоши сафед ва хашхоши сиёҳ се дирамӣ, аз табошир як дирам, аз рубби ширинбаён ду дирам ва аз заъфарон ду донг гирифта, бикӯбанд, якҷоя кунанд ва қурсҳо созанд.

## Қурсҳои гулнор

Инҳо аз барои касе, ки ба шикамрав гирифтор буда, аз шикамаш хуну зардоб ояд ва аз барои заҳир созгоранд.

**Таркиби онҳо:** аз гулнор, қирт (ғанданои даштӣ), тутум, булути бирён, писти кунор ва мурддона ҳашт дирамӣ ва аз мозуи бирёни андар сирко сардкарда ва зираи андар сирко таркардаи бирёнкарда чаҳор дирамӣ гирифта, бикӯбанд ва бо оби гул, ё бо афшураи аспғул ва ё бо афшураи себ сиришта, қурсҳои якдирамӣ созанд.

## Қурсҳои диюлиндус[202]

Инҳо аз барои решҳои гурда ва обгаҳ ва аз барои пешоби хунӣ ва ба душворӣ омадани пешоб суд доранд.

**Таркиби онҳо:** аз тухми карафс, тухми банг ва шаҳдона шаш дирамӣ, аз тухми бодиён ду дирам, аз заъфарон, чилғӯза, тухми туруша, афюн ва бодоми талхи муқашшар се дирамӣ, аз донаи коканаи кӯҳӣ бисту панҷ дона ва аз тухми муқашшари хиёрза дувоздаҳ дирам гирифта, бикӯбанд, маъҷун кунанд ва қурсҳо созанд.

## Қурсҳои Андарун аз рӯи нусхаи Асклибиёдус[203]

Аз кулоҳакҳои анор даҳ дирам, аз замчи яманӣ чаҳор дирам, аз қалқадис дувоздаҳ дирам, аз касиро дувоздаҳ дирам, аз мурр чаҳор дирам, аз лубон ҳашт дирам ва аз заровand дувоздаҳ дирам гирифта, бо оби ангубин маъҷун кунанд ва қурсҳо созанд.

**Нусхаи дигар:** аз зарованд ва мозуи сабз ҳашт дирамӣ гирифта, боқии доруҳо ба ҳамон тартибе бошанд, ки [андар нусхаи пешомада] ёд шуд ва низ шакарро як чанди ҳамаи доруҳо [бигиранд]. Инҳоро бикӯбанд, маъҷун кунанд ва қурсҳо созанд.

## Як қурси дигар

Ин аз решҳои рӯдагон ва хунпартоии аз сина оянда суд бахшад ва ҷанинро нигоҳ дорад.

**Таркиби он:** аз сурма, шодана[204] ва хуни сиёвушон шаш исторӣ, аз сиёҳдоварон як истор, аз лозан, сукк ва заъфарон чаҳор дирамӣ, аз гулнор ва мозу бист дирамӣ ва аз афшураи филзаҳра, шохи сӯхтаи гавазн ва ақоқиё даҳ дирамӣ гирифта, бо оби аспғул ва ё оби садпайванд маъҷун созанд ва бар се тариқа ба кор баранд: яке аз барои хунравӣ аз тариқи аз зер ҳуқнарезӣ кардан; тариқаи дигар ин, ки бар пашминае гирифта, андар шарми пеш баргиранд; ва тариқаи севвум ин, ки бо афшураи турунҷ ва оби садпайванд, барои хунпартоии аз сина оянда бо оби хурфа ва аз барои зусанториё бо рубби содаи биҳӣ [ба бемор] бидиҳанд, биошомад.

## Қурсҳои анисун

Инҳо суддаҳо бикушоянд, ҷигарро созгор бошанд, табиатро нарм созанд ва табҳои кӯҳанро бибаранд.

**Таркиби онҳо:** аз анисун се дирам, аз афсинтин, асорун, тухми карафс, бодоми талхи муқашшар, (389) сунбули хушбӯй, мастако, сода ва тухми шибит як дирамӣ, аз алафи гулӯдард се дирам ва аз сабр чаҳору ним дирам гирифта, бо оби афсинтин маъҷун кунанд, қурсҳои якдирамӣ созанд ва бо сикангубин [ба бемор] бидиҳанд.

## Як қурси нармкунандаи табиат

Ин тосаро бибарад, тангии нафасро суд бахшад ва қайро боз дорад.

**Таркиби он:** аз турбид панҷ дирам, аз бунафшаи хушк даҳ дирам ва аз рубби ширинбаён дуним дирам гирифта, бо об сиришта кунанд ва қурсҳои седирамӣ ё чаҳордирамӣ созанд. Инро бо даҳ дирам шакар биошоманд.

## Қурсҳои тухмиҳо

Ин аз барои кушодагии табиат, решҳое, ки андар рӯдаҳо падид оянд, касоне, ки ғизо гуворидан натавонанд, печиши сахти ноф, заҳир ва хунравии думодуми занон судбахш аст.

**Таркиби онҳо:** аз мурддона ду дирам, аз тухми бодиён, анисун, нонхоҳ, тухми карафс, тухми банг ва тухми газари даштӣ як уқиягӣ ва аз афюн шаш дирам гирифта, кӯфта, безанд ва бо шароб сиришта, қурсҳои нимдирамӣ бисозанд ва баъд аз шаш моҳ ба кор баранд.

## Қурсҳое, [ки аз пизишкони пешин бувад][205]

Ин аз барои оғози об[206] ва сахтии ҷигар судманд аст.

**Таркиби онҳо:** аз гул чаҳор дирам, аз зиришк ду дирам, аз сунбул як чанди он, аз мастако, афшураи алафи гулӯдард, афсинтин, гӯргиё, асорун, анисун, тухми карафс, тухми бодиён, усқулуфундариюн, газмозу ва бехи кабар як дирамӣ, аз рованд, лок ва рубби ширинбаён яку ним дирамӣ ва аз заъфарон ним дирам гирифта, қурсҳо созанд.

## Қурси гул

Ин аз барои дарди меъда ва таби балғамӣ суд дорад.

**Таркиби он:** аз гули хушк ду уқия, аз сунбул ва бехи ширинбаён як уқиягӣ, аз каҳрабо ва мастако ҳафт дирамӣ ва аз шохаҳои баласон панҷ дирам гирифта, бикӯбанд ва бо майпухта сиришта, қурсҳо созанд.

## Қурсҳои нармсозандаи гул

Инҳоро андар тобистон ба кор баранд.

**Таркиби онҳо:** аз гул даҳ дирам, аз сунбул ва бехи ширинбаён панҷ дирамӣ ва аз маҳмуда се дирам гирифта, бикӯбанд ва бо оби сард сиришта, қурсҳо созанд.

## Қурсҳои гул ва алафи гулӯдард

Инҳо аз барои табҳои кӯҳан, дарди ҷигар ва яроқон созгоранд.

**Таркиби онҳо:** аз гул панҷ дирам, аз сунбул ду дирам, аз табошир як дирам ва аз афшураи алафи гулӯдард ҳашт дирам гирифта, бикӯбанд, бо оби тарангубин сиришта, қурсҳо созанд ва бо бархе аз шаробҳо биошомонанд.

## Қурсҳои лок

Инҳо аз барои суддаҳои ҷигар ва испурч ва аз барои таби доимӣ судманданд ва пешобро битозонанд.

**Таркиби онҳо:** аз лок, рӯян, анисун, тухми карафс, афсинтини румӣ, асорун, бодоми талхи муқашшар, қуст, зарованди дароз, рованд, афшураи ширинбаён ва афшураи зиришк як бахшӣ гирифта, қурсҳои якдирамӣ созанд ва бо ягон шароби созгоре [ба бемор] бидиҳанд.

## Қурсҳои рӯяи

Инҳо аз барои сахтии испурч, дарди ҷигар ва таби дерина созгоранд.

**Таркиби онҳо:** аз рӯян дувоздаҳ дирам ва аз пӯсти бехи кабар, зарованди дароз ва бехи ширинбаён як дирамӣ гирифта, бо сикангубин сиришта кунанд ва қурсҳои дудирамӣ созанд. Як ошомиданӣ аз ин як [қурс] ва бо ҷӯшонидаи афсинтин бувад.

## Қурси зарпечак

Ин аз барои табҳои дерина суд дорад ва [тафсро] хомӯш кунад.

**Таркиби он:** аз тухми хиёр, [36] тухми хурфа ва тухми шоҳисфарам се дирамӣ, аз

чарха, бозовард ва шохтара чаҳор дирамӣ, аз касиро, нашоста ва самг яку ним дирамӣ, аз табошир, турбид ва зарпечак (390) чаҳор дирамӣ, аз тарангубин сиҳ дирам, аз шакари ушар сиҳ дирам ва аз заъфарон се дирам гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва бо об сиришта, ба кор баранд.

## Қурсҳои даҳдору

Аз барои таби чаҳоррӯзии кӯҳан, дарди ҷигар ва нармгӯштӣ созгоранд.

**Таркиби онҳо:** аз анисун чаҳор дирам, аз асорун, содаи ҳиндӣ, афсинтин, тухми карафс, сунбул, бодоми талхи муқашшар ва мастако як дирамӣ, аз сабр ду дирам ва аз афшураи алафи гулӯдард чаҳор дирам гирифта, бикӯбанд ва бо ҷӯшонидаи афсинтин сиришта, қурсҳои якдирамӣ созанд ва бо оби нимгарм [ба бемор] бидиҳанд.

## Қурсҳои дигар

Инҳо аз табҳои кӯҳан, афрӯхтагӣ ва қай судманд буда, табиатро нарм кунанд.

**Таркиби онҳо:** аз гули сурхи кулоҳакҳо барканда шаш дирам, аз донаи муқашшари хиёрза, мастако, ровандн чинӣ ва афшураи алафи гулӯдард се дирамӣ, аз заъфарон ду дирам ва аз сабри сақутарӣ як дирам гирифта, ин доруҳоро баъд аз совидану бехтан, бо оби хуш маъҷун кунанд, қурсҳо созанд ва бо оби сард, ё бо оби хиёр ва ё сикангубин ба кор баранд.

# МАҚОЛАИ НӮҲУМ

## АНДАР БАЁНИ ОБПУХТАҲО[207] ВА ҲАББҲО

Мо гуфтори оид ба доруҳои исҳоли чи ҷӯшонида ва чи ҳаббҳои онҳо ва гуфтори оид ба доруҳои ғарғарашаванда, доруҳои андар бинӣ афканданӣ, доруҳои атсаовар, зимодҳо, тилоҳо, доруҳои дандону чашм ва ғайраро то ба Ҷумлаи дуввум пас гузорем. Мо ин Ҷумларо бо гуфтор оид ба равғанҳо ва марҳамҳо хотима дода, пеш аз инҳо он нусхаҳои обпухтаҳо ва ҳаббҳоеро биоварем, ки пеш аз Ҷумлаи дуввум ёд кардани онҳоро муносиб дидаем.

### Ҷӯшонидаи оби беҳҳо

Ин аз барои суддаҳо, ба душворӣ омадани пешоб ва дарди ҷигару меъда суд дорад ва онро бо равғанҳо ва ғайри онҳо ба кор баранд.

**Сифати он:** аз ҳар кадоми пӯсти беҳи бодиён, пӯсти беҳи кабар, пӯсти беҳи карафс, беҳи гӯргиё, тухми бодиён, карафс, анисун, сунбули хушбӯй, пари сиёвушон, сунбул, мастако ва мавизи аз дона поккарда ба қадри ҳоҷат гирифта, биҷӯшонанд ва ба қадри ҳоҷат [ба бемор] бидиҳанд, биошомад.

### Ҷӯшонидаи оби беҳҳо аз Ал-Киндӣ

Ин аз барои дарди ҷигар судманд аст.

**Таркиби он:** аз пӯсти беҳи бодиён ва карафс як дирамӣ, аз тухми бодиён ва тухми карафс ним дирамӣ, аз гули сурхи ордкарда, пудина ва гӯргиё ним дирамӣ, аз мавизи дона баргирифта ду дирам, аз асорун ду донг ва аз сунбул ду донг гирифта, бар онҳо ду сеяки як ратл об бирезанд ва то ду уқия ва ё андаке бештар аз он боқӣ мондан, биҷӯшонанд. Сипас, онро биполанд, бар вай як дирам равғани бодоми ширин рехта, биошоманд.

### Ҷӯшонидаи афсинтин

Ин аз барои дарди ҷигару меъда ва табҳои гуногуни сарди балғамӣ ва савдовӣ суд дорад.

**Таркиби он:** аз ҳар кадоми анисун, тухми карафс, афсинтини румӣ, асорун, тухми бодиён ва беҳи гӯргиё ба қадри ҳоҷат гирифта, биҷӯшонанд, оби онро ҷудо карда, [ба бемор] бидиҳанд.

### Ҷӯшонидаи алафи гулӯдард

Ин барои касоне созгор аст, ки таби чаҳоррӯзӣ, таби балғамӣ, таби омехта ва хушкии табиат дошта бошанд.

(391). **Таркиби он:** аз ҳалилаи сиёҳ, мавизи поккарда, шоҳтара, бозовард, алафи гулӯдард ва чарха бахшҳои баробар [гирифта], биҷӯшонанд ва биполанд.

## ФАСЛИ ҲАББҲО[208]

### Як ҳабб

Ин аз барои касони бодҳои ситабр дошта, аз барои дамиш, ташаннуҷи асаб ва дамидагии хояҳо созгор аст.

**Таркиби он:** аз тухми карафс, тухми испанд, анисун, мастако ва заъфарон як дирамӣ, аз ҳалилаи сиёҳ, балила ва омула ду дирамӣ, аз сакбина ва мукл яку ним дирамӣ ва аз пудина, карафси кӯҳӣ, шукуфаи гӯргиё, асорун, қуст, зурунбод ва шохаи ваҷ ним дирамӣ [гирифта], ҳабб созанд.

### Ҳабби бадбӯи бузург

Ин хилтҳои ситабрро биронад, суддаҳо бикушояд ва аз дарди пайвандгоҳҳо ва тиҳигоҳ, аз барас, баҳак, ҷузом ва ноғура суд дорад. Ин ҳабб бо номи «моҳонӣ» маъруф аст.

**Таркиби он:** аз уша, сакбина, говшир, сабр, мукл, испанд, ҳалила ва дилаи ҳанзал ҳашт дирамӣ, аз шибрам, афитимун, уфурбиюн, шитараҷ ва суринҷон чаҳор дирамӣ, аз турбид даҳ дирам, аз гунди бедастар ду дирам, аз маҳмуда се дирам, аз ғорикун ду дирам ва аз заъфарон, сунбул қокула, бехи хитмии сафед, киё, дорчинӣ ва хуланҷон як дирамӣ [бигиранд]. [Онҳоро кӯфта, тибқи қоидаи расмшуда ҳабб созанд][209].

### Ҳабби бадбӯи бузурги [дигар]

Ин аз дарди қулинҷ, никрис, сутунмӯҳра ва зону судманд аст ва хилти ситабру часпаки танро ҳал кунад.

**Таркиби он:** аз мукл, сакбина, уша, ғовшир, тухми испанд, дилаи ҳанзал, сабр ва афитимун даҳ дирамӣ, аз маҳмуда шаш дирам, аз дорчинӣ, сунбул, заъфарон ва гунди бедастар ду дирамӣ ва аз уфурбиюн як дирам гирифта, самғҳоро бо оби гандано тар кунанд ва [сипас аз ҳама] ҳаббҳо созанд. Як ошомиданӣ ду дирам бувад.

### Ҳабби бадбӯи хурд

Ин сутуни пушт ва зонуҳоро аз хилти ситабри часпак пок кунад.

**Таркиби он:** аз сакбинаи исфаҳонӣ, уша, говшир ва мукл даҳ дирамӣ, аз турбид бист дирам ва аз дилаи ҳанзал дувоздаҳ дирам [гирифта], самгҳоро тар кунанд ва бо доруҳо маъҷун созанд. Як ошомиданӣ [аз ин] ду дирам ва бо оби нимгарм бувад.

### Ҳабби бадбӯи Ал-Киндӣ

Ин аз барои дарди пайвандгоҳҳо ва никрис, аз ҳар гуна дарде, ки ба сабаби [балғами] хом, сафро ва савдо падид ояд ва аз фалаҷ судманд аст.

**Таркиби он:** аз сабр, ҳалилаи зарди аз дона поккарда, испанд, афитимуни қаритӣ, мағзи турбид, уша, ғовшир, сакбина ва мукли яҳудӣ чаҳор бахшӣ, аз дилаи ҳанзал се бахш, аз маҳмуда ду бахш, аз уфурбиюн, гунди бедастар, дорчинӣ ва заъфарон як бахшӣ гирифта, самғҳоро бо оби гандано ва ё оби каранб як шабу як рӯз тар кунанд. Сипас доруҳои хушкро бикӯбанд ва баъд самғҳоро чандоне бикӯбанд, ки мисли марҳам гардананд. Баъд доруҳоро бар [самғҳо] пошида, ҳамаро якҷоя то омехтан бикӯбанд ва ба қадри нахӯд[210] ҳаббҳо сохта, андар соя хушк кунанд. Як ошомиданӣ аз ин ду дирам буда, ба аввали шаб бо оби нимгарм [биошоманд] ва бояд таоми [бемор] ғолибан зирабои мургҷӯҷа ва шаробаш набизи ангубину мавиз ва ё дӯшоб бошад.

### Ҳабби шитараҷи бузург

Ин аз дардҳои ҳар ду дӯш, ҳар ду тиҳигоҳ ва аз қавин судманд буда, хилти ситабри часпакро ба исҳол оварад.

**Таркиби он:** аз сакбина, уша, мукл, уфурбиюн ва говшир (392) як дирамӣ, аз сабр, афитимун ва горикун яку ним дирамӣ, аз зарованди гирд, қантуриюн ва гунди бедастар ду дирамӣ, аз дорфилфил, занҷабил,

зира, нонхоҳ, тухми карафс, анисун, мурр ва заъфарон чаҳор донгӣ, аз ҳалилаи зард, суринҷон ва бехи моҳизаҳра ду ним дирамӣ ва аз хардал, шитараҷ, дилаи ҳанзал, шохаи ваҷ ва намаки ҳиндӣ чаҳор донгӣ [гирифта], бо оби кокана маъҷун кунанд ва ҳаббҳо созанд. Як ошомиданӣ ду дирам бувад.

### Ҳабби шитараҷи хурд

Ин аз истирхои ними [тан], фалаҷ, дарди ҳар ду тиҳигоҳ, зону ва пайвандгоҳ ва аз ниқриси сард суд дорад ва хилти хоми ситабрро ба исҳол оварад.

**Таркиби он:** аз ҳалилаи зард даҳ дирам, аз сабр бист дирам, аз занҷабил ду дирам, аз мурч ва дорфилфил як дирамӣ, аз хардал се дирам, аз шитараҷи ҳиндӣ, намаки ҳиндӣ ва дилаи ҳанзал ду дирамӣ ва аз пониз чаҳор дирам [гирифта], бо оби каранб маъҷун кунанд ва ҳаббҳо созанд. Як ошомиданӣ ду дирам ва бо оби нимгарм бувад.

### Нусхаи дигари ҳабби шитараҷ

Аз сабр, турбид ва суринҷон даҳ дирамӣ, аз шитараҷ, ваҷ, намаки нафтӣ, дилаи ҳанзал, ғориқун, [37] донаи испанд, муқл ва сакбина ду дирамӣ, аз занҷабил, дорфилфил, мурч, мастако, хардал, анисун, қуст ва нонхоҳ як дирамӣ ва аз афитимун ва ҳалилаи сиёҳ панҷ дирамӣ [гирифта], бо оби каранб ва кокана маъҷун созанд. Як ошомиданӣ ду ё се дирам ва бо оби гарм бувад.

### Ҳабби алафи гулӯдард

Ин аз дарди ҷигар, яраҳон ва табҳо судманд аст.

**Таркиби он:** аз сабр, афшураи алафи гулӯдард ва ҳалилаи зард бахшҳои баробар гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва бо оби карафс сиришта, ҳаббҳо созанд. Як ошомиданӣ [аз ин] ду дирам бувад.

### Ҳабби фирӯзибахш

Ин аз фалаҷ, лақва, дардҳои зону ва дардҳои пайвандгоҳҳо, ки аз балгам падид омада бошанд, суд дорад.

**Таркиби он:** аз абардахёрак[211], ки ин доруи ҳиндист, сотик[212], уштурангубин[213], ки ин доруи дигари ҳиндист, турбид, донаи нили ҳиндӣ ва гиёҳи гулӯдард бист мисқолӣ гирифта, бо панҷоҳ ратл об то ним шудан биҷӯшонанд ва биполанд. Ин обро дубора бар оташ ниҳода, то баста шудан биҷӯшонанд ва бар вай аз данди чинии аз пӯсти берунааш поккарда, ки мағзи он мисли «забони гунҷишк» андар миёнааш ҷой гирифта аст, яъне аз дилаи он, агориқун, мастако, сабри сақутарӣ, баранги муқашшар ва афшураи ширинбаён бист мисқолӣ биафкананд. Ҳамаи инҳоро ба ғайр аз данд кӯфта, бо ҳарир бибезанд, вале дандро ҷудогона кӯфта, сипас бо доруҳо биомезанд, зеро вай ба сабаби равганнокӣ бехта нашавад. Баъд, инҳоро бар оби ҷӯшонидаи бастагардонида биандозанд ва онро то ба дараҷаи қавоми ангубин бирасонанд ва сипас доруҳоро бо он сиришта, ҳабб созанд. Аз инҳо аз ду донг то ним дирам ва аз ҳама бештар чаҳор донг гирифта, бо оби гарм ба шаб истеъмол кунанд.

### Ҳабби ҷосалик[214]

Ин ҳаббест, ки меъдаро аз балғаму савдо зудуда, онҳоро берун кунад ва бодҳои ба ҳангоми заъфи гувориш ҷойдоштаро бишиканад. Ин ҳабберо зимистону тобистон [ба бемор] бидиҳанд.

**Таркиби он:** аз дорчинӣ, заъфарон, қуст, ҳамомо, сунбул, камозариюс, донаи бон, маҳлаб, қирфа ва ағориқун ду дирамӣ, аз мурр ва мехак се дирамӣ ва аз сабр шонздаҳ дирам гирифта, тобистон бо афшураи гул ва зимистон бо афшураи каранб ҳабб созанд. Як ошомиданӣ аз он як дирам буда, бо тило ва пеш аз таом [биошоманд] ва баъди як соат наҳӯдоб бихӯранд.

### (393) Ҳабби «ад-дурӣ» аз китоби Ал-Фаҳламон[215]

Бӯи даҳон хуш кунад, бинишро зудоиш диҳад, балғамро бибарад, иштиҳои таом оварад ва дандонҳои хояндаро қавӣ созад.

**Таркиби он:** аз қирфа, мехак, рӯян,

кашниз, ҳили бӯво, қандид[216], фуфил ва карнус[217] як дирамӣ ва аз мушк як қирот [гирифта], бикӯбанд, бибезанд ва бо оби самғ ҳалкарда маъҷун созанд.

### Як ҳабби [дигар]

Ин аз бодҳо, сардҷимоъӣ, заъфи меъда ва бавосир суд дорад.

**Таркиби он:** аз рими оҳан сад мисқол гирифта, ҳафт рӯзи паёпай андар оби гандано тар кунанд ва ҳар рӯзе оби онро як бор дигар кунанд. Сипас, аз тухми таратезаки шоҳӣ дусад дирам, аз тухми гандано, тухми таратезак, тухми анори даштӣ, тухми карафс, тухми газар, тухми турб, ҳулба ва тухми пиёз бисту панҷ дирамӣ гирифта, бикӯбанд ва ҳамаро бо оби гандано сиришта, ҳаббҳо созанд.

### Ҳабби данд

Ин аз барои лақва, қулинҷ, дардҳои пушту зону, ҳар дарде, ки ба сабаби балғами ситабри часпак падид омада бошад ва аз ҳар гуна боди ситабр судманд аст.

**Таркиби он:** аз данди чиние, ки пӯсти болои онро канда, забончаҳои андар миёни ду пораи он бударо барандохта, фақат мағзашро гирифта бошанд, донаи мавизаки асалӣ, рубби ширинбаён, ғориқуни сафед, киё, гиёҳи гулӯдард, афсинтин ва сабр бахшҳои баробар гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва бо оби карафс сиришта, ҳаббҳои хурд-хурд созанд. Каси ҳаббсозанда бояд бар дасташ равғани равшани баласон бимолад. Як ошомиданӣ аз ин аз як то ду дирам бувад ва таоме, ки аз болои он бихӯранд, бояд зирабо бошад.

### Ҳабби шикаморандаи намак

Ин аз лақва суд дорад, чашмро бизудояд, шунавоиро тез кунад ва аз дардҳои испурч, никрис, дардҳои пайвандгоҳҳо, истирхои мушакҳо ва офатҳои сардию рутубат [нофеъ бошад].

**Таркиби он:** аз намаки андаронӣ шаш уқия, аз мурч дувоздаҳ дирам ва аз занҷабил, тухми карафс, зуфо, ангудон, карафси кӯҳӣ, тухми бодиён, анисун, содаи ҳиндӣ, ағориқун, маҳмуда, тухми сипандон ва мехак чаҳор дирамӣ гирифта, баъд аз бехтан ҳамаро ҷамъ кунанд ва андар ҷогаҳе бардошта, ба кор баранд.

### Ҳабби устумахиқуни[218] бузург[219]

Ин меъдаро қавӣ созад ва иштиҳои таом оварад. Ин [ҳабб] аз барои меъда, ҷигар ва испурч судманд буда, ҳавосу рӯдаҳоро пок кунад ва аз тамоми тан фазлаҳо, яъне ҳар ду намуди заҳра ва балғамро берун орад.

**Таркиби он:** аз ҳалилаи кобулӣ шаш бахш, аз намаки ҳиндӣ, афсинтини румӣ, ғориқуни резонак ва маҳмудаи кабуд се бахшӣ, аз асорун, анисун ва тухми карафс ду бахшӣ, аз мағзҳои турбиди сафед ҳафтдаҳ бахш, аз афитимуни қаритии сурхи покиза ва нав панҷ бахш, аз ёраи фикро ҳафт бахш ва аз мехак як бахш гирифта, ҳамаи ин доруҳоро баъд аз бехтан ба ҳам биомезанд. Сипас, бар онҳо аз обе андак-андак бирезанд, ки андар он чаҳор бахш понизи санҷарӣ гудохта бошанд, то қавоми дӯшоб ба худ бигиранд. Баъд аз он онҳоро ба қадри донаи мурч ҳабб созанд. Як ошомиданӣ аз он ду мисқол бувад.

### Ҳабби Бармакӣ

Ин сар ва андомҳои атрофиро пок кунад ва аз омосҳо суд бахшад. Онро биошоманд ва бихобанд, то он [моддаҳоро] хуб бикашад.

**Таркиби он:** аз сабри сақутарӣ ва дилаи ҳанзал ҳафт мисқолӣ, аз заъфарон, сунбул, дорчинӣ, донаи баласон, асорун, мастако, афсинтини румӣ, маҳмуда ва турбид як мисқолӣ ва аз салиха ним мисқол гирифта, нарм бикӯбанд, бибезанд ва бо оби нимгарм сиришта, ҳаббҳо созанд. [Андар ин ҳангом] дастро бо равғани бодоми ширин равған кунанд. Аз ин ба қадри нармию хушкии табиат ҳадди ақал се ҳабба (394) ва ҳадди аксар ёздаҳ ҳабба ба кор баранд. Як ошомидании тамом аз ин ду дирам ва ба ҳангоми хуфтан бувад.

## Ҳабби Ибни Ал-Ҳорис

Инро чун аз барои баҳаки аз ҳад бад санҷидаанд, онро андар миёни се рӯз нест карда аст. Ин [ҳабб] аз барои таб, бодҳо, дардҳои пайвандгоҳҳо ва аз ҳар гуна бемории балғамӣ ва савдовӣ суд дорад.

**Таркиби он:** аз ҳалилаи зард, ҳалилаи сиёҳ, сабри сақутарӣ, анзарут, муқли сурх, сакбинаи исфаҳонӣ ва дилаи ҳанзал панҷ бахшӣ, аз сипандони сафед, саътари форсӣ, сиёҳдона, зираи кирмонӣ, намаки даронӣ ва сақизи румӣ як бахшӣ гирифта, ин доруҳоро баъд аз совидану бехтан, ба таври пурра ба ҳам ҷамъ кунанд, вале самғҳоро андар ҷоғаҳи мисин андар он миқдоре аз оби гандано тар кунанд, ки бо он дигар доруҳоро маъҷун тавон кард ва андар офтоб биниҳанд, то самғҳо ҳал шаванд. Сипас, доруҳои бехтаро бар вай биафкананд ва онҳоро нек ва сахт кӯфта, маъҷун созанд, то ки аз он ҳаббҳое ба қадри мурч сохтан мумкин бигардад. Баъд, онҳоро андар соя хушк кунанд. Як ошомиданӣ аз ин як мисқол ва бо оби нимгарм бувад, вале ду рӯз пеш аз ин аз хӯрдани ҳамаи чизҳо, ба ҷуз нон ва зирабо худдорӣ кунанд.

## Ҳабби Ибни Ҳубайра

Иттифоқ бар он аст, ки ин [ҳабб] ба таври намоён аз барои бодҳо, сафро, бодҳои бавосир, [хилти] хом, баҳак ва хориш суд дорад. Онро андар шабонарӯзӣ [як бор] зимистону тобистон биошоманд.

**Таркиби он:** аз ҳалилаи зард, ҳалилаи сиёҳ ва балилаи дона баргирифта дувоздаҳ мисқолӣ, аз омула шаш мисқол, аз шитараҷи ҳиндӣ ва дорфилфил панҷ мисқолӣ, аз гавзи бӯё ва намаки даронӣ як мисқолӣ ва аз турбиди сафед ва сабр се мисқолӣ гирифта, ҳамаро бикӯбанд, бибезанд ва бо равгани бунафша мисли донаҳои тасбеҳ сохта, андар соя хушк кунанд. Як ошомиданӣ аз ин шаш мисқол буда, ними шаб бо оби гарм [биошоманд] ва таъсири аҷибе мушоҳада хоҳӣ кард.

## Ҳабби серманфаате аз Ибни Ал-Ҷаҳм

Ин аз барои он фазлаҳои балғам, заҳраи зард ва заҳраи сиёҳе, ки андар тан ҷой дошта бошанд, суд дорад ва агар андар сар фазлаи ин хилтҳо ва ё яке аз онҳо ҷой дошта бошад, онро низ суд бахшад ва карии аз он сабаб ба амал омадаро бикушояд. Ин ҳабб меъдаро суд дошта, онро пок кунад, ҷигарро суд дошта, онро қувват бахшад ва аз бетобию ҳар гуна таби кӯҳан нофеъ бувад. [Инчунин], ҳамаи хилтҳоро ором кунад, хунро фурӯ нишонад ва аз барои намудҳои гуногуни [38] решҳо ва хориш шифобахш бошад. Касеро, ки бавосир аст, ба ошомидани он эҳтиёҷ дорад. Ӯ бояд ангушти ишорат ва нарангуштро андаке равгани бодоми ширин молида, сипас бо ангуштҳояш он ҳаббро ба қадре бимолад, ки равғанолуд бигардад ва сипас онро биошомад. Чун ин кор бикунад, ба ӯ ҳеҷ зиён нарасонад.

**Таркиби он:** аз ёраи фикро бисту чаҳор дирам, аз ҳалилаи зард ва ҳалилаи сиёҳ шаш дирамӣ, аз мастако, анисун[220], афшураи алафи гулӯдард ва афшураи афсинтин ду дирамӣ ва аз гули сурх чаҳор дирам гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва бо об сиришта, ба қадри донаи мурч ҳабб созанд. Як ошомиданӣ аз ин аз як то яку ним дирам буда, онро баъд аз гузаштани ду соат аз аввали шаб пеш аз хоб рафтан биошоманд ва сипас бихобанд. Ин аз ду то чаҳор бор тақозои халоҷо нишастан ба амал оварад ва таъсираш ба рӯз бошад.

## Ҳаббе, ки аз уфурбиюн созанд

Аз барои оби зард, дарди пушту сурин, ниқрис ва истирхои андомҳо суд дорад.

**Таркиби он:** аз уфурбиюн ва мастако чаҳор дирамӣ, аз маҳмуда ва ғориқун панҷ дирамӣ, аз дилаи ҳанзал се дирам, аз сабр ва афитимун даҳ дирамӣ, аз афшураи афсинтин панҷ дирам, аз намаки ҳиндӣ яку ним дирам, аз дорфилфил ду дирам, аз анисун чаҳор дирам ва аз сунбул даҳ дирам гирифта, ин доруҳоро бикӯбанд, бибезанд ва бо оби каранб сиришта, мисли донаи мурч ҳаббҳо созанд. Як ошомиданӣ аз ин дору ёздаҳ ҳабба, яъне то ним дирам, пеш аз таом ва баъд аз он буда, аз болои он оби гарм биошоманд.

## (395) Як ҳабби дигар

Ин аз таби дерина, заъфи ҷигару испурҷ ва оғози об[221] суд дорад.

**Таркиби он:** аз камофитус, камозариюс, бехи ширинбаён, заъфарон, лок ва афсинтин даҳ дирамӣ, аз тухми карафс, анисун ва тухми бодиён панҷ дирамӣ, аз афшураи алафи гулӯдард, гул ва ровандчинӣ[222] ҳашт дирамӣ, аз тухми зарпечак понздаҳ дирам ва аз гесугуна ва зуфо ҳафт дирамӣ бигиранд. Агар сурфа бошад, андар ин понздаҳ дирам рубби ширинбаён ва агар бемории испурҷ ҷой дошта бошад, даҳ дирам усқулуфандариюн ва ҳашт дирамӣ бехи кабар ва газмозу биафзоянд.

## Як ҳабби дигар

Ин аз барои таби деринае, ки аз сабаби хилтҳои омехта падид омада аст, аз барои дарди ҷигар ва оғози истисқо суд дорад.

**Таркиби он:** аз афсинтин ва ё афшураи он, афшураи алафи гулӯдард, ҳалилаи зард, сабр, мастако, заъфарон, ровандчинӣ, локи шуста, анисун, шоҳтараи хушк ва ёраи фикро як бахшӣ гирифта, бикӯбанд ва бо оби ангури сагак сиришта, ҳаббҳо созанд. Як ошомиданӣ аз ин як мисқол буда, бо оби нимгарм шаб [биошоманд]. Агар сурфа ҷой дошта бошад, бо доруҳо ба қадри ним вазни ҳамаи онҳо рубби ширинбаён биомезанд.

## Як ҳабби [дигар]

Ин суддаҳо бикушояд, хилтҳои ситабрро латиф созад ва хилтҳову рутубатҳои часпаки ситабрро бикашад.

**Таркиби он:** аз содаи ҳиндӣ, мурр, шукуфаи гӯргиё, шукуфаи афсинтини румӣ, мастако ва заъфарон ним дирамӣ, аз тухми карафс, анисун, муқл ва сакбина як дирамӣ, аз сабр ҳафт дирам ва аз турбид ва ғориқун севу ним дирамӣ гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва сиришта, ҳаббҳо созанд.

## Ҳабби сакбина

Ин аз барои дарди зону, ҳар ду тиҳигоҳ ва ҳар ду паҳлу созгор аст.

**Таркиби он:** аз тухми карафс ва тухми испанд як дирамӣ, аз сакбина ва муқл ду дирамӣ, аз ёраи фикро ду дирам, аз дилаи ҳанзал ва ағориқун се дирамӣ ва аз турбид шаш дирам гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва сиришта, ҳаббҳо созанд. Як ошомиданӣ аз ин ду дирам ва бо оби нимғарм бувад.

## Ҳабби говшире, ки аз Салмавайҳ аст

Ин аз барои дарди зонуюю пушт, фалаҷ ва лақва созгор аст.

**Таркиби он:** аз занҷабил, мурҷ, дорфилфил, шитараҷи ҳиндӣ, ҳалилаи зард, балила, омула, мурр, турбид, маҳмуда, заъфарон ва гунди бедастар ду дирамӣ, аз говшир, суринҷон, сакбина, муқл, уша ва дилаи ҳанзал даҳ дирамӣ ва аз сабр бист дирам гирифта, самғҳоро бо оби каранб тар кунанд ва [дигар] доруҳоро бо он сиришта, ҳаббҳо созанд. Як ошомиданӣ аз ин ду дирам бувад.

## Ҳабби уфурбиюн

Ин аз барои фалаҷ, истирхо ва хилтҳои хоми ба сӯи асабҳо фурӯдоянда судманд аст.

**Таркиби он:** аз ағориқун, дилаи ҳанзал, уфурбиюн, сакбина ва муқл як дирамӣ ва аз сабр ду дирам гирифта, бикӯбанд ва бо оби каранб сиришта, ҳабб созанд.

## (396) Ҳабби ҳиндие, ки бо мушк созанд

Ин аз барои дарди меъда судманд аст, бӯи бади даҳон ва бӯи шаробошомидагиро бибарад ва рутубати [меъдаро] бичинад.

**Таркиби он:** аз ромак ва кабар як ратлӣ гирифта, реза кунанд, бо об бишӯянд, андар дег афканда, аз болояш чиҳил ратл об

бирезанд, то панҷ ратл мондан бичӯшонанд ва биполанд. Сипас онро дубора ба деги покиза бирезанд ва ин обро бори дигар танҳо то баста шудан, бичӯшонанд ва баробари ин бо кафча омезиш бидеҳ, то часпида насӯзад. Сипас, онро андар тағораи сабз рехта, мисли хушконидани сабри шуста бихушкон. Агар бихоҳӣ, ки ҳабб бисозӣ, аз он бист мисқол гирифта, бисов ва бибез. Сипас, аз ҳил, мехак, гавзи бӯё, басбоса, уди ҳиндӣ, сода, қафтигон[223], сандали сафед, ҳарнува ва кабоба як мисқолӣ, аз мушк панҷ мисқол ва аз кофур даҳ мисқол гирифта, ҳар кадомро ҷудогона бикӯб, бибез ва баъд ба ҳам омехта соз. Сипас, аз ромак дубора панҷ мисқол гирифта, бар вай шаш уқия об бирез ва то ду уқия боқӣ мондан, бичӯшон ва бипол. Баъд, бо он доруҳоро сиришта, ба қадри нахӯд хабб бисоз, бихушкон ва ба ҳангоми ниёзмандӣ ба кор бар.

## МАҚОЛАИ ДАҲУМ

## АНДАР БАЁНИ РАВҒАНҲО

Гуфтори мо оид ба равғанҳо андар ин ҷумла ба ҳасби шарти мо [ёд карда] бувад.

**Равғани нордин**

Суди ин бисёр буда, яке аз шарифтарини равғанҳост ва аз барои ҳар гуна дарде, ки аз сабаби сардӣ андар шикам падид ояд ва аз бодҳои шикам суд дорад. Ин дардҳои сарди гӯшро таскин дода, нест кунад, аз тариқи афкандан андар бинӣ сардарду дарди нимсараро бибарад, рангро беҳ кунад, қулинҷу печиши гирди нофеpo, ки ҳар ду аз бод падид омада бошанд, нест карда, аз барои дардҳои онҳо суд бахшад, дардҳои ҷигару шикамро таскин диҳад, заҳдонро гарм кунад ва чун андар сӯрохи нара бо обдуздак бифиристанд, гурда, обгаҳ ва истирхои обгаҳро суд бахшад.

**[Ҷӯшонидани аввал ва][224] таркиби он:** аз наи бӯё, мушки замин, барги даҳмаст, шохаҳои баласон, содаи ҳиндӣ, росан, гӯргиё, абҳал, мурд, қардамоно ва марзангӯш ду уқиягӣ гирифта, ба таври дурушт бикӯбанд, андар дег биафкананд, бар вай шароб ва об рехта, тар кунанд. Сипас, аз болои он панҷ қист равғани кунҷид рехта, андар ҷогаҳи дучандӣ бо оташи нарм шаш соат биҷӯшонанд ва ҳар соате омезиш диҳанд. Сипас, аз оташ фурӯд оранд ва бигузоранд, то сард бигардад, он гоҳ равғанро биполанд.

**Ҷӯшонидани дуввум ва таркиби он:** аз гули сурх, салиха, афшураи мурди тоза ва мурр ду уқиягӣ ғирифта, ба таври дурушт бикӯбанд, бар он ба қадри тар шудан, обу шароб ва инчунин равғани ҷӯшонидаро бирезанд ва бар оташи нарм се соат ҷӯшонида, сипас сард кунанд ва биполанд.

**Ҷӯшонидани севвум ва таркиби он:** аз сунбул, мехак ва майъа се уқиягӣ, аз ғавзи бӯё панҷ уқия ва аз равғани баласон шаш уқия гирифта, доруҳоро ба таври дурушт бикӯбанд ва бар онҳо об бирезанд. Ҳар гоҳ ин [омехта] гарм шуд, бар вай он равғани ҷӯшонида, равғани баласон ва майъаи равонро рехта, биҷунбонанд, то омехта бигарданд ва то рафтани обу боқӣ мондани равған биҷӯшонанд. Сипас, онро биполанд, андар ҷогаҳи обгинагӣ бигиранд ва ба кор баранд.

**Равғани майъа**

Ин аз барои пайвандгоҳҳое, ки ба сӯи онҳо моддаҳо рехта бошанд, суд дорад, мушакҳо, омосҳои сард, заҳдони сард ва гурдаву обгаҳро гармӣ бахшад.

**Таркиби он:** аз равғани кунҷид як қист ва аз майъаи хушк се уқия гирифта, бо оташи нарм чандоне биҷӯшонанд, ки равған қувваи майъаро бигирад ва сипас андар ҷогаҳи обгинагӣ бардоранд.

**[39] Равғани бобуна**

Аз равғани кунҷид як қист, аз ҳулба ва аз шукуфаи бобуна, ки шуста, андар соя

хушконида бошанд, ду уқияги гирифта, андар ҷогаҳи обгинагӣ тар кунанд, чиҳил рӯз андар офтоб бигузоранд ва сипас ба кор баранд.

### Равғани мастако

Ин аз барои заъфи меъда ва омосҳои он созгор буда, сахтиро нарм кунад.

**Таркиби он:** (397) аз равгани кунҷид ду қист ва аз мастако шаш уқия бигиранд ва мастакоро кӯфта, андар ҷогаҳи дучандӣ бар равган бирезанд.

### Равгани афсинтини офтобхӯрда

Ин андомҳои сардро гармӣ ва қувват бахшад.

**Таркиби он:** аз равғани кунҷид як даврақ [гирифта], андар ҷоғаҳи обгинагӣ бирезанд ва аз афсинтин [низ] ду уқия [афзуда], чиҳил рӯз андар офтоб бигузоранд. Сипас онро полида бигиранд ва то ба ҳангоми ҳоҷат нигоҳ доранд.

### Равғани шибит

Аз равгани кунҷид як қист ва аз тухми шибити андар соя хушконида як уқия гирифта, андар ҷогаҳи обгинагӣ кунанд, бист рӯз андар офтоб бигузоранд ва сипас ба кор баранд.

### Равғани савсан

Ин аз сардии заҳдон, ихтиноқи ба сабаби он падидоянда ва аз қулинҷ суд бахшад ва гурдаву обгаҳро гармӣ бахшад.

**Таркиби он:** аз салиха, қуст, донаи баласон ва мастако як уқиягӣ, аз мехак ва қирфа ним уқиягӣ ва аз заъфарон як уқия гирифта, бикӯбанд ва бо яку ним ратл равгани кунҷид ва сиҳ дона савсани озоде андар ҷогаҳи обгинагӣ афкананд, ки зардӣ ва буни баргҳои онҳоро канда партофта бошанд ва инро андар соя ва ҷои мӯътадил то ҳангоме бигузоранд, ки равган қуввати онҳоро бигирад. Сипас онро полида ба кор баранд.

### Равғани содаи савсан

Аз савсани сафеди покиза ду дирам ва аз равғани кунҷид як қист [гирифта], андар ҷогаҳи обгинагӣ ниҳанд, то равған қуввати онро бигирад ва сипас ба кор баранд.

### Равғани хори хасак

Ин аз барои ба душворӣ омадани пешоб суд дорад.

**Таркиби он:** аз равғани кунҷид як уқия, аз об як ратлу чаҳоряк, аз занҷабил чаҳор дирам ва аз хори хасак даҳ дирам гирифта, доруҳоро ба таври дурушт бикӯбанд, бо об ва равгани кунҷид андар дег кунанд ва то рафтани обу боқӣ мондани равған биҷӯшонанд. Аз он андар сӯрохи нара бичаконанд.

### Равғани дигари хори хасак

Ин аз барои пайвандгоҳҳо созгор аст, рангро беҳ кунад, боҳро биафзояд, бар ҷимоъ бигангезад ва агар ҳар рӯз бо майпухта ва ё набиз як уқия аз он биошоманд, гурда, обгаҳ ва пуштро созгор бувад. Инчунин, онро андар зимни ҳуқнаҳо ба кор баранд.

**Таркиби он:** аз равғани кунҷид, шири ширини гов ва афшураи хори хасаки тар даҳ ратлӣ, аз понизи сафед панҷ ратл ва аз занҷабил ду ним ратл гирифта, понизро кӯфта, бибезанд ва ҳамаро якҷоя андар деги сафолин афканда, аз зераш оташи нарме афрӯзанд, то оби ́хори хасак ва шир бираванду танҳо равган боқӣ бимонад, он гоҳ вайро аз оташ фурӯд оранд. Аз ин ба тавре биошоманд, ки мо ёд кардем ва он аз заъфи гурда судманд буда, боҳ ва маниро афзоиш бидиҳад.

### Равғани хори хасак аз рӯи нусхаи дигар

Ин аз барои бастагии шикам, дарди тиҳигоҳ ва гурда суд дорад.

**Таркиби он:** аз оби хуш понздаҳ сукаррачa, аз занҷабили резакарда чаҳор дирам, аз хори хасаки резакарда даҳ дирам ва аз равгани кунҷид як сукарраҷа гирифта, андар деги покиза бо оташи нарм то рафтани об ва боқӣ мондани равған биҷӯшонанд. Сипас аз оташ фурӯд оварда, бигузоранд, то сард шавад, он гоҳ биполанд. Инро аз пас ба тариқи ҳуқна бирезанд ва аз пеш аз тариқи рехтан андар сӯрохи нара [ба кор баранд].

### Равғани мор

Ин аз парюн ва истирхои мақъад суд дорад.

**Таркиби он:** се қист равгани кунҷидро гирифта, андар деги сафолин кунанд ва аз панҷ то даҳ мори сиёҳи зинда андар он афканда, сари дегро сахт бибананд ва бо оташи нарм то нек пухтан биҷӯшонанд. Сипас аз оташ фурӯд оварда, биғузоранд, то сард шавад ва сари онро бикушоянд, вале аз бухори он бояд эҳтиёт шуд. Онро то сард шудан, дам гирифтан ва рафтани бухор аз он бигузоранд, сипас андар ҷогаҳи обгинагӣ бигиранд ва ҳар гоҳ бад-он эҳтиёҷ биафтад, фақат бо пар аз барои тило кардан ба кор баранд.

### Равғани ромишдод

Ин аз барои фалаҷ, лақва, никрис, раъша, аз барои дардҳои пайвандгоҳҳову пушт, аз барои носуру босур ва аз барои қулинҷу поғура суд дорад.

**Таркиби он:** аз мукл (398) даҳ дирам, аз уша, сакбина, говшир, донаи баласон, афюн, баспоя, харбақи сафед, зарнаб, фаланҷа, шитараҷ ва бодоми талхи муқашшар шаш дирамӣ, аз мехак, гавзи бӯё, занҷабил, хуланҷон, дорчинӣ, лозан ва гунди бедастар се дирамӣ, аз касило, тухми банг, сисолиюс, лубон, сиёҳдона, тухми таратезак, тухми гандано, нонхоҳ ва қуст панҷ дирамӣ, аз мушки замин, донаи испанд, мурд, сақиздона, тухми беданҷир ва марзангӯш чаҳор дирамӣ ва аз барги алафи гулӯдард ва ушна панҷ дирамӣ гирифта, ин доруҳоро ба таври дурушт бикӯбанд, андар дег афкананд, бар онҳо шаш ратл афшураи каранб рехта, бо оташи нарм то ба ду ратл расидан биҷӯшонанд. Сипас онро фурӯд оранд, биполанд, ба ҳадде бифишоранд, ки андар он чизе аз қувваи ин доруҳо боқӣ намонад ва дубора ба дег биандозанд. Баъд, бар вай аз равгани зайтун шаш ратл, аз равғани гов, равгани савсани сафед, равгани беданҷир ва равгани даҳмасте, ки онро бо бӯйафзорҳо ҷӯшонидаанд ва ин равганро аз Миср оваранд, даҳ дирамӣ, аз орди бодоми талх ду дирам[225], аз донаи даҳмаст ва санавбар шаш дирамӣ, аз равғани савсан ва равгани таратезак панҷ дирамӣ, аз равғани сақиздона даҳ дирам, аз равгани кунҷид ва ё равғани савсани сафеде, ки андар он судоб ҷӯшонида бошанд, се дирам, аз ушна се дирам, аз равгани ҳино панҷ дирам ва аз ангубини балозур се дирам афзуда, ин равғанҳоро андар дег бирезанд, бо он об даҳ дирам саҷазаниё гудозанд ва ҳамаро бо оташи нарм оҳиста то як сукарраҷа аз об боқӣ мондан биҷӯшонанд. Сипас, онро аз оташ фурӯд оваранд, бо рӯймоли зич бофта биполанд, бори дигар ба дег баргардонда, бар вай аз борзад шаш дирам ва аз ангубин даҳ дирам биафкананд ва бар оташи лахча ниҳода об кунанд. Баъд онро аз оташ фурӯд оранд, бо он даҳ дирамӣ лабании моеъ, нафти сафед ва равғани баласон биомезанд, андар шиша бардоранд ва сари онро сахт бибананд. Як ошомиданӣ аз ин аз чаҳоряк дирам то як мисқол ва бо оби нахӯд бувад.

### Равғани қуст

Инро чун биошоманд, аз сардии андомҳо ва хусусан ҷигару меъда суд бахшад, суддаҳо бикушояд, асабро сахту қавӣ кунад, рангро беҳ созад ва сиёҳии мӯйро нигоҳ дорад.

**Таркиби он:** аз қусти талх даҳ дирам, аз салиха шаш дирам ва аз барги марвхуш даҳ истор [гирифта], ба таври дурушт бикӯбанд, як шаб бо шароб тар кунанд, сипас бар вай яку ним ратл равғани кунҷид афканда,

андар ҷогаҳи дучандӣ то рафтани шароб ва боқӣ мондани равған бичӯшонанд.

### Равғани дигари куст

Ин аз барои дарди ҷигару меъда, дарди пайвандгоҳҳо, ки аз сардӣ хеста бошад ва аз истирхои як ними [тан] суд дорад.

**Таркиби он:** аз мехак як уқия, аз наи бӯё, сунбул, содаи ҳиндӣ, майъа, бехи савсани осмонгунӣ, қирфа, ушна ва қуст ду уқиягӣ, аз росан ва салиха як уқиягӣ ва аз мурр ним уқия [гирифта], дорухоро ба таври дурушт бикӯбанд ва як шабу як рӯз андар сирко тар кунанд. Баъд бар вай аз равған ва об панҷ ратлӣ рехта, бо оташи нарм то рафтани обу боқӣ мондани равған бичӯшонанд, сипас полида, бо аввалӣ биомезанд.

### Равғани борикар[226]

Ин доруи ҳиндӣ буда, аз бодҳои ситабр ва аз дарди сарди заҳдон суд дорад.

**Таркиби он:** аз сакбина, борзад, мушки замин ва хардали сафед понздаҳ дирамӣ, аз сақизи набатӣ ҳашт дирам, аз говшир чаҳор дирам, аз қирфа, қуст, зарованди дароз ва ё гирд ду дирамӣ, аз вач, уша, санбар, ки доруи ҳиндист[227], фул ва оқирқарҳо дуним дирамӣ, (399) аз зурунбод, даруна, гунди бедастар, судоб, хори хасак, қайсум, бехи савсан, судоби кӯҳӣ, му, ардашерон, каранб, марзангӯш, сисанбар ва мехаки бӯстонӣ ним дирамӣ, аз мурр, ангужади хушбӯй, ангужади бадбӯй ва ангудон [40] чаҳоряк дирамӣ, аз равғани зайтун ҳафт ратл ва аз об ҳаждаҳ ратл гирифта, бо оташи нарм то рафтани обу боқӣ мондани равған бичӯшонанд. Як ошомиданӣ аз ин аз ним то ду дирам ва бо оби шибит бувад.

### Як равғани синдӣ, ки «Абу Симод» ном дорад

Ин аз сурфа ва бодҳои ситабр суд дошта, хилтҳои ситабрро бикашад ва бавосирро нофеъ бувад.

**Таркиби он:** аз абҳал, мурч, дорфилфил, кошим, занҷабил, шитараҷи ҳиндӣ, намаки сурх ва зира шаш дирамӣ ва аз писти кунор як қафиз [гирифта], як қафиз донаи анорро андар об тар кунанд ва бар ин доруҳо биполанд.

### Равғани беданҷири бузург

Ин аз истирхо, фалаҷ ва лақва судманд аст, суддаҳои ҷигару испурч бикушояд ва андар таркиби ҳуқнаҳои қулинҷ бидарояд.

**Таркиби он:** аз нонхоҳ, саътар, пудинаи кӯҳӣ, мурр, марвхуш, тухми карафс, тухми бодиён, анисун, тухми девсипист, мастако, асорун ва ҳулба ҳафт дирамӣ, аз биҳии ҳиндӣ, бул, фул, вач, шитараҷи ҳиндӣ ва мукл панҷ дирамӣ, аз сакбина, уша ва гов-шир се дирамӣ, аз бехи карафс, пӯсти бехи бодиён, гӯргиё, бехи савсан, росани хушк ва хори хасак даҳ дирамӣ, аз ҳазоргашон ва шашбандон се дирамӣ, аз занҷабил, дорчинӣ, мехак, қоқула, хирбӯво, кабоба, дорфилфил, мурч, гавзи бӯё, басбоса, сиёҳдона, қуст ва каравиё чаҳор дирамӣ ва аз зурунбод ва даруна панҷ дирамӣ [бигиранд]. Ин доруҳоро ба таври дурушт бикӯбанд, бар онҳо ба андозае об бирезанд, ки онҳоро панох кунад ва то нек пухтан бичӯшонанд. Сипас онро биполанд ва бар вай ҳафт ратл равғани афшураи беданҷир рехта, бар оташи нарм то рафтани об ва боқӣ мондани равған бичӯшонанд ва ба ҳангоми ниёзмандӣ ба қадри ду-се мисқол аз онро бо оби беҳҳо ба кор бибаранд.

### [Кашидани равғани [беданҷир]

Бархе аз мардум аз донаҳои расидаи беданҷир ба қадри дилхоҳ гирифта, то кафидану пӯст боз кардан, офтоб диҳанд, сипас мағзҳои онро ҷамъ карда, андар ҳоване кунанд ва нарм бикӯбанд. Сипас онро андар деги бо арзиз сафедкорӣ шуда бигиранд, аз болояш об рехта, бичӯшонанд. Ҳар гоҳ ҳамаи равғанаш берун омад, дегро аз оташ фурӯд оварда, равғани бар сари об баромадаро бигиранд ва андар ҷогаҳе кунанд ва ба кор баранд.

Аммо мардумони Миср ба миқдори зиёде аз он эҳтиёҷ доранд ва онро аз [беданҷири] тар ба тариқи дигаре ҳосил кунанд. Бад-ин

тариқа, ки донаи беданҷирро баъд аз шикофтан нарм биҷӯшонанд, сипас андар ҳавзи холие афканда, бо чархушт ва ё путк кӯфта, [равғанашро] бикашанд. Нишонаи расидани беданҷир аз қишри берунияш канда шудани он бувад][228].

**Равғани содаи беданҷир**

Инро танҳо бо об биҷӯшонанд ва чун бо оби танҳо биҷӯшонанд, гармияш бикоҳад, яъне ин мисли равғани зайтуни рикобие бувад, ки онро танҳо бо об шӯянд.

**Рағани каду**

Ин аз барои ҳар гуна гармию тезии андар тан ҷой дошта судманд буда, агар ин [гармӣ] андар ягон андоми беруна бошад, аз ин равған бар он бимоланд, вале агар андар обгаҳ ва ё гурда бошад, инро бимоланд, биошомонанд ва ҳамчун нонхӯриш ба кор баранд. Агар гармӣ андар тан бошад, аз он биошоманд ва нонхӯриш кунанд ва агар [гармӣ] андар сар бошад, онро [бар сар] бимоланд ва андар бинӣ афкананд. Агар андар рӯдагон сӯзиши захра ҷой дошта бошад, аз он биошомонанд. (400) Ин ба таҳқиқ аз ҳамаи ин [ҳолатҳо] судманд аст.

**Сифати он:** кадуи бузурги пурраро гирифта, пӯст кунанд, бикӯбанд ва обашро бикашанд. Сипас, аз оби он чаҳор бахш ва аз равғани кунҷиди тоза як бахш гирифта, бо оташи нарм то рафтани об ва боқӣ мондани равған биҷӯшонанд. Баъд, онро полида, андар обгина бигиранд ва ба кор баранд.

**Равғани шоҳисфарам**

Аз барои боди зону, пайвандгоҳҳо ва тамоми тан суд дорад.

**Сифати он:** аз оби шоҳисфарам як бахш ва аз равғани кунҷид як бахш гирифта, то тамоман рафтани об ва боқӣ мондани равған биҷӯшонанд. Сипас, онро полида, андар ҷогаҳи обгинагӣ бардоранд ва сари онро сахт бибанданд. Як ошомиданӣ аз он, чунон ки ёд кардем, аз як мисқол то ним уқия буда, онро бо ду уқия оби нахӯде биошоманд, ки бо он нахӯд миқдоре аз зираро ҷӯшонида бошанд ва аз болои он зирабо бихӯранд. Ағар онро бар андомҳо бимоланд, суд бахшад.

**Равғани лозан**

Аз равғани кунҷид ду ратл, аз саътар даҳ дирам, аз рӯян ду уқия ва аз говшир, сакбина, мурр, муқл, уша, сабр ва лубон ду дирамӣ ғирифта, [доруҳоро] бикӯбанд, андар потила афкананд, аз болояш андаке об рехта, бо даст нек бифишоранд ва сипас бар вай равған рехта, бо оташи нарм то ситабр шудан биҷӯшонанд ва ба кор баранд.

**Равғани дигари лозан**

Аз нилаҷи резакарда ду уқия, аз равғани зайтун як ратл ва аз оби марзангӯш ним ратл гирифта, ҳамаро андар кафлези оҳанин бо оташи нарм биҷӯшон, бипол ва аз он андар гӯш бичакон.

**Равғани филфилод[229]**

Ин аз барои дарди пайвандгоҳҳо, ташаннуҷ ва истирхои андомҳо созгор аст.

**Таркиби он:** аз биҳии ҳиндӣ, фул, бул, ваҷ, шитараҷи ҳиндӣ, росан, дорфилфил, гавзи қай, бехи савсан, тухми бодиён, қуст, мурр, дабидор[230], зурунбод ва даруна панҷ дирамӣ гирифта, ба таври дурушт бикӯбанд, андар деғе афкананд ва бар вай аз равғани кунҷид, шир ва об ду манӣ рехта, андар ҷогаҳи дучандӣ то обу шир рафтан ва боқӣ мондани равған биҷӯшонанд, сипас полида, ба кор баранд.

**Нусхаи дигар**

Ин аз дардҳои сарди обгаҳ ва заҳдон, аз қавин, сардии гурдаҳо, истирхои андомҳо, қулинҷ, лақва, фалаҷ, аз бодҳои сарди ситабре, ки андар асабҳо падид оянд, аз

дарди пушт ва аз ҳар гуна дарде, ки аз сардӣ ва ситабрии [хилтҳо] бархезад, суд дорад ва он равғани ҳиндӣ бувад.

**Таркиби он:** аз биҳии ҳиндӣ, фул, бул, вач, шитарачи ҳиндӣ, бехи савсани осмонгунӣ, росан, дорфилфил, гавзи қай, гавзи сарв ва санавбар, қуст, тухми бодиён, зурунбод, девдор[231] ва даруна даҳ дирамӣ [гирифта], ҳамаро ба таври дурушт бикӯбанд. Сипас, аз шири навдӯшида ва об даҳ ратлӣ ва аз равғани кунчид панҷ ратл гирифта, андар деги дучандӣ то рафтани обу шир ва боқӣ мондани равған бичӯшонанд.

### Равғани хояи мурғ

Инро ё аз тариқи орд кардани зардии хояи ҷӯшонида, ё аз тариқи араққашӣ бо қоруреи сарнагун ва ё аз тариқи араққашии ба тариқи бухоркунӣ ба даст оранд.

### Равғани калкалонач[232]

Ин аз барои сакта, фалаҷ, истирхо, сардмизоҷӣ, ташаннуҷ, нотавонии меъда, қавин ва дардҳои пайвандгоҳҳову пушт созгор аст, аз қулинҷ суд дорад, хуни ҳайз битозонад, заҳдонро гармӣ бахшад, сангро бигудозад, дарди мақъадро таскин диҳад ва суддаҳои танро бикушояд.

**Таркиби он:** аз ҳалилаи кобулӣ, ҳалилаи сиёҳ, балила ва омула даҳ дирамӣ, аз бехи карафс ва бехи бодиён ҳафт дирамӣ, аз дорфилфил, мурч ва занҷабил шаш дирамӣ, (401) аз говшир, банг ва сакбина панҷ дирамӣ, аз турбид чаҳор истор ва аз каранби тоза, судоби тоза ва хасаки тар як қабзагӣ гирифта, доруҳои хушкро ба таври дурушт бикӯбанд, тараҳоро реза кунанд ва ҳамаро андар дег карда, аз болояш бисту чаҳор ратл об рехта, то ними он боқӣ мондан бичӯшонанд. Сипас, биполанд ва бар он чаҳор ман равғани беданҷир рехта, то рафтани обу боқӣ мондани равған бичӯшонанд. Бархеҳо андар он ду истор бехи савсан, чаҳор дирам шитараҷ ва ду дирамӣ анисун, адунис (адрасмон), усабид (нилуфари ҳиндӣ) ва оқирқарҳо биафзоянд.

### Равғани заъфарон

Ин асабро нарм кунад, ташаннуҷ бибарад, аз сахтии заҳдон суд бахшад ва рангро беҳ созад.

**Таркиби он:** аз заъфарон шаш дирам, аз наи бӯё панҷ дирам, аз мурр ним дирам ва аз қардамоно шаш дирам гирифта, ба ғайр аз қардамоно [дигар] доруҳоро ҷудоғона ва мурро ҷудогона бо сирко тар кунанд ва панҷ рӯз бад-ин ҳол бигузоранд. Рӯзи шашум қардамоноро низ бо сирко тар карда, як рӯз бигузоранд ва сипас ба рӯзи ҳафтум аз болои онҳо панҷ истор равған рехта, бо оташи нарм то рафтани сирко ва боқӣ мондани равған бичӯшонанд.

### Равғани ушна

Аз ушна панҷ истор, аз қуст даҳ дирам, аз салиха ва наи бӯё се дирам, аз марвхуш ду дирам, аз майъа панҷ дирам ва аз равғани мурд яку ним ратл гирифта, доруҳоро бикӯбанд, бо сирко тар кунанд ва се рӯзи паёпай бад-ин ҳол бигузоранд. Сипас онро биполанд ва бо равған то рафтани сирко ва боқӣ мондани равған бичӯшонанд.

### Равғани уфурбиюне, ки аз мост

Ин аз барои дардҳои сарди хусусан асабҳо, аз қавин ва дарди миёну пой судманд аст.

**Сифати он:** аз қусти талх [41] даҳ дирам, аз ғунди бедастар панҷ дирам, аз пудинаи хушк дувоздаҳ дирам, аз оқирқарҳо ҳафт дирам, аз кундуша чаҳор дирам ва аз мавизак се дирам гирифта, ҳамаро бикӯбанд ва баъд аз як шабу як рӯз тар кардан андар чаҳорсад дирам шароби райҳонӣ бо он ба ҳадде бичӯшонанд, ки миқдори [шароб] ба камтар аз сеяк бирасад. Сипас онро сард карда, сахт биомезанд ва биполанд. Баъд бар вай ба қадри ними вазни он равғани кунчид, ё равғани савсани озод ва ё равғани хайрӣ рехта, то рафтани шаробу боқӣ

мондани равған бичӯшонанд. Сипас ба ҳар як даҳ дирами ин равған ду дирам уфурбиюни сафеди тоза гирифта, онро мисли гард суда кунанд, бо равған биомезанд, бар оташ биниҳанд, то як сар бичӯшад ва баъд бардоранд.

### Як равғане, ки ба румӣ «домомун» ном дошта, маънояш «дорои даҳ омехтагӣ» бувад

Ин аз сардии меъда ва асаб суд дошта, андомҳоро қувват бахшад, фазлаҳоро биронад ва асабҳоро нарм кунад.

**Таркиби он:** аз майъа чаҳор уқия, аз мастако дувоздаҳ уқия, аз содаи ҳиндӣ ва сунбул чаҳор уқиягӣ, аз уфурбиюн се уқия, аз дорчинӣ шаш уқия, аз муми сафед дувоздаҳ уқия, аз равғани бон чиҳилу ҳашт уқия, аз равғани баласон дувоздаҳ уқия ва аз мурч як уқия гирифта, доруҳои хушкро бисованд, гайри онҳоро бигудозанд ва бибардоранд.

### Равғани лола

Ин меъдаи сардро гарм созад ва агар онро бо пиҳи ғоз ва ё мурғ омехта, ба кор баранд, дамиш ва омосро ҳал кунад.

**Таркиби он:** аз равғани ба ғоят хуби зайтун як ратл ва аз ғули лола ду уқия ғирифта, андар ҷогаҳе кунанд ва даҳ рӯз андар офтоб ниҳода, сипас бибардоранд. Ин равгани хуб аст, вале бӯй надорад.

### Равғанҳои сода

[Равғанҳои] савсан, биҳӣ, себ, хардал ва хиёри даштиро бад-ин гуна бисозанд, (402) ки як бахш равғани кунҷид ва се бахш оби [инҳоро] ғирифта, чиҳил рӯз офтоб диҳанд.

### [Равғани бодоми талх

Ин равған аз барои дардҳои заҳдон, ихтинок, сарнагун шудан ва омосҳои он ва аз барои дарди сар, дарди гӯш ва садову танини он созғор аст, касонеро, ки дарди гурда ва ё ба душворӣ омадани пешоб бошад, суд дорад. Агар онро бо ангубин ва бехи савсан омехта, бо равғани ҳино ва ё равғани ғул [ба кор баранд], касони ғирифтори санг, дамкӯтоҳӣ ва омоси испурҷро суд бахшад. Ин [равған] доғҳои аз фазлаҳои тан андар рӯй падидомадаро бибарад, аз калаф судманд бувад, чинҳои рӯйро ҳамвор кунад ва тирагӣ ва кундии чашмро суд бахшад. Агар онро бо «ҳамс»[233] биомезанд, аз решҳои таре, ки андар сар падид оянд ва аз шӯра ва сабӯсаи он судманд бувад.

**[Тариқаи] сохтани он:** аз бодоми талх даҳ ратл гирифта, пок кунанд, хушк кунанд ва андар минҷоре (ҳоване) аз чӯб нарм ва ба андозае сабук бикӯбанд, ки ҳамаи он як пораи ягона бигардад. Сипас бар вай се уқия оби гарм рехта, ним соат бигузор, то обро ба худ бикашад, сипас онро бикӯб ва бо дастат фишурда, [оби] аз миёни ангуштонат таровидаро андар ҷогаҳе бигир. Сипас бар он чи, ки ба фишурдан ҳосил кардӣ, яку ним уқия об бирез ва як соат бигузор, то обро ба худ бикашад. Сипас бо он он кореро бикун, ки бори аввал кардӣ. Ҳамин тариқ аз даҳ ратл бодом нӯҳ уқия равған ҳосил карда, ба кор бибаранд.

### Равғани булут

Тариқаи сохтани ин айнан ҳамон таврест, ки дониста шуд. Ин дорои қувваи зудояндагӣ буда, ҳар чи аз догҳо, ки аз сабаби фазлаҳои тан андар рӯй падид омада бошад, рутубатҳои ширӣ, озаххо ва пайҳои сиёҳи аз фароҳамоии решҳо падидомадаро бизудояд. Ин [равған] шикам орад ва аз барои меъда бад бошад. Агар онро бо пиҳи мургобӣ биомезанд ва андар гӯш бичаконанд, дарди гӯш ва садову танини онро созгор бошад.

### Равғани банг

Ин аз барои дарди ғӯш созгор аст ва барои нарм кардан андар таркиби баъзе аз фарзаҷаҳо бидароянд.

**[Тариқаи] сохтани он:** аз донаи банг сафеди хушки тозаи онро гирифта, бикӯб, бо оби гарм бисиришт ва андар офтоб

бигузор. Ҳар он чи ки аз он хушкид, бо дигар бахши он биомез ва ин корро то замоне идома бидеҳ, ки он сиёҳ гашта, бӯй бигирад. Сипас онро андар занбилҳои барги хурмо[234] фишурда, бигир ва нигоҳ дор.

### Равғани газна

Агар ин ошомида шавад, қувваташ аз исҳоли шикам суд бахшад.

**[Тариқаи] сохтани он:** инро ҳамон гунае созанд, ки равғани бангро бисозанд. Равғани коҷираро низ ҳамин тавр созанд ва таъсири он ба таъсири тухми газна шабоҳат дорад, вале аз он камқувваттар бошад. Равғани турбро низ ҳамин тавр ҳосил кунанд. Он касеро созгор аст, ки андар сар ва тани ӯ ба иллати беморӣ шупуши бисёр падид омада бошад ва дуруштиҳои андар рӯй бударо бизудояд. Мардумони Миср онро андар таом ба кор баранд. Тариқаи гирифтани равғани сиёҳдона низ ҳамчунин аст ва қувваташ мисли қуввати равғани турб бувад.

### Равғани даҳмаст

Ин дорои қувваи гармиоваранда, нармкунанда, даҳони рагҳоро кушоянда ва мондагиҳоро ба таҳлил баранда бувад. Аз барои ҳар як дарди асаб, аз барои фарошо, аз барои дардҳои гӯш, аз барои назлаҳо ва сардард созгор аст. Агар касе онро биошомад, ӯро маниши гаштан падид ояд, вале [танаш] хушбӯй бигардад.

**[Тариқаи] сохтани он:** донаи даҳмастро баъд аз расидан чун бигиранд ва бо об биҷӯшонанд, бар [сатҳи] қишри он равған зоҳир шавад ва онро бо даст пок карда, андар садафе бигиранд. Бархе аз мардумон нахуст равғани зайтуни норасидро бо мушки замин, гӯргиё ва наи бӯё тунд гардонида, сипас андар он баргҳои тари даҳмастро афканда, биҷӯшонанд. Бархе аз мардумон бо барги даҳмаст донаи онро низ афкананд, вале ҳамаи эшон онро то замоне биҷӯшонанд, ки бӯи он сахт паҳн бигардад. Созгортарин даҳмасте, ки аз он равған бисозанд, онест, ки кӯҳии паҳнбарг бувад ва беҳтарин равғани даҳмаст онест, ки нави сабзранги сахт талхи тезмаза бувад. Он дорои қувваи гармкунандаи нармсозандаи даҳони рагҳоро кушоянда аст.

### (403) Равғани гӯргиё

Аз барои барас созгор аст, гоҳе андар таркиби дорухое бидароянд, ки мондагиҳоро бибаранд ва ба таври умум аз ҳамаи намудҳои хориш судманд аст.

**[Тариқаи] сохтани он:** самари онро, ки ҳар гоҳ пухт, бигиранд ва баъд аз кӯфтан ҳамон кореро кунанд, ки бо самари даҳмаст кунанд.

### Равғани гул

Он дорои қувваи гирандаи сардиоваранда буда, аз барои равғанмолӣ созгор аст ва онро бо зимодҳо биомезанд. Агар онро биошоманд, шикам орад ва афрӯхтагии меъдаро хомӯш кунад. Он андар решҳои жарф гӯшт бирӯёнад ва бадии решҳои бадро ором кунад. Бо он решҳои тари андар сар бударо равған кунанд ва аз барои ширинча онро ҳамроҳи лахлаха андар марҳалаи оғози он бар сар бимоланд. Онро аз барои дарди дандонҳо зимод кунанд. Агар онро [бар чашм] бикашанд, пилкҳои ситабрӣ доштаро созгор бувад. Агар аз барои сӯзиши рӯдагон ва захдон онро ба тариқи ҳуқна ба кор баранд, суди намоёне бахшад.

**[Тариқаи] сохтани он:** аз гӯргиё панҷ бахш ва аз равғани зайтун бист бахш гирифта, сипас гӯргиёро бикӯбанд ва бо об тар кунанд. Баъд онро бо рағани зайтун биҷӯшон ва ҳангоми ҷӯшонидан, онро омезиш бидеҳ. Сипас онро полида бигир ва бар он ҳазор [дона] гули хушки кулоҳакҳо барандохтаи обнорасида афкан. Дастатро бо ангубини хушбӯй андуда, онро бо даст борҳо рӯгардон бикун, сипас сабук фишурда, як шаб бигузор биистад, то [гул равғанро] ба худ бикашад. Сипас онро бифишор ва андар тагораи ангубинандуда полида, [бигир]. Сипас туфолаи гулро андар ҷогаҳе бардор ва аз болояш ду бахш равғани зайтуни бо

гӯргиё тундгардондаро бирез, баъд онро мисли аввалӣ бори дуввум нек бифишор ва бори севвум ва чаҳорум низ чунин бикун. Барке аз мардумон гулро кӯфта, андар равгани зайтун тар кунанд ва ҳар ҳафт рӯз онро дигар кунанд. Ин корро се бор такрор карда, сипас гирифта, нигоҳ доранд ва [ба вақти ҳоҷат] ба кор баранд. Ин судманд аст.

## Равғани бехи савсани осмонгунӣ

Қувваи равғани бехи савсани осмонгунӣ гармиоварандаи нармсозанда буда, хушкрешиҳо, гандидагиҳо ва шуххҳоро пок кунад, аз барои дардҳои заҳдон, омосҳои гарми он ва баста шудани даҳони он созгор аст, ҷанинро берун орад, даҳонаҳои бавосирро бикушояд, агар онро бо сирко, судоб ва бодоми талх ба кор баранд, садо додани гӯшҳоро созгор бошад, агар бо он ҳар ду сӯрохи биниро равған кунанд, назлаҳои дерраванда ва ганди биниро созгор бувад ва агар аз он ба миқдори яку ним уқия биошоманд, шикам орад. Он касонеро хуб аст, ки қулинҷи маъруф ба «иловус» дошта бошанд ва пешобро битозонад. Агар бо он ангуштон ва пареро биолоянд, ки бо онҳо қай биангезанд, қай карданро бар касе, ки ба душворӣ қай кунад, ҳамвор бигардонад. Агар онро бар ком биолоянд ва бо он ғарғара кунанд, касонеро созгор бувад, ки хунок ва андар нои шуш дурруштӣ дошта бошанд. Гоҳе аз он ба касоне бидиҳанд, ки саморуғи футр, банг ва кашниз ошомида бошанд.

**[Тариқаи] сохтани он:** аз қишри ниёми шукуфаи хурмо шаш бахш ва аз равғани зайтун ҳафт бахш гирифта, қишрро нарм бикӯб ва андар нӯҳ бахш аз об тар карда, ҳамроҳи равғани зайтун андар деги мисин бигир ва то аз равған баромадани бӯи [қишрҳо] онҳоро биҷӯшон. Сипас, онро андар тағораи ангубинандуда бипол. Навъи олии равғани бехи савсани осмонгунӣ аз ҳамин равғани зайтуни тундгардонида сохта мешавад. Аз ин равғани зайтун чаҳордаҳ бахш гирифта, бар вай бехи савсани осмонгунии кӯфта афкан ва ду шабу ду рӯз бигузор биистад, сипас онро сахт бифишор. Агар равғанро қавитар кардан бихоҳӣ, ду-се бори дигар аз нав ба миқдори аввала аз бехи савсани осмонгунӣ биафкан ва онро бифишор.

## Равғани бобунаи говчашм

Ин [равған] сахт афрӯзандаи гармиоваранда буда, нармсозанда аст ва даҳонаи рагҳоро бикушояд, пешоб битозонад, агар андар таркиби доруҳои гандонанда бидарояд, аз барои носурҳо баъд аз шикофтани онҳо судманд бувад. Хушкрешиҳо ва решҳои палидро суд бахшад, аз барои ба душворӣ омадани пешоб ва омосҳои мақъад созгор аст ва ағар мақъадро бо он равған кунанд, бавосирро бикушояд. Агар онро андар заҳдон баргиранд, хуни ҳайзро битозонад. Ин [равған] сахтиеро, ки андар заҳдон бувад ва омосҳои балғамии онро ба таҳлил бибарад. Агар пашминаеро бо он тар карда, бар ҷароҳатҳое биниҳанд, ки андар мушакҳо ва асабҳо падид омадаанд, аз барои онҳо созгор хоҳад буд.

**[Тариқаи] сохтани он:** инро аз равғани зайтуни норасид ва равғани булуте бисозанд, ки ҳар дуро бо шохаи баласон, гӯргиё, наи бӯё, қуст, ҳамомо, нордин, салиха (404) ва донаи баласон тунд гардонида бошанд. Ҷогаҳро бо шароб ва ангубин андуда, бӯйафзорҳои кӯфтаро маъҷун созанд, сипас бобунаи говчашмро бо онҳо биомезанд ва он кореро кунанд, ки андар [сохтани] дигар [равғанҳо] гуфта шуд.

## Равғани дермана

Қуввати ин тез буда, аз баста шудани заҳдон ва сахтии он суд бахшад, хуни ҳайз битозонад ва ёракро берун орад.

**[Тариқаи] сохтани он:** аз барги дермана ҳашт бахш гирифта, андар равғани хушбӯйе, ки аз он равғани ҳино бисозанд, як шабонарӯз тар кун, сипас бифишор ва [боз] тар кун. Агар бихоҳӣ, ки бӯи он қавӣ бошад ва онро хушбӯй гардонӣ, барги дерманаро бори дигар бар ҳамон равғани фишурдааt афкан ва сипас бифишор.

## Равғани шанбалит

Он дорои қувваест, ки кафгиракро нарм кунад ва бипазонад ва аз барои сахтии андар заҳдон падидомада сахт созгор аст. Аз он аз барои заҳдони зане ҳуқна бисозанд, ки рехтани рутубатҳо аз [раҳми] он кам шуда, таваллуд карданаш душвор гардида бошад. Гоҳе онро ба тариқи ҳуқна аз барои печиши ноф ба кор баранд. Сабӯсаи сар ва решҳои тари онро бизудояд. Агар онро бо мум биомезанд, аз сӯхтагӣ ва аз кафидагиҳое, ки бар асари сармо падид омада бошанд, суд дорад. Гоҳе онро андар доруҳои калаф бо хурмо биомезанд. Баргузидаи ин ҳамонест, ки нав буда, аз он бӯи шанбалит ояд.

**[Тариқаи] сохтани он:** аз шанбалит нӯҳ бахш, аз равғани зайтун панҷ бахш, аз наи бӯё як бахш ва аз мушки замин ду бахш гирифта, ҳафт рӯз андар равғани зайтун [доруҳоро] тар кун ва ҳар рӯз се бор онро омезиш деҳ. Сипас, онро фишурда, [бигир] ва нигоҳ дор. Бархе аз мардумон ба ҷои наи бӯё қардамоно ва ба ҷои мушки замин шохаи баласонро ба кор баранд. Бархе дигар равғани зайтунро бо ин бӯйафзорҳои ёдшуда тунд бигардонанд ва баъд аз он ҳулбаро андар он тар кунанд ва фишурда бигиранд. Баргузидаи он ҳамон аст, ки агар ангуштатро бо он андуда, андар офтоб бидорӣ, бӯи онро ширин ва таъми онро талх дарёбӣ][235].

## Равғани марзангӯш

Марзангӯшро гирифта, бикӯбанд ва андар деги покизае ниҳода, аз болояш ба андозае шароби райҳонӣ бирезанд, ки онро бипӯшонад ва чаҳор ангушт бар шавад. Сипас онро бар оташи нарм ба қадре бинеҳанд, ки нимаш биравад ва фишурда биполанд. Баъд, дубора ба дег баргардонда, аз болояш ба қадри ним чанди шароб равған бирезанд ва чандоне биҷӯшонанд, ки шароб биравад у равған боқӣ монад. Ин равғани қавӣ буда, чи аз тариқи ошомидан ва чи молидан қуввату гармӣ бахшад, латифӣ оварад ва гармиро биангезад. Гармию хушкияш андар дараҷаи севвум бувад. [Низ] ба тариқи чаконидан аз дарди гӯш суд бахшад.

# МАҚОЛАИ ЁЗДАҲУМ

## АНДАР БАЁНИ МАРҲАМҲО ВА ЗИМОДҲО

### Марҳами сафеда

Ин аз оташсӯхта ва пӯстрафтагӣ суд дорад.

**Таркиби он:** аз мурдосанг як дирам, аз сафеда панҷ дирам, аз муми сафед ҳафт дирам ва аз равғани гул ду уқия гирифта, мум ва равғанро бигудозанд ва андар ҳован бар сафедаву мурдосанг афкананд. Онҳоро пеш аз сард шудан биомезанд ва сипас бо онҳо сафедии як хояи мурғро сиришта, ба кор баранд.

### [Нусхаи] дигар

Аз сафеда панҷ дирам, аз мурдосанг ду дирам, аз рими сим як мисқол ва аз касиро як дирам [гирифта], бикӯбанд ва бо ҳарир бибезанд. Сипас, аз муми сафед як уқия гирифта, бо се уқия равғани гул бигудозанд ва андар ҳован бар доруҳо афкананд ва бисованд.

### Марҳами бузурги босаликун[236]

Ин аз барои решҳо суд дошта, онҳоро [гӯшт] пур кунад ва аз барои маҳалҳои асабнок ва ҷароҳатҳое созгор бошад, ки ҳарорат надошта бошанд.

**Таркиби он:** аз мум як ратл, аз зифт ҳашт уқия, аз мурр ва ротиёнаҷ чаҳор уқиягӣ, аз сақизи набатӣ чаҳор уқия ва аз равғани зайтун панҷ ратл гирифта, мум ва зифтро андар равғани зайтун бигудозанд, мурр ва ротиёнаҷро совида, андар ҳован бо онҳо якҷоя кунанд ва марҳам созанд.

### (405) Марҳами хурди босаликун

Аз ротиёнаҷ[237], зифт ва мум ба қадри баробар гирифта, бо равғани зайтун ба кор баранд.

### Марҳами сафедаи бо сирко

Аз сафедаи совидаву бехта як ман ва аз равғани зайтун ду ратл гирифта, сафедаро бо равғани зайтун шикананд. Сипас, даҳ ратл сирко гирифта, бар онҳо андак-андак рехта, то баста гардидан бишкананд ва андар ҷогаҳе бардошта, ба ҳангоми ҳоҷат ба кор баранд.

### Марҳами мурдосанги бо сирко

Аз мурдосанг ба қадри дилхоҳ гирифта, бибезанд, андар тašт афкананд ва бар вай

сиркову равгани зайтун рехта, бо даст нек биомезанд ва ба кор баранд.

### Марҳами зангор

Ин аз барои решҳои кӯҳан суд дорад [ва гӯшти зиёдтиро бихӯрад].

**[Тариқаи сохтани он]:** аз зангор ду дирам ва аз мум, ротиёнаҷ ва сақизи санавбар панҷ дирамӣ гирифта, зангорро бисованд, дигар доруҳоро ба қадри ҳоҷат бо равгани зайтун гудохта, бар зангор бирезанд, то расидан бишкананд ва сипас ба кор баранд.

### Марҳами қалқадис, ки Ҷолинус онро «фуниқӣ»[238] хондааст

Ин аз тоун суд дорад, решҳои ба сахтӣ фароҳамоянда ва хуниро фароҳам оварад, аз кабудшудагӣ[239], шикастагӣ, кӯфтагӣ ва ҳамаи омосҳо суд бахшад.

**Таркиби он:** аз равгани кӯҳани чодарпиҳ ду ратл, аз равгани зайтуни кӯҳан се ратл ва аз қалқадис чаҳор уқия гирифта, пиҳро бигудозанд ва қалқадисро совида, бо се ратл равғани зайтун биомезанд. Сипас се ратл мурдосангро совида, бо он ва бо пиҳ андар ҳован биомезанд, баъд онҳоро андар потилаи покиза рехта, бо саъфа, яъне шохае аз нахл, то расидан бизананд ва ба кор баранд.

### Марҳами сиёҳ

Аз мурдосанг як уқия, аз сиркои тез се уқия ва аз равгани зайтун ду уқия гирифта, ҳамаро бо бисёр эҳтиёткорӣ биҷӯшонанд, то насӯзад ва биомезанд, то баста гардад.

### Марҳами диёхилун

Аз барои домгулҳо, хукакҳо ва омосҳои сахт суд дорад.

**Таркиби он:** аз шанбалит, тухми катон ва хитмии сафед як кайлачагӣ гирифта, ҳар кадомро ҷудогона як шабу як рӯз тар кунанд. Сипас, аз луоби ҳар кадоми онҳо як ратлию чаҳоряк, аз мурдосанг яку ним ратл ва аз равгани зайтун ду ратл гирифта, луобҳоро як бор биҷӯшонанд ва аз оташ бигиранд. Баъд, равғани зайтунро бо мурдосанги совида то баста гардидан ва дигар шудани ранги он биҷӯшонанд. Сипас, бар вай луобҳоро як ба як рехта, онҳоро бо оташи нарм баста созанд.

### Марҳами сурх

Аз мурдосанги кӯфтаю бехта як ман, аз равғани зайтун ду ратл ва аз сирко даҳ ратл гирифта, ба андозае ба ҳам бишикананд, ки баста бигарданд ва баъд аз баста шудан, андар он як ратл бехи совидаву бехтаи рангрезон биафкананд.

### Марҳами паямбарон

Ин дашлиҳо, яъне марҳами ҳавориён (ёрони Исо, алайҳи-с-салом) буда, бо «марҳами шукуфа» ва «мандиё» маъруф аст. Ин марҳам ба оҳистагӣ носурҳои душвор ва хукакҳои мушкилро беҳ кунад ва чизе ба дараҷаи он намерасад. Вай хуроҷҳоро аз гӯшти мурда ва рим пок кунад ва бисабзонад. Гуфтаанд, ки ин ба шумораи дувоздаҳ ҳаворӣ аз дувоздаҳ дору иборат аст.

**Таркиби он:** аз муми сафед ва ротиёнаҷ бисту ҳашт дирамӣ, аз говшир ва зангор чаҳор дирамӣ, аз уша чаҳордаҳ дирам, аз зараванди дароз ва кундури нар шаш дирамӣ, аз мурр ва борзад чаҳор дирамӣ, аз муқл шаш дирам ва аз мурдосанг нӯҳ дирам гирифта, муқлро бо сиркои хамрӣ тар кунанд ва андар тобистон бо ду ратл равгани зайтун ва андар зимистон бо се ратл биҷӯшонанд.

### Марҳами шангарф

Ин аз барои хукакҳо, саратон ва омоси хояҳо суд дорад.

**Таркиби он:** аз мурдосанг ва борзад панҷ дирамӣ, аз лубон ва уша даҳ дирамӣ, (406)

аз сақизи набатӣ шаш дирам, аз мум[240] даҳ истор, аз шангарф ҳашт дирам ва аз равғани зайтун ба қадри кифоят бигиранд.

### Марҳами кирмҳои қирмиз

Ин аз дарди мақъад ва «оташи форсӣ» суд дорад.

**Таркиби он:** аз дилаи ҳанзал, кундуша, ушнон ва гӯгирд се дирамӣ, аз мурдосанг ва шиёфи момисо шаш дирамӣ, аз испанд ва маркуну-л-қирмиз[241], яъне кирмҳои қирмиз [42] дувоздаҳ дирамӣ, аз симоб ду дирам ва аз зифт даҳ дирам гирифта, кирмҳоро бо равган ғудохта, ба кор баранд.

### Марҳами догниҳӣ

Аз зоги зарди бирёнкарда даҳ дирам ва аз оҳаки обнорасида ва лабанӣ ду дирамӣ бигиранд.

### Марҳаме, ки Аз-Заранҷӣ онро санҷида аст

Аз момирон, зардчӯба, борзад, уша, анзарут, самг ва хуни сиёвушон як бахшӣ, аз мурдосанг ба қадри вазни ҳамаи доруҳо, аз ҳар кадоми равғани кунҷид ва равғани зайтун ба қадри вазни ҳамаи доруҳо[242] ва аз мум ба қадри кифоят гирифта, мумро андар деги сафолини нав бо равған бигудозанд ва дигар доруҳоро баъд аз совидану бехтан бар вай бипошанд, биомезанд ва ба кор баранд.

### Зимоди Андрумохус

Ин аз барои бемори испурч, бемори истисқо, каси ҳар ду бараш аз ҳам кашидашуда ва низ аз барои дарди пайвандгоҳҳо, қавин ва иллатҳои дерравандаи кӯҳан суд дорад.

**Таркиби он:** аз мум ва зифт як ратлӣ, аз самғи санавбар як ратл, аз равгани зайтун ҳашт қавосус ва аз зирнихи сурхи заргун, замчи яманӣ ва оҳаки обнорасида ду уқиягӣ гирифта, ба тарзи тавсифшуда [зимод] омода созанд.

### Як зимоди аҷиби мансуб ба Андрумохус

Ин аз барои он маҳалле, ки аз он ҷой [ягон чиз] кашидан бихоҳанд, созгор буда, он ҷойро бикафонад ва устухонҳои табаҳшуда, пайкон ва хорро берун бикашад. Низ аз барои қавин, омадани хуноба, сахтии андомҳои дарунӣ, печидагии як андом ба як андоми дигар судманд аст ва ҷароҳатҳоро бибандад.

**Таркиби он:** аз донае, ки аз самари растании бо номи «сумоло»[243] ёдшаванда бигиранд, аз бураи сурх, навшодир, аз зарованди қаритӣ, аз бехи хиёри даштӣ ва аз сақизи хинҷак бист мисқолӣ, аз мурч, дорфилфил, уша, ҳамомо ва шохаҳои баласон даҳ мисқолӣ, аз кундури нар, мурр, ротиёнаҷи хушк ва мавизаки асалии коркардашуда даҳ мисқолӣ, аз шири дарахти тут даҳ мисқол, аз мум сиҳ мисқол, аз пиҳи буз понздаҳ мисқол ва аз туфолаи равғани савсан ба андозае бигиранд, ки барои сириштани дору кифоят бошад. Баъд, доруҳои хушкро кӯфта, бибезанд, ҳар як доруи гудохташавандаро ҷудогона хуб молиш дода, нарм кунанд ва сипас ҳамаро якҷоя созанд, боз молиш дода, нарм кунанд ва каси онҳоро молишдиҳанда бояд бар дасти хеш туфолаи равгани савсан бимолад.Ҳар гоҳ хуб ба ҳам омехта шуданд, онҳоро бардошта, [то ба ҳангоми ҳоҷат] нигоҳ доранд. Ҳар гоҳ туро аз барои бартараф кардани мондагӣ ба истеъмоли он эҳтиёҷ афтад, аз он се уқия, аз пиҳи мурғобӣ се уқия ва аз равғани ҳино се уқия гирифта, биомез ва ба кор бибар.

### Як зимоди дигар

Ин аз барои дарди пайвандгоҳҳо ва никрис судманд буда, доруи бо муваффақият шифобахшанда аст.

**[Таркиби он]:** аз тухми шавкарон як қист, аз агориқун, бура ва шанбалит як уқиягӣ, аз мум[244] як ратл, аз ротиёнаҷи пухта як ратл, аз равғани зайтуни кӯҳан як ратл, аз магзи устухони гавазн чаҳор уқия ва аз бехи савсан

[низ] чаҳор укия [гирифта], доруҳои хушкро кӯфта, бибезанд, доруҳои гудозандаро бигудозанд ва бигузоранд, то сард шаванд. *Сипас онро бар доруҳои хушк афканда.* биомезанд, бибардоранд ва ба кор баранд.

### Зимоди Филағриюс

Инро агар аз берун тило кунанд, аз барои дарди меъда ва ҷигар, дардҳои захдон ва омосҳо судманд бувад. Низ онро бар пашминае гирифта, аз барои занон ба кор бибаранд ва бо он захдонро тило кунанд.

**Таркиби он:** аз заъфарон ду дирам (407) ва ба ҳасби нусхаи дигар дувоздаҳ дирам, аз мукл, мастако, уша, сабр ва майъаи тар ҳашт дирамӣ, аз мум се истор, аз пиҳи гоз дувоздаҳ дирам, аз зуфои хушк ва ё тар сиҳ дирам ва аз равгани нордин ба қадри кифоят бигиранд.

### Як марҳам

Ин аз сахт нотавон будани ҷигару меъда суд дорад, сахтиро нарм кунад ва дарунрави ҷигариро бибандад.

**Таркиби он:** аз коки шомӣ чаҳор дирам, аз киё, афсинтин ва лубон ду дирамӣ, аз мурр, сабр, наи буё, уд ва ақокиё як дирамӣ, аз лозан ду дирам, аз биҳии пӯсткардаи дона баргирифтаи пухта шаш дирам, аз хурмои қасб панҷоҳ дона ва аз мум, равгани нордин ва равғани гул ба миқдоре бигиранд, ки бо он марҳам сохтан битавон. Хурмо ва кокро андар тило тар кун, биҳиро гирифта, аз донаву пӯст пок соз ва бо тило ба андозае бичӯшон, ки бипазад. Сипас онро нек бикӯб ва бо хурмо ва кок якҷоя сохта, чандоне бисов, ки ба ҳам омехта шаванд. Мумро бо равган бигудоз, дигар доруҳоро бикӯб, бибез ва бар муми бо равган гудохта бипош. Ҳамаи онҳоро андар ҳован якҷоя сохта, бо ҳовандаста то нек омехта шудан бизан, сипас миқдоре аз онро бар вараққе тило карда, бар ҷигар ва меъда бинеҳ.

### Марҳаме, ки аз дилаи ҳанзал омода созанд

Ин аз барои он чизҳое суд дорад, ки андар охири ин нусха ёд шудаанд.

**Таркиби он:** аз дилаи ҳанзал чаҳордаҳ дирам, аз турбид, маҳмуда ва уфурбиюн ҳашт дирамӣ, аз тухми шибит, намак, мурр, сабр, талхаи гов, намаки ҳиндӣ, сиёҳдона, мавизаки кӯҳӣ, мурч, занҷабил, ҳалилаи зард, мозариюн ва балила дувоздаҳ дирамӣ, аз кавр[245], уша, говшир ва сакбина ҳафт дирамӣ, аз бура ва гӯгирди зард шонздаҳ дирамӣ, аз шанбалит, бобуна ва тухми катон даҳ дирамӣ ва аз лабанӣ ва мум даҳ исторӣ [гирифта], ҳар чи аз ин доруҳо гудохтанист, бо равгани гов бигудоз, ҳар чи таркарданист, андар тило тар кун ва ҳар чи хушк аст, кӯфта, бибез. Сипас таркардагиҳоро бисов ва ҳамаро чандоне бо ҳам биомез, ки марҳам бигарданд. Баъд бо он ҷигару меъдаро тило кун ва он оби зардро фурӯд хоҳад овард. Ҳар кӣ шикам равон кардан бихоҳад, вале дору ошомидан натавонад, бар меъдааш аз ин тило кун, онро равон кунад.

### Марҳаме, ки аз қардамоно созанд

Ин аз дардҳои кӯҳане, ки андар меъда, ҷигар ва испурҷ ҷой дошта бошанд, аз сахтие, ки андар онҳо падид ояд ва аз сардӣ суд дорад.

**Таркиби он:** аз қардамоно, сунбул, ҳамомо, мурч, дорфилфил, қуст, салихаи поккарда, лубон, оқирқарҳо, кавр, уша, киё, мурр, лабанӣ, донаи баласон, зарованди дароз, зарованди гирд, мушки замин, шоҳафсар, лозан ва мехак чаҳор дирамӣ, аз заъфарон ду дирам, аз бехи савсани осмонгунӣ, борзад, равгани баласон, пиҳи гов ва ё мургобӣ панҷ дирамӣ ва аз самғи бодоми талх панҷ дирам бигир ва мумро бо равгани нордин гудохта, сипас чунин бикун, ки мо тавсиф кардем.

# [МАҚОЛАИ ДУВОЗДАҲУМ][246]

## АНДАР БАЁНИ МАЪҶУНҲО, ГУВОРИШҲО ВА ДИГАР ДОРУҲОИ МУРАККАБЕ, КИ БАРОИ БЕМОРИҲОИ ҲАР ЯК АНДОМ СОЗГОР АСТ

**Сардии сар:** шалисо, анақардиё ва гувориши зирагӣ ба тариқи андар бинӣ афкандан суд бахшанд.

**Гаронии сар:** таркардаи ёра аз он суд дорад.

**(408) Он чи ки сарро пок созад:** ҳабби Бармакӣ.

**Сардарди сарди кӯҳан:** сутиро; чунон ки гуфтаанд, шалисо; ёраи Буқрот; ёраи фикро; ёраи Аркоғонис; тиёдаритус; ёраи Тағмуво; ва қурсҳои «ситора» ба тариқи тило кардан бар пешонӣ.

**«Хӯд»:** ба изофаи [онҳо] равғани нордин.

**Дарди нимсара:** қурсҳои «ситора» ба тариқи бар пешонӣ тило кардан; равғани нордин; хока; таркардаи ёра; маъҷуни Ҳермес ба тариқи андар бинӣ афкандан.

**Гижа:** сутиро, ки «раҳонандаи бузург» аст; маъҷуни Ҳермес; анақардиё; ёраи Аркоғонис; тиёдаритус; ва гувориши анбар.

**Фаромӯшхотирӣ, ҳофиза ва ҳуш:** анақардиё; гувориши балозур; чунон ки гуфтаанд, шалисо; доруи андар бинӣ афкандании Аристотолис; хока; гувориши анбар; фирӯзнӯш; ва ёраи фикро.

**Васваса ва девонагӣ:** тарёк; масрудитус; тарёки Азра; чунон ки ғуфтаанд, шалисо; тарёки Яҳё; зомиҳрон; ёраи Тағмуво; доруи мушк ва хусусан нусхае, ки аз барои савдои зардавӣ сохта шуда бошад; анақардиё, ки ба эътидол сохта бошанд; [43] ва маъҷуни ёқут, ки аз мост.

**Он чи ки ҳоссаҳоро қавӣ кунад:** тарёк; масрудитус; ҳабби устумахиқуни Ал-Киндӣ[247].

**Саръ:** тарёк; масрудитус; тарёки Азра; тарёки чаҳордору; сутиро; чунон ки гуфтаанд, шалисо; тарёки мо; маъҷуни Қайсар; коскабинаҷ, хусусан барои кӯдакон; тиёдаритус; ёраи Филағриюс; ёраи мо; доруи мушки ширин ва талх; ёраи фикро; сиркои унсулӣ ва сиканғубини он.

**Сакта:** тарёк; масрудитус; тарёки Азра; ва равғани калкалонаҷ.

**Фалаҷ ва истирхои андомҳо:** тарёк; масрудитус; тарёки Азра; тарёки чаҳордору; доруи мушки ширин ва талх; анақардиё; даҳмарсо; бодмӯхраҷ; ёраи мо; гувориши анбар; ҳабби фирӯзибахш; равгани таратезаки шоҳӣ; ёраи Ҷолинус; усқуфӣ; ҳабби уфурбиюн; маъҷуни Ас-Саймарӣ; доруи андар бинӣ афкандании Аббос; ёраи фиқро; ва ҳуқна.

**Лақва:** шалисо; доруи мушки ширин ва талх; анақардиё; гувориши анбар; ҳабби фирӯзибахш; ҳабби данд; ва намак.

**Раъша:** тарёк; масрудитус; тарёки Азра; сутиро; гувориши анбар; гувориши мо; ва ёраи Тағмуво.

**Ташаннуҷ:** сутиро; равғани калкалонаҷ; ҳабб; равғани заъфарон; ёраи Ҷолинус; ва ёраи Тагмуво.

**Дарди чашм:** сутиро; ёраи фикро; ва доруи Кайқубод[248].

**Шабкӯрӣ:** ёраи Аркоғонис андар оғози ин [беморӣ].

**Гӯшдард:** қурсҳои «ситора»; равғани нордин аз барои [гӯшдарди] сард; сиркои унсулӣ ва сикангубини он аз барои гӯшдарде, ки береш бувад.

**Дандондард:** сутиро; саҷазаниё; маъҷуни рими оҳан; қурсҳои «ситора».

**Кирмхӯрдагӣ:** маъҷуни файласуфон; сикангубини унсул ва сиркои он, ки хунро баста, вораҳоро зич кунад.

**Ба ислоҳ овардани гирифтагии забои ва истирхои он:** шалисо андар ин бобат баргузида аст; маъҷуни файласуфон; ва ёраи фиқро.

**Омосҳои гулӯ ва дардҳои он:** маъҷуни мушк; доруи Кайқубод; ва доруи Ҷолинус, ки аз иллатҳои нои шуш суд бахшад.

**Он чи ки дилро қавӣ созад:** тарёк; масрудитус; тарёки Азра; тарёки чаҳордору; бузургдору; (409) нӯшдору; маъҷуни Ал-Киндӣ; тарёки мо; маъҷуни ёқут, ки аз мост; маъҷуни Ҷолинус; гувориши анбар; ва гувориши дигар.

**Хафақон:** тарёк; масрудитус; шалисо; тарёки мо; маъҷуни Қайсар; майбиҳӣ; шароби гарммизоҷи себ; маъҷуни мушк; ва доруи мушки ширин ва талх.

**Аз ҳуш рафтан:** доруи мушк; масрудитус; ва калкалонаҷ.

**Он чи ки нои шуш ва синаро пок кунад:** доруи Ҷолинус; ҳаббе, ки андар «Маёмир» ёд шудааст; доруҳои [хосси инҳо]; доруи лесидании сир; қурсҳои Аристумохус андар ин бобат аҷиб аст; ва шароби зуфо.

**Хастагии овоз ва қатъ шудани он:** лесидании харбузагӣ; сиркои унсул ва сикангубини он; ҳаббе, ки андар «Маёмир» аз барои овози гирифтагӣ [ёд шудааст]; тарёкҳо; ва масрудитус.

**Душвории нафас:** маъҷуни Қайсар; доруҳои мушк; ҳабби андар «Маёмир» омада; даҳмарсо; доруи куркум; доруи гӯгирд; филуниё; ва доруи Кайқубод.

**Дамкӯтоҳӣ ва нафаси росто:** доруи лесидании унсулӣ; сикангубини он; ва сиркои унсул.

**Аз барои душворӣ ва зиқи нафас:** қурсҳои хашхош.

**Дардҳои шуш, сина ва сарҳои устухонҳои паҳлу:** сутиро; қуфӣ; тарёк; масрудитус; тарёки Азра; ва маъҷун.

**Сурфаи кӯҳан:** тарёкҳо; масрудитус; чунон ки гуфтаанд, шалисо; доруи гӯгирд; ва равғани синдӣ.

**Сурфаи сахт:** лесидании хашхош; ва қурси хашхош.

**Хунпартой, хунравӣ, қаи хунӣ ва хуноба омадан:** қурсҳои Ҷолинус хусусан аз барои хуноба; қурсҳои Аристумохус аҷиб аст; ва доруи лесидании хашхош.

**Хунгардонӣ ва хунпартой[249]:** доруи Аҳрун[250]; лесидании харбузагӣ; ва лесидании табоширӣ.

**Сардии ҷигар:** гувориши Хузистонӣ; равғани шибит; шаҳриёрон; равғани хасак; ҳабби андар «Маёмир» омада.

**Дарди ҷигар:** маъҷуни тухмиҳо; доруи ҷентиёно; аз барои намуди кӯҳани он марҳами қардамоно; қурсҳои алафи гулӯдард; оби беҳҳо; қурсҳои даҳдору; маъҷуни мушк; маъҷуни мушк бо оби пудина; асоносиё; маъҷуни Ҳурмус[251] бо оби гулангубин; доруи куркум; доруи қуст; филуниё; калкалонаҷ; хокаи тези ваҷ; қурсҳо; ҳабби алафи гулӯдард; тиёдаритус; намак; ва сиркои унсул.

**Заъфи ҷигар ва он чи, ки ӯро қавӣ созад:** доруи лок; ҳабби устумахиқуни Ал-Киндӣ; марҳами дилаи ҳанзал; намак; доруи ломазун; доруи куркум; доруе, ки Ал-Киндӣ ва дигарон ба Ҷолинус нисбат додаанд; [гувориши] Хузистонӣ; маъҷуни рими оҳан; гувориши Ҷолинус; гувориши дорчинӣ; ва хокаи Убода.

**Аз барои лоғарии ҷигар:** нӯшдору, ки бисёр қависозанда аст; тарёки мо; маъҷуни Ал-Киндӣ; маъҷуни мушк; саҷазаниё; анақардиё; ва ҳамаи он чи, ки аз дарди [ҷигар] суд дорад.

**Омоси ҷигар:** доруи Қиюмои пизишк; қурсҳои зиришк; қурсҳои ровинд; ва қурсҳои рузинун.

**Сахтии ҷигар:** қурсҳои ровинд; ва гувориши ангудон.

**Сахтии ҷигар ва испурч:** тарёк; масрудитус; тарёки Азра; доруи куркум; ва доруи лок.

**Истисқо ва марҳалаи оғози он:** тарёк; масрудитус; маъҷуни Ҳурмус; доруи Қиюмо; ва ёраи Аркогонис.

**Бадмизоҷӣ:** равғани уфурбиюн; ҳабб; хока; калкалонаҷи Бухтйишӯъ; ва доруи гӯгирд.

**(410) Оғози бадмизоҷӣ:** амрусиё; доруи куркум; доруи лок; қурсҳои зиришк; доруи Қиюмо; оби беҳҳо; ҳабби калкалонаҷ; аз

барои [бадмизоҷии] қавӣ низ гувориши Хузистонӣ; шаҳриёрон; панҷнӯш ва он хунро ба ислоҳ оварад; ва як гувориши дигар.

**Нотавонии меъда:** доруи Қиюмо; марҳаме, ки аз барои нотавонии ҷигар ва меъда аст; гувориши уд, ки ба иътидол гармӣ оварад; намак; хока; ва «доди Худой».

**Нотавонӣ ва табоҳии меъда:** гувориши Хузистонӣ; доруи кафакие, ки аз барои табоҳии он созгор бувад.

**Табоҳӣ ва истирхои [меъда]:** равғани Абӯ Симод[252]; маъҷуни Ҳурмус; доруи куркум; як равгани дигар; оби беҳҳо; тарёк; масрудитус; [гувориши] Хузистонӣ; тарёки мо; гувориши анбар; қурсҳои «ситора», ки фазлаҳои [меъдаро] биронад; ҳабби калкалонаҷ; ёраи фиқро; [гувориши] зирагӣ; маъҷуни Ал-Киндӣ; таркардаи ёра, ки [меъдаро] покиза кунад; хокаи Бармакӣ; сиркои унсул ва сикангубини он; майбиҳӣ; шароби гармизоҷи себ; инчунин шароби амруд; турунҷи парварда; ва биҳии парварда.

**Он чи ки [меъдаро] суд бахшад:** гувориши Ҷолинус;ҳама гуна ҳабби устумахиқун; итрифали рими оҳан; ва ғайра.

**Истирхои [меъда]:** итрифали бузург; итрифали рими оҳан; хокаи Убода; ва равғани морҳо.

**Гармии меъда:** шароби ғӯраи ангур, ки аз барои ин суд дорад.

**Сардии меъда:** гувориши уд, ки мӯътадил аст; равгани домомун; равғани қуст; равғани лола; ҳабб; гувориши ангудон; гувориши панҷнӯш; фандодиқун; [гувориши] Хузистонӣ; шаҳриёрон; итрифали рими оҳан; ва гувориши толисфар, [ки суди намоён дорад][253].

**Тарии меъда:** ёраи фиқро; ҳабби ҳиндӣ; ёраи Ҳиюфуқротис (Гиппократ); итрифал; ва хокаи Убода.

**Дарди меъда:** маъҷуни тухмиҳо; [маъҷуни] хурмоӣ; доруи ҷентиёно; оби беҳҳо; ёраи Андрумохус; гувориши мурчӣ; шаҳриёрон; марҳами қардамоно; ҳабби ҳиндӣ; равгани гул; доруи қуст; гувориши Ҷолинус; маъҷуни Ҳурмус; ҳаббе, ки аз барои дарди шикам хуб аст; зимоди Филағриюс; маъҷуни Аристун; доруи куркум; филуниё; ва маъҷуни пудина.

**Бодҳои меъда:** сутиро; бузургдору; [гувориши] Хузистонӣ; итрифали бузург; ва равғани нордин.

**Омоси меъда:** қурсҳои зиришкӣ; қурсҳои алафи гулӯдард; ва равғани мастако.

**Сахтии меъда:** равғани мастако.

**Иштиҳо:** гуворишҳо ва калкалонаҷ, ки иштиҳоро қавӣ гардонад.

**Иштиҳои сагӣ:** яке аз доруҳои он [гувориши] зирагист.

**Гувориш[254]:** тарёк; масрудитус; маъҷуни файласуфон; маъҷуни Қайсар; [гувориши] Хузистонӣ; [гувориши] биҳигии хусусан исҳолбоздоранда; итрифали [44] бузург; маъҷуни мушк; саҷазаниё; [гувориши] зирагӣ; гувориши анбар; хокаи Аристотолис; як гувориши [дигар]; хокаи [дигар]; гувориши сақиздона; маъҷуни ёқут, ки аз мост; гувориши дигар; турунҷи парварда; як гувориш; ва як гувориши [дигар].

**Ҳукак:** маъҷуни Қайсар, ки аз барои он бисёр хуб аст; майбиҳӣ; шароби наъно; ва қурсҳои мозариюн.

**(411) Қай ва маниши гаштан:** қурсҳои Аристумохус; маъҷуни намаки ҳиндӣ хусусан аз барои [қаи] балғамӣ ва савдовӣ; шароби меваҳо хусусан аз барои [қаи] сафровӣ; қурсҳои майбиҳӣ[255]; шароби наъно; шароби себ; ва шароби олу.

**Аз барои маниши гаштан ва ташнагӣ:** шароби ғӯраи ангур, қурсҳои кофур ва агар ҳалшавии табиат низ ҷой дошта бошад, қурсҳои табошир суд бахшанд.

**Оруғи туруш:** [гувориши] зирагӣ; қурсҳои «ситора»; ва [гувориши] мурчӣ.

**Бемории испурч:** сутиро; амрусиё; калкалонаҷ; маъҷуни тухмиҳо; анақардиё; [гувориши] Хузистонӣ; ва даҳмарсо.

**Он чи ки суддаҳои [испурч] бикушояд:** бодмӯхраҷ; доруи куркум; доруи гӯгирд; равгани Абӯ Симод; маъҷуни ёқут, ки аз мост; тиёдаритус; ёраи мо; намак; марҳами қардамоно; хока; ва қурсҳои даҳдору.

**Сардии рӯдагон:** ҳабб; он чи ки рӯдагонро пок созад; ҳабби устумахиқун, ки аз Ал-Киндист; ва ҳабби Бармакӣ.

**Қулинҷ ва хушкии табиат:** аристун; калкалонаҷ; равғани таратезаки шоҳӣ; равғани беданчир; фирӯзнӯш; шаҳриёрон; ва [гуво-риши] хурмоӣ.

**Аз барои дарди [қулинҷ]:** филуниё; [гувориши] усқуфӣ; [гувориши] биҳигии исҳоловар; гувориши ҳиндӣ; ва гувориши Қайсар.

**Он чи ки табиат нарм кунад:** ёраи фиқро; маъҷуни ҳиндӣ; шароби олу; андаке

масалан аз ҳабби шитараҷ; қурсҳо; ва маъҷуни сир.

**Баисҳоловарандагони [хилтхои] ситабр:** ҳабби устумахиқун, ки аз Ал-Киндист; як ҳабби дигар аз барои савдо; ҳабби шитараҷ; ёраи Ҷолинус; ҳабби уфурбиюн, ки аз ҷойҳои дури [тан] ва аз асабҳо [хилтро] бикашад; ёраи Филағриюс; гувориши Қайсар; шахриёрон; ва ҳабби Ибни Ал-Ҳорис.

**Бастани исҳол:** тарёк; масрудитус; [гувориши] биҳигии исҳолбоздоранда; марҳами Ал-Киндӣ; шароби ғӯраи ангур аз барои касони сафровимизоҷ; хока; як хокаи [дигар]; [боз] як хока; намак аз барои касони сафровимизоҷ; доруи кафакӣ; яке аз нусхаҳои панҷнӯш; хокаи Аристотолис; майбиҳӣ; шароби себ; шароби наъно; шароби амруд; биҳии парварда; қурсҳои ғулнор; қурсҳои табошир; қурсҳои тухмиҳо; ва қурсҳои даҳдоруи[256] Диёсқромотун.

**Исҳоли хуну рим:** қурси Диёсқромотун; ва қурсҳои ғулнор.

**Решҳои рӯдагон ва саҳҷ:** тарёк; масрудитус; тарёки Азра; маъҷуни Ҳермес; қурсҳои мо; қурсҳои дигар; асоносиё; доруи Кайқубод; қурсҳои ғулнор; қурсҳои Диёсқромотун; ва қурсҳои тухмиҳо.

**Печиши ноф:** қурсҳои тухмиҳо аз барои печиши сахт; мақлиёсо; фирӯзнӯш; равғани нордин; ва хока.

**Заҳир:** мақлиёсо; маъҷуни Ҳурмус[257]; қурсҳои тухмиҳо[258]; қурсҳои гулнор; хока.

**Ҳайза:** тарёк; гувориши Абӯ Салама; ва гувориши сақиздона.

**Дарди мақъад:** равғани калкалонаҷ.

**Бавосир:** гувориши мушк; маъҷуни ҳиндӣ; ҳабб; ҳабби Ибни Ҳубайра; «доди Худой»; як хока; мақлиёсо; ва равғани синдӣ.

**Дардҳои гурда ва обгаҳ:** тарёк; масрудитус; тарёки Азра; тарёки мо; ёраи мо; маъҷуни (412) кокана; ва гувориши ангудон аз барои сардии ҳар дуи ин [андомҳо].

**Он чи ки гурда ва обгаҳро суд дорад:** ҳамаи он доруҳое, ки [гурда ва обғаҳро] қавӣ созанд; қурсҳои кокана; равғани беданҷир; як ҳабб аз барои сардии гурдаҳо; қурсҳои амирӣ; ва гувориш.

**Аз барои дарди [гурда ва обгаҳ]:** маъҷуни Ҳурмус[259]; доруи куркум; маъҷуни кокана; гавзи парварда; ва равғани майъа, ки ин ду [андомро] гарм кунад.

**Он чи ки гурда ва обгаҳро пок созад:** тиёдаритус; масрудитус; анақардиё; ёраи мо; гувориши анбар, [ки суди намоён бахшад][260]; ва аз сардии ин ду қурсҳои кокана судманданд.

**Истирхои обгаҳ:** ёраи Ҷолинус; итрифали рими [оҳан]; ва дигар итрифалҳо.

**Дарди обгаҳ:** як ҳабб.

**Хун ва рим пешоб кардан:** маъҷуни кокана; ва қурсҳои кокана.

**Чакмезак ва қатра-қатра омадани пешоб:** маъҷуни файласуфон; чунон ки гуфтаанд, шалисо; ва ёраи Ҷолинус.

**Санг:** тарёк; масрудитус; тарёки Азра; амрусиё; доруи лок; доруи гӯгирд; ҳабби андар «Маёмир» [ёд шуда], ки сангрезаро аз тариқи пешоб берун орад; ва қурсҳои Аристумохус.

**Сардии захдон:** равғани майъа; равғани борикар[261]; равғани нордин; равғани калкалонаҷ; ва даҳмарсо.

**Бодҳои захдон:** коскабинаҷ.

**Дардҳои заҳдон:** чунон ки ғуфтаанд, шалисо; анақардиё; даҳмарсо; бодмӯҳраҷ; филуниё хусусан аз барои занони обистан; фирӯзнӯш; ёраи Аркогонис; ҳабб; зимоди Филағриюс; доруи куркум; ва фарзаҷа.

**Ихтиноқи захдон:** калкалонаҷ; сиркои унсул; ва сикангубини он.

**Сахтии захдон:** ҳабб; [доруи Бармакӣ][262]; доруи куркум; ва равғани заъфарон.

**Табоҳии ҳайз:** инро тиёдаритус, калкалонаҷ, қурсҳои тухмиҳо ва маъҷуни рими [оҳан] созгоранд.

**Занони обистан ва нигоҳ доштани ҷанин:** хока; тарёк аз барои нигоҳ доштани ҷанин; масрудитус; чунон ки ёд кардаанд, шалисо; кафторғон; фирӯзнӯш; ва қурсҳо.

**Дардҳои пайвандгоҳҳо, никрис ва қавин:** сутиро; чунон ки гуфтаанд, шалисо; маъҷуни файласуфон; маъҷуни Ҳермес; анақардиё; маъҷуни тухмиҳо; ёраи Аркоғонис; тиёдаритус; гувориши маҳмуда; зимод; гувориши ҳиндӣ; гувориши Қайсар хусусан аз барои никрис; равғани майъа, ки пайвандгоҳҳоро гарм карда, фазлаҳоро аз онҳо берун биронад; ва ҳуқна.

**Аз барои қавин:** гувориш аз барои иллатҳои балғамӣ; доруи Кайқубод; ёраи фикро; равғани ромшод; равғани финфилод[263]; равғани калкалонаҷ хусусан барои қавин; [маъҷуни] калкалонаҷ хусусан барои бодҳои пайвандгоҳҳо; ёраи Тагмуво

хусусан аз барои ларзидани [пайвандгоҳҳо]; ҳабби шитараҷ; ва намак.

**Дарди пушт:** ёраи Аркоғонис; ҳабби фирӯзибахш; ҳабби данд; равғани ромшод; равғани калкалонаҷ; равғани уфурбиюн; ҳабби шитараҷ; як ҳабби дигар; калкалонаҷ; ғувориши ҳиндӣ; маъҷуни рими [оҳан]; ва ғавзи парварда.

**Дарди сутунмӯҳра:** ҳуқна.

**Дарди ҳар ду тиҳигоҳ:** ҳабби шитараҷ аз рӯи нусхаи мо; равғани уфурбиюн; ва маъҷуни Ҳурмус.

(413) ҶУМЛАИ ДУВВУМ

# АНДАР БАЁНИ ДОРУҲОИ МУРАККАБИ САНҶИДАШУДАИ ҲАР ЯК БЕМОРӢ

Мо андар ин Ҷумла баъд аз ёдоварӣ кардани он чи ки андар Ҷумлаи нахустин гуфта омад, он доруҳои мураккаберо биоварем, ки хосси бемориҳои ҷудогонаанд, то ҳар кӣ ин китобро бихонад, ҳамаи намудҳои муолаҷа ва ё бештари онҳоро фаро гирифтан битавонад. Барои мисол агар ӯ илоҷҳои гарро пурра дарёфтан бихоҳад, ба Китоби дуввум, яъне Китоби доруҳои сода мурочаат карда, андар як соат ҳамаи доруҳои гарирo аз ҷадвалҳо дониста бигирад ва сипас ба бобҳои Китоби севвум ва чаҳорум рӯ ниҳода, боби гарро ёбад ва намудҳои муолаҷаи андар он ҷой ёдшударо фаро бигирад ва баъд аз он ба Қарободин мурочаат намуда, боқимондаи илоҷҳои мураккабро аз ин ҷой пайдо кунад. Ҳамин тариқ ӯ ба пурра ва ё аксаран фаро гирифтани воситаҳои муолаҷаи гар роҳ хоҳад ёфт. Мо ин Ҷумларо [бар ҳашт] мақола бахш кардаем.

# МАҚОЛАИ НАХУСТИН

## АНДАР БАЁНИ ҲОЛАТҲОИ САР ВА ОН ЧИ КИ АНДАР ВАЙ АСТ

### Сардард

**Як доруи карахткунанда**

Ин аз барои сардард буда, аз Антунис[264] аст.

**Таркиби он**: аз шири қофодонун[265] (хурфаи даштӣ) шонздаҳ мисқол, аз шири хашхош, яъне афюн чаҳор мисқол, аз заъфарон чаҳор мисқол, аз анисун чаҳор мисқол, аз тухми банг чаҳор мисқол, аз мурр чаҳор мисқол ва аз маҳмуда чаҳор мисқол [гирифта], ҳамаро бо сирко маъҷун созанд ва сипас қурсҳо сохта, андар соя хушк кунанд. Ҳар гоҳ бад-он эҳтиёҷ биафтад, андар сирко гудохта, бар пешонӣ аз як гижгоҳӣ то гижгоҳии дигар тило кунанд. [45] Агар беморро таб бошад, онро андар об ҳал карда, тило кун.

**Як курс**

Инро Антунус[266] ба кор мебурдааст.

**[Таркиби он]:** аз донаи даҳмаст чаҳор мисқол, аз маҳмуда, афюн, мурр ва афшураи ғӯраи ангур чаҳор мисқолӣ ва аз тухми карафс, заъфарон ва наммом ҳашт мисқолӣ [бигиранд], инҳоро бо як миқдори кофӣ аз сирко сиришта, қурсҳо созанд ва ҳамчун тило ба кор баранд.

**Як доруи андар бинӣ афкандани**

Ин сарро пок кунад ва аз барои каси ба омоси дарозмуддати чашм гирифтор, аз барои каси гирифтори саръ ва аз барои касе, ки аз сараш рутубатҳои бисёр битаровад, судманд аст.

**Таркиби он:** аз сиёҳдона ду мисқол, аз навшодир як мисқол ва аз афшураи хиёри даштӣ як мисқол [гирифта], нарм бисованд, бо равғани зайтуне, ки онро «суқровинун»[267] хонанд, ё бо равғани савсан ва ё бо равғани ҳино ба андозае бисириштанд, ки андар ситабрӣ мисли муми андар равған гудохта бигардад ва сипас андар ҷогаҳе бардоранд. Онро бад-ин гуна ба кор баранд: аз он андар сӯрохҳои бинӣ тило кунанд ва беморро бифармоянд, ки ҳаворо бикашад.

**Як доруи андар бинӣ афкандании дигар**

Ин бидуни ранҷе [сарро] пок кунад ва нороҳатию сардардро худи ҳамон замон таскин бидиҳад.

**Таркиби он:** аз бахури Марям ҳашт мисқол, аз бехи савсан ду мисқол ва аз ӯраи сурх як мисқол [гирифта], биомезанд ва ба кор баранд.

### Як хабби [дигар]

Ин аз барои сардарде судманд аст, ки аз савдо бархоста бошад.

**Таркиби он:** аз афитимун ва ғорикун чаҳор дирамӣ, аз баспоя се дирам, аз ёра ҳафт дирам, аз намак ду ним дирам, аз ҳалилаи сиёҳ панҷ дирам ва аз санги лоҷувард ду дирам [бигиранд]. Як ошомиданӣ аз ин дуним дирам бувад.

### Ҳабби [дигар]

Ин аз сардарде судманд аст, ки аз балғам ва савдо падид ояд.

**Таркиби он:** аз ҳалилаи кобулӣ, балила ва омула се дирамӣ, аз намак чаҳор дирам, аз устухудус ду дирам, аз ёраи фикро ҳашт дирам, аз дилаи ҳанзал чаҳор дирам, аз афсинтин ду дирам, аз горикун ҳашт дирам, аз турбид ва афитимун понздаҳ дирамӣ ва аз харбақи сиёҳ панҷ дирам [бигиранд]. Як ошомиданӣ аз он (415) дуним дирам аст.

### Ҷӯшонидаи оби беҳҳо

Инро бо равғани беданҷир аз барои сардарде, ки аз балғам хезад ва аз барои гижа ва саръ биошомонанд.

**Таркиби он:** аз пӯстҳои беҳи карафс ва пӯстҳои беҳи розиёна даҳ дирамӣ, аз беҳи гӯргиё, пудинаи кӯҳӣ, сунбули хушбӯй ва зарованди гирд ҳашт дирамӣ, аз шоҳтара ҳафт дирам, аз ҳалилаи зард ҳашт дирам, аз афитимун чаҳор дирам, аз мастако севу ним дирам ва аз гесугуна чаҳор дирам гирифта, бо чаҳор ратл об то як ратл мондан, биҷӯшонанд ва сипас андар он чаҳор дирам ёраи фикро тар кунанд. Ҳар рӯз се уқия аз онро бо як дирам равғани беданҷир ба кор баранд.

### Як ҷӯшонидаи [дигар]

Ин серманфаат буда, хилтҳоро ба исҳол оварад.

**Таркиби он:** аз ҳалилаи сиёҳ, ҳалилаи зард ва ҳалилаи кобулӣ даҳ дирамӣ, аз олу сиҳ дона, аз хурмои ҳиндӣ понздаҳ дирам, аз шоҳтара ҳафт дирам ва аз афсинтин се дирам гирифта, бо се ратл об то яку ним ратл боқӣ мондан, биҷӯшонанд. Аз ин ду сеяки як ратл гирифта, андар он аз турбид як дирам, аз сабр чаҳор донг ва аз ғорикун ду донг гудохта, биошоманд. Агар бихоҳанд, ки камқувват бошад, ин пошиданиҳоро андар вай наафкананд, балки андар он даҳ дирам хиёршанбари аз дона поккарда омехта, биошоманд.

### Як қурс аз барои дарди нимсара

Инро агар ду-се бор аз як гижгоҳӣ то гижгоҳии дигар тило кунанд, аз ин [беморӣ] суд бахшида, таъсирнок бувад.

**Таркиби он:** аз заъфарон понздаҳ дирам, аз қалқанд даҳ мисқол, аз мурр, замҷ[271], афюн, афшураи хушконидаи ғӯраи ангур ва қалқатор се мисқолӣ ва аз самғ понздаҳ мисқол гирифта, онҳоро бисованд, бар он миқдори кофие аз шароби қабзкунанда рехта, мисли совидани шиёф онро бисованд ва аз он қурсҳо созанд. Ҳар гоҳ туро бад-он эҳтиёҷ биафтад, бо сиркои омехта [бо об] ҳал карда, ба кор бибар.

### [Як дору] аз барои дарди нимсараи [46] кӯҳан

**[Таркиби он]:** аз мурчи сафед ду мисқол, аз омехтаи заъфарон ду мисқол, аз уфурбиюн ним мисқол, аз саргини кабӯтар ним мисқол ва аз сиёҳии варрокон ним мисқол [гирифта], ин доруҳоро ба ҳам биомезанд, бо сирко маъҷун созанд ва бо он мушакҳои гижгоҳӣ ва он нимае аз пешониро, ки аз бари [дардманд] аст, тило кунанд.

# МАҚОЛАИ ДУВВУМ

## АНДАР БАЁНИ ЧАШМ

### Омоси чашм ва таровидани моддаҳо ба сӯи он

Инро шиёфе суд бахшад, ки як пизишки чашм аз мардумони Софлус[272] тартиб дода аст.

**Нусхаи он:** аз шиёфи момисо чиҳилу ҳашт мисқол, аз анзарут бисту чаҳор мисқол, аз шодана[273] дувоздаҳ мисқол, [аз афюн дувоздаҳ мисқол][274], аз афшураи ябруҷ ҳашт мисқол, аз самғ шонздаҳ[275] мисқол ва аз касиро дувоздаҳ мисқол [гирифта], бо об маъҷун созанд ва ба кор баранд.

### Як шиёфе, ки «хобоваранда» ном дорад

Ин аз дарди сахт, аз ҳар гуна омос ва аз ҷамъ шудани моддаҳои сахт тарованда судманд аст.

**Нусхаи он:** аз момисо бисту чаҳор мисқол, аз анзарут ҳашт мисқол, аз заъфарон, мурр, афюн ва зоги сӯхта ҳашт мисқолӣ ва аз самг дувоздаҳ мисқол гирифта, бо оби борон маъҷун созанд ва бо сафедии хояи мург ба кор баранд.

### Сифати доруи Ирасистаротус[276]

Ин аз гар ва омоси кӯҳани чашм суд дорад ва гӯше, ки аз он рим ояд, решҳои ба душворӣ фароҳамоянда ва хӯраи андар даҳон воқеъшавандаро низ судбахш бувад.

**Таркиби он:** аз миси сӯхта ду мисқол, аз мурр як мисқол, аз зоги сӯхта як мисқол, аз мурч сеяки як мисқол, аз заъфарон ним мисқол, (416) аз шароб нӯҳ укия ва аз оби бастаи ангур (майпухта) чаҳору ним укия гирифта, доруҳои хушкро бисованд ва ҳангоми совидан бар онҳо шаробро бипошанд. Ҳар гоҳ бихушканд, бар онҳо оби бастаи ангурро афканда, бисованд, андар ҷогаҳе гирифта, бар оташи нарм биҷӯшонанд ва сипас андар ҷогаҳи мисин бардошта, нигоҳ доранд.

### Як андудание, ки онро Филуксонис[277] тартиб додааст

Ин аз барои бисёрии модда ва дарди сахт суд дорад.

**Таркиби он:** аз гули тоза ду мисқол, аз тухми банг ҳашт мисқол, аз кундур шаш мисқол, аз мурр чаҳор мисқол, аз писти ҷав ҳаждаҳ мисқол, зардии як хояи бирёни мурғ, аз афшураи ябруҷ чаҳор мисқол, аз заъфарон ду мисқол ва аз афюн чаҳор мисқол [гирифта], бо миқдори кофие аз шароби қабзкунанда маъҷун кунанд, аз онҳо қурсҳо созанд ва сипас ба кор баранд.

### [Як доруи] дигаре, ки онро «ал-лаҳабӣ»[278] номанд

**[Таркиби он]:** аз миси сӯхтаи шуста дувоздаҳ мисқол, аз заъфарон шаш мисқол, аз мурчи сафед чаҳор мисқол, аз мурр ва афюн чаҳор мисқолӣ ва аз самғ дувоздаҳ мисқол [гирифта], бо шароб маъҷун созанд ва ба кор баранд.

### Як шиёфи дигар, ки пеш аз гармоба кардан ба кор баранд

Ин аз барои таровидани моддаҳои бисёр ва хусусан ҳангоме судманд аст, ки агар чашм ба душворӣ рутубатгиранда бошад ва ранги варамидагии он ба сафедӣ моил буда, аз омоси сахте гувоҳӣ диҳад, ки ба ҳангоми он сафедии чашм болои сиёҳии онро бигирад. Инро ба ҳоле бояд ба кор бурд, ки баъди он беморро ба гармоба даромадан фармоянд.

**Таркиби он:** аз санге, ки онро «сиҷис-тус»[279] номанд, ҳашт мисқол, аз кундур ҳафт мисқол, аз миси сӯхтаи шуста, афюн ва самғ ҳашт мисқолӣ ва аз мурр чаҳор мисқол гирифта, бо миқдори кофӣ аз шароб маъҷун созанд ва бо сафедии хояи мурғ ба кор бурда, онро ба шакли тунук бисёр маротиба андар чашм бичаконанд.

### [Доруи] дигаре, ки пеш аз гармоба ба кор баранд

Инро Армиёси пизишки чашм тартиб дода аст ва он аз дардҳои сахт суд дошта, худи ҳамон рӯз онҳоро ба таври хеле зиёд таскин бидиҳад ва аз омоси кӯҳани чашм низ судманд бувад.

**Таркиби он:** аз сабр ҳашт мисқол, аз миси сӯхтаи шуста, афюн ва самғ шонздаҳ мисқолӣ, аз мурр дувоздаҳ мисқол, аз заъфарон ҳашт мисқол, аз иқлимиё чаҳор мисқол ва аз кундур се мисқол гирифта, бо шаробе маъҷун созанд, ки «қандисун»[280] хонанд ва бо сафедии хояи мург ба шакли тунук ба кор бибаранд. Бояд онро канда-канда ҳар се-чаҳор соат як бор ба чашм бикашанд, сипас чашмро ба ҳоли хеш бигузоранд, то роҳат кунад ва баъди он ба бемор гармоба даромадан бифармоянд.

### Шиёфи фирӯзманд

Ин худи ҳамон рӯз дарди чашмро таскин бидиҳад ва онро «сагча»[281] номанд. Низ андар як замон омосро ҳал карда, пароканда созад.

**Таркиби он:** аз санги сурма ва ақоқиё чиҳил мисқолӣ, аз иқлимиё шаш мисқол, аз миси сӯхтаи шуста чаҳордаҳ мисқол, аз сафедаи арзизӣ ҳашт мисқол, аз сунбул ва ҳузаз чаҳор мисқолӣ, аз гунди бедастар, сабр, афюн ва қалқатори сӯхта ду мисқолӣ ва аз самғ чиҳил мисқол гирифта, бо обе, ки андар он гул ҷӯшонида бошанд, маъҷун созанд ва бо сафедии хояи мурғ як миқдор гудохтагардонда, ба кор баранд.

### Шиёфе, ки Ҷолинус тартиб додааст

Ин бо номи «мураккаби сода» маъруф буда, аз дардҳои сахт ва аз иллатҳо ҳангоми андар марҳалаи пастравии онҳо судманд аст.

**Таркиби он:** аз иқлимиёи шуста шонздаҳ мисқол, аз ақоқиё чиҳил мисқол, аз миси сӯхтаи шуста чаҳордаҳ мисқол, аз афюн, ҳузаз, сода, сунбули хушбӯй, заъфарон, сабр ва гунди бедастар ду мисқолӣ, аз мурр чаҳор мисқол, аз сафедаи арзизӣ ва санги сурмаи шуста (417) ҳашт мисқолӣ ва аз самғи арабӣ чиҳил мисқол гирифта, бо об маъҷун созанд ва бо сафедии хояи мурғ ба кор баранд. Инро андар марҳалаи оғози беморӣ низ ба кор баранд.

### Шиёфе, ки онро «ақнус»[282] хонанд

Инро як шоҳбону тартиб дода аст ва аз дардҳои сахт [суд дорад].

**Таркиби он:** аз иқлимиё шонздаҳ мисқол, аз сафедаи шуста чиҳил мисқол, аз нашоста, каспро, ақоқиё ва афюн ду мисқолӣ ва аз самғ дувоздаҳ мисқол [гирифта], бо оби

борон маъчун созанд. Ҳар гоҳ вақти аз он ҳамчун шиёф ба кор бурдан фаро бирасад, бар вай сафедии чаҳор хояи тозаи мурғро биафзой.

### Шиёфе, ки онро «тобистонӣ» лақаб ниҳодаанд

**[Таркиби он]:** аз иқлимиёи сӯхтаи шуста, гили шомус ва сафедаи арзизӣ бист мисқолӣ, аз пӯстҳои шустаи мис, ақоқиё ва пӯсти кундур ду мисқолӣ, аз касиро панҷ мисқол ва аз самғ понздаҳ мисқол гирифта, бо об маъҷун созанд ва бо сафедии хояи мурғ ба кор баранд.

### Шиёфе, ки онро «ситораи мағлубнашаванда» хонанд

Ин аз дардҳои сахт, табишҳо, мӯрсарак, решҳои чиркнок, решҳои хӯранда ва иллатҳои кӯҳан суд дорад ва осори [обиларо] зудуда бибарад.

**Таркиби он:** аз иқлимиёи сӯхтаи шуста ва сафедаи арзизии шуста шонздаҳ мисқолӣ, аз сурма ва нашоста дувоздаҳ мисқолӣ, аз хокистари қолибҳои мисрезӣ, сурби сӯхтаи шуста ва гили шомус ҳашт мисқолӣ, аз мурр ду мисқол, аз афюн ду мисқол ва аз касиро ҳашт мисқол гирифта, бо оби борон маъҷун созанд.

### Шиёфи Бовкротус[283]

Ин шиёф шиёфи фирӯзманд аст.

**[Таркиби он]:** аз иқлимиё ва заъфарон дувоздаҳ мисқолӣ, аз афюн ва пӯстҳои мис шаш мисқолӣ, аз пӯстҳои шопургони поккарда ва сурби сӯхтаи шуста панҷ мисқолӣ, аз мурр се мисқол, аз сунбули хушбӯй ду мисқол, аз ақоқиё ду мисқол ва аз афшураи гул ва самғ дувоздаҳ мисқолӣ гирифта, бо оби борон маъҷун созанд.

### Шиёфе, ки онро «гулӣ» лақаб ниҳодаанд ва Нилус[284] онро тартиб додааст

Ин аз дарди сахт, аз ҷамъ шудани моддаҳои тунуки зиёд, аз табишҳо ва мӯрсарак суд дорад.

**Таркиби он:** аз гули тозаи кулоҳаккҳо барканда чаҳор мисқол, аз заъфарон чаҳор мисқол, аз афюн шашяк мисқол, аз сунбули хушбӯй шашяк мисқол ва аз самғи арабӣ се мисқол [гирифта], бо оби борон маъҷун созанд ва бо сафедии хояи мурғ ба кор баранд.

### Шиёфи дигари гулӣ, ки «зебоғӣ» лақаб дорад

Ин низ аз барои иллатҳои ёдшуда судманд аст.

**Таркиби он:** аз гули тари поккарда бисту чаҳор мисқол, аз заъфарон дувоздаҳ мисқол, аз нашоста шаш мисқол, аз гулнор чаҳор мисқол, аз афюн чаҳор мисқол ва аз касиро ҳашт мисқол гирифта, [47] бо афшураи барги сарв маъҷун созанд.

### Шиёфи гулие, ки Торонтинус[285] тартиб додааст

**[Таркиби он]:** аз гули тар дувоздаҳ мисқол ва аз хокистари қолибҳои мисрезӣ, сунбул, заъфарон, афюн ва самғ чаҳор мисқолӣ гирифта, бо оби борон маъҷун созанд.

### Шиёфи дигари гулӣ, ки онро Диёгурос тартиб додааст

Инро «шиёфи бузург» номанд ва аз дарди сахт, пайҳои табишҳо, решҳои сахт фурӯрафтаи чиркнок ва андар табақаи шохгун падид омада, мӯрсарак, аз моддае, ки ба муддати мадид ҷамъ шуда бошад ва аз омоси кӯҳани ба душворӣ беҳшаванда суд дорад.

**Таркиби он:** аз гули тари (418) кулоҳаккҳо барчида ҳафтоду ду мисқол, аз иқлимиёи сӯхтаи шуста бисту чаҳор мисқол, аз заъфарон шаш мисқол, аз афюн се мисқол, аз санги сурма се мисқол (вале бархеҳо аз он шаш мисқол биафкананд), аз пӯстҳои мис

ду мисқол, аз сунбули хушбӯй ду мисқол, аз мурр чаҳор мисқол (вале бархеҳо аз он шаш мисқол биафкананд), аз зангор ду мисқол (вале бархеҳо се мисқол бигиранд) ва аз самғ бисту чаҳор мисқол гирифта, бо оби борон маъҷун созанд ва бо шир ба кор баранд.

### Шиёфи фирӯзманде, ки аз ёсамин созанд

Ин аз ҷамъ шудани моддаҳо [андар чашм] суд дорад.

**Таркиби он:** аз ақоқиё ва афшураи ёсамин чиҳилу ҳашт мисқолӣ, аз хокистари қолибҳои мисрезӣ ва заъфарон бисту чаҳор мисқолӣ, аз афюн чаҳор мисқол (ба ҳасби як нусхаи дигар шаш мисқол), аз мурр чаҳор мисқол, аз афшураи банг чаҳор мисқол, аз миси сӯхтаи шуста чаҳор мисқол ва аз самғ чиҳил мисқол гирифта, бо шароб маъҷун созанд.

### Шиёфе, ки онро «себӣ»[286] гӯянд

Ин аз барои касе созгор аст, ки чашмаш таҳаммули расондани доруро надорад ва аз табишҳо, решҳои сахт нишастаи чиркноки андар табақаи шохгун падидомада, аз мӯрсарак, аз барои моддаҳои бисёр ва аз иллатҳои ба наздикӣ ба амал омада судманд аст.

**Таркиби он:** аз иқлимиёи сӯхтаи андар шир хомӯш карда шаш мисқол, аз сафедаи арзизи шуста ҳашт мисқол, аз заъфарон чаҳор мисқол ва аз касиро ду мисқол гирифта, бо оби борон маъҷун созанд ва бо сафедии хояи мурғ ба кор баранд.

### Як шиёфе, ки ба номи каси тартибдиҳандаи он, яъие Суриёс, лақаб ниҳода шуда аст

Ин шиёф фирӯзманд буда, аз дардҳои кӯҳан, аз нест шудани гӯшти гӯшаи бузурги чашм, яъне иллате, ки онро «ашкрезӣ» номанд, аз хуроҷе, ки андар ин гӯша падидояд, яъне носур, суд дорад.

**Таркиби он:** аз иқлимиёи шуста ва шоданаи сӯхтаи шуста бисту ҳашт мисқолӣ, аз хокистари қолибҳои мисрезӣ бисту чаҳор мисқол, аз мурр чиҳилу ҳашт мисқол, аз заъфарон чаҳор мисқол, аз афюн ҳамин мисқол, аз мурчи сафед сиҳ дона ва аз самғ шаш мисқол [гирифта], бо шароб маъҷун созанд ва бо сафедии хояи мурғ аз барои маҳаллҳои [бемории] ба наздикӣ ба амал омада ба кор баранд. Бояд он тунук бошад. Бархе аз мардумон андар он дувоздаҳ мисқол заъфарон афзоянд.

### Шиёфи ҳавоӣ, ки лақаби «ҳиндӣ» дорад

Аз хусусияти он ин аст, ки ҳар гуна омоси чашмро ба амал омадан нагузорад. Вай аз фасод, хориш ва хӯраи гӯшаи дарунии чашм суд дорад, осори [решҳо] бибарад ва чашми аз он молидаро ба тавре муҳофазат кунад, ки на ба ҳангоми молидан ва на баъди он тира нагардад.

**Таркиби он:** аз сафедаи арзиз чиҳилу ҳашт мисқол, аз иқлимиёи қубрусӣ бисту чаҳор мисқол, аз мидоди ҳиндӣ панҷ мисқол, аз армониюн, аз омехтае, ки онро «фасуриқун» номанд ва маънояш [доруи] «гарӣ» бошад, аз афшураи хушки ғӯраи ангур ва аз афюн панҷ мисқолӣ, аз мурчи сафед шаш мисқол, аз равгани баласон ҳашт мисқол (вале аз рӯи нусхаи дигар аз ин шаш мисқол бигиранд), аз самғ шонздаҳ мисқол ва аз дорчинӣ ду мисқол гирифта, бикӯбанд ва бо оби борон сиришта, ба кор баранд.

### Як дору

Ин аз омоси шадид ва аз он омоси чашм, ки аз сабаби ғалабаи гармӣ бархезад, суд дорад.

**Таркиби он:** аз афюн, касиро, филзахра ва сафеда шаш дирамӣ ва аз самғи арабӣ дувоздаҳ дирам [гирифта], ҳамаро бикӯб ва бисов. Сипас шоҳисфарами тозаро гирифта, бо ду ратл оби борон ба ҳадде биҷӯшон, ки ба (419) сеяк бирасад. Баъд он обро бипол, бо вай доруҳоро сиришта, ба қадри нахӯд шиёфҳо бисоз ва андар соя бихушкон. Ҳар гоҳ агар онро ба чашм кашидан бихоҳӣ, бо

оби сард, ё шири зан, ё сафедии хояи мурғ ва ё бо оби шанбалити ҷӯшонида бар порае аз садаф ва ё санги чарх бисов ва сипас пагоҳӣ ёздаҳ ва ё ҳафт сари мил аз он ва бегоҳӣ низ ҳамин қадар ба чашм бикаш. Ин дору гармиро шиканад, рутубати ба сӯи чашм ояндаро қатъ кунад, чашмро қувват бахшад ва омосро бибарад.

### Як доруи [дигар]

Ин аз рамади шадид суд дошта, омосро бигардонад, тариро бартараф кунад ва гармиро таскин бидиҳад.

**Таркиби он:** аз шиёфи момисо чиҳилу ҳашт дирам, аз заъфарон бисту чаҳор дирам, аз афюн дувоздаҳ дирам, аз филзаҳра ва қурси афшураи хушки банги сафед шаш дирамӣ, аз барги гули тозае, ки бунҳои сафеди барги онро канда бошанд, чиҳил дирам ва аз самги арабӣ чиҳилу ҳашт дирам гирифта, ҳамаро бикӯб ва бо оби борон ва оби шоҳафсар бисов. Агар шоҳафсар тар бошад, фишурда, [обашро бигир], вале агар хушк бошад, биҷӯшон ва оби онро бипол. Баъд, доруҳро совида, бо оби он маъҷун кун ва аз он ҳаббҳое мисли нахӯд сохта, бихушкон. Сипас онро бо оби сард, ё шири зан ва ё сафедии хояи мург бар санги чарх ва ё садаф совида, саҳару бегоҳ бар чашм бикаш.

### Доруе, ки «иксирини[287] сурх» ном дорад

Ин аз решҳое, ки андар чашм падид оянд ва аз гармии шадид суд дорад, чашмро аз намие пок кунад, ки ба сабаби бисёрии фазлаҳо ва рутубат андар [чашм] ҷамъ шавад ва пӯшиши чашмро қавӣ созад.

**Таркиби он:** аз афюн, шодана, рӯсӯхта ва мағзи гандум ҳашт дирамӣ, аз самги арабӣ чиҳилу ҳашт дирам, аз сафеда шасту чаҳор дирам ва аз иқлимиё бисту ҳашт дирам гирифта, шодана ва рӯсӯхтаро ҷудогона бо об нек бисов, сипас ҳамаро якҷоя карда, хушк бисов ва баъд аз он онро мисли санги сурма ба чашм бикаш.

### Сифати марҳаме, ки бар чашм биниҳанд

Ин аз шиддати гармие, ки андар чашм авҷ гирад, суд дорад, рутубатҳои ба сӯи он ҷамъшавандаро қатъ кунад, чашмро қувват бахшад ва дардро таскин диҳад.

**Таркиби он:** аз барги гули хушк, пӯсти тари анори ширин ва наск панҷ дирамӣ бигир, бар онҳо як ратл об рехта, нек биҷӯшон, обро бипол ва онҳоро хуб кӯфта, бо миқдоре аз обу равгани гул маъҷун соз ва бар чашм бинеҳ.

### Доруи дигар

Ин аз дардҳои гарми чашм суд дорад.

**[Таркиби он]:** аз заъфарон, лубон, сабр, мурр, афюн ва анзарут панҷ дирамӣ гирифта, бикӯб, бисов ва ба ҳангоми оғози дард онро бо сирко ва оби коснӣ, ё оби фарфин (хурфа), ё оби банг ва ё оби кашнизи тар бар чашм тило кун. Агар дард давом кунад, онро бо тило бар чашм, пешонӣ ва пеши сар тило кун ва [пеш аз ин] андаке гармаш соз. Ё аз писти ҷав чаҳор дирам, аз кочираи даштӣ ду дирам ва аз афюн як дирам гирифта, нек бисов, бо равғани гул маъҷун соз ва бар чашми омосида ва варами гарми [чашм] бинеҳ.

### Сурмае, ки онро «истотиқун» номанд

Инро агар аз барои тирагии чашм ва сурхии он андар чашм бичаконанд, агар аз барои оғози обравӣ ба чашм бикашанд ва агар онро бо сурмаи гулӣ биомезанд, судманд хоҳад буд.

**Таркиби он:** аз қалимиё[288], миси сӯхта [48] ва сабр як бахшӣ, аз сунбул ва мурр панҷ бахшӣ, аз заъфарон ва афюн ним бахшӣ, аз ақоқиёи соф чаҳор бахш, аз ҳузаз панҷяк бахш ва аз самги арабӣ чаҳор бахш гирифта, қалимиё, мис, сабр ва ақоқиёро бо оби хуш чаҳор (420) моҳ бисованд. Сипас, ҳузаз, заъфарон ва афюнро андар зерсанги дигаре панҷ рӯз совида, баъд бо онҳо биомезанд. Самғро андар об то гудохта шудан тар карда, бар доруҳо бирезанд, аз тариқи совидан онҳоро биомезанд, сипас қурсҳо ва ё ҳаббҳо сохта, бар чашм бикашанд, бо хости Худой суд бахшад.

## Як сурмаи [дигар]

Ин аз ҳамаи дардҳои аз назлаҳо падидомадаи чашм суд дорад.

**Таркиби он:** барги марвиҷонро гирифта, оби онро бифишоранд, биполанд ва [баргро] андар зерсанг то ситабру сахт гардидан, андак-андак бисованд. Сипас, якчанди он самғи арабӣ гирифта, бо миқдори андаке аз об тар кунанд, то гудохта шуда, мисли ангубин бигардад. Баъд, онро бо оби марвиҷон омехта, якчанд рӯз бисириштанд, то бихушкад ва ҳабб сохтани он мумкин бигардад. Сипас онро ҳабб сохта, андар соя хушк кунанд ва бар чашм бикашанд.

## Решҳо, табишҳо ва рими чашм

Бидон, ки шиёфи ёдшудаи «ситора» аз барои инҳо сахт судманд, шиёфи фирӯзманд ҳамчунин ва шиёфи «себӣ» ба ғоят хубанд.

## Шиёфе, ки ба Моҳур нисбат дорад

Ин аз барои иллатҳои кӯҳан ва риме, ки андар чашм падид ояд, судманд бувад.

**Таркиби он:** аз тӯтиё сиву ду мисқол, аз миси сӯхта бисту ду мисқол, аз заъфарон шонздаҳ мисқол, аз мурр шонздаҳ мисқол, аз шодана даҳ мисқол, аз мурчи сафед чиҳил дона ва аз самғ чиҳил мисқол гирифта, бо шароб маъҷун созанд. Ба ҳасби як нусхаи дигар андар он аз афюн даҳ мисқол биафкананд.

## Даридагии табақаи шохгун

Шиёфи гулӣ аз ҳамаи намудҳои мӯрсарак суд дорад.

## Як хокаи пошиданӣ

Ин маҳалли костаи табақаи шохгунро пур кунад.

**[Таркиби он]:** аз садафҳои бузурги сӯхта ва шодана ду дирамӣ[289] гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва андар чашм бипошанд.

## Ғарб

Шиёфе, ки онро Суриёс тартиб дода аст, аз барои ғарб судманд аст.

## Сафедӣ ва осори решҳо

Гоҳе аз барои сафедӣ доруи қибтии мисрӣ ва шиёфи ҳиндӣ суд бахшанд ва бар чашм кашидани саргини карбоса низ судманд аст.

## Шиёфи зард, ки бо номи «хилофи тирасозанда» маъруф аст

Ин аз парда гирифтан, торикии чашм ва иллатҳои кӯҳан суд дорад ва осори [решҳо] ва сахтиҳоро бибарад.

**Таркиби он:** аз иқлимиё бисту чаҳор мисқол, аз афшураи хушки ғӯраи ангур дувоздаҳ мисқол, аз навшодир якчанди он, аз афюн ҳашт мисқол, аз самғи арабӣ бисту чаҳор мисқол, аз сафедаи арзиз якчанди он, аз заъфарон шонздаҳ мисқол ва аз мурчи сафед бисту чаҳор мисқол гирифта, бо оби борон маъҷун созанд.

## Як сурмаи шигифтовар

Инро Масеҳ[290] аз барои сафедӣ ва ашкрезии чашм санҷида ва сутуда аст. Ин [сурма] пардаи [чашм] ва ҳар гуна ситабрии андар пилк ба амал ояндаро бизудояд ва бинишро сахт тез кунад.

**Таркиби он:** аз тӯтиёи ҳиндӣ дуним дирам, аз санги сурмаи исфаҳонӣ чаҳор дирам, аз санги рӯшноӣ дуним дирам, аз миси сӯхта ду дираму ду сеяк[291], аз иқлимиёи зар ва иқлимиёи сим як дирамӣ, аз шодана як дирам, аз

бехи марҷон, марвориди хурд ва пӯстҳои мис ду донгӣ, аз дерманаи сӯхта ду дираму ду сеяк, аз обгинаи гудохта ним дирам ва аз обгинаи фиръавнӣ ним дирам гирифта, ин доруҳоро бо оби борон бисованд ва чун то охир суда шуда чизе намонад, бар онҳо аз кофури совида як донг ва аз мушк як қирот афканда, аз тариқи совидан ҳамаро биомезанд, ҳабб созанд ва андар соя бихушконанд. Сипас онро андар садаф бо об совида, ба чашм бикашанд.

## [Доруи] дигар

Ин аз барои сафедӣ судманд буда, санҷидашуда ва шигифтовар аст.

**Таркиби он:** аз сӯхонрезаи сӯзанҳо ду дирам ва аз симоб як дирам гирифта, ҳар дуро якҷоя бисованд, андар найчаи най бикунанд, даҳони онро бо хамир бибанданд, (421) ҳамаи он найро бо хамир бипӯшонанд, аз болои он гиле бимоланд, ки бо пашм сиришта бошанд ва аз болои он риштаҳо печида, баъд аз он бори дигар бо гил андуда кунанд. Сипас онро андар оташи лахча чандоне бипазанд, ки санг баста, мисли сафол бигардад ва баъд [найро] берун оварда, он доруро аз дарунаш бароранд [ва онро чунон дарёбӣ, ки андар ҳам рафта, чун шиёф гардида бошад][292]. Се дирам иқлимиёи сафеди совида гирифта, бо он дору биомезанд, дубора андар найчаи дигаре андохта, бо он он корҳоеро кунанд, ки бо аввалӣ карданд ва чун санг баст, боистӣ берунаш оранд. Сипас ба баргҳои катоне, ки пеш аз расидани борон онҳоро ҷамъ ва хушк карда бошанд, рӯ оварда, аз онҳо як дирам ва аз марвориди ношикофта ним дирам бигиранд ва ҳар дуро бо дигар доруҳо ба ғоят совида, чандоне нарм созанд, ки мисли гард бигарданд. Ҳар гоҳ бо он муолаҷа кардан бихоҳӣ, нахуст се рӯз паёпай бар чашми бемор афшураи бехи савсан ва сипас ин доруро бикаш. Баъд аз он як рӯз аз ин дору ва як рӯз аз афшураи савсан кашидан бигир.

## Як хокаи пошидаии аз барои сафедии чашм

**[Таркиби он]:** аз зангор, уша ва харчанги дарёии сӯхта панҷ дирамӣ, аз дилаи ҳанзал дуним дирам, аз заҳраи барзагов ва бураи арманӣ ду дирамӣ, аз намаки андаронӣ се дирам, аз мурчи сафед бист дирам, аз кафки дарё чаҳор дирам, аз пӯстҳои хояҳои чӯҷабароварда се дирам, аз резаҳои санги чарх панҷ дирам, аз саргини сусмор даҳ дирам ва аз марвориди ношикофта чаҳор дирам бигиранд.

## Сабал

Як сурмаест, ки аз барои боди сабал судманд буда, яке аз он доруҳои санҷидашуда ва сутуда аст.

**Таркиби он:** пӯстҳои хояҳоеро, ки аз онҳо андар зери мурғ нав чӯҷа баромада бошад, бигиранд, бо сиркои тез даҳ рӯзи паёпай биҷӯшонанд, сипас полида, андар қорура ва ё ҷогаҳи сафолин бигиранд ва ин ҷогаҳро андар ҷои бечанг ба зери офтоб ниҳанд, то чизи андарун будаи он бихушкад. Сипас онро гирифта, бисованд ва бар чашм бикашанд.

## Ашкрезӣ

Шиёфи фирӯзманд, ки онро Суриёс тартиб дода аст, инчунин шиёфи антусомун, ки баъд ёд хоҳем кард ва шиёфе, ки Масеҳ аз барои сафедӣ ёд карда, онро аз тӯтиё сохта аст, [ҳама] аз барои ашкрезӣ судманданд.

## Ситабрӣ ва дуруштии пилкҳо

Аз барои ин сурмае суд дорад, ки бо номи «юсондарус»[293] маъруф аст ва онро андар боби гар ёд хоҳем кард. Низ доруи ёдшудаи Арастротус ва шиёфи тӯтиёие, ки Масеҳ аз барои сафедӣ ёд карда аст, суд доранд.

## Шиёфи қибтии мисрӣ

Ин аз барои сахтиҳо ва сафедии [чашм] суд дорад ва худи ҳамон замон қишри сахтро бихезонад.

**Таркиби он:** аз зангор ва уша шаш мисқолӣ, аз намаксанг се мискол, аз дилаи ҳанзал се ва ду сеяк мисқол, аз заҳараи гов ду мисқол, аз бураи сиёҳ яку ним мисқол, аз мурчи сафед чиҳил дона ва аз ангубини беҳтарин як қавосус бигиранд, ки маҷмӯи инҳо ҳафт[294] уқия бошад. Онҳоро ба ҳам биомезанд ва андар ҷогаҳе бардоранд.

### Як шиёфе, ки онро «арастусомун»[295] номанд

Ин аз барои ҷамъшавии деррави моддаҳо, аз гаронии пилкҳо ва дуруштии онҳо, аз об шудан, коста шудан ва хӯра шудани он чи ки андар чашм аст, аз рутубати бисёре, ки андар чашм падид ояд ва аз дамида баромадани пардаҳо суд дорад ва осори [решҳо] ва сахтиҳоро бибарад.

**Таркиби он:** аз санги сурма чаҳор мисқол, аз миси сӯхта ва сафедаи арзизӣ ду мисқолӣ, аз заъфарон, мурр, пӯсти кундур, зангор ва наски сабз як мисқолӣ, аз мурчи сафед ним мисқол ва аз самғи арабӣ ду мисқол гирифта бикӯбанд, бибезанд, бо шароб сиришта кунанд ва сипас бо об гудохта, ба кор баранд.

### Шиёфи зард, ки онро «фонхаритус»[296] номанд

Ин шиёфи фирӯзманд буда, аз гар, хӯра шудани ҳар ду гӯшаи чашм, (422) хориши сахт ва гаронии пилкҳо суд дорад.

**Таркиби он:** аз иқлимиё ҳашт мисқол ва аз қалқатори сафед чиҳил мисқол гирифта, бо оби борон маъҷун кунанд, ҳаббҳо созанд ва андар соя бихушконанд.

### Гар ва хориши чашм

Шиёфи ҳиндӣ аз хориши [чашм] суд дорад.

### Сурмаи бехато

Инро пизишки чашм Қаритун тартиб додааст ва аз хориш ва ситабрии пилкҳо суд дорад.

**Таркиби он:** аз иқлимиёи [49] қубрусӣ бисту чаҳор мисқол ва аз шодана шаш мисқол, вале ба ҳасби як нусхаи дигар шонздаҳ мисқол [гирифта], то мисли пист гардидан онҳоро бикӯбанд, бо ангубин маъҷун созанд, бисӯзанд, бар вай шароб рехта, хомӯш кунанд ва бихушконанд. Сипас онро совида, андар чашм бикашанд.

### Сурмаи Афоқитун[297]

Ин аз барои хориш, рутубати чашм, хӯраи ҳар ду гӯшаи он ва аз барои гари бисёр қавие, ки андар пилкҳо падид ояд, суд дорад.

**Таркиби он:** иқлимиёро ба қитъаҳои хурд-хурд шикаста, бо ангубин маъҷун созанд, андар кӯзаи сафолин гирифта, даҳони онро бибанданд, гилкорӣ кунанд, андар миёни сарпӯши он сӯрохе бикунанд, то аз барои дуди аз сабаби сӯзиш падидоянда роҳи баромаде бошад. Сипас ин кӯзаро андар миёнҷои ангишти фурӯзон рост бимонанд. Ҳар гоҳ иқлимиё ба сӯхтан дароянд, ба дуди аз он бароянда нигоҳ кун. Чун онро бибинӣ, ки ба сиёҳӣ ҳамегароянд, бигузор дору сӯхтан бигирад. Ҳар гоҳ дидӣ, ки дуд сафед шуда истодааст, бидон, ки сӯзиши дору ба ғоят расида аст. Он гоҳ кӯзаро аз оташ фурӯд овар, иқлимиёро берун бигир ва ба қадре ба он шароб бирез, ки сард бигардад. Сипас онро андар ҳован афканда бисов, бихушкон ва то ҳангоме нигоҳ дор, ки онро бо сурмае, ки омехтанаш бо ин лозим аст, омехтан бихоҳӣ.

**Нусхаи он сурма чунин аст:** аз ин иқлимиё ҳашт мисқол, аз миси сӯхта ҳашт мисқол ва аз санги сурма ҳашт мисқол гирифта, ҳамаро бисованд ва гирифта нигоҳ доранд. Аз ин [омехта] саҳару бегоҳ бар пилкҳо бимоланд.

### Шиёфи Абулуниюс[298]

Ин [шиёф] аз гар , рехтани мижгон ва иллатҳои кӯҳан суд дорад.

**Таркиби он:** аз шоданаи сӯхтаи шуста сиву ду мисқол, аз миси сӯхтаи шуста

шонздаҳ мисқол, аз санги сиҷистуси сӯхтаю шуста сиву ду мисқол, аз зангори совида шонздаҳ мисқол, аз афюн се мисқол ( ба ҳасби нусхаи дигар шаш мисқол), аз иқлимиё чаҳор мисқол, аз қалқатори сӯхта чаҳор мисқол ва аз самг шонздаҳ мисқол гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва бо оби борон маъҷун созанд.

### Об ва мӯи андар чашм [падидомада]

Доруе, ки Фосиюс[299] тартиб додааст, аз барои оби андар чашм фурӯдоянда бувад.

**Таркиби он:** заҳраи говро гирифта, андар ҷогаҳи мисин тиҳӣ кунанд ва даҳ рӯз бигузоранд. Сипас, аз мурр дувоздаҳ мисқол, аз заъфарон, равгани баласон ва говшир ду мисқолӣ, аз мурч дувоздаҳ дона ва аз ангубини навъи олӣ ду чанди заҳра гирифта, ҳамаро биомезанд ва андар ҷогаҳи мисин биҷӯшонанд. Баъд, онро андар қуттичаи мисин рехта, нигоҳ доранд.

### Доруе, ки онро Булусиюс тартиб додааст

**[Таркиби он]:** кафки дарёро гирифта, бар сафолпорае бисӯзонанд, хокистари онро совида, бо хуни канаҳои бузург бисириштанд ва андар ҷогаҳи аз шох сохта бигиранд. Ҳар гоҳ мӯйро бирезонӣ, аз ин дору бар маҳалли он тило кун.

### Андудание, ки Филуксонис тартиб додааст

Ин аз моддаи бисёр ва дарди сахт суд дорад.

**Таркиби он:** аз гули тар ду мисқол, аз тухми банг ҳашт мисқол, аз кундур шаш мисқол, аз мурр чаҳор мисқол, аз писти ҷав ҳаждаҳ мисқол, зардии як хояи бирёни мург, аз афшураи ябруҷ чаҳор мисқол, аз заъфарон ду мисқол ва аз афюн чаҳор мисқол гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва бо миқдори кофие аз шароби қабзкунанда сиришта, қурсҳо созанд ва ба кор баранд.

### Як шиёфе, ки «ҳиндӣ» ва «шоҳӣ» лақаб дорад

Ин аз барои марҳалаи огози фурӯд омадани об ва аз ҳар гуна пардаи тари (423) андар чашм падидоянда суд дорад ва осори решҳои андар чашм бударо биравонад.

**Таркиби он:** аз иқлимиёи сӯхтаи шуста шонздаҳ уқия, аз мидоди ҳиндӣ шаш уқия, аз сафедаи арзиз чаҳор уқия, аз мурчи сафед шаш уқия, як заҳраи кафтор, ҳафт заҳраи сафор[300], ки ин ба тасдиқи мардумон шаббут бувад, чаҳор заҳраи кабк, аз шири хашхош як уқия, аз равғани баласон ду уқия, аз говшир ва сакбина ду уқиягӣ ва аз самг дувоздаҳ уқия гирифта, бо афшураи розиёна ва ё бо афшураи растание, ки онро «ироқлиюс»[301] (ҳиндабо) номанд, маъҷун бисозанд.

### Як сурмаи [дигар]

Ин аз барои торикии чашм ва огози падид омадани об андар он суд дорад.

**[Таркиби он]:** аз заҳраи хирс чаҳор дирам, аз говшир ва мурч се дирамӣ, аз равғани зайтуни кӯҳан, равғани баласон ва афшураи розиёнаи тар ду дирамӣ, аз иқлимиё як дирам ва аз ангубин як уқия гирифта, бикӯб, биомез ва андар қоруран покиза гирифта, ҳафт рӯз андар офтоб бинеҳ. Сипас, бо сари мил саҳару бегоҳ аз он бар чашм бикаш.

### Як доруи [дигар]

Ин аз барои [торикии чашм][302], парда, касе, ки аз дур бибинад, вале аз наздик не ва аз барои ҷамъ шудани об андар чашм суд дорад.

**Таркиби он:** аз заҳраи зоги сиёҳ, заҳраи кабк, заҳраи куланг, заҳраи кафтор ва заҳраи буз ду дирамӣ, аз ангубини равшанкарда се дирам ва аз равгани баласон яку ним дирам [гирифта], ҳамаро бисов, биомез ва сипас саҳару бегоҳ аз он бар чашм бикаш.

### Бекор шудани бинойӣ

Шиёфи зард ва шиёфи тӯтиёие, ки Масеҳ андар боби сафедии [чашм] ёд кардааст, аз барои заъфи беандозаи бинойӣ суд доранд.

### Шиёфе, ки Фулус ба кор мебурдааст

**[Таркиби он]:** аз ақоқиё, гули хушк ва шоҳафсар чиҳилу ҳашт мисқолӣ, аз хокистари қолибҳои мисрезӣ бисту чаҳор мисқол, аз луффоҳ дувоздаҳ мисқол, аз тухми банг ҳаждаҳ мисқол, аз афюн шаш мисқол, аз самғ чиҳил мисқол, аз шароб нӯҳ уқия ва аз оби борон нӯҳ уқия гирифта, обро бо шароб биомезанд, гул, шоҳафсар, банг, луффоҳ ва[ё] пӯсти ябруҷро бар вай афканда, се ва ё панҷ рӯз бигузоранд, то тар шаванд. Сипас онро фишурда, обашро бигиранд, доруҳоро бо он сиришта, аз он шиёфҳо созанд ва ба кор баранд.

### Доруи босаликун[303], яъне шоҳӣ

Ин зудояндаи чашм аст ва ба ҳоли дурустии чашм ҳар рӯз ва ё ду рӯз як бор аз он ба чашм бикашанд, биноиро зудоиш диҳад ва биниши дурустро ба ҳоли дурустӣ нигоҳ дорад.

**Таркиби он:** аз иқлимиё ва кафки дарё даҳ дирамӣ, аз рӯсӯхта панҷ дирам, аз сафеда ва намаки андаронӣ се дирамӣ, аз навшодир ва дорфилфил ду дирамӣ, аз мехак ва ушна як дирамӣ, аз мурч чаҳор дирам ва аз кофур ним дирам гирифта, бикӯбанд, бисованд ва ба чашм бикашанд.

### Босаликуни дигар

Ин аз ҳамаи он чи, ки ёд шуд, суд дорад[304].

**[Таркиби он]:** аз иклимиё ҳафт дирам, аз шодана ва дорфилфил ду дирамӣ, аз навшодир ду дирам, аз рӯсӯхта, мурч, сафеда ва намаки даронӣ чаҳор[305] дирамӣ, аз кафки дарё чаҳор дирам ва аз намаки ҳиндӣ, мехак, ҳил, ушна ва сунбул як дирамӣ гирифта, бикӯбанд, бисованд ва аз он ба чашм бикашанд.

### Як доруи [дигар]

Ин биноиро қавӣ кунад, онро ба ҳоли дурустӣ нигоҳ дорад ва бисёр ашк рехтан аз чашмро нест кунад.

**Таркиби он:** микдоре аз санги сурмаро гирифта, андар оби борон ва ё андар обе, ки (424) аз танаи хум битаровад, бисту як рӯз тар кунанд. Сипас аз он дувоздаҳ дирам, аз санги рӯшнойӣ ҳашт дирам, аз тӯтиё ва иқлимиё дувоздаҳ дирамӣ, аз марвориди хурди ношикофта ду дирам, аз мушк ду донг, аз кофур як донг ва аз заъфарону сода як дирамӣ гирифта, ҳар кадомро ҷудо-ҷудо бо об бикӯбанд. Сипас санги сурма, санги рӯшнойӣ, [иқлимиё][306], тӯтиё ва марворидро якҷоя карда, ҳар рӯз якчанд бор бо об то хушкидани он бисованд. Баъд, сода ва заъфаронро гирифта, якҷоя андар ҳован андозанд, нек бисованд, сипас мушк ва кофурро ҳамроҳи онҳо бисованд ва баъд онҳоро андар обгинае бибардоранд. Аз ин ба ҳоли дурустии чашм саҳару бегоҳ бикашанд ва он бинойи камқувватро қавӣ сохта, онро нигоҳ дорад.

### Як доруи сардкунандаи чашм

Ин сӯзишнок, зудоянда ва қависозанда аст.

**[Таркиби он]:** аз шоданаи шуста ва миси сӯхта панҷ дирамӣ, аз сабри сақутарӣ ва бураи арманӣ як дирамӣ ва аз зангор, мурчи сафед, дорфилфил, дилаи ҳанзал, заъфарон ва нонхоҳ ним дирамӣ гирифта, бикӯбанд, бисованд ва ба кор баранд.

# МАҚОЛАИ СЕВВУМ

## АНДАР БАЁНИ ГӮШ

### Дард, омос, [50] рим ва гаронии гӯш

Доруи Ирасистаротуси[307] андар боби чашм ёдшуда аз барои гӯше суд дорад, ки аз он чирк ояд.

### Як доруи [дигар]

Ин аз ҳамаи дардҳои гӯш ва ҳамаи решҳои андар он падидоянда судбахш аст.

**Таркиби он:** аз мурр як мисқол, аз кундур се мисқол, аз натрун се мисқол, аз заъфарон чаҳор мисқол, аз афшураи хашхош ду мисқол, аз борзад ду мисқол ва аз бодоми муқашшар бист дона гирифта, ҳамаи инҳоро бисованд ва бо сирко сиришта, қурсҳо созанд. Ҳар гоҳ бад-он эҳтиёҷ афтида, агар андар гӯш дарди сахт бошад, онро бо равгани гул гудохта, андар гӯш бичаконанд, вале агар андар гӯш гаронӣ бошад, бо сирко гудохта, бичаконанд.

### Сифати як доруе, ки онро Ғолинус[308] тавсиф кардааст

**[Таркиби он]:** аз мурр чаҳор мисқол, аз сабр чаҳор мисқол, аз кундур се мисқол (ба ҳасби нусхае дигар як мисқол), аз заъфарон се мисқол, аз натрун се мисқол, аз афшураи хашхош се мисқол, аз бодоми талх сиҳ дона, аз борзад ду мисқол ва аз сирко ба қадре [бигиранд], ки бо он доруҳоро то ба дараҷаи ситабрии ангубин сириштан битавон.

### Як доруи гӯш, ки аз доруҳои Ғолинус[309] аст

Ин аз омосҳо ва аз дардҳои сахти безоркунанда суд дорад.

**Таркиби он:** аз қинна, яъне борзад, ду мисқол, аз дорчинӣ ду мисқол, аз мурр ҳашт мисқол, аз заъфарон ҳашт мисқол, аз натрун се мисқол, аз кундур чаҳор мисқол ва аз сирко ба қадре [бигиранд], ки барои то ба дараҷаи ситабрии ангубин [сириштани доруҳо] кифоят кунад.

### Доруи дигар

Ин аз барои омосҳои гӯш, хуноба ва риме, ки аз он ояд ва аз барои дардҳои кӯҳани гӯш судманд аст.

**Таркиби он:** аз дилаи боқилии мисрӣ, ки таъми он талх аст, замчи яманӣ, мурчи сафед, натрун, заъфарон, афюн, пӯстҳои анор, мурр, кундур ва сунбул ду мисқолӣ, аз гунди бедастар як мисқол ва аз сиркову ангубин ба андозае бигиранд, ки бо он доруҳоро сириштан битавон. Бархеҳо андар он аз ангубин шаш мисқол биафкананд.

## Як доруи дигар аз доруҳои Барутолис[310]

**[Таркиби он]:** аз заъфарон, мурр ва сунбул ним мисқолӣ, аз миси сӯхта ним ва сеяк мисқол, аз афюн ним мисқол, аз гунди бедастар сеяк мисқол, (425) аз замчи яманӣ як мисқол ва аз замчи гирд як мисқол [бигиранд]. Агар андар гӯш зардоб бошад, онро бо ин дору ва якҷоя бо ҷӯшонидаи мусаллас ва агар андар гӯш дарди сахт бошад, якҷоя бо равгани гул муолаҷа бикун. Агар андар он кирм падид омада бошад, бо ин дору ду мисқол харбақи сиёҳ биомез.

## Доруи гӯше, ки аз он чирк ояд

**[Таркиби он]:** аз кулоҳакҳои анор, пӯстҳои анор, зарованд, қалқатор, зоги қубрусӣ, мозу ва туполи мис як мисқолӣ ва аз мурр, кундур, қалқанди бирён ва замчи яманӣ ним мисқолӣ [гирифта], бо сирко бисованд, қурсҳо созанд ва ба кор баранд.

## Доруи Антифотурус[311]

Ин аз барои дарди мушкили шадид судманд аст.

**Таркиби он:** аз заъфарон ду уқия (бархеҳо як уқия афкананд), аз мурр ва навшодир як уқиягӣ, аз замчи яманӣ ва уша ним уқиягӣ ва аз туфолаи равгани савсан ва ё туфолаи равгани зайтуни бӯстонӣ ду уқия [гирифта], бо он миқдор аз шароби ангубинзада ва ё аз шароби ширине бисованд, ки бо ин миқдор [доруро] ба дараҷаи ситабрии ангубин расонидан битавон. Баъд онро ба кор бибаранд.

## Як доруи дигар

Ин аз барои гаронии гӯш ва садо додану бонг задани он судманд аст.

**Таркиби он:** аз харбақи сафед як мисқол, аз гунди бедастар ним мисқол ва аз натрун чаҳоряк мисқол гирифта, бо сирко биомезанд ва ба кор баранд. Бигзор каси онро ба кор баранда аз он дилпур бошад, зеро ин дору фирӯзманд бувад.

## Як доруи дигар, ки онро «ҷалахрунӣ» хонанд

Ин аз иллатҳои кӯҳани гӯш судбахш аст.

**Таркиби он:** аз харбақи сафед, мурр, кундур, заъфарон, гунди бедастар ва афюн чаҳор мисқолӣ, аз қалқанд шаш мисқол ва аз мурч ду мисқол [гирифта], мурр, афюн, гунди бедастар ва кундурро бо сиркое тар кунанд, ки андар он пӯсти анорро то нек пухтани он ҷӯшонида бошанд. Сипас бар вай харбақ, заъфарон, мурч ва қалқандро совида, биафкананд ва ҳамаро нарм бисованд. Чун ҳамаи онҳо якҷоя шуданд, аз шароби ангубинзада бар вай чандоне бирезанд, ки ситабрияш ба дараҷаи ангубини тунук бирасад. Ҳар гоҳ бад-он эҳтиёҷ биафтад, бояд онро нимгарм карда, андар гӯш бичаконанд. Ин доруи шигифтовар аст.

## Сифати як доруи дигар

Ин аз ҳамаи дардҳои гӯш ва аз ҳамаи решҳое, ки андар он падид ҳамеоянд, суд дорад.

**Таркиби он:** аз мурр як мисқол, аз кундур се мисқол (бархеҳо аз ин ҳафт мисқол биафкананд), аз натрун се мисқол, аз заъфарон чаҳор мисқол (бархеҳо як мисқол бигиранд), аз афшураи хашхош ду мисқол, аз борзад ду мисқол ва аз бодоми муқашшар бист дона гирифта, ҳамаи инҳоро бисованд ва бо сирко сиришта, қурсҳо созанд. Ҳар гоҳ бад-он эҳтиёҷ афтида, агар гӯш сахт дард кунад, онро бо равгани гул гудохта, андар гӯш бичаконанд, вале агар гӯшро гаронӣ бошад, онро бо сирко гудохта, андар гӯш бичаконанд. Ин ба таври намоён суд бахшад.

## Андар сифати доруи рими оҳан

Ин дору қавист.

**Таркиби он:** рими оҳанро гирифта, реза кунанд, бо сирко бишӯянд ва бар табақ паҳн карда, бихушконанд. Сипас онро бори

дуввум ва севвум афканда, то ҳафт бор чунин кунанд. Баъд, онро бо сиркои тез чандоне сахт бичӯшонанд, ки мисли ангубин бигардад, он гоҳ ҳангоми ҳоҷат андар гӯш бичаконанд.

### Як дору аз барои решҳои бинӣ, ки онро «сақрамусус» номанд

Ин доруест, ки ҳар гуна фузунии андар тан рӯяндаро биканад.

**Таркиби он:** аз зоги сӯхта, қалқатори сӯхта, қалқанди сӯхта, зоги сурх ва туполи мис бахшҳои баробар гирифта, бисованд ва ба шакли хушк ба кор баранд. Пеш аз муолаҷа кардан бо ин дору фузуниро бо сир молиш диҳанд ва сипас рӯзи дигар баъд аз таом хӯрдани худованди иллат, ба муолаҷа пардозанд. Ҳар гоҳ бо он носури биниро муолаҷа кардан бихоҳӣ, пеш аз муолаҷа биниро аз дарун мумиё, ё зифти тар ва ё чарби мурр биолой.

# (426) МАҚОЛАИ ЧАҲОРУМ

## АНДАР БАЁНИ ҲОЛАТҲОИ ДАНДОНҲО ВА ОН ЧИ КИ БАД-ОНҲО АЛОҚАМАНД АСТ

### Дардҳои дандонҳо. Андар сифати доруе , ки дардро таскин бидиҳад

Ин дору аз барои дардҳои сахти шадид ва аз барои хӯрда шудани дандонҳо созгор аст ва аз сурфа низ суд бахшад.

**Таркиби он:** аз афюн ду мисқол, як чанди он мурр, ҳамин қадар ангубин, як мисқол мурчи сафед ва ҳамин қадар борзад гирифта, бо миқдори кофие аз бастаи оби ангур маъҷун созанд, ҳамаро якҷоя бикӯбанд, аз онҳо шиёфҳо сохта, бар дандонҳо тило кунанд ва миқдоре аз онро бар маҳалли кирмхӯрда биниҳанд.

### Андар сифати доруе, ки Андрумохус тавсиф кардааст

Ин аз ҳамаи дарди дандонҳо, аз ҳамаи иллатҳои андар онҳо падидоянда ва аз кундии онҳо судманд аст.

**Таркиби он:** аз мурч, оқирқарҳо, шири исфидакшир ва борзад як бахшӣ гирифта, бисованд, бо майъа сиришта, бар маҳалли кирмхӯрда биниҳанд.

### Як доруи дигар

Ин аз дил задани дандонҳо судманд аст.

**Таркиби он:** аз дилаи ҳанзал як бахш ва аз сабр як бахш гирифта, андар деги сангӣ ва ё кафлези оҳанин бо равғани зайтун ва сиркои хамрӣ сахт биҷӯшонанд. Сипас онро фурӯд оварда, андар гӯше чакра-чакра бичаконанд, ки аз бари дандони курсии дардманд бувад.

### Андар баёни доғ ниҳодани дандони курсӣ

Ин корро аз барои дандони курсие кунанд, ки доруи дарди дилзанандаи сахт суде набахшад. Бинобар ин аз равғани зайтун як уқия, аз оби марзангӯш, ё марзангӯши хушк ва испанд яку ним дирамӣ гирифта, кӯфта, нарм кунанд. Сипас онро андар равғани зайтун афканда, биҷӯшонанд. Баъд, ду ҷуволдӯзро барои андар маҳалли сӯрохи дандон ниҳодан бигир. Сипас даҳони беморро кушода, курсиеро бинигар, ки онро доғ ниҳодан бихоҳӣ ва агар андар он ягон чизе бошад, покаш кун. Баъд, найчаи оҳанӣ, ё биринҷӣ ва ё симинро бар курсӣ бинеҳ, яке аз ҷуволдӯзҳоро гирифта,

андар он равғани зайтун бизан ва сипас андар найча дароварда, бар курсӣ бинеҳ. Ҳар гоҳ он ҷуволдӯз сард шавад, дигарашро бигир ва ҳамин тариқ шаш бор чунин кор кун. Ин дардро таскин дода, оби курсиро бикашад.

## Ранги дандонҳо

Як доруи дандонест, ки бо он дандонҳоро молиш бидиҳанд ва Димуқротис онро андар китоби худ тавсиф кардааст.

**Таркиби он:** аз шохи гавазне, ки онро чаҳор бор сӯхта бошанд, шонздаҳ уқия, аз намак ду уқия, аз ушан хушке, ки талхмаза набошад ва ба шакли пораҳои бузург бувад, як ратл, аз мастако сеяк ратл, аз қуст сеяк ратл ва ё андаке бештар, аз гӯргиёи сафед як чанди он, аз мурчи сафед як уқия ва аз сода ду уқия гирифта, ҳамаро бикӯбанд, бибезанд ва ҳамчун хокаи дандон ба кор баранд.

## Доруе, ки онро «сурнитаҷон»[312] номанд

Ин аз омоси вораҳо ва истирхои онҳо суд дошта, дандонҳоро пок созад.

**Таркиби он:** аз пӯстҳои анор ду уқия, аз зардчӯба, гулнор ва тутум як уқиягӣ ва аз замҷ ва мозу як уқиягӣ гирифта бикӯб, бисов ва сипас аз он бо ангуштат гирифта, бар маҳалли дард бимол ва баъд миқдоре аз онро бар пораи катон гирифта, бар он ҷой бинеҳ.

## Як хокаи дандон

Ин дандонҳоро пок, вораҳоро мустаҳкам ва бӯи даҳонро хуш кунад.

**Таркиби он:** миқдоре аз намаки даронироо гирифта, бикӯбанд ва бо ангубин сиришта, андар қиртос бипечанд ва бар оташи лахча чандоне бинишанд, ки мисли лахча бигардад. Сипас онро аз оташ берун кашида, бо қатрон, ё ягон хушбӯй ва ё майсавсан хомӯш кунанд ва бигузоранд, то сард бигардад. Баъд онро кӯфта, [51] як бахш аз он ва як бахш аз кафки дарё бигиранд, бо онҳо аз дорчинӣ як бахш, аз мурр як бахш, аз хокистари дермана ва хокистари мушки замин як бахшӣ, аз шукуфаи гӯргиё шашяк бахш, аз резаҳои уд ним бахш, аз шакар се бахш ва аз кофур даҳяк бахш ҳамроҳ кунанд, ҳамаро кӯфта, биомезанд ва ҳар пагоҳӣ ҳамчун хокаи дандон ба кор баранд.

## (427) Як доруи дигар

Агар дандонҳо ва курсиҳо нотавон шуда бошанд, ин [дору] онҳоро қавӣ созад.

**Таркиби он:** аз мум ва ангубин ду бахшӣ гирифта, андар офтоб бо оби гарм бигудозанд ва бо онҳо як бахш зифт ҳамроҳ карда, ба ҳадди марҳам бирасонанд ва ба худованди беморӣ бидиҳанд, то бихоянд. Агар бибинӣ, ки дору хушк аст, бо он андаке равғани зайтун ҳамроҳ кун. Агар мастакоро бихоянд, низ аз барои ин [иллат] ба ғоят амалкунанда бувад.

## Як доруи дигар

Ин дандонҳо ва вораҳоро қавӣ созад.

**Таркиби он:** аз шохи сӯхтаи гавазн даҳ дирам, аз барги сӯхтаи сарв панҷ дирам, аз гавзи сарв панҷ дирам, аз бехи фантофилун даҳ дирам, аз пари сиёвушони сӯхта панҷ дирам ва аз гули кулохакҳо барчида ва сунбули хушбӯй се дирамӣ гирифта, бикӯбанд, бо ҳарир бибезанд ва ба кор баранд.

# МАҚОЛАИ ПАНҶУМ

## АНДАР БАЁНИ ДАҲОН, ГУЛӮ ВА ТИҲИГОҲИ БАРСӮВИНИ [ТАН]

### Андар баёни зубҳа ва хуноқҳо

Ҷолинус гуфтааст: «Гурӯҳе аз мардумон чунин тасдиқ кунанд, ки чӯҷаҳои парасту чи ба шакли тоза ва чи ба шакли хушкони-даю намакзада хуноқҳоро худи ҳамон замон фурӯ нишонанд. Аз барои кӯдакон ва пирон онҳоро бо бехи савсан биомезанд».

### Андар баёни забонча ва бодомакҳо

Як доруи хушкест, ки аз барои забончаи ба истирхо гирифтори омосида созгор аст.

**Таркиби он:** аз мурчи сафед як мисқол, аз мурр як мисқол, аз замчи яманӣ ду мисқол ва аз мозуи сабз ду мисқол гирифта, бисованд ва ба кор баранд.

### Рутубати сина[313]

Як доруест, ки аз барои рутубати андар сина ҷойдошта судманд бувад.

**Таркиби он:** аз борзад ва майъаи равон ду уқиягӣ, аз бехи хушки савсан ду уқия ва аз афюн чаҳоряк уқия гирифта, совиданиҳоро бисованд ва бо майъа, борзад ва микдоре аз ангубини кафк баргирифта биомезанд ва аз он билесанд.

### Доруи гулӯӣ

Ҷолинус гуфтааст, ки ӯ бо ин дору муолаҷа мекардааст.

**Таркиби он:** аз кундур як мисқол ва ба ҳасби нусхаи дигар чаҳор мисқол, аз мурр як мисқол ва ба ҳасби нусхаи дигар чаҳор мисқол, аз заъфарон як мисқол ва ба ҳасби нусхаи дигар чаҳор мисқол, аз унсул ду мисқол ва аз шароби ширин се қист [гирифта], унсулро бо шароб то ситабр шудани шароб биҷӯшонанд, сипас унсулро барандохта, дигар доруҳоро бар шароб биафкананд.

### Як доруи гулӯӣ, ки ба Балодбитус[314] мансуб аст

Ҷолинус чунин ёд кунад, ки ӯ бо ин дору касони андар шуш реш доштаро муолаҷа мекардааст. Ин доруи сахт судманд бувад.

**Таркиби он:** аз сунбули иқлитӣ чаҳор мисқол, аз ҳамомо ҳашт мисқол, аз содаи ҳиндӣ чаҳор мисқол, аз сунбули ҳиндӣ се мисқол, аз гӯргиё ду мисқол, аз салиха ҳашт мисқол, аз дорчинӣ даҳ мисқол, аз кундур се мисқол, аз мурр чаҳор мисқол, аз қуст чаҳор мисқол, аз омехтаи сода чаҳор мисқол, аз рубби ширинбаён се мисқол, аз афшураи ябруҷ панҷ мисқол, аз мастако се мисқол ва аз заъфарон шаш мисқол гирифта, ҳамаи ин доруҳоро бо ҳам ҷамъ

созанд. Сипас хурморо гирифта, бо оби ангубин ва ё шароби ширин бичӯшонанд. Як сукаррача[315] аз онро гирифта, андар он бист дона чилғӯзаи совида афкананд, ба андозаи як бундуқа аз доруро бо он биомезанд ва якчанд рӯз аз он [ба бемор] бидиҳанд. Сипас ду-се рӯзи дигар аз ин дору ба гайри он ки бо вай чизе омехта бошанд, [ба бемор] бидиҳанд ва баъд аз он як рӯз ба бемор аз ёрае, ки аз сабр созанд, ба миқдори як кафча бо об бидиҳанд. Ҳар киро андар нои шуш иллате бошад, инро бо шири хар [ба ӯ бидиҳанд] ва беморро бифармоянд, то бо он ғарғара кунад. Сипас, бигузор, якчанд рӯз бигузарад ва баъд ӯро бо ин дору ва якҷоя бо яке аз доруҳои дардро таскиндиҳанда муолаҷа кун. Агар сайлони моддаҳо қавӣ бошад, бо ин доруи маъҷун афюн ва гунди бедастар биомез.

### (428) Як доруи дигар аз доруҳои Ҷолинс

Ин аз иллатҳои нои шуш, решҳои шуш, хуну рим афкандан аз даҳон, аз моддаи ба сӯи сина кашидашуда ва аз барои чизи аз гулӯ ба душворӣ афшондашаванда суд дорад ва доруи сахт қавӣ бувад.

**Таркиби он:** аз сақизи хинҷак чаҳор мисқол, аз заъфарон чаҳор мисқол, аз кундур якчанди он, аз мурр ҳамин қадар, аз дорчинӣ якчанди он, аз ҳамомо се мисқол, аз чилғӯза чаҳор мисқол, аз бехи пӯсткардаи ширинбаён якчанди он, аз сунбули шомӣ ду ним мисқол, аз салихаи сиёҳ ду мисқол, аз касиро се мисқол, аз дилаи хурмои шомӣ се мисқол, аз гили шомусе, ки онро «ситора» хонанд, чаҳор мисқол, аз борзади холиси покиза ду сеяки як мисқол, аз қуст чаҳор мисқол (вале мо андар як нусхаи дигар онро як мисқол дарёфтаем) ва аз ангубини беҳтарин чаҳор қутулӣ гирифта, ангубин ва сақизи хинҷакро андар ҷогаҳи дучандӣ бичӯшонанд. Ҳар гоҳ то ба як андоза сахтӣ бирасанд, бо онҳо борзадро ҳамроҳ карда, ба ҳадде бичӯшон, ки агар як қатра аз он бичакад, паҳн нагардад. Сипас онро сард кун, боқимондаи доруҳоро баъд аз совидан андар он биафкан ва ба кор бар.

[Агар каранби тозаро хоида, обашро макида, фурӯ баранд ва туфолаашро берун андозанд, сахт судманд бувад][316].

### Як ҳаббе, ки онро ба зери забон гузоранд

Ин аз дурушти нои шуш, қатъ шудани овоз ва дигар иллатҳои ной суд дорад.

**Таркиби он:** аз касиро ва самғ се мисқолӣ, аз мурр ва кундур яку ним мисқолӣ, аз заъфарон як мисқол, аз афшураи ширинбаён ним мисқол, дилаи се хурмо ва аз шароби ширин ба миқдори кофӣ [гирифта], маъҷун созанд. Аз ин дору ба миқдори як боқило андар зери забон бигиранд ва беморро бифармоянд, ки ҳар чи аз он об мешавад, фурӯ барад.

### Як шакарина[317] аз барои касе, ки сурфа дошта бошад

**[Таркиби он]:** аз тухми катони бирёнкарда ва кӯфта ва мавизи сергӯшти аз дона поккарда як қистӣ, аз чилғӯзаи бирён ва фундуқ, ки ҳар дуро пӯст канда бошанд, як қистӣ, аз мурчи сафед ду уқия, аз заъфарон як уқия ва аз ангубини беҳтарин чаҳор ратл гирифта, [доруҳои хушкро] бикӯбанд ва бисованд. Тухми катон ва ангубинро то ситабр шудан , бичӯшонанд ва сипас бар онҳо дигар доруҳоро афканда, биомезанд, маъҷун созанд ва ба қадри кифоят аз он [ба бемор] бидиҳанд.

### Доруи коҳии

Ин аз сурфа суд дорад ва доруи гаронбаҳоест. Ҷолинус чунин ёд кунад, ки ӯ бо ин дору муолаҷа мекардааст.

**Таркиби он:** аз афюн даҳ мисқол, аз тухми коҳу бист мисқол, аз гунди бедастар ҳаждаҳ мисқол, аз судоби бӯстонии хушк

чаҳордаҳ мисқол, аз тухми катон шонздаҳ мисқол, аз бехи говшир сиву шаш мисқол, аз мурр чаҳордаҳ мисқол ва аз заъфарон ҳафт мисқол [гирифта], бо ангубин маъҷун созанд ва аз он ба қадри як боқило ба бемор бидиҳанд. Бояд инро ба каси таб дошта бо об ва ба каси таб надошта бо шароб ва бегоҳиҳо бидиҳанд.

### Ҳабби сурфа

**[Таркиби он]:** аз мурр, майъа ва афюн чаҳор мисқолӣ ва аз равғани баласон ва заъфарон ду мисқолӣ гирифта, ҳамаро якҷоя бисованд, маъҷун созанд ва ба кор баранд.

### Як доруи [дигар]

Ин аз ҳар гуна сурфа, аз ҳар гуна моддаи сайлонкунанда ва аз решҳои ғарбелаки дарунӣ суд дорад. Онро Абулуқиюс[318] тавсиф кардааст.

**Таркиби он:** аз сакбина, ҷентиёно, мурр, ғовшир ва мурчи сафед ду мисқолӣ ва аз донаи даҳмасти поккарда чаҳор мисқол гирифта, бисованд ва маъҷун созанд.

### Як дору аз барои хунпартоӣ, ки онро Андрумохус тавсиф кардааст

**[Таркиби он]:** аз ақоқиё чаҳор мисқол, аз гули хушк ҳашт мисқол, аз самари анори даштӣ ҳашт мисқол, аз мурр ду мисқол ва аз касиро як мисқол [гирифта], бо об маъҷун кунанд, аз он қурсҳои якмисқолӣ бисозанд ва бо оби борон [ба бемор] бидиҳанд.

### (429) Як доруи дигар аз барои сурфа

Ин аз ҳамаи намудҳои сурфа ва канда шудани овоз суд дорад.

**Таркиби он:** аз кӯсаки хашхош, ки он хашхош бо пӯстҳояш бошад, яксаду панҷоҳ дона, аз карафси кӯҳии совида се ратл, аз алисфақуни[319] поккарда, ревандӣ чинӣ, гули хушк, бехи савсан ва гулнор се уқиягӣ, аз дорчинӣ ду дирам ва аз сунбул яку ним дирам гирифта, ин доруҳоро реза кунанд, андар панҷ қист оби борон тар карда, се рӯз бигузоранд. Сипас онро бар [52] оташи нарм то сеяки об боқӣ мондан биҷӯшонанд, сипас бифишоранд, биполанд ва туфолаашро берун андозанд. Баъд,аз самги арабӣ ва касиро як ратлӣ, аз мурр ним ратл, аз рубби ширинбаён як ратл ва аз заъфарон ва мастако як дирамӣ гирифта, ҳамаи инҳоро ба ғоят бисованд ва андак-андак то тамом шудан аз он об инҳоро об диҳанд. Сипас бар онҳо бисту чаҳор ратл майпухта афканда, бо оташи нарм то баста гардидан биҷӯшонанд, андар ҷогаҳи обгинагӣ бардоранд ва ҳама гуна сурфаро бо он муолаҷа кунанд.

### Як доруи лесиданӣ аз санавбар

Ин аз барои касоне суд дорад, ки сурфаашон бисёр сахт буда, чун авҷ бигирад, риму фазлаҳо бигардонанд.

**Таркиби он:** аз тухми бирёни катон, бодоми ширини поккарда, чилғӯза, самғи арабӣ ва касиро чаҳор уқиягӣ ва аз хурмои ҳирун даҳ дона [гирифта], доруҳоро якҷоя бо хурмо бикӯбанд, бар онҳо аз ангубину равғани зард ба қадри кифоят бирезанд ва то мисли ангубини ситабр гардидан бисованд. Як ошомиданӣ аз он ба қадри як мозу буда, пагоҳу бегоҳ [биошоманд].

### Як доруи лесидание, ки аз сақизи набатӣ созанд

Ин аз дуруштии гулӯ, канда шудани овоз ва аз гулӯ омадани хуну риму балғам суд дорад ва суддаҳоро бикушояд.

**Таркиби он:** аз тухми катони бирён ва мавизи аз дона поккарда як ратлӣ, аз чилғӯза, бодоми ширин ва бодоми талхи муқашшар шаш уқиягӣ, аз бехи савсани осмонгунии бирён, сақизи набатӣ, решаҳои ширинбаён ва самғи арабӣ чаҳор уқиягӣ, аз шанбалити пухта ва касиро чаҳор уқиягӣ, аз мурчи сафед, таратезаки ордкарда, нахӯди ордкарда,зарованд, мағзи гандум, нонхоҳ,

тухми сипандон ва лабанӣ як уқиягӣ ва аз мурр, заъфарон ва лубон ним уқиягӣ гирифта, ҳамаро бикӯбанд, хуб бисованд ва бо ангубин ва ё тилои ҷӯшонида маъҷун созанд. Аз ин ба қадри як мозу саҳару бегоҳ [ба бемор] бидиҳанд, то билесад ва ба ҳангоми хоб бигузор онро андар зери забон бигиранд.

**Як доруи [дигар]**

Ин аз сурфа ва хушкии беандозаи сина суд дорад.

**[Таркиби он]:** аз бодоми ширин, бодоми талх, тухми катони бирён ва чилғӯза ду дирамӣ, аз анисун, касиро ва самги арабӣ ду дирамӣ, аз афшураи ширинбаён ва ё решаҳои он як дирам ва аз шакар ва пониз ду дирамӣ гирифта, бикӯб, бисов ва бо оби розиёнаи тар сиришта, ҳаббҳо соз. Бигузор [бемор] ҳангоми хоб рафтан як-ду дона [аз онро] ба зери забон бигирад.

**Як доруи лесиданӣ аз барои сурфае, ки аз кимуси сарди часпак хезад**

**[Таркиби он]:** аз дорчинӣ ва тухми розиёна панҷ дирамӣ, аз майъаи равон даҳ дирам, аз писта ва бодоми талх даҳ дирамӣ, аз кундур, самги бодом ва сақиз панҷ дирамӣ, аз кишмиш бист дирам ва аз ағориқун панҷ дирам гирифта, майъаро бо ангубин бикӯбанд, кундур, самғ ва кишмишро бо майпухта тар кунанд ва (430) боқиро кӯфта, сипас [ҳамаро] бо ангубини майъа маъҷун созанд. Як ошомиданӣ аз он як дирам бувад.

**Хунпартой**

Як қурсест, ки онро пизишке аз аҳли Нобулус тартиб додааст ва он худовандони хунпартой, худовандони реши шуш, худовандони хунобаи андар сина ҷамъшуда ва худовандони иллатҳоеро суд дорад, ки аз банд шудани моддаҳои таровида падид омада бошанд.

**Таркиби он:** аз тухми банги сафед ва пӯстҳои ябруҷ панҷ мисқолӣ, аз кундури нар, майъа, афюн ва панирмояи гавазн даҳ мисқолӣ, аз мастако бист мисқол, аз каҳрабо, бехи савсан ва заъфарон сиҳ мисқолӣ, аз аспгул чиҳилу панҷ мисқол ва аз оби хуш се қист [гирифта], биомезанд, қурсҳо созанд ва ба кор баранд.

**Қурсҳои дигаре, ки онҳоро «мурчӣ» хонанд**

Ин аз барои худовандони хунпартой, худовандони шикамравии ногуворида ва решҳои рӯдагон ва касонеро суд дорад, ки ба сӯи меъдаашон модда битаровад.

**Таркиби он:** аз оби бастаи анор[320], хори мисрӣ, анори даштӣ, афшураи «риши буз» ва афшураи ақоқиё шаш мисқолӣ, аз ҳузаз, ровand ва афюн чаҳор мисқолӣ ва аз мурр ду мисқол [гирифта], нарм бикӯбанд ва бо обе, ки андар он мурддона ҷӯшонида бошанд ва ё бо оби сард сиришта, ба кор баранд.

**Як маъҷуни мансуб ба Аристумохус**

Ин доруи аҷиб буда, худовандони хунпартой, худовандони сурфа, касони андар шуш реш дошта, касони андар синаашон хуноба ҷамъ шуда ва низ даридагии андар мушакҳо падидомада, таом гардониданӣ меъда, ҳайза, дарунравии ногуворида, решҳои рӯдагон, иллатҳои обгаҳ ва ихтиноқи заҳдонро суд дорад.Агар аз ин [дору] як соат пеш аз фаро расидани навбати таб ба бемор бидиҳанд, табҳои навбаро [суд бахшад]. Инчунин аз бадмизоҷӣ, лоғарӣ, [ошомидани] доруҳои қаттол ва аз газидагии ҷондорҳои заҳрдор судманд аст.

**Таркиби он:** аз дорчинӣ, қуст, борзад, гунди бедастар, афюн, мурчи сиёҳ, дорфилфил ва майъа як уқиягӣ ва аз ангубин як қист [гирифта], доруҳоро кӯфта, бибезанд. Сипас борзадро бо ангубин то гудохта

шудан ҷӯшонида, биполанд ва дигар доруҳоро бар вай афканда, андар ҷогаҳи обгинагӣ ва ё симӣ бардоранд. Аз ин ба миқдори як боқило бо оби анубин гирифта, бар вай се қатра аз равгани кунҷид бичаконанд ва [ба бемор] бидиҳанд.

### Як шароби мансуб ба Хориқлонус[321]

Ин аз барои душвории нафас суд дошта, доруи фирӯзманд аст.

**Таркиби он:** аз мавизи донааш ҷудокарда як уксубофун, ки ин як бахш бошад, аз шанбалити шуста якчанди он ва аз оби борон як қист [гирифта], то нек пухтан биҷӯшонанд ва оби онро полида, нигоҳ доранд. Аз ин [ба бемор] баъд аз гарм кардан якчанд бор паёпай бидиҳанд.

### Як доруи [дигар]

Ин аз партофтани хуну зардоб ва фазлаҳои ба сӯи сина тарованда суд дорад.

**[Таркиби он]:** аз донаи банги сафед, пӯстҳои бехи ябруҷ, тилои хуб, лубони сафед, лабанӣ, афюн, чилғӯза ва [донаи] сарв даҳ дирамӣ ва аз мастако, каҳрабо ва исфарза сиҳ дирамӣ гирифта, исфарзаро бо оби гарм як шаб тар кунанд, сипас фишурда, обашро бигиранд ва дигар доруҳоро нек бисованд. Баъд ҳамаро бо якдигар омехта, қурсҳои нимдирамӣ созанд. Пеш аз хоб як қурс аз онро бо оби сард [ба бемор] бидиҳанд.

### Як доруе, ки аз хунпартоӣ судманд аст

**Таркиби он:** аз афюн як дирам, аз дорчинӣ як дирам, аз гунди бедастар як дирам, аз мурч, дорфилфил ва мурр як дирамӣ, аз заъфарон дуним дирам, аз каҳрабо ним дирам ва аз гулнор, самғ ва анисун як дирамӣ гирифта, бисованд ва бо афшураи «гӯши бузғола» (барги зуф) сиришта, қурсҳои нимдирамӣ созанд (431) ва андар соя бихушконанд. Аз ин як қурс бо оби нимгарм биошоманд.

### Қурси дигар

**[Таркиби он]:** аз каҳрабо ва бехи марҷон се дирамӣ, аз ақоқиё, афшураи «риши буз» ва гулнор ду дирамӣ, аз тухми хурфа ҳафт дирам, аз хашхоши сафед, хашхоши сиёҳ, гул ва табошир ду дирамӣ, аз шохи сӯхтаи гавазн дуним дирам, аз built ованд[322] яку ним дирам, аз каҷаки сӯхта ду дирам ва аз гил чаҳор дирам [гирифта], қурсҳои якмисқолӣ созанд ва ба кор баранд.

### Як қурси дигар аз барои хунпартоӣ

[Ин аз хунпартоие суд бахшад, ки агар ба иллати рутубат ва истирхои рагҳо падид омада бошад][323].

**[Таркиби он]:** аз пӯстҳои кундур ва худи кундур панҷ дирамӣ, аз бехи гӯргиё ҳафт дирам, аз praванд ва мастако чаҳор дирамӣ, аз доршишиғон, зираи бирён ва пудинаи кӯҳӣ панҷ дирамӣ, аз мурр ва заъфарон ҳафт дирамӣ ва аз қалқадис, сунбул, гунди бедастар, афшураи «риши буз», ақоқиё ва гул чаҳор дирамӣ [гирифта], бикӯбанд ва бо матбухи тунд сиришта, қурсҳои якмисқолӣ созанд.

### Афсурда шудани хун андар сина. Як доруе, ки аз ин суд дорад

**Таркиби он:** аз шанбалити ҷӯшонида ду дирам, аз built praванд як дирам, аз мурр ҳашт[324] дирам, аз анисун ва гул ду дирамӣ ва аз решаҳои ширинбаён, мурч ва намак як дирамӣ гирифта, бикӯбанд, бисованд ва бо оби сард сиришта, қурсҳои [53] якдирамӣ созанд ва андар соя бихушконанд. Аз ин як қурсро бо як сукарраҷа оби бехи розиёна ва бехи карафсе, ки ҳар дуро ҷӯшонида бошанд, [ба бемор] бидиҳанд. Қурсро нахуст совида, андар он [об] ҳал кунанд ва сипас биошоманд. Ин доруи хуб аст ва он хуни афсурдаро гудохта, берун оварад ва маҳалли онро пок созад.

### Бемории сил ва решҳои шуш

Як доруест, ки аз решҳои сина ва шуш суд бахшида, онҳоро бисабзонад ва беҳ кунад.

**Таркиби он:** аз гулнор ва гули хушк чаҳор дирамӣ, аз хуни сиёвушон, магзи

гандум ва лубон ду дирамӣ, аз самғи арабӣ, касиро ва мастако се дирамӣ, аз ақоқиё ва заъфарон ним дирамӣ, аз каҳрабо ва мурр як дирамӣ ва аз норкию (кӯкнор) панҷ дирам гирифта, бикӯбанд ва бо рубби биҳӣ, ё рубби мурд сиришта, қурсҳои якмисқолӣ созанд, андар соя бихушконанд ва бидиҳанд, [то бемор] биошомад.

### [Андар баёни] дил. Доруҳои дил

Як маъҷунест, ки андар таркиби он испанд бидароянд.

**Таркиби он:** аз испанд, сиёҳдона, кофур, гунди бедастар, тухми банг, зарованд, мушки замин, ҳазоргашон, шашбандон, оқирқарҳо, мурч, саътар, ҳанзал, сунбул, тухми карафс, тухми судоб, каравиё, афюн, заъфарон, гавзи бӯё, салиха ва қуст ним дирамӣ, аз сакбина ва говшир чаҳор дирамӣ, аз шакар як дирам ва аз ангубин ба қадри ҳоҷат бигиранд. Як ошомиданӣ аз он аз барои касони қавӣ як дирам ва касони нотавон ним дирам бувад.

### Як доруи дигар

Ин аз хафақон, тарсидан ва саръ суд дорад.

**Таркиби он:** аз сунбул, дорчинӣ, зурунбод ва даруна ду дирамӣ ва аз тухми шибит ним дирам гирифта, доруҳоро бикӯбанд, биомезанд ва аз он як дирам [гирифта], бо як уқия шаробе, ки андар он «забони гов» тар карда бошанд, [ба бемор] бидиҳанд. Аз ин ҳар моҳе се рӯз пайдарҳам биошоманд.

# (432) МАҚОЛАИ ШАШУМ

## АНДАР БАЁНИ ТИҲИГОҲИ ФУРӮСӮВИНИ [ТАН]

### Нотавонии меъда

Як равганест, ки аз истирхои меъда ва нотавонии он суд дорад.

**Таркиби он:** аз мастако, сабр, афшураи афсинтин, афюн, равғани нордин ва ё равғани биҳӣ ба қадри кифоят [гирифта], ба ҳам биомезанд ва онро бо пашминаи нарме бар меъда чарб кунанд. Агар бихоҳӣ, ки гармии ин доруро афзоиш бидиҳӣ, андар он як бахш лозан ва ду бахш майъа биафзой ва агар бихоҳӣ, ки онро қабзкунанда ва қависозанда бигардонӣ, андар он афшураи ғӯраи ангур ва ё афшураи «риши буз» биафзой.

### Доруи нотавонии меъда ва бадгуворӣ

**[Таркиби он]:** аз ҳалилаи кобулие, ки бо оби биҳӣ чӯшонида, сипас бирён карда бошанд, чаҳор дирам, аз балила, омула, зирае, ки андар сирко тар карда, сипас бирён карда бошанд, мушки замин ва мастако ду дирамӣ, аз анисун ва тухми карафс, ки ҳар дуро андар сирко тар карда бошанд, як дирамӣ, аз уд ва мушк яку ним дирамӣ, аз наъно се дирам, аз макдунис (карафси румӣ) яку ним дирам, аз гул чаҳор дирам, аз донаи анор ҳашт дирам, аз тутум чаҳор дирам ва аз қирфа, пӯстҳои кундур ва сунбул як дирамӣ [бигиранд].

### Як лахлахае[325], ки меъдаро қавӣ созад

**[Таркиби он]:** аз оби сабр, оби гул, оби себ, оби биҳӣ ва оби бед як бахшӣ ва аз сандали сафед, сандали сурх, гул, заъфарон, кофур, лозан, гулнор, ромак, уд ва мушк ним бахшӣ [бигиранд].

### Як зимод аз барои омоси сахти меъда

**[Таркиби он]:** аз афсинтин, сунбул ва салиха ҳашт дирамӣ, аз сабр ва майъа чаҳор дирамӣ, аз заъфарон ду дирам, аз шохаву донаи баласон ва мурр як дирамӣ, аз мастако ду дирам ва аз равғани нордин ба қадри ҳоҷат [бигиранд].

### Ёрае, ки ба Антиёфатрус мансуб аст

Ин аз барои касони бемори меъда суд дорад.

**Таркиби он:** аз сабр чаҳор мисқол, аз мастако ду мисқол, аз асорун ним уқия ва аз гули хушк, шукуфаи ғӯргиё, фу ва салиха ним уқиягӣ [гирифта], ба таври хушк мисли ёра ба кор бибар.

### Қурсҳое, ки онҳоро «қурсҳои аморунус»[326] номанд

Ин аз нимгардон шудани меъда, ки ба иловус наздик аст, аз ҳар гуна дамиш ва аз афрӯхтагӣ суд дорад ва низ аз барои касе, ки таомро бигардонад ва аз барои иллатҳои дарунӣ созгор бувад.

**Таркиби он:** аз тухми карафс шаш мисқол, аз анисун шаш мисқол, аз афсинтин чаҳор мисқол (вале андар нусхае дигар мо чаҳор мисқол мастако низ дарёфтем), аз мурч ду мисқол, аз мурр ду мисқол, аз дорчинӣ шаш мисқол, аз афюн ду мисқол ва аз гунди бедастар якчанди он [гирифта], бо об маъҷун кунанд, аз он қурсҳо созанд ва [ба бемор] бидиҳанд. Як ошомидании мӯътадил аз ин барои бемориони меъда як мисқол ва бо шароби омехта бувад.

### Ёрае, ки ба Момисун[327] мансуб аст

Ин аз нимгардон шудани меъда ва аз барои касе, ки афрӯхтагӣ ҳис кунад, суд дорад, ҳар гуна дамишро бибарад, аз барои дер аз худ шудани ғизо ва аз иллатҳои заҳдон суд дорад ва низ пешобро битозонад. Ин аз барои бемориони ҷигар ва аз барои касоне, ки меъдаашон[328] дард мекунад, доруи аҷибест ва хуни ҳайзро ҳам битозонад.

**Таркиби он:** аз сабр сад мисқол, аз мастако як уқия, аз заъфарон як уқия ва аз сунбул, дорчинӣ, донаи баласон ва асорун як уқиягӣ [гирифта], бикӯбанд, бибезанд ва ба шакли хушк нигоҳ доранд. Онро бад-ин гуна ба кор баранд: ҳар киро таом дер аз худ шавад, як мисқол аз онро бо оби сард ба ӯ бидиҳанд; ҳар киро қаи зарда ояд ва ё агар ба меъдааш ягон моддае метаровида бошад, ба ӯ аз ин [дору] ним мисқол бидиҳанд; ҳар киро андар бархе аз андомҳои (433) дарунияш омосе бошад ва агар аз ин дору як мисқол бо оби ангубин ба ӯ бидиҳанд, суд бахшад; ҳар кӣ ба тозондани пешоб ва ё ҳайз эҳтиёҷ дошта бошад, инро бо оби розиёнае бидиҳанд, ки кӯфта, ҷӯшонида ва полида бошанд.

### Зимоди Булуворҳис[329]

Ин аз ҳамаи иллатҳои дарунӣ суд дорад.

**Таркиби он:** аз мушки замин, қардамоно, кӯфтаи кундур [ва мум][330] як манӣ, аз сақизи хинҷак яку ним ман ва аз равғани ҳино ба қадри кифоят [бигиранд]. Гоҳе андар ин як ман мукли яҳудӣ низ изофа кунанд.

### Як доруе, ки онро «данид ирсо»[331] номанд

Ин аз табоҳии мизоҷи меъда, ҷамъ шудани об ва аз нармии меъда суд дорад[332].

**Таркиби он:** аз бехи савсани осмонгунӣ бисту чаҳор дирам, аз мурч бист дирам, аз занҷабил ва ангудон дувоздаҳ дирамӣ, аз анисун, мастако ва донаи розиёна чаҳор дирамӣ ва аз нонхоҳ ва тухми карафс ҳашт дирамӣ [гирифта], бикӯбанд ва бо ангубин маъҷун созанд. Як ошомиданӣ аз он ба андозаи як нахӯд ва бо об бувад.

### Гувориши каравиё

Ин аз дарди меъда, суддае, ки андар он ва андар ҷигар ба амал ояд ва аз камгуворишӣ суд дорад.

**Таркиби он:** аз каравиё, нонхоҳ, тухми карафс, занҷабил, мавизи аз дона поккарда, сисолиюс ва тухми газар се дирамӣ ва аз бодоми талхи аз пӯст поккарда шаш[333] дирам [гирифта], бикӯбанд ва бо ангубин маъҷун созанд. Як ошомиданӣ аз он ба қадри як фундуқ[334] ва бо оби нимгарм бувад.

### Гувориши хуланҷон

Ин аз шиддати сардии [меъда ва][335] ҷигар суд дошта, таомро бигуворад, бодҳоро биронад ва меъдаро хушҳол кунад.

**Таркиби он:** аз хуланҷон, қирфа ва мурчи сафед ду дирамӣ, аз ҳил, дорчинӣ ва нормушк се дирамӣ, аз дорфилфил шаш дирам, аз занҷабил ҳашт дирам, аз тухми карафс, анисун, зира, каравиё ва толисфар як дирамӣ, аз пониз ва шакар се ҷанди ҳамаи доруҳо [гирифта], бикӯбанд, бибезанд ва ба ҳам биомезанд. Як ошомиданӣ аз ин ду дирам бувад.

## Иштиҳои [гил]

Як маъҷунест, ки иштиҳои гилхориро қатъ кунад.

**Таркиби он:** аз ёра шаш дирам, аз ҳалилаи сиёҳ, балила ва омула се дирамӣ ва аз гавзгандум панҷ дирам гирифта, бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд. Се дирам аз онро бо обе [ба бемор] бидиҳанд, ки андар он мастако, анисун, наъно ва рими [оҳани] пухтаро ҷӯшонида бошанд.

## Қай ва маниши ғаштан

Як шаробест, [54] ки қаи балгамиро биканад [ва маниши гаштан бинишонад][336].

**Таркиби он:** аз зираи кирмонӣ чаҳор дирам, аз мастако се дирам, аз донаи анор бист дирам ва аз наъно ва наммом панҷ дастагӣ [гирифта], бо чаҳор ратл об то як ратл мондан биҷӯшонанд, биполанд ва бар вай як дирам сукк афканда, пагоҳу бегоҳ аз он [ба бемор] бидиҳанд, биошомад.

## Ҳукак

Як доруест аз барои ҳукак, ки аҷиб ва қавист.

**Таркиби он:** аз набизи хушбӯи райҳонӣ ҳашт ратл ва аз ангубини кафк баргирифта ду ратл [гирифта], онҳоро чандоне биҷӯшонанд, ки шашяк аз онҳо биравад. Сипас аз оташ фурӯд оварда, бар вай аз қуст ва мастако чаҳор дирамӣ, аз афсинтин ҳафт дирам, аз гӯргиё, сунбул, сода, гул, сабр, горикун ва заъфарон ду дирамӣ ва аз асорун, уди ҳиндӣ ва салиха чаҳор дирамӣ гирифта, бисованд. Як ошомиданӣ аз ин як кафча бувад.

## Ҷигар. Омоси ҷигар

Марҳами мурдисфарам аз омосе суд дорад, ки аз сабаби кӯфтагӣ ва гайра падид ояд.

**Таркиби он:** аз мурдисфарам чаҳор дирам, аз уд, заъфарон, донаи даҳмаст, наи бӯё, мурр ва киё се дирамӣ ва аз мум чаҳор дирам гирифта, доруҳоро бикӯб, бисов ва ба ҳам ҷамъ соз. (434) Мумро бо миқдори кофие аз равғани савсан ва бо се дирам равгани савсани сафед бигудоз.

## Сахтии ҷигар

Як маъҷунест, ки онро аз ҷигари гург созанд ва он аз барои дардҳои ҷигар, испурч ва меъда, аз барои бодҳо, зусанториё,сурфаи деррав ва касоне суд дорад, ки хун қай кунанд.

**Таркиби он:** аз заъфарон, мурр, афюн, гунди бедастар, тухми банг, қуст, қардамоно, хашхош, сунбул, алафи гулӯдард, ҷигари гург ва шохи сӯхтаи тарафи рости буз ба миқдори баробар гирифта, ҳар чи аз инҳо кӯфтанист, бикӯбанд, ҳар чи гудохтанист, бо шароб бигудозанд ва бо ангубини кафк баргирифта сиришта, баъди шаш моҳ ба кор баранд. Як ошомиданӣ аз он ба қадри як нахӯд ва бо яке аз шаробҳои созгор бувад.

## Бадмизоҷии [ҷигар]

Равғани мозариюн [онро суд бахшад][337].

**[Таркиби он]:** аз мозариюн даҳ дирам гирифта, бо як ратл об як шабу як рӯз тар кунанд, андар деге андохта, бо оташи нарм то ним ратл аз об боқӣ мондан, биҷӯшонанд. Сипас фурӯд оварда, биполанд ва бори дигар андар дег андохта, аз болояш чаҳоряк ратл равғани бодоми ширин бирезанд ва то рафтани обу боқӣ мондани равган биҷӯшонанд. Баъд, доруҳои кӯфтаву бехтаи зеринро бо ин равган биолоянд: ҳалилаи зард, балила ва омула даҳ дирамӣ; хурмои ҳиндӣ сиҳ дирам; олу сиҳ дона; унноб ҳамин қадар; хиёршанбар як ратл; ва мавиз[338] ним ратл. Ҳамаи ин доруҳоро ба истиснои хиёршанбар якҷоя созанд, андар деги сангӣ биандозанд, аз болояш даҳ ратл об рехта, то сеяки он боқӣ мондан биҷӯшонанд. Сипас онро бар хиёршанбар полида, бифишоранд ва бори дигар онро полида, ба дег бирезанд, аз болояш як ман пониз афканда, то ба қавоми ангубин расидан биҷӯшонанд. Баъд, бар

вай ним ратл равғани бодом бирезанд ва доруҳои бехтаву бо равған олоидаро аз болои он бипошанд ва то баста гардидан бичӯшонанд. Сипас аз оташ фурӯд оварда, андар ҷогаҳи обгинагӣ бардоранд. Як ошомиданӣ аз ин шаш дирам бувад.

### Як хока аз барои ғогози об (истисқо)

Инро бо шири шутур, ё бо оби панир ва ё бо оби тараҳо истеъмол кунанд.

**Таркиби он:** аз афшураи алафи гулӯдард яку ним дирам, аз лок ду дирам, аз ром ранд яку ним дирам, аз шукуфаи гӯргиё як дирам, аз заъфарон яку ним дирам, аз тухми зарпечак як дирам[339], аз тухми хиёрза ва хурфа як дирамӣ ва аз маҳмуда як дирам [бигиранд]. Як ошомиданӣ аз он як мисқол бувад.

### Испурч. Тарёкҳо ва доруҳои испурч

Як доруи фирӯзмандест, ки бо номи «дибқӣ» маъруф аст.

**Таркиби он:** аз мавизаки асалии булут ду ратл ва аз оҳак як ратл гирифта, мавизакро андар ҷогаҳи сафолин кунанд ва бар оташи лахча бигузоранд, то гудохта гардад. Чун ғудохта шуд, бар вай оҳакро бипошанд, ҳар дуро биомезанд ва гармогарм бар пӯсти гург тило карда, таҳ кунанд. Ҳар гоҳ ин доруро ба кор бурдан бихоҳанд, бояд бемори ин дору истеъмолкунандаро ба гармоба бидароранд ва ин зимодро бар вай биниҳанд ва то худ ба худ наафтад, онро нагиранд. Бояд ба он нек диққат дод ва ҳар чи аз он аз тан ҷудо бигардад, пешопеш бибурид.

### [Доруи] дигар

Нишонаи судбахшии он аз барои беморони испурч андар як рӯз зоҳир бигардад. Се рӯз пеш аз зимод намудани ин [дору] бояд барои бемор тадбири ғизоии лозимие таъйин кунанд.

**Таркиби он:** аз мурр се уқия, аз кӯфтаи кундур се уқия, аз хардали искандаронӣ ва қардамоно ду уқиягӣ ва аз сиркои унсул ба миқдори кофӣ [гирифта], хардалу қардамоноро кӯфта, бибезанд. Сипас кӯфтаи кундур ва мурро совида, бар онҳо доруҳои хушкро бипошанд ва ҳамаро сиришта, мисли марҳам бигардонанд. Инро бар [маҳалли беморӣ] аз ду то нӯҳ соат бигузоранд ва сипас беморро ба ҳоли зимодниҳодагӣ ба гармоба бидароранд. Ҳар гоҳ танаш нарм шавад, андар обзанаш бидароранд ва бифармоянд, ки андар он ба муддати бисёр бинишинад, то ҳар чи обе, ки андар вай аст, берунояд. Барои он ки ҳушаш наравад, ба зери бинияш сирко ва пудинаи баррӣ бидор, бибӯяд. Пораеро, ки бо он зимод ниҳода бастаӣ, андак-андак бикушой. Ҳар гоҳ ӯро аз гармоба берун оварӣ, ба ӯ моҳии шӯр ва бе нон бидеҳ, бихӯрад. Рӯзи (435) якум ва севвум [обаш] бидеҳ ва пеш аз он бифармой ягон варзише бикунад, ки аз он нафасаш думодуми тез бигардад.

### Як доруи сӯзондаи кавии дигар

Ин дору таъсирбахш буда, девонагон, беморони испурч ва худовандони иллатҳои деринаро суд дорад.

**Таркиби он:** аз ротиёначи ҷӯшонида чаҳор ратл, аз мум ду ратл, аз гӯгирди оташнорасида як ратл, аз кӯфтаи кундур [як ратл, аз зифт ду ратл][340], аз замч як ратл, аз бураи сурх як ратл, аз рованд[341] се уқия, аз бехи хиёри даштӣ се уқия, аз сабр шаш уқия, аз оқирқарҳо якчанди он, аз шири тут се уқия, аз сирко яку ним қист ва аз шароби антокӣ ним қист [бигиранд], вале мо ба ҷои сирко се қутулӣ равғани зайтун биафканем. Сипас инро ба тарзи [доруи пеш омада] омода созанд.

### Як [доруи] дигар

Ин [сӯзандаи қавӣ буда][342], ба гоят таъсир кунад.

**Таркиби он:** харчанги рӯдиро гирифта, пойҳову нешҳои онро канда барандозанд, [худи онро] бихушконанд, бисованд ва аз он як мисқол бигиранд. Сипас бо он шашяк

мисқол афюн омехта, бо оби он рӯде онҳоро тар кунанд, ки ин харчангро аз он об гирифта бошанд ва ба худованди беморӣ биошомананд. Андар баъзе ҳолатҳо ба ҳасби иллат ба ҷои афюн ба қадри он равгани баласон бигиранд.

### Сахтии испурч

Як марҳамест, ки аз барои сахтии андар испурч падидоянда ва кӯҳангардида суд дорад.

**Таркиби он:** аз қардамоно, хардал, оқирқарҳо ва шанбалити ҷӯшонида як бахшӣ гирифта, нек бикӯбанд, бо сирко бисованд, бар онҳо равгани зайтун бирезанд ва сипас бар испурч бад-ин гуна тило кунанд, ки худованди онро нахуст андар гармоба бишӯянд ва сипас бар вай ин марҳамро биниҳанд.

### Як ҳуқна

Ин аз решҳои андар шикам будае суд дорад, ки ба сабаби онҳо аз даруни бемор хун биравад ва румиҳо онро «зусанториё» номанд.

**Таркиби он:** [55] пиҳи гурдаи нарбузи солимро гирифта, бо кашк биҷӯшонанд. Сипас аз оби кашк ва равгани пиҳ ду сукаррачагӣ, аз оби гуринҷи ҷӯшонида ва равғани гул як сукаррачагӣ, аз ақоқиёи совида ним дирам, аз самги арабии совида ва сафедаи совида як дирамӣ ва зардии як хояи бирёни мургро гирифта, ҳамаро то ба шакли марҳам даромадан, биомезанд ва ба тариқи ҳуқна бирезанд. Ё як сукаррачаи оби садпайванди тар ва ним сукаррача равғани гулро гирифта, бо инҳо ҳуқнарезӣ кунанд.

[Ба бемор] аз шӯрбое ғизо бидеҳ, ки онро бо туруша ва равгани бодом ва ё бо донаи анор бисозанд ва бикӯш, ки он хушмаза бошад. Аз меваҳо ба ӯ биҳӣ бидеҳ.

### Рафтани шикам

Як хокаест, ки аз дарунрави ногуворидаи дерравсуд дорад.

**Таркиби он:** аз гулнор, булуте, ки андар сирко тар карда, бирён карда бошанд, тутум, мурддона, қараз (мағелон) ва таросис (саморуғи малтӣ) ду дирамӣ, аз зира ва мозуе, ки ҳар дуро баъд аз тар кардан андар сирко бирён карда бошанд, кулоҳаккҳои анори ширин, газмозу, ромак, уд, сукк, мастако ва сунбул як дирамӣ ва аз тухми туруша, самғ, гил, афшураи «риши буз», донаҳои бирёни мавиз, харнуб ва ҷафти [булут] яку ним дирамӣ [бигиранд].

### Як гувориш

Ин дарунрави ногуворидаи аз сардӣ ва бодҳо ба амал омадаро қатъ кунад.

**[Таркиби он]:** аз тухми карафс, наи бӯё, мушки замин, нонхоҳ, шохаҳои баласон, лозан ва басбоса панҷ дирамӣ, аз қоқула ва сукк чаҳор дирамӣ, аз гул даҳ дирам, аз ушна ва анисун се дирамӣ[343], аз мурчи сафед ду дирам, аз қирфа севу ним дирам, аз заъфарон ҳафт дирам, аз кофур се дирам, аз нохуни дев севу ним дирам, аз беҳи гӯргиё чаҳор дирам, аз қардамоно ду дирам, аз сандали (436) сафед чаҳор дирам, аз тухми газари даштӣ се дирам, аз дорчинӣ якчанди он, аз занҷабил ҳамин қадар ва аз мурддона ҳафт дирам [гирифта], бо рубби себ маъҷун созанд.

### Шароби меваҳо

Ин исҳолро бибандад ва сафроро пахш кунад.

**Таркиби он:** аз дилаи турунҷ, зиришк ва чукурӣ як ратлӣ, аз дӯлона, донаи анор ва тутум се ратлӣ, аз биҳии нордон, себ, анор ва амруд чаҳор ратлӣ ва ҳамин қадар об [гирифта], ду рӯз онҳоро тар кунанд, сипас то пухтан биҷӯшонанд ва биполанд. Ин [обро] бори дигар биҷӯшонанд ва бар вай шакар биафкананд.

## Сахҷ ва решҳои рӯдагон

Як доруест, ки онро «банд»[344] бихонанд ва аз решҳои рӯдагон суд дорад.

**Таркиби он:** аз ақоқиё бисту панҷ мисқол, аз пӯстҳои анор ҳафтоду панҷ мисқол, аз мозу бисту панҷ мисқол, аз афюн бисту панҷ мисқол, аз тухми банг панҷоҳу шаш мисқол, аз говарси кӯфта яксаду шаст мисқол, аз тутуми шомӣ ҳафтод мисқол, аз афшураи тутуми шомӣ дуним мисқол ва аз кундур бисту панҷ мисқол [гирифта], бисованд, якҷоя кунанд ва бо шароби сиёҳ бисириштанд. Як ошомидании тамом аз ин як мисқол бувад.

## Як доруи мансуб ба Луқиюси Тарсусӣ

Ин дору аз ҳама гуна моддаи ҷамъшаванда ва аз ҳар гуна дамиш суд дорад.

**Таркиби он:** аз анисун ва тухми карафс ду мисқолӣ, аз тухми розиёна, тухми газари даштӣ ва тухми тардилун, ки ин як навъи сисолиюс аст, чаҳор мисқолӣ ва аз афюн ва тухми банг яку ним мисқолӣ [гирифта], бикӯбанд, бибезанд ва бо об сиришта, ба кор баранд.

## Ҳуқнае, ки Ҷолинус ба кор мебурдааст

Ин ҳуқнаи Антиновус[345] буда, бо бисёре аз нусхаҳои пешиниён созгорӣ дорад.

**Таркиби он:** аз афшураи хушконидаи ғӯраи ангур шаш мисқол, аз замчи яманӣ ҳамин қадар, аз оҳаки обнорасида ва пӯстҳои мис шаш мисқолӣ, аз зирнихи сурх се мисқол, аз зирнихи зард ҳашт мисқол ва аз қитроси сӯхта понздаҳ мисқол [гирифта], бикӯбанд ва бо шароби мурддона сиришта, қурсҳои се, ё чаҳормисқолӣ созанд. Инҳоро бо ду қавосус шароби омехта бо об ҳуқнарезӣ кунанд ва андар бархе ҳолатҳо онро бо оби борон бирезанд.

## Қурсҳои дегафзорҳо

Инҳо аз дарунрави ногуворида ва решҳои рӯдагон суд дошта, онҳоро «қурсҳои Судартисус[346]» хонанд. Инҳо аз ҷумлаи доруҳои таъсирбахшанд ва исҳолро зуд бибанданд.

**Таркиби он:** аз заъфарон, сунбули ҳиндӣ ва анисун чаҳор мисқолӣ, аз мурр ду мисқол, аз сабри ҳиндӣ, афшураи «риши буз», ҳузази ҳиндӣ, афшураи ақоқиё, афюн, мозуи сероб, касиро ва мурчи сафед ду мисқолӣ [гирифта], бо шароб маъҷун кунанд ва қурсҳои ним мисқолӣ бисозанд.

## Як хока

Ин аз барои сахҷе, ки аз балғами шӯр ба амал омада бошад, [судманд аст].

**[Таркиби он]:** аз сипандони бирён даҳ дирам, аз тухми шоҳисфарам ҳафт дирам, аз мастако панҷ дирам, аз тухми марв ва гили арманӣ даҳ дирамӣ, аз самғи арабии бирёнкарда ҳафт дирам ва аз тухми гандано ва нашостаи бирён панҷ дирамӣ бигиранд. Як ошомиданӣ аз ин се дирам бувад.

## Як ҳуқна аз барои сахҷ

Пеш аз доруи ошомиданӣ бо равғани гов ва хуни сиёвушон ҳуқна бирезанд.

## Як ҳуқна

Ин аз барои марҳалаи оғози хуроҷ, сафро ва рондани модда [судманд аст].

**Таркиби он:** аз наск даҳ дирам, аз мурддона, пӯстҳои анор ва дӯлона ҳафт дирамӣ, аз биҳии аз дона поккарда ва амруд понздаҳ дирамӣ ва аз мозу панҷ дирам [гирифта], бо се ратл об ва чаҳор уқия оби (437) анори нордон ва оби ғӯраи ангур то як ратл мондан, бичӯшонанд ва биполанд. [56] Сеяки онро гирифта, бо як мисқол гили арманӣ, ҳамин қадар самғ ва як дирамӣ аз киртоси сӯхта, ақоқиё ва сафеда биомезанд.

## Сифати як доруе, ки аз барои қулинҷ шигифтовар аст

Инро Ҷолинус аз барои касони гирифтори иллате, ки онро «иловус» номанд, яъне аз барои касоне, ки бирозашон аз даҳон ояд, ба кор мебурдааст. Агар дард сахт бошад, аз он ба қадри як боқило бо се, ё чаҳор қавосус оби сард ба бемор бидеҳ.

**Таркиби он:** аз тухми банг ва мурчи сафед чиҳил мисқолӣ, аз афюн бист мисқол, аз заъфарон даҳ мисқол ва аз сунбули хушбӯй, уфурбиюн ва оқирқарҳо ду мисқолӣ гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва бо ангубини ҷӯшонида маъҷун созанд.

## Сифати як доруи қулинҷ аз рӯи тавсифи Ҷолинус андар китоби «Сукротис»[347]

Ин дору «асумовис»[348] ном дошта, беморони меъдавӣ ва худовандони омоси чашмро ба ҳангоми шиддат ёфтани дард суд дорад ва агар онро бо оби ангубине, ки андар он судоб ҷӯшонидаанд, биошоманд, аз барои дарди заҳдон [низ суд бахшад].

**Таркиби он:** аз заъфарон яку ним мисқол, аз сунбул ду мисқол, аз мурр ду мисқол, аз қуст, мурчи сафед, дорфилфил ва борзад ду мисқолӣ, аз равғани баласон чаҳор мисқол, аз дорчинӣ, пӯстҳои бехи ябруҷ (вале ба ҳасби як нусхаи дигар афшураи ябруҷ омадааст) ва аз гунди бедастар ду мисқолӣ, аз тухми газари даштӣ чаҳору ним мисқол, аз сакбина се мисқол ва аз салиха чаҳор мисқол гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва бо ангубин маъҷун созанд.

## Суст шудани мақъад ва баромадани он

Доруи Ҷолинус аз берун омадани мақъад суд дорад.

**Таркиби он:** самари растание, ки онро «ар-рикӣ»[349] гӯянд, мозу, сафедаи арзизӣ, ақоқиё[350], афшураи «риши буз», пӯстҳои санавбар, [ки онро «қитус» номанд][351], кундур ва мурр чаҳор мисқолӣ гирифта, ба шакли хушк баъд аз шустани мақъад бо шароби тунд бар он бипошанд.

## Санги гурда

Ман мегӯям, ки ҳар чи санги обгаҳро аз ҳам бирезонад, бешубҳа санги гурдаро низ аз ҳам бирезонад, вале баръакси ин ҷой надорад.

## Як маъҷун

Ин касеро, ки санг дошта бошад, суд бахшад, зеро он доруест, ки сангро аз ҳам бирезонад ва минбаъд онро падид омадан нагузорад.

**Таркиби он:** аз салиха ду мисқол, аз тухми карафс се мисқол, аз мурр чаҳор мисқол, аз мурчи сафед ду мисқол, аз кундур се мисқол, аз санги шомии нар як мисқол, аз тухми газар ва анисун ду мисқолӣ, аз майъа се мисқол, аз бехи савсани илурикӣ[352] се мисқол, аз тухми хашхоши сафед ду мисқол, аз сунбул якчанди он, аз бодоми муқашшар ва асорун се мисқолӣ, аз тухми савсан ва мушки замин ду мисқолӣ ва аз ангубини навъи олӣ ба қадри кофӣ [гирифта], аз ин ҳар рӯз [ба бемор] бидиҳанд, биошомад.

## Як доруи дигари таъсирбахш

Ҷолинус гуфтааст: «Ман мардумони бисёреро медонам, ки гурдаҳояшон бемор буданд ва чун [бо ин] муолаҷа карданд, бемориҳояшон беҳ шуд». Ин доруро бояд ба таври доимӣ рӯзгори зиёде ба кор бибаранд. Ин доруест, ки ҳар киро санг бошад ва ҳар киро қулинҷ бошад, аз он шифо ёбанд ва иллатҳои обгаҳро низ беҳ кунад. Сифати сохтани он чунин аст:

**Таркиби он:** аз фундуқи муқашшар, бодоми муқашшар, тухми муқашшари хиёрзаи бӯстонӣ ва тухми поккардаи каравиё се мисқолӣ, аз тухми шавкарон, заъфарон, тухми хиёр ва афюн шаш мисқолӣ ва аз тухми банги сафед ва тухми карафс дувоздаҳ мисқолӣ [гирифта], бо ангубин маъҷун кунанд ва аз он қурсҳо созанд. Аз он ба қадри ним мисқол бо се

қавосус оби ангубини софи нимгарм [ба бемор] бидиҳанд, биошомад. Андар нусхаи дигаре чунин дарёфтаанд, ки андар ин [дору] шаш мисқол испанд [низ] бидарояд.

### (438) Санги обгаҳ

Аз он чи ки андар ин бобат ёд кардаанд ва бад-он шаҳодат додаанд, ин аст: агар харгӯшро, чунон ки медонӣ, ба нармӣ бисӯзонанд, хокистари онро гирифта нигоҳ доранд ва аз он якчанд рӯз ду дирамӣ бо оби нимгарм [ба бемор] бидиҳанд, сангро аз ҳам бирезонад.

### Сифати дорус, ки аз каждум бисозанд

Ин санги андар гурда падидомадаро аз ҳам бирезонад ва ҳар кӣ онро ба кор барад, аз падид омадани санг андар гурда эмин бимонад. Ин дору ба хосият амал кунад, на ба мизоҷ.

**[Таркиби он]:** аз каждумҳои зинда даҳ адад гирифта, андар деги оҳании покиза афкананд ва онро бо хамири орди гандум гилкорӣ кунанд. Сипас оҳанги танӯр намуда, онро бо ҳезуми ток то сурх шудан, битафсонанд ва дегро андар он як шаб бигузоранд, биистад. Сипас онро берун оранд ва баъд аз сард шудан, ҳар чӣ андар дег хокистари каждум бошад, бигиранд ва андар ҷогаҳе бардоранд. Баъд, ба ҳангоми муолаҷаи дардҳои гурда ду қирот аз онро бо шаробе ба кор баранд, ки онро «хандиқун» номанд. Ин сангро аз ҳам резонда, пора-пора аз тариқи пешоб фурӯд орад. Чунки каждум андар табъи хеш зидди сангест, ки андар гурда ва обгаҳ падидояд, чунон ки гӯштҳои афъиҳо зидди заҳрҳои морҳо ва дигар ҷунбандагони зиёнкори заҳрдор буванд.

### [Як дору аз тартибдодаи мо

Ин аз барои реши масона ва реши маҷрои нара [аз тариқи бо обдуздак] андар пешоброҳа фиристодан созгор аст.

**Таркиби он:** аз сурби сӯхта ва мағзи тухми харбуза панҷ дирамӣ, аз табошир ду дирам, аз самғи арабӣ, тухми хашхош ва шохи сӯхтаи гавазн се дирамӣ, аз афюн ним дирам, аз банг ду донг ва аз мурр як дирам гирифта, ҳамаро нек бисованд ва аз он бо оби коснӣ мисли шиёфҳои чашм шиёф созанд. Инро бо шир ва ё равгани донаи харбуза омехта, аз тариқи қосотир ба кор баранд, сахт судманд бувад][353].

### Қурсҳое, ки сангҳои андар обгаҳу гурдаҳо падидомадаро аз ҳам бирезонанд

**[Таркиби он]:** аз тухми газари даштӣ, тухми хиёрзаи риқӣ[354], анисун, мурр, тухми карафси кӯҳӣ, тухми карафси бӯстонӣ, салиха, дорчинӣ ва сунбул як бахшӣ гирифта, ин доруҳоро бикӯбанд, бибезанд ва бо об сиришта, қурсҳои якдирамӣ ва ё як мисқолӣ, ё ин ки ҳаббҳое ба қадри нахӯд бисозанд. Аз ин даҳ ҳабба бар ношито бо оби гарм ба бемор бидиҳанд.

### Як маъҷуне, ки сангро аз ҳам бирезонад

**[Таркиби он]:** аз сунбули ҳиндӣ се драхмӣ, аз занҷабил чаҳор драхмӣ, аз дорфилфил ҳамин қадар, аз салиха дувоздаҳ қирот, аз дорчинӣ чаҳор драхмӣ, аз гесугуна ҳамчанди он, аз асорун як дирам, аз тухми газари даштӣ ҳамчанди он, аз заъфарон ду драхмӣ, аз гунди бедастар чаҳор драхмӣ, аз шукуфаи гӯргиё ҳамин қадар, аз ускурдиюн низ ҳамчунин, аз қуст ду драхмӣ, аз мурчи сафед ҳамчанди он, аз карафси кӯҳӣ ҳамин қадар, аз донаи баласон чаҳор драхмӣ ва аз ваҷ ду драхмӣ [гирифта], бо ангубин маъҷун созанд.

### Қатра-қатра омадани пешоб

Як қурсест, ки аз қатра-қатра омадани пешоб ва зараб (табоҳии шикам) суд дорад.

**Таркиби он:** аз гунди бедастар ду дирам, аз марзангӯш, судоб, тухми банг ва анисун

як дирамӣ ва аз донаи анор понздаҳ дона гирифта, бикӯб ва курс бисоз. Як ошомиданӣ аз он як дирам бувад. Ё ин ки [ба бемор] як дирам донаи покизакардаи хиёрзаро [57] бо сафедии тунуки хояи мурғ бидеҳ.

### Суст бархостани олати мард ва сустии шаҳват

Аз барои ин доруи зерин суд дорад:

**[Таркиби он]:** аз тухми пиёз ду дирам, аз донаи таратезак чаҳор дирам, аз тухми шаҳдона, бузайдон, ал-фатҳ-асдоруи[355] ва унсули бирён шаш дирамӣ, аз шашқокул се дирам, аз кунҷиди поккарда[356] панҷ дирам, аз «ҳаббу-л-анҷурак»[357] ва норкивои сафед (хашхоши сафед) чаҳор дирамӣ ва аз пониз шаш дирам гирифта, бикӯбанд ва биомезанд. Як ошомиданӣ аз ин ду дирам ва бо тилои омехта бувад.

### Аз барои он низ (439) доруи зерин суд бахшад:

**Сифати он:** аз решаҳои форсавих[358], яъне морчӯба, шири гов ва равғани зард се ратлӣ ва аз тухми таратезак, тухми газар ва тухми шалғам се уқиягӣ гирифта, доруҳои хушкро бикӯбанд ва бо ширу равғани зард биомезанд. Як ошомиданӣ аз он панҷ ва ё даҳ истор буда, пеш аз ин онро то хушкидани шир ва боқӣ мондани равған, биҷӯшонанд, сипас онро полида, [ба бемор] бидиҳанд.

### Як гувориши ҳиндӣ

Ин боҳро биафзояд ва шаҳвати ҷимоъро ба гоят бедор кунад.

**Таркиби он:** аз занҷабил, мурч, дорфилфил, дорчинӣ, қирфа, сода, сунбул, шитараҷи ҳиндӣ, гавзи бӯё, сандали сурх, қоқула[359], басбоса, ногбушт[360], толисфар[361], мехак, мушки замин, табошир ва гавзи ҳиндӣ се уқиягӣ, аз мушк ва кофур даҳ мисқолӣ ва аз шакари табарзад ба андозаи ҳамаи доруҳо гирифта, бикӯбанд, бибезанд ва бо ангубини кафк баргирифта маъҷун созанд. Як ошомиданӣ [аз он] ду дирам бувад.

### Сифати як доруи дигар

Ин боҳро биафзояд ва аз барои шоҳон созгор бошад.

**[Таркиби он]:** аз думи регмоҳӣ яку ним уқия, аз тухми шалғам, тухми газар, тухми лифт (шалғам), тухми пиёзи сафеди ширин, тухми газна ва тухми таратезак як уқиягӣ, аз мурчи сиёҳ, мурчи сафед ва дорфилфил панҷ дирамӣ, аз мушпиёзи бирёнкарда чаҳор дирам, аз санавбари муқашшар дуним уқия, аз оқирқарҳо чаҳор дирам, аз «забони гунҷишк» шаш дирам, аз магзҳои гунҷишкони наре, ки андар деворҳо ошён доранд, чаҳор дирам ва аз хояи хурӯс як уқия гирифта, ин доруҳоро бикӯбанд, бо равғани гов ва ангубин сиришта, равғани говро ба қадри сеяк ва ангубинро ба қадри ду сеяк бигиранд ва сипас онро андар ҷогаҳе бардоранд. Як ошомиданӣ аз ин ним дирам бо шароби ширин ва баъд аз гизост.

### Сифати як равған

Инро чун бар зиҳор ва маҳаллҳои баробари гурдаҳо буда чарб кунанд, шаҳватро бедор кунад ва онро афзоиш бидиҳад.

**Таркиби он:** аз уфурбиюн ва борзад ду дирамӣ, аз басбоса як дирам, аз дорфилфил яку ним дирам, аз оқирқарҳо дуним дирам, аз тухми таратезак ва гунди бедастар ним дирамӣ, аз равғани наргис яку ним уқия ва аз мум ним дирам гирифта, доруҳои хушкро бикӯбанд, мумро бо равған бигудозанд ва доруҳоро бар вай афканда, нек биомезанд ва сипас ҳамчун чарб ба кор баранд.

### Сардии зеҳдон

Як фарзаҷаест, ки аз барои зеҳдони сард [суд дорад].

**Таркиби он:** аз марҳами диёхилун як уқия, аз марҳами босалиқун, пиҳи барзагов,

самги бодом, пиҳи мокиён, пиҳи мургобӣ, мағзи соқи гавазн, маскаи гӯспандӣ, лабании анор[362] ва равгани нордин як уқиягӣ, аз мурри холис ним уқия ва аз заъфарон ду дирам гирифта, пиҳҳоро бо равған бигудозанд, ҳамаро ҷамъ созанд ва миқдоре аз онро бар фарзаҷаи пашмӣ ниҳода, ба кор баранд.

### Сахтии заҳдон

Фарзаҷаи аз барои сардии заҳдон ёд шуда аз барои омоси сахти заҳдон низ суд бахшад.

# МАҚОЛАИ ҲАФТУМ

## АНДАР БАЁНИ ДАРДҲОИ ПАЙВАНДГОҲҲО, НИҚРИС ВА ҚАВИН

### Як зимод аз барои дарди пайвандгоҳҳо ва никрис

Инро аз шавкарон ва ғориқун бисозанд ва доруи таъсирбахш бувад.

**Таркиби он:** аз тухми шавкарон як қист, аз гориқун як қист, аз шанбалит як қист, аз бура як уқия, аз мум як ратл, аз ротиёначи пухта як ратл, аз уша як ратл, аз равгани зайтуни кӯҳан як ратл, аз мағзи устухони гавазн чаҳор уқия ва аз бехи савсани илуриқӣ[363] чаҳор уқия гирифта, доруҳои хушкро бикӯбанд, бо парвезан бибезанд ва доруҳои гудохтаниро гудохта, бигузоранд, то сард шавад. (440) Сипас бар онҳо доруҳои хушкро афканда, ба ҳам биомезанд ва андар ҷогаҳе бардошта, ба кор баранд.

Аз ин [бемориҳо] низ доруи зерин суд дорад:

**[Таркиби он]**: аз суринҷон дувоздаҳ дирам, аз пудинаи обӣ се дирам ва аз мурч ва зира чаҳор дирамӣ гирифта, бикӯбанд ва бисованд. Як ошомиданӣ аз он як дирам ва бо оби ангубин бувад.

### Як марҳам

Ин аз нотавоние суд бахшад, ки андар пойҳо ориз бигардад.

**Таркиби он:** аз асорун, сабр, шиёфи момисо, шитараҷ, кунҷора[364], анзарут ва мурр се дирамӣ ва аз гунди бедастар чаҳор дирам гирифта, бикӯбанд, бисованд ва бо тилои хушбӯй сиришта, сипас бар [пой] тило кунанд.

### Тарзи сохтани як хабб

Инро аз фошро, ки бо номи «ҳазоргашон» маъруф аст, созанд ва аз барои никрис, дарди зону ва дарди пайвандгоҳҳо судманд аст.

**Таркиби он:** аз доруе, ки онро «фошро» гӯянд, як дирам, аз суринҷон бист дирам, аз зираи кирмонӣ як дирам, аз дорчинӣ, саътари форсӣ, зарованди гирд, занҷабил, барги кабар ва хокистари парастуҳо як дирамӣ гирифта, ин доруҳоро бикӯбанд, бисованд ва бо шароб сиришта, хаббҳои хурд бисозанд ва андар соя хушк кунанд. Як ошомиданӣ аз он ним дирам ва бо обе бошад, ки андар он шибит ҷӯшонида бошанд. Ё аз он ним дирам ба шакли хока [гирифта], бо ду кафча оби ангубини гарме, ки андар он шибит ҷӯшонида бошанд ва бо як кафча равғани зайтун истеъмол кунанд.

## Як ҳабби дигар

Инро аз ҳино бисозанд ва яке аз доруҳоест, ки аз барои никрис санҷидашуда ва сутуда бошад.
**Таркиби он:** аз ҳалилаи сиёҳе, ки аз дона пок карда бошанд, даҳ дирам, аз балила, омула, шитараҷ, занҷабил, дорфилфил ва намаки ҳиндӣ се дирамӣ, аз сабр сиҳ дирам, аз саътари форсӣ, бехи кабар, муқл ва ҳино ду дирамӣ ва аз суринҷон ба андозаи ҳамаи доруҳо гирифта, доруҳоро бикӯбанд, бибезанд ва муқлро андар шароб тар карда, сипас [ҳамаро] якҷоя кунанд ва ба ҳам сиришта, ҳаббҳои хурд-хурд созанд. Як ошомиданӣ аз ин ду дирам бувад.

## Қавин

Як доруест аз барои қавин, ки онро ба гоят таскин диҳад.
**Таркиби он:** аз зифт ду бахш ва аз гӯгирди оташнорасида як бахш гирифта, ҳар дуро бисованд, ба ҳам биомезанд ва бар маҳалли дардманд бипошанд. Пеш аз ин худованди [бемориро] ба гармоба бидароранд, то дору [бар тани ӯ] хуб бичаспад. Сипас аз болои он қиртос часпонида, то худ ба худ афтидан, бигузоранд биистад.

## Никрис

Доруи шавкарон, ки андар боби дардҳои пайвандгоҳҳо ёд шуд, аз барои ин ба гоят суд дорад.

# МАҚОЛАИ ҲАШТУМ

## АНДАР БАЁНИ «БЕМОРИИ РӮБОҲ»

### Сифати як доруи олуданӣ

Ин аз барои «беморни рӯбоҳ» [судманд аст].

**[Таркиби он]:** аз фурбиюн, софсиё ва равгани даҳмаст ду мисқолӣ ва аз гӯгирди оташнорасида, харбақи сафед ва харбақи сиёҳ, кадоме аз ин ду ёфт шавад, як мисқолӣ гирифта, ин доруҳоро баъд аз кӯфтану бехтан бо нӯҳ дирам муме биомезанд, ки онро бо равгани даҳмаст, ё равгани беданҷир ва ё равгани зайтуни кӯҳан гудохта бошанд. Инро ҳангоме барои муолаҷаи «бемории рӯбоҳ» ба кор баранд, ки агар аз он муддати дароз гузашта, душвор гардида бошад, зеро ин дору сахт қавист. Ҷолинус гуфтааст: «Ман андар баъзе аз ҳолатҳо бо ин [дору] як мисқол сипандон ва як мисқол кафки дарёи сӯхта меомехтам».

### Хизоби сиёҳкунанда

Ба гуфтаи Ҷолинус агар пешоби сагро гирифта, панҷ-шаш рӯз [бигузоранд], то гандида бигардад ва сипас (441) бо он [мӯйро] бишӯянд, ин таъсирнок буда, сиёҳии онро нигоҳ дорад.

## СИФАТИ ПАЙМОНАҲО ВА САНГҲО АЗ КУННОШИ СОҲИР[365]

Ӯ гӯяд: «**Як қист** аз равгани зайтун ҳаждаҳ уқия, аз шароб ҳаштод ратл ва аз ангубин яксаду ҳашт ратл аст.

[58] **Як ҳабуш**[366] аз равғани зайтун нӯх[367] ратл, аз шароб даҳ ратл ва аз ангубин бисту севу ним ратл бувад.

**Як қусуй**[368] аз равғани зайтун нӯҳ уқия, аз шароб даҳ уқия ва аз ангубин сездаҳу ним уқия бувад.

**Як мастаруни бузург** аз равгани зайтун се уқия, аз шароб се уқия ва ҳашт ғаромӣ ва аз ангубин чаҳору ним уқия бувад.

**Як [уксубофун]**[369] аз равгани зайтун шонздаҳ драхмӣ, аз шароб ду уқия ва чаҳоряк драхмӣ ва аз ангубин се уқия, чаҳоряк ва ҳаштяки [як уқия] бувад.

**Як қавосус**[370] аз равғани зайтун дувоздаҳ драхмӣ, аз шароб як уқия, ним драхмӣ ва сеяк ва аз ангубин ду уқия ва чаҳоряк бувад.

**Як мастаруни хурд** аз равгани зайтун шаш драхмӣ, аз шароб бист ғаромӣ ва аз анғубин нӯҳ драхмӣ бувад».

### Зикри сангҳо ва паймонаҳо аз Кунноши Юҳанно ибни Сарофиюн[371]

Ӯ гӯяд: «Шояд аз овардани ин боб андар ин маҷмӯа бениёзӣ бошад, зеро ман ҳар як паймона ва сангеро, ки андар он омада аст, андар боби худ бо [лафзҳое] ёд кардам, ки ба наздики худовандони забони арабӣ маъруфанд, вале гурӯҳе аз мардумон, ки бар тарҷимаи ман назарашон афтидааст, аз ман овардани онро дархост карданд, то андар гайри ин китоб аз он баҳраманд бигарданд.

**Қист** ба наздики мардумоне, ки ба забони юнонӣ сухан ғӯянд, маъруф аст, вале [ҳамчун] паймона ба наздики эшон яксон нест, зеро бархе аз эшон ғайри он чизеро ба кор баранд, ки дигарӣ ба кор бибарад. Як қист ба наздики аҳли Рум якуним ва шашяк ратл аст, ки ин бист уқия бувад. Қисти анатоликӣ яку ним ратл аст.

**Як ратл** дувоздаҳ уқия бувад.

**Як мани румӣ** бист уқия ва як мани анатоликӣ ва мисрӣ шонздаҳ уқия аст. Як ман чиҳил истор, як ратл бист истор ва як истор шаш дирам ва ду донг, яъне чаҳор мисқол бувад.

**Як драхмӣ** як мисқол аст.

**Як давраки анатоликӣ** ҳашт ҷуҳин аст.

**Як ҷуҳин** шаш қисти румист.

**Як қутулӣ** ҳафт уқия бувад.

**Як мастаруни бузург** се уқия бувад.

**Як мастаруни хурд** шаш драхмӣ бувад.

**Як уксубофун**[372] ҳаждаҳ драхмӣ бувад.

**Як қавосус** яку ним уқия бувад.

**Як ғаромо** аз чаҳоряк дирам то ду донг ва ё камтар аз он бувад.

**Як унқ**уш як уқия ва як [уқия] ҳафт мисқол бувад.

**Як ун** як уқия аст.

**Як аноб**[373] ангубин дуним ратл, як аноб равған яку ним ман бувад.

**Як даврак** се ратл аст.

**Як қист** ангубин дуним ратл аст.

**Як ҳомин** панҷ истор, бист дирам ва чаҳор убулу[374] аст.

**Як боқилои мисрӣ** чаҳор шомун аст.

**Як убулу** яку ним донг бувад.

**Як камовахуси искандаронӣ** се убулу бувад.

**Як бундуқа** як драхмист.

**Як ҷавза** чаҳордаҳ шомун бувад.

**Як садафаи хурд** ҳафт шомун бувад.

**Як садафаи бузург** чаҳордаҳ шомун бувад.

**Як боқилои юнонӣ** ду шомун ва ду убулу бувад.

**Як сукаррача** шаш истор ва чаҳоряк бувад.

**Як милъақа** (кафча) ангубин чаҳор мисқол, як милъақаи доруҳо як мисқол ва як дирам бувад.

**Як нитл** ду истор аст.

**Як драхмӣ** шаш убулу буда, ҳар як убулу се қирот ва ҳар як қирот чаҳор шаъир (ҷав) аст. Се убулу нӯҳ қирот бувад.

**Як қавосус** яку ним уқия бувад».

## [Тафсири бархе аз истилоҳот][375]

**Молӣ:** ин ангубин аст.

**Молӣ қиротун:** ин оби ангубин буда, гоҳе ба шакли «моликиротун» ва ё (442) «моъул-қиротун» нависанд.

**Уқумолӣ:** обе, ки андар он шаҳд омезанд ва нопухта нигоҳ доранд.

**Удрумолӣ:** ин ангубин ва оби борони деринаест, ки ба қадри нимгӣ гирифта, офтоб дода бошанд.

**Шароби ангубинзада:** ин чунон аст, ки аз афшураи ангури тундмаза панҷ бахш ва аз ангубин як бахш гирифта, андар ҷогаҳи ба қадре кушод афкананд, ки баъд аз ҷӯшидани онҳо ин миқдорро андар хеш гунҷонидан битавонад ва бар он андак-андак намак афкананд, то кафк берун ояд. Ҳар гоҳ аз ҷӯш бозмонад, онро андар хумҳо бигиранд.

**Шароби ангубин:** ин ду бахш шароби кӯҳани тундмаза ва як бахш ангубини хубест, ки андар ҷогаҳе гирифта, бигузоранд, то расида гардад.

**Тилоъ:** бад-ин гуна созанд, ки ангурро баъди пухтан як муддат андар шоҳаш нигоҳ доранд ва ё ангури пухтагиро канда, офтоб диҳанд, сипас обашро фишурда, бипазанд.

**Уксумолӣ:** ин сикангубинест, ки аз сирко, ангубин ва об сохта бошанд. Бархе аз мардумон андар он оби дарё ва ё намаки он афзоянд. Яке аз нусхаҳои он чунин аст: аз сирко панҷ қутулӣ, ки як қутулӣ ҳафт уқия бошад, аз намаки дарё ду ман, аз ангубин даҳ ман ва аз об даҳ қутулӣ гирифта, [бар оташ] даҳ ҷӯш диҳанд ва бардоранд.

**Уксолӣ:** ин сиркоест, ки бо оби намак омехта бошанд.

**Рузумолӣ:** ин шаробест, ки аз афшураи гул бо ангубин сохта бошанд.

## Поёни китоби Ал-Қонун андар тиб

Сипос мар Худойро ба оғозу анҷом ва ба ошкору ниҳон ва дуруди Худой бод бар фариштагони муқарраб ва бар паёмбарони мурсали Ӯ, хусусан бар хоҷаи мо Муҳаммади паёмбар ва хонадони эшон!

## ҲАР ЯК ДАРД ДАРМОНҲО ДОРАД

Ситоиш Худойро, ки маргу зиндагӣ офарид ва моро дар миёни ин ду мавриди озмоиш қарор дод. Дуруд бар равони поки фиристодаи Ӯ бод, ки вопасин паёми илоҳиро бе каму кост ба мардум расонид ва ҳамаро чи сиёҳу чи сафед ва чи шарқию чи ғарбӣ ба пайравӣ аз ин роҳи рост даъват намуд.

Хонандаи азиз, хоҳ табиб бошӣ, хоҳ бемор, хулосаи китоби «Ал-Қонун» ин аст, ки Офаридгори бузург барои ҳар як дард чандин дармон офаридааст ва мо шаръан мукаллафем ин дармонҳоро ҷустуҷӯ кунем, дарёбем, бемориҳои худро сари вақт муолиҷа кунем, тандурустии рафтаро бозорем ва бударо нигоҳдорӣ кунем, то ин ки зиндагии озмоишии мо бе дарду бе ранҷ ва бо хушию хурсандӣ дар роҳи хайру баракати умумибашарӣ сипарӣ шавад ва мо бо хушбинии тамом ва эмони комил ба саранҷоми нек ва абадӣ рӯ ба истиқболи марг равем.

Аз ин ҷо мусаллам аст, ки тиббу табобат аз таклифҳои илоҳӣ ва илми тиб аз илмҳои бисёр муҳтарам ва муқаддаси башарист. Мартабаи ин илм дар назди шариат ба ҷоест, ки бисёр муҳаррамоти шаръӣ маҳз дар ин пеша мубоҳ ва ҳаром ҳалолу номаҳрам маҳрам гардонда шудааст. Коргоҳи табиб мақоми ибодатгоҳ ва табобат мартабаи ибодатро дорад. Беэътиноӣ ба ин пеша ва хор доштани он бешубҳа гуноҳи азим ва аз мухолафатҳои бузурги шаръӣ маҳсуб мешавад. Табиб, ки зоҳири худро ҳамеша покизаву озода ва бо ридои сафед пӯшида медорад, бояд пеш аз ҳама ботини худро бо либоси ихлосу тақво ва парҳезкорӣ ороста гардонад, ба пешаи худ ҳамчун ба ибодат муносибат кунад, ҳамеша пои ботаҳорат бошад ва ба ҳеҷ ваҷҳ ва дар ҳеҷ сурат ин амали муқаддаси худро дар маърази доду ситад ва тиҷорат қарор надиҳад ва ба ивази чанд луқмаи ночиз арзон нафурӯшад.

Нуктаи дигар ин аст, ки инкишофи тиббу табобат ба кадом дараҷае нарасад, аз он набояд ин таваққӯъро дошт, ки пеши маргро мегирад ва ё онро бартараф мекунад. Тиббу табобат аз мутааллиқоти зиндагист, ки марг хориҷ аз доираи он аст. Марг поёни зиндагист ва бо поён ёфтани зиндагӣ доираи салоҳият ва нуфузи тиббу табобат ҳам ба поён мерасад. Марг барзахест дар миёни зиндагии ихтиёрӣ ва олами абадӣ: оламе,

ки арзишҳои он собит ва устувор буда, дастхуши ирода ва ҳавову ҳавасҳои фардии мо нест; оламе, ки дар он ботил ба сурати ҳақк, дурӯғ ба сурати рост ва зулму беинсофӣ дар либоси адолат ҳеҷ гоҳ зуҳур карда наметавонад; оламе, ки дарвозаи он фақат аз тариқи марг боз мешавад.

«Ал-Қонун» барои мардуми дунё китоби тиббӣ буд ва ҳаст, вале барои мардуми мо пеш аз ҳама ифтихори миллист. Бархақ, ин китоб беҳтарин шиносномаи миллат дар гузаргоҳи таърих аст, миллате, ки ҳавопаймоҳои бомбаафкан, киштиҳои зериобӣ, мушакҳои қоррапаймо ва маҳпораҳои фазоии ӯ ҳамин алқонунҳо, шоҳномаҳо ва маснавиҳои ҷовидонии ӯст. Миллате, ки бо чунин силоҳҳои ғайриоддӣ мусаллаҳ аст, аз рӯҳияи шикастнопазири маънавӣ бархурдор буда, дар баробари ягон душман сари таслим фурӯд нахоҳад овард.

Тарҷимаи тоҷикии китоби «Ал-Қонун» рамзи истиқлолияти забонӣ, илмӣ ва фарҳангии мардуми мост. Ин истиқлолият шарафу номус ва ҳаққи вуҷуд доштани моро дар рӯи замин ифода мекунад ва ба осонӣ ба даст наомадааст. Баъд аз 23 сол пурра чоп шудани ин китоб баёнгари муборизаҳои шадид барои ин истиқлолият аст...

Аз аввали чопи тарҷимаи тоҷикии китоби «Ал-Қонун» 16 сол сипарӣ шуд. Дар ин миён бисёр хонандагон ба таври шифоҳӣ ва ё китобӣ фикру мулоҳазаҳои худро дар бораи ин тарҷима баён карда ибрози назар кардаанд. Аз ҷумла муаллифи «Фарҳанги русӣ-тоҷикӣ- лотинии тиббӣ» профессор М. Я. Расулӣ бо навиштани чанд мақола дар сафаҳоти рӯзномаҳо ва дар як суҳбати шахсӣ ва гиёҳшиноси маъруфи ҷумҳурӣ номзади илмҳои биология М. Ҳоҷиматов дар як вохӯрии тасодуфӣ бисёр фикру мулоҳазаҳои ҷиддӣ, илмӣ ва боарзиш ва маслаҳатҳои хуби худро дареғ надошта ба мо баён карданд. Мо аз ин ду устоди мӯҳтарам сипосгузорем ва агар нашри ин китоб бори дигар ба мо муяссар гардад, ҳатман он фикру мулоҳазаҳоро ҳангоми таҳриру тасҳеҳ ба назар хоҳем гирифт.

Ҳоло дар ин ҷо ба таври махсус дар бораи як тақризе таваққуф мекунем, ки моро ба навиштани ин охирсухан водор кардааст, вагарна дар хотимаи китоби «Ал-Қонун» бори дигар арзи ҳувийят кардани мо аз рӯи одоб набуд. Ин тақриз бо унвони «Тарҷумаи косметикии Ал-Қонун» дар 21 банд бо имзои Равшандил моҳи маи соли 2004 интишор ёфтааст, ки дар он аз номи китоб сар карда то матолиби пешгуфтору худи тарҷима ҳама мавриди шакку тардид қарор гирифта, дар маҷмӯъ ин кор ҳамчун як ҷинояти фарҳангӣ муаррафӣ шудааст.

Ин тақризнавис тарҷимаи мо ва тарҷимаи форсиро ба ҳам муқоиса намуда, аз зоҳири фактҳо ба чунин натиҷа расидааст, ки гӯё мо тарҷимаи форсиро гирифта, аз тариқи таҳрифу дигаргуниҳои «косметикӣ» даровардан онро ба худ нисбат додаем ва ин амали моро ба истилоҳи маъмулии мунаққидони асримиёнагии илму адаб «интиҳол» номидааст, ки маънои он «гуфта ва ё навиштаи касеро ба худ нисбат додан» мебошад ва гузашта аз ин худи моро ба беэмонӣ ва беинсофӣ маҳкум кардааст.

Яке аз нуктаҳои бисёр ҳассос ва мавриди шубҳаи муқарриз ин кай огоз ва кай анҷом ёфтани тарҷима аст ва аз он чи ки мо ба таври мухтасар дар пешгуфтор баён карда будем, қаноатманд нест ва далели қотеъи ӯ ин аст, ки агар тарҷима барвақт мебуд, чаро то ҳол чоп нашуд. Ин тақризнавис ба гумонам ягон меҳмони хориҷист, ки аз қоидаву қонунҳои табъу нашри хусусан замони шӯравии кишвари мо ин андоза гофил аст ва ин ҷоро Эрон гумон кардааст, ки табъу нашр дар он кори сирф хусусии муаллифу ношир буда, як шахс метавонад саҳар китоб нависаду бегоҳӣ онро чоп кунад. Бинобар ин мо дар бораи огози ин кор андаке ба тафсил таваққуф мекунем, то шубҳаи Равшандили мӯҳтарам ва дигар равшандилони эҳтимолӣ рафъ шавад ва оммаи хонандагон бидонанд, ки оё мо аз назари замонӣ имкони аз тарҷимаи форсӣ истифода бурдан доштем, ё не.

Аввалин ҳуҷҷати расмие, ки ибтидои тарҷима ва чӣ гуна сурат гирифтани онро тасдиқ мекунад, гузориши мо дар Шӯрои илмии собиқ Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон аз 27 апрели соли 1982 аст, ки дар маҷлисгоҳи институт (кӯчаи Парвин, 8) таҳти раёсати президенти онвақтаи Академия ва дар як вақт директори Институти шарқшиносӣ шодравон Муҳаммад Осимӣ баргузор гардид. Масъалаи сеюми рӯзномаи ин шӯро ахбороти мо дар бораи тарҷимаи «Ал-Қонун» буд. Вақте ки навбати гузориш ва муҳокамаи ин масъала фаро расид, мо 18 папкаи матни тарҷимаи тоҷикии китоби «Ал-Қонун»-ро дар ҳаҷми 5137 варақи дастнавис дар болои мизи раёсат гузошта, гузориши худро зери унвони «Ахборот дар бораи тарҷимаи «Ал-Қонун» ба ҳозирон қироат кардем. Аз ҷумла дар ибтидои матни ин гузориш чунин омадааст:

«Рафиқони мӯҳтарам, дар ҳузури шумо тарҷумаи ҳарф ба ҳарф, ҷумла ба ҷумла, аз аввал то ба охири китоби «Ал-Қонун» ба забони модарии Абӯалии ибни Сино, яъне ба забони Абдуллоҳи Балхӣ ва Ситорабонуи Бухороӣ истодааст. Ин тарҷума расман 22 августи соли 1980 соати дуи рӯз дар ҳамин бино оғоз ёфта, 13 марти соли ҷорӣ (1982) соати 8 45 дақиқаи бегоҳӣ дар манзили мо ба анҷом расидааст...».

Гумон мекунам, ки ҳамин санад барои исботи таърихи оғозу анҷоми тарҷима ва тамомияти он кифоят бошад.

Дастнависи матни пурраи тарҷима, ки дар Шӯрои илмии мазкур пешниҳод шуда буд, дар 18 папкаи тамғаи соли 1978 дар ҳаҷми 5137 варақ бо як қаламу рангу когаз то ҳол дар дасти мо маҳфуз аст, ба истиснои як варақ аз китоби чаҳорум, ки соли гузашта ҳангоми ҳарфчинии компютерӣ гум карда шуд ва мо маҷбур шудем онро аз нав тарҷима карда, барқарор кунем. Ҳамаи ҷилдҳои «Ал-Қонун» айнан аз рӯи ҳамин дастнавис бе тағйиру дигаргунии бисёр ҷиддӣ баъд аз таҳриру тадқиқ ба чоп ҳозир карда шудаанд. Гузашта аз ин дар поёни дастнависи ҳар як китоб таърихи рӯз ва соату дақиқаи анҷоми он сабт шудааст, ки дар асоси он ҷадвали тафсилии анҷоми тарҷимаи тоҷикӣ китоб ба китоб, муқоясаи он бо соли аввали нашри тарҷимаи форсӣ ва фарқияти замонии ин ду тарҷима ба сурати зерин аст:

| Китобҳо | Соли чопи аввали тарҷимаи форсӣ | Сол, моҳ ва рӯзи анҷоми тарҷимаи тоҷикӣ | Фарқи замонии тарҷимаи тоҷикӣ аз форсӣ |
|---|---|---|---|
| Китоби I | 1979 | 6 феврали 1981 | 2 сол баъд аз форсӣ |
| Китоби II | 1984 | 7 апрели 1981 | 3 сол пеш аз форсӣ |
| Китоби III.1 | 1988 | 26 августи 1981 | 7 сол пеш аз форсӣ |
| Китоби III.2 | 1989 | 5 декабри 1981 | 8 сол пеш аз форсӣ |
| Китоби IV | 1989 | 26 феврали 1982 | 7 сол пеш аз форсӣ |
| Китоби V | 1989 | 13 марти1982 | 7 сол пеш аз форсӣ |

Аз рӯи ин ҷадвал ба хубӣ маълум аст, ки аз назари замонӣ мо имконият доштем танҳо аз тарҷимаи форсии китоби якум, ки ду сол пеш аз тарҷимаи мо чоп шудааст, дар ҳолати дастрас будани он истифода барем, вале аз китобҳои 2, 3, 4 ва 5 чӣ гуна метавонистем истифода барем, дар сурате ки тарҷимаи форсии онҳо аслан вуҷуд надошт ва аз 3 то 8 сол баъдтар аз тарҷимаи мо тарҷима ва чоп шудаанд?

Баъд аз гузориши мазкур дар Шӯрои илмӣ ва эълон шудани тарҷима қиссаи муҳокамаҳо, машваратҳо бо масъулону мутахассисон, кучорафтанҳову чикоркарданҳо барои чопи тарҷима оғоз ёфт, ки то имрӯз давом дорад. Солҳои 1982 – 83 мо ба ҷамъоварӣ ва омӯзиши маводҳо оид ба «Ал-Қонун», мероси тиббии Ибни Сино ва умуман таърихи тибби шарқӣ машғул будем, ки натиҷаи он ҳамон пешгуфтори тарҷима ва луғоту тавзеҳоти китобҳои 1 ва 2 мебошад. Дар ин миён соли 1983 баъд аз як муҳокамаи навбатии тарҷима яке аз ҳамкорони ҳамонвақта ва бародари фозили мо адабиётшиноси маъруф Мирзо Муллоаҳмадов, ки ҳамон солҳо тоза аз сафари Эрон барғашта буд, ба мо хабар дод, ки дар Эрон ҳам «Ал-Қонун»-ро тарҷима кардаанд ва ӯ ҷилди аввали онро дорад. Ин аввалин огоҳии мо аз тарҷимаи форсӣ буд. Мо ин китобро аз ӯ як муддат ба орият гирифта, мутолаа кардем ва хулосаи мутолааи худро аз рӯи инсоф ва амонати илмӣ дар пешгуфтор баён карда, аз тарҷимони форсӣ ба некӣ ёд кардем. Ва имрӯз баъд аз баррасиҳо ба мо маълум шуд, ки ҳамин хулосаи дар пешгуфтор овардаи мо аввалин тақризи мунсифона ва баҳои дурусти илмӣ оид ба ин тарҷимаи ҳанӯз анҷомнаёфтаи форсӣ будааст. Бо вуҷуди ин тақризнависи мӯҳтарам моро ба он гунаҳгор кардааст, ки гӯё барои пӯшида доштани ҷинояти худ мо худро ба нодонӣ зада, аз тарҷимаи форсӣ ёдовар намешавем ва пушт ба офтоб кардаем.

Ҳамин тариқ, баъд аз муҳокамаҳову машваратҳои зиёд мо аз бисёр талаботҳои ба назарамон лозим, ки дар гузориши мазкур баён карда будем, даст кашидем ва қарор шуд, ки тарҷима дар ҳамон шакли аввалии пешниҳодшуда таҳрир ва ба чоп ҳозир карда шавад. Ниҳоят 28 июни соли 1984 бо қарори Шӯрои илмии Институт пешгуфторе, ки 12 феврали ҳамин сол навишта ва ба таври ниҳоӣ таҳрир ёфта буд ва тарҷимаи китоби аввали «Ал-Қонун» ба чоп тавсия карда шуданд. Тақризнависи мӯҳтарам моро ба он муттаҳам кардааст, ки мо бисёр матолиби пешгуфтори худро аз охирсухани тарҷимаи форсӣ гирифтаем, дар сурате ки ин охирсухан баъд аз 5 соли навиштани пешгуфтори мо, яъне 12 июни соли 1989 навишта шудааст. Ҳатто агар тақризнавис ба гуфтаҳои болои мо ва ба қарорҳои Шӯрои илмии Институти шарқшиносӣ бовар накунад ва чунин ҳуҷҷат пеш орад, ки мо пешгуфторро соли нашри китоб (1989) навиштаем, дар ин ҳолат ҳам истифода бурдани мо аз охирсухани форсӣ муҳол ва даъвои ӯ ботил аст, зеро дар санади пушти китоб возеҳу равшан баён ёфтааст, ки баъди 3-юми январи соли 1989, яъне 5 моҳ пеш аз навиштани охирсухани форсӣ, пешгуфтори мо бо матни тарҷима дар дасти ҳарфчинҳо дар матбаа ҳарфчинӣ мешуд.

Бунёди шакку шубҳа ва барои мо айбнома дуруст кардани ин тақризнавис сари вақт чоп нашудани тарҷима аст. Агар таъхири чопи «Ал-Қонун» далели дуздии мо мешуда бошад, тақризнависи мӯҳтарамро башорат бод, ки боз дуздиҳои дигаре ҳам дорем. Мо пеш аз тарҷимаи «Ал-Қонун», ки бо супориши роҳбарияти Академия ба тарҷима ва таҳияи осори фалсафии Ибни Сино машғул будем, солҳои 1978 – 79 илоҳиёти китобҳои «Наҷот» ва «Шифо»-ро тарҷима карда, баъд аз ду бор таҳриру тасҳеҳ шудан ба дасти масъулон супоридем ва мебоист ба муносибати ҷашни ҳазораи Ибни Сино дар зимни Осори мунтахаби даҳҷилдаи ӯ бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон чоп мешуданд, вале аз он вақт то ҳол, ки 26 сол мегузарад, ҳеҷ дараке нест ва мо аз тақдири ин тарҷимаҳо хабаре надорем. Дар ин миён шояд дар Эрон китобҳои «Наҷот» ва «Шифо»-ро тарҷима ва борҳо аз нав чоп карда бошанд ва агар имрӯз тарҷимаҳои мо дар Тоҷикистон чоп шаванд, намедонам ин дафъа тақризнавис боз чиҳо мегуфта бошад?

Тақризнависи мӯҳтарам моро бо истеҳзо гуфтааст, ки аз тарҷимаи форсӣ «илҳом» гирифтаем. Бале, мо дар оғози ин кор илҳом ғирифта будем, вале на аз тарҷимаи форсие, ки аз мавҷудияти он дар Тоҷикистони онвақта фақат малоикаҳо хабар доштанд. Ин илҳоми мо афсонаи худро дорад, ки нақли он ба ҷои дигар муносиб аст.

Ҳамин тариқ мо ҳамчун тарҷумон вазифаи худро 13 марти соли 1982 пурра ба анҷом расонда, ин миқдор ба худ лозим доштем, ки аз иҷрои он дар Шӯрои илмии Институт хабар диҳем. Масъалаи табъу нашр ва тамоми корҳои ба он алоқаманд минбаъд на танҳо ба хоҳишу иродаи мо, балки ба омилҳову қувваҳои зиёди дигаре вобастагӣ дошт,

ки дар ниҳоят иттифоқи онҳо сабабгори либоси табъ ба худ пӯшидани ин тарҷима гардид.

Мо аз шахсиятҳои бисёре самимона сипосгузорем, ки нафақат хоҳони чоп шудани тарҷимаи «Ал-Қонун» буданд, балки барои амалӣ шудани он ҳар чи аз дасташон омад, дареғ надоштанд. Аз ҷумла дар ибтидои ин кор ҳиссаи мудири бахши арабшиносии собиқ Институти шарқшиносӣ муаллимаи мӯҳтарам Наима Қаххорова ва доктори илмҳои тиббӣ дорушиноси маъруф Юсуф Нуралиев хеле калон аст. Ин ду нафар ба иловаи муҳаррирони масъул будан боз кӯшишу талошҳои зиёде ба харҷ доданд, то ин тарҷима аз ҳамаи монеаҳои замони шӯравӣ ба саломат гузашта, ҳуқуқи табъу нашр шудан пайдо кард ва дар ихтиёри ноширон қарор гирифт.

Дар охир ба сармуҳаррири Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик Алиҷон Қурбонов, ки бо ташаббуси шахсии худ табъу нашри тарҷимаи «Ал-Қонун»-ро дубора эҳё намуда, чаҳор ҷилди ахири онро дар муддати кӯтоҳ ва бо сифати баланд ба табъ расонданд, ба муҳаррири масъул Абдушукур Тошев, ки ҳамаи корҳои таҳриру тасҳеҳи нашриётӣ ва назорати табъро бар ӯҳда дошта, сари вақт ва бо маҳорату кордонӣ иҷро карданд, ба маъмурияти Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ ва тамоми ҳамкорони мӯҳтарам, ки аз аввал то охири ин кор барои мо шароити хуб ва муҳити мусоиди корӣ муҳайё карданд, аз самими қалб миннатдорӣ баён намуда, барояшон саломатии бардавом ва тавфиқу пешрафтҳо хоҳонем.

Орзу дорем, ки чопи ин тарҷима бори дигар ба мо муяссар гардад, то ҳамаи он ғалатҳову ноҳамвориҳое, ки баъзеяшон бароямон маълум аст ва баъзеи дигарро хонандагони мӯҳтарам маълум хоҳанд кард, бартараф кунем ва ин тарҷима яке аз тарҷимаҳои беҳтару камғалаттари китоби «Ал-Қонун» бошад. Аллоҳумма таммим тақсирано вағфир зунубано, бифазлика ва карамика.

С. Шаҳобуддинов

26 июни с. 2005
ш. Душанбе

# ТАВЗЕҲОТ
# ВА
# ФЕҲРИСТ

## ТАВЗЕҲОТ

Дар асоси тарҷимаи Китоби панҷуми «Қонуни тиб» нусхаи чопии сангии Теҳрон (Т) қарор дошта, ҷойҳои муғлақ ва шубҳаноки он аз рӯи нусхаи қаламии бисёр мӯътабари озарӣ (О) ва нусхаи чопии Булоқ (Б) тадқиқ ва тасҳеҳ карда шуд ва инчунин фарқияти умдаи ин ду нусхаи ахир дар зимни тавзеҳот нишон дода шуд.

| | |
|---|---|
| 1 (саҳ.5) | Дар нусхаи Б ба шакли «қарободин» омадааст. Ин исм дар китобҳои тиббӣ ба шаклҳои «акрободин», «ақробозин» ва «ақрабодин» низ омада, асли он муарраби юнонии graphidion ва ба маънои «рисолаи мухтасар» будааст (II, X, 6, эз. № 1). «Қарободин» дар истилоҳ исми як бахши аъзами тиб буда, оид ба доруҳои мураккаб, тарзи сохтан ва истифодаи онҳо баҳс мекунад ва ба ин маъно муодили мафҳуми юнонии pharmakopoiia мебошад. |
| 2 (саҳ.12) | Дар асл ба шакли тасҳифии «ҳиюфоқистидос» омадааст. Ин муарраби юнонии hypokistidos буда, мурод аз он растании доругии зерин мебошад: Cytinus hypocistis L. |
| 3 (саҳ.12) | Илова аз нусхаи Б. |
| 4 (саҳ.12) | Дар тарҷимаи русӣ (II, X, 17) ба ҷои ин ҷумлаи эзоҳӣ фақат сифати ахир («мақдунӣ») ҳамчун як моддаи мустақил оварда шудааст. |
| 5 (саҳ.12) | Дар асл ба шакли тасҳифии «уфоқистидос» омадааст. |
| 6 (саҳ.14) | Дар нусхаи Т ба шакли «асқалотун» ва дар Б ба шакли «асфалотун» омадааст. «Асфолотус» ва ё «асфолосус» муарраби юнонии aspalathos , яъне доршишигон буда, номи илмии ин растаниро Аҳмад Исо (1, 37 ) чунин муаррафӣ кардааст:Calycotom spinosa LK. |
| 7 (саҳ.14) | «Масрудитус» муарраби юнонии Mithridates ва мурод аз он яке аз шоҳони маъруфи Понт (ҳавзаи Баҳри сиёҳ) Митридати VI мебошад, ки солҳои 132-63 пеш аз мелод зиндагӣ карда ва ихтироъкунандаи ин тарёк будааст. |
| 8 (саҳ.14) | Дар нусхаи Б ба шакли тасҳифии «мост» омадааст. Аҳмад Исо (1, 141) инро ба шакли «баносб» сабт карда, онро ҳамчун донаи хинҷак (ҳаббу-л-бутм) муаррафӣ кардааст, ки номи илмии он чунин аст: Pistacia terebinthus L. |
| 9 (саҳ.14) | Илова аз нусхаи Б. |
| 10 (саҳ.14) | Дар нусхаи Б ба шакли тасҳифии «молоясирун» омадааст. «Молобасрун» муарраби юнонии malobathron ва он исми растании доругиест, ки Аҳмад Исо (1, 49) онро чунин муаррафӣ кардааст: Cinnamomum citriodorum THWAIT. |
| 11 (саҳ.14) | Илова аз нусхаи Б. |

12 (саҳ.14) Шопур ибни Саҳли Ҷундишопурӣ, табиби маъруф, Раиси бемористони Ҷундишопур ва муаллифи «Китобу-л-ақрободин», ки соли 869 мелодӣ вафот кардааст (14, V, 855).

13 (саҳ.14) Юҳанно ибни Саробиюн (Сарофиюн) яке аз пизишкони маъруфи суриёнист, ки дар нимаи дуввуми қарни 9 мелодӣ дар Димишқ зиндагӣ ва фаъолият кардааст (2, 88).

14 (саҳ.15) Дар нусхаи О ин ба шакли «Ғазра» омадааст.

15 (саҳ.15) Дар асл ба шакли тасҳифии «уфоқистидос» омадааст.

16 (саҳ.15) Дар тарҷимаи форсӣ (10, VII, 244) ибораи «ҷигари бутемор» (кабду-л-моликӣ) ҳам дар ин ҷо ва ҳам минбаъд ба шакли «мастако аз навъи моликӣ» тарҷима шудааст.

17 (саҳ.15) Дар нусхаи Т ба шакли тасҳифии «унотис» ва дар Б ба шакли «унобис» омадааст. Шакли нисбатан саҳеҳтари ин «унонис» буда, ин исм муарраби юнонии oenanthe ва маъноят «шукуфаи ток» гуфтан аст (2, № 87).

18 (саҳ.15) Дар русӣ (II, X, 22) ин ҳамчун «карам» (капуста) тарҷима шудааст.

19 (саҳ.15) Дар нусхаи Т ба шакли тасҳифии «артисо» ва дар нусхаҳои О ва Б ба шакли нисбатан дурусти «артомосиё» омадааст. Шакли саҳеҳи он «артемисиё» буда, он муарраби юнонии artemisia ва исми растании зерин мебошад: Artemisia vulgaris L.

20 (саҳ.15) Дар асл ба шакли тасҳифии «ҳиюфоқастидос» омадааст.

21 (саҳ.15) Дар нусхаи Т ба шакли «иқритӣ» омадааст.

22 (саҳ.15) Илова аз нусхаи Б.

23 (саҳ.15) Илова аз нусхаи Б.

24 (саҳ.16) Абӯязид Саҳорбухт яке аз пизишкони маъруфи қарни 9 мелодӣ ва шогирди Ҳунайн ибни Исҳоқ буда, дар Ҷундишопур зиндагӣ ва фаъолият карда ва бар тарҷимаи арабии Кунноши Бахтяшӯъ шарҳ навиштааст.

25 (саҳ.16) Дар нусхаи Б ба шакли «адрумаъмуво» ва дар О ба шакли «азрумағмуво» омадааст. Шояд ин шакли бисёр тасҳифшудаи муарраби юнонии krokomagma бошад, ки маънояш «дурди равғани заъфарон» аст (4, IV, 17). Дар ин сурат шакли нисбатан дурусти ин калима бояд «қруқумагмо» ё «ақруқумағмо» бошад.

26 (саҳ.16) Як маъҷуни оромкунандаи дард, ки мансуб ба ихтирокунандаи он пизишки юнонӣ Филуни Тарсусист.

27 (саҳ.17) Дар нусхаи Б «решаҳои бобуна» (уруқу бобунаҷ) ба шакли «решаҳо ва бобуна» (уруқ ва бобунаҷ) омадааст, ки дар ин сурат тарҷимаи он «зардчӯба ва бобуна» мешавад.

28 (саҳ.17) Ин ибора дар тарҷимаи форсӣ (10, VII, 248) ба ғалат «бемориҳои танаффусӣ» тарҷима шудааст.

29 (саҳ.17) Дар нусхаи Б ба ҷои «хардали сафед» «испанди сафед» омадааст.

30 (саҳ.17) Дар нусхаи Б ба шакли тасҳифии «санбадон» омадааст.

31 (саҳ.17) Ин тибқи нусхаи Б аст. Дар нусхаи Т ба ҷои ин «равғани зайтун» омадааст.

32 (саҳ.17) «Собизак» (луффоҳ) дар нусхаи Т ба шакли «себ» (туффоҳ) омадааст.

33 (саҳ.17) Дар ҳамаи нусхаҳо ин калима ба шакли «тин», яъне анҷир омадааст, вале ба тақозои маъно шояд ин тасҳифи калимаи «тибн» (коҳ) бошад.

34 (саҳ.18) Дар нусхаи Б ин ба шакли «қалқиёл» омадааст. Ҳам «қалқатол» ва ҳам «қалқиёл» ҳар ду тасҳифи «филфилак» буда, он исми форсии растаниест, ки онро ба арабӣ «ал-ҳабақу-л-ҷабалӣ» (пудинаи кӯҳӣ) ва «занҷабилу-л-килоб» (занҷабили сагҳо) гӯянд ва номи илмияш чунин мебошад: Polygonum hydropiper L. (2, №328 ва 503).

35 (саҳ.18) Дар нусхаи Б ба ҷои ин «уфурбиюн» омадааст.

36 (саҳ.18) Дар нусхаи Б ба ҷои ин «фу» омадааст.

37 (саҳ.18) Дар нусхаи Б «чаҳор дираму як донг» омадааст.

38 (саҳ.18) Дар нусхаи Б «чаҳор дирам» омадааст.
39 (саҳ.18) Дар нусхаи Б «ду донг» омадааст.
40 (саҳ.18) Дар нусхаи Б ба ҷои ин «оби ширинбаён» омадааст.
41 (саҳ.19) Ин нисба дар асли матни ҳамаи нусхаҳо ба шакли «ал-ҷазӣ» омада, вале дар ҳошияи нусхаи Т ба тариқи ислоҳ ҳамчун варианти диғар нусха «ал-хузӣ» (хузистонӣ) омадааст.
42 (саҳ.20) Дар нусхаи Б ба шакли «фуданаҷи сурх ва фуданаҷи сафед» омадааст.
43 (саҳ.20) Дар нусхаи Б ба шакли «фуданаҷи сурх ва фуданаҷи сафед» омадааст.
44 (саҳ.21) Ин тибқи нусхаи О аст. Дар нусхаҳои Т ва Б ба ҷои «барғаст» (қуннобаро) «хиёри даштӣ» (қиссо баррӣ) омадааст.
45 (саҳ.21) Дар ҳар се нусха «ратба» (сиписти тар) ба шакли тасҳифии «ритоб» (хурмоҳои тар) омадааст.
46 (саҳ.21) Дар нусхаи Б ба шакли «қиссо баррӣ» (хиёри даштӣ) омадааст.
47 (саҳ.21) Дар ҳар се нусха ба ҷои «ратба» (сиписти тар) «ритоб» омадааст.
48 (саҳ.22) Дар нусхаи Т ба шакли тасҳифии «ашулотус» ва дар Б ба шакли «асфалонус» омадааст. Шакли саҳеҳи он «асфолотус» ва ё «асфалотус» буда ва он муарраби юнонии aspalathos, яъне доршишиғон мебошад: Calycotome spinosa LK.
49 (саҳ.22) Ин ном ҳамин тариқ ба шакли «Ҳурмус» омада, бо исми пеш аз ин омадаи «Ҳермес» муғоярат дорад ва шояд инҳо ду шахси ғуногун бошанд.
50 (саҳ.23) Дар нусхаи Б ба ҷои «савсан» «сус», яъне ширинбаён омадааст.
51 (саҳ.23) Дар нусхаҳои Б ва О ин исм ба шакли «тастарҳон» омадааст. Ҳақиқаташ маълум нест.
52 (саҳ.23) Дар тарҷимаи русӣ (11, X, 37) ба ҷои «шаш» «ҳафт» омадааст.
53 (саҳ.24) Дар нусхаи Б ба шакли «шаҷарино» омадааст.
54 (саҳ.24) Дар нусхаи Б «шаш» омадааст.
55 (саҳ.25) Ин тибқи нусхаи О аст, вале дар нусхаҳои Т ва Б ба шакли «амрусиё» омадааст. Ин муарраби юнонии ambrosia ва маънои лафзияш «бахшандаи умри абадӣ» мебошад.
56 (саҳ.25) Дар нусхаи Б «се» омадааст.
57 (саҳ.25) Мурод аз ин пизишки маъруф Шопур ибни Саҳли Ҷундишопурист. Ниг. ба эзоҳи №12.
58 (саҳ.26) Ин муарраби юнонии ariston буда, маънои лафзияш «беҳтарин» мебошад.
59 (саҳ.26) Дар нусхаи О «як» омадааст.
60 (саҳ.26) Дар нусхаи О ба шакли «даҳмурто» омадааст..
61 (саҳ.26) Дар нусхаи Б ба шакли «бозмуҳраҷ» омадааст.
62 (саҳ.27) Салим ибни Довуд ном пизишк, ки ихтироъкунандаи ин дору будааст.
63 (саҳ.27) Дар нусхаи О баъд аз ин «қулинҷ ва волагӣ» низ омадааст.
64 (саҳ.27) Дар нусхаи Б «набатӣ» омадааст.
65 (саҳ.27) Ин тибқи нусхаи Б аст. Дар нусхаи Т ба шакли «шоҳтараҷ» омадааст.
66 (саҳ.27) Ин тибқи тасҳеҳи дар ҳошияи нусхаи О буда аст. Ин калима дар нусхаи Т ба шакли «собасал», дар нусхаи Б ба шакли «собишак» ва дар матни нусхаи О ба шакли «шобобак» омадааст.
67 (саҳ.27) Дар нусхаи Б ба шакли «Абумуслим» омадааст.
68 (саҳ.29) Ин муарраби юнонии athanatos буда, маънои лафзияш «ҷовидӣ» мебошад.
69 (саҳ.29) Руҷӯъ шавад ба эзоҳи №48.
70 (саҳ.29) Илова аз нусхаи Б, вале дар ин ҷо исми «Саробиюн» ба шакли тасҳифии «Сарониюн» омадааст. Мурод аз ин Юҳанно ибни Саробиюн (Сарофиюн), яке аз пизишкони маъруфи суриёнист, ки дар нимаи дуввуми қарни 9 мелодӣ дар Димишқ зиндагӣ ва фаъолият кардааст (2, 88).
71 (саҳ.29) «Маёмир» исми суриёнии қисми дуввуми китоби маъруфи Ҷолинус оид ба доруҳои мураккаб буда, ин қисм аз даҳ мақола иборат аст (2, 72).

72 (саҳ.30) Дар ҳар се нусха ба шакли тасҳифии «ҳандиқун» омадааст. Хандиқун як навъ шароби мураккабест, ки ба лотинӣ онро conditum гӯянд ва дар таркиби он асал, мурч ва дигар хушбӯиҳо бидароянд. Тавсифи ин шароб сипастар оварда шудааст. Руҷӯъ шавад ба саҳ.69 ҳамин китоб.

